**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 2 (24), 2021**

Маҷалла 24 июли соли 2019 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

## ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ВА ҶОМЕАИ ДУНЯВӢ

**Ятимов С.** *Масъалаи ташаккули инсон дар таълимоти Пешвои миллат*.......... 5
**Саидзода Ҷамолиддин.** *Хоҷуи Кирмонӣ – шоири миллӣ ва дунявӣ.* 25
**Ҷонбобоев Суннатулло.** *Масъалаҳои рӯз - ватандорӣ, рушди давлати миллӣ ва ҷомеаи маданӣ: таҳлил ва паёмадҳо*.......... 47
**Саидов Нуралӣ.** *Шӯрои ҷамъиятӣ - минбари муколама миёни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ*.......... 71
**Салимов Аслиддин.** *Антропология, психология ва ҷаҳони имрӯз*..... 79
**Нурзода Нозим.** *Мансури Ҳаллоҷ: аз суннатписандӣ то ба озодандешӣ*.......... 87
**Орифӣ Озар**. *Мусиқӣ дар фалсафаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ*.......... 106
**Шоева Парвина, Раҷабова Сурайё.** *Ҷомеа ва ҷавонон*.......... 119

## ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ - ФАРҲАНГИ ХУДШИНОСӢ

**Муродова Тоҷинисо.** *Назаре ба таърихи «Арӯси сол» Гули Лола*.... 123
**Нуров Нодир.** *Наврӯзи Ҷамшедӣ – фарҳанги худшиносӣ*.......... 132
**Бекзода Комил.** *Наврӯзро бигӯед (ашъори тозаэҷод)*.......... 141
**Бекзода Дидавар.** *Бунбаст (Ҳикоя)*.......... 146

## ЧЕҲРАҲО

**Одинаев Нурмуҳаммад.** *Муҳаққиқе миллӣ дар қаламрави шеъри форсии тоҷикӣ*.......... 158
**Маҳмадаминов Абдулҳай.** *Инсони шариф ва донишманди беназир*.......... 174

## САНОАТИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ ЭНЕРГЕТИКӢ

**Юсуфбеков Н.Ш., Салиев М., Кулулов М., Ахмедов Х.М.** *Истифодаи самараноки системаи ғайрифаъоли энергияи офтоб барои сарфаи барқ ва сӯзишворӣ*.......... 180
**Абдусаттор Ворис.** *Баъзе аз паҳлуҳои раванди байналмилалишавии ташкилотҳои қарздиҳӣ*.......... 203

**Боймуродов Джаббор.** *Фенологическое изучение роста и равития двух видов девясила (I. Macrophylla и I. Rhizocephala), различающихся по вертикальной зональности*........................................................ 229

**ТАРҶУМА ВА ТАДВИН**

**Оҳно Кеничи.** *Режими рушд ва тавсеаи сиёсӣ дар Осиёи Шарқӣ (тарҷума ва таҳияи* ***Меҳр Собириён****)*........................................................ 233

## МАФКУРАИ МИЛЛӢ, ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА СИЁСАТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**С. ЯТИМОВ**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи миллии*
*илмҳои Тоҷикистон*

# МАСЪАЛАИ ТАШАККУЛИ ИНСОН ДАР ТАЪЛИМОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

## Муқаддима

Дарки воқеияти иҷтимоӣ, муайян кардани ниёзҳои мардум, масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли онҳо аз рукнҳои асосии сиёсати давлатдорӣ мебошанд. «**Тавре мебинем, ҳама гуна давлат як навъ муколамаро мемонад, машварат ҳам кӯшиши (stokhadzontai) ин ё он некӣ карданро дорад. Гузашта аз ин, аз ҳама бештар ва аз ҳама накуиҳо оне волотар аст, ки муҳимтарин бошад ва чунин муколама кулли самтҳоро дар бар гирад. Ана ҳамин муколама давлат ном дорад ё ин ки муколамаи сиёсист**» (Аристотель. Политика. – М.: Рипол классик, 2010. – С. 24).

Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат (26-уми январи соли 2021) ҳамин манзалатро дорад.

Дар Паём муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти давлат – сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, боз ҳам баланд бардоштани иқтидори мудофиавӣ ва таъмини амнияти давлатӣ, мубориза ба

муқобили терроризм ва экстремизм мавриди таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Илова бар ин, рушди фитрати инсонӣ, аз ҷумла, масъалаҳои таълим ва тарбияи омма, ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз мавзӯъҳои калидии Паём маҳсуб мегарданд.

Боиси қаноатмандист, ки зери сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар соҳаи мактаб ва маориф насли нав ба камол расид. Он дар кулли самтҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар муваффақона фаъолият мекунад. Имрӯз ваояндаи рушди мамлакат ба дониш, касбият, таҷриба, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, эҳсоси масъулият ва ҷавонмардӣ, яъне сифатҳои шахсии насли нав пайвастагӣ дорад. Ва маҳз ба ҳамин хотир ин ҷараёни солим ва табиии рушди ҷомеа сазовори дастгирии ҳамаҷониба мебошад.

Сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти алоҳидаи мукаммал ниёз дорад. Он бояд дар асоси методҳои сирф илмӣ мавриди омӯзиши густурда қарор бигирад. То насли имрӯза ва оянда бидонанд, ки дар солҳои навадуми асри гузашта ва даҳсолаҳои минбаъда тавассути хизматҳои ҷоннисоронаи Сарвари давлат дар мамлакат чӣ гуна инқилобҳои маданӣ ва фарҳангӣ сурат гирифтанд ва онҳо дар рушду такомули инсон ва ҷомеа чӣ натиҷаҳо ба бор овардаанд.

Кӯшиши ҳаддалимкони дарки мухтавои Паёми Пешвои муаззами миллат дар соҳаи маънавиёт, илму маориф ва тарбияи инсон мавзӯи баҳси мо мебошад.

## Иқтисодиёт ва маориф

Маълум аст, ки дар муносиботи ҷамъиятӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ мавқеи муайянкунанда доранд. Ва мухтавои ҷаҳонбинӣ, шеваи тафаккури инсон дар ҷомеа аз онҳо

сарчашма мегирад. Арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавиёт, маҳз тавассути муносибатҳои истеҳсолӣ ташаккул меёбанд ва низоми муайян пайдо мекунанд. Дар ин ҷараён омилҳои дигар, аз қабили характери миллӣ, оила, муҳит, муҳтавои тарбия ва таълим низ, албатта, таъсиргузор ҳастанд. Аммо шакли иштирок дар фаъолияти дастҷамъонаи истеҳсолӣ, ки ба пешрафти ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа нигаронида шудааст, дар рушди инсон нақши аслӣ дорад.

Маҳз ба ҳамин хотир, Роҳбари давлат ҳангоми муҳокимаҳои муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ қисмати асосии суханрониҳои хешро дар асоси маълумоти дақиқ ва таҳлилҳои амиқ ба соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мамлакат мебахшад. Ҳамзамон бо ин, илм, фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи пойдевори мамлакат мешуморад. Кӯшиш менамояд, ки ҷаҳонбинии ҷомеа аз ҷараёни тараққиёти иқтисодии давлат ақиб намонад ва ҳатто дар ҳолатҳои муайян аз он пештар қадам гузорад ва омили таконбахши рушди ҷомеа бошад.

Омӯзиши асарҳо, аз ҷумла Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки масъалаҳои ҷаҳонбинӣ ва ба ҳаёти давлатдории навин мувофиқ гардонидани маънавиёти миллиро Сарвари кишвар дар алоқамандии ногусастанӣ бо таърихи миллат мешуморад. Усули ба эътибор гирифтани ирсият, пайдарпайӣ, яъне муттасилиро дар ташаккули маънавиёти миллӣ омили муассири бунёди давлати миллӣ медонад.

## Принсипи таърихият ва масъалаҳои рушди тафаккур

Роҳбари давлат ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлолият дар сарсухани худ ба «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров аз ҷумла таъкид карда буд: **«Агар мо аз роҳи тайкардаи пур аз шебу**

**фарози миллати худ огоҳии нисбатан пурра медоштем ва аз хатоҳои содирнамудаи ниёгонамон сабақ мегирифтем, шояд тӯфони офатбори ҷанги гражданӣ, ки мо ба он дучор омадем, чунин ранги фоҷиавӣ намегирифт. Охир як сарчашмаи худшиносии миллӣ маҳз ошноӣ бо мероси таърихӣ аст. То хотираи қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, ҷомеа аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагонамон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад»** (Б. Ғафуров. «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав». – Душанбе: Дониш, 2008. – С. 5).

Таваҷҷуҳи хос ба принсипи таърихият дар Паёми навбатии Пешвои миллат аз ҳамин мантиқи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ сарчашма мегирад: «**Дар ин сол мо ҷашнҳои 5500 – солагии Саразми бостонӣ ва 700 – солагии Камоли Хуҷандиро дар асоси қарори созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО таҷлил кардем**».

Таҳқиқ ва омӯхтани маводи таърихӣ дар асоси далелҳои муътамад ба мақсади муайянсозии ҳақиқати таърихӣ яке аз ҷанбаҳои мавриди таваҷҷуҳи махсуси Раҳбари давлат мебошад. Ӯ донистани қонунмандӣ ва ҳаракати тафаккурро ба хотири дарки раванди шаклгирии воқеияти тақдири миллат пояи маърифатнокӣ мешуморад.

Ҷараёни расидан ба қадри Ватани аҷдодӣ, шинохти аслияти фардӣ ва арзишҳои миллиро бо зарурати дарки суботу оромиш ва сулҳу осоиш ҳамчун асоси пешравии ҷомеа, дар андӯхтани донишҳо, аз бар кардан ва омӯхтани сарнавишти миллати тоҷик медонад.

### Мантиқи диалектикӣ ва инкишофи ҷаҳонбинӣ

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки дар назди давлати миллии мо қарор дорад, сохтани ҷаҳонбинӣ, ба вуҷуд

овардани ҳисси баланди хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аст. Таъкиди доимии Пешвои миллат иборат аз он аст, ки тарбия ва таълим бояд қудрати бузурги дигаргун сохтани инсонро ба манфиати ҷомеа ва рушду нумӯи он дошта бошад.

Бидуни шак, аз ёд кардани порчаҳои назмиву насрӣ, хондани китоб ва аз худ намудани донишҳо оғози кор аст.

**Агар мағзи инсон тамоми асрори дунёро дар худ ҷо кунад, аз донишҳо ғанӣ гардонад, аммо онҳоро таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ ва ҳамвазн бо воқеияти зиндагӣ истифода карда натавонад, рафтору амали ҳаррӯзаи хешро тибқи ин донишҳо ҷараён набахшад, монанд ба китобхонае мешавад, ки пур аз сарвати илму маърифат, аммо беҷон аст. Амал карда наметавонад.**

Ақидаҳои хурофотие, ки ҳатто ба тафаккури мардуми доно ва огаҳ, дар ҷанбаҳои гуногуни илм, махсусан илмҳои дақиқ, аз ҷумла зистшиносӣ, одамшиносӣ ва табиатшиносӣ ҳоким ҳастанд, аммо моҳияти масъалаҳои тараққиёти табиат, ҷамъият ва тафаккурро ҳамчун падидаи фавқуттабиӣ мефаҳманд ва тафсир мекунанд, аз ҳамин мафкура маншаъ мегирад. Яъне доштани тавони инъикоси объективии шаклҳои мантиқӣ бо хосияти аслии онҳо дар майнаи инсон кори чандон саҳлу осон нест.

Қонунмандии ҳаракат ё наздикшавии тафаккур ба донистани воқеияти реалӣ тавассути донишҳои илмӣ ҷузъи муҳимми мундариҷа ва сифати идрок аст. Ин нукта водор месозад, новобаста аз ҳуҷҷати тасдиқкунандаи тахассусмандӣ, дараҷаи маълумот (миёна, олӣ, унвонҳои илмӣ), машғулият дар сохтори давлати дунявӣ (миллӣ) ба инобат гирифта шавад, ки дараҷаи тасаввуроти илмии шахсияти мавриди назар дар кадом поя аст. Соҳибилм аст ё донишу ҷаҳонбиние, ки дорад, ҳанӯз ба илм тавъам ва ҳамвазну ҳамгун нагаштааст, «зуҳуроти

хизматӣ», муваққатӣ, аз рӯйи зарурат, як навъ намоишкорӣ ва ҳатто тавре ки маъмулан мегӯянд, «изҳори фазл» аст.

Дар истиноди ёдшудаи Роҳбари давлат дар муқаддимаи асари «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров, ки қимати як асари бузурги илмиро дорад, мантиқи диалектикӣ бо истифода аз ҷумлаҳои мураккаби сертаркибаи мансуб ба *шарт, сабаб* ва *натиҷа* омадааст ва дар он омилҳои фоҷиаи дарозмуддати миллӣ ниҳоят дақиқ, амиқ, возеҳу равшан, бо дарки масъулияти бузурги давлатдорӣ ва тақдирсозии ҳидояткунанда, асоснок тафсир шудаанд. Аз нигоҳи ӯ маҳз надонистани гузаштаи миллат «сабабгори тӯфони офатбори ҷанги шаҳрвандӣ» гардидааст, ки бешубҳа ва бемуболиға дуруст аст.

**Дар таълимоти Пешвои миллат илм, дониш, маърифат ва фарҳанг аз омилҳои наҷотбахши давлати миллӣ дар замони ҷаҳонишавӣ шуморида мешаванд. Аз мантиқи даъвати *рӯй бар ин ганҷ* ниҳодани Сарвари кишвар бармеояд: мо ҳамон вақт ҳадафмандона, оқилона ва муваффақона давлати миллии худро месозем ва онро аз тахти дил, бо тамоми ҳастӣ – бошуурона ҳимоя карда метавонем, агар хонем, омӯзем.**

Озмунҳои «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Илм – фуруғи маърифат» дар баробари ин ки инқилоби фарҳангии Пешвои миллат доир ба ташкилу танзими тарзи ҳаёти нав мебошанд, оғозгари таҳавуллоти ҷиддиву бунёдӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат низ ба шумор мераванд.

Методологияи таҳияи Паём ва сохтори мантиқии он низ, тавре хотирнишон шуд, таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Яъне мардум вақте ҷиддан, бори дигар дар сатҳи олӣ ба хондани китоб даъват гардид, ки имконоти комил ва дастрасӣ ба ин ғизои маънавиро пайдо кард: Ватанаш осуда, хонааш обод, дастархонаш пур аз неъмат, хотираш ҷамъ гашт. Мулк

равшан шуд. Корхонаҳо ба кор даромаданд. Киштзору мазраву боғҳо сабзу хуррам ва серҳосил шуданд. Роҳу нақбҳо бунёд гардид. Дидори якдигарии қавми чор мулки асл, ки қаблан фаслҳо дошт, васл ва муттасил гашт. Тибқи урфу одати миллӣ қонунмандӣ пайдо кард. Мулк ваҳдатобод, Тоҷикистон гулистон ва умедгоҳи ҳама ҳамватанон шуд. Беҳтарин мактабҳо бо шароиту имконоти сатҳи олӣ, ки макони хуби донишандӯзианд, бунёд гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз усули муқоисавӣ–таърихӣ рақамҳоеро мисол меорад, ки умумият ва фарқияти соҳаи маорифро дар самти тайёр кардани кадрҳо дар гузашта ва имрӯз баръало нишон диҳад: **«Чунонки борҳо хотирнишон карда будам, то замони истиқлол дар Тоҷикистон ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69000 донишҷӯ фаъолият мекард.**

**Имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба 41, донишҷӯён ба 245 ҳазор ва бо иловаи донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, ба 285 ҳазор нафар расидааст»** (Ҳамон ҷо. – С. 25).

### Сифат ва масъалаҳои таълим

Дар баробари дастовардҳо дар соҳаи рушди инфрасохтории маориф, Роҳбари давлат ба он ишора мекунад, ки тағйироти миқдорӣ ҳанӯз нишонгари дараҷаи касбият ва тахассусмандии хатмкардагони мактабҳои олӣ буда наметавонад. Зеро ниёзҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар маҳз тавассути сатҳи баланди касбии кадрҳо таъмин карда мешаванд. Аз ин рӯ, ӯ доир ба касбомӯзӣ ва омодагии кадрҳо сухан ронда, таъкид месозад, ки кордонӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ бояд сифатҳои воқеии корманд бошанд.

Тағйироти мусбати миқдории инфрасохтори соҳаи маорифро ёдовар шуда, Сарвари миллат ҳамчунон ишора мекунад: «**Бо вуҷуди ин, таъкид месозам, ки аз ҷониби роҳбарони Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар масъалаи қабули довталабон ва тарбияи кадрҳо, пеш аз ҳама, ба сифат эътибори аввалиндараҷа дода шавад**» (Ҳамон ҷо. – С. 5).

Тахассусмандӣ ва сифатҳои шахсии соҳибкасб аввалин аломатҳое ҳастанд, ки омма онҳоро зуд эҳсос мекунад. Интизории ҷомеа аз хатмкардагони мактабҳои миёна, олӣ, соҳибунвонҳои илмӣ он аст, ки тибқи дараҷаи эълоншудаи маълумот шахс аз худ амалҳои судманди баробарвазн ва ҳатто зиёда аз онро нишон диҳад.

## Маориф ва сиёсат

Маънии марказонидашудаи давлат – таъмини амнияти ҷомеа, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст. Ин мафҳумҳо бо мактаб, маориф, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти ҷомеа робитаи мустақим доранд.

**Одамон ҳама вақт дар он сохти ҷамъиятие зиндагӣ мекунанд, умр ба сар мебаранд, ки дар натиҷаи тарбия ва таълим ба он расидаанд. Ба ибораи дигар, ҷомеа сазовори сохти давлатдорӣ ва сифати зиндагиест, ки афроди он дар давраи муайяни таърихӣ, тавассути ҳосил кардани донишҳо, сохтани ҷаҳонбиниҳо, эътиқодҳо ва боварҳо ҳамин сохти давлатдорӣ ва сифати зиндагиро ба вуҷуд овардаанд. Зеро низомҳои сиёсие, ки аз беруни давлат ба ҷомеа таҳмил карда мешаванд, тарзе таърих исбот кард, ноустувор ва ҳалокатбор хоҳанд буд.**

Дар ҷомеае, ки ба пайдоиши аломатҳо ва зуҳуроти бегонапарастӣ, зиддимиллӣ, иртиҷоӣ, хурофотӣ бетафовутӣ зоҳир шудааст, гурӯҳҳои муайяни ҳукуматхоҳ аз фурсат

истифода карда, қудрати сиёсиро ба даст гирифтаанд. Дар ин раванд, арзишҳои миллӣ, ки асоси истиқлолият ва рушди давлатро ташкил мекунанд, поймол мешаванд. Мардумони ғафлатзадаи он то даҳсолаҳои дигар ҳам умеди бозгашт ба асли хешро надоранд. Ҳамин тариқ, муътақид бояд буд: **«Шакли раҳбарӣ, пешбарии қудрате, ки мо дорем, қисмате аз тарбияи моро ташкил мекунад»** (К. Гельвеций. О человеке. – М.: Азбука, 1928).

Тарбия ва таълим муҳимтарин воситаҳои ҳимояи сохти давлатдорианд. Зеро, дар сурати беэътиноӣ маҳз онҳо омили тағйири сифатӣ – шикасти давлат ва ҷомеа шуда метавонанд.

Вақте дар бораи тарбия сухан меравад, он танҳо мактаб ва низоми маорифро дар назар надорад. Дар ин маврид, муносибат ва имконоти таъсиррасонии давлат ба ҳар як шаҳрванд, сарфи назар аз синну сол, шуғл, манзалати иҷтимоӣ, эътиқодмандӣ ва макони зисти ӯ низ ба эътибор гирифта мешавад. Манзалати ифтихории «шаҳрванд» – ҳуқуқ ва вазифаҳои ӯ чунин муносиботи ҷамъиятиро танзим мекунад, таъмин месозад ва кафолат медиҳад.

Кӯшишҳои нобасомони гурӯҳакҳое, ки мехоҳанд масъулияти давлатро нисбат ба тарбияи кӯдак, наврас ва калонсолон зери шубҳа гузоранд, содалавҳӣ, ғайриилмӣ, аммо бошууронаву мақсаднок ва аз лиҳози ҳуқуқию сиёсӣ комилан беасос аст.

Принсипҳои соҳибистиқлолӣ, ҳуқуқбунёдӣ, ягонагӣ ва дунявият талаботеро ба миён мегузоранд, ки давлат барои нигоҳ доштани сохти конститутсионӣ, ташаккули ҷаҳонбинии ба он мувофиқ уҳдадорӣ ва вазифаи истисноии худро мустақиман, аз ячейкаҳои одӣ то сатҳи олии ҷомеа бояд иҷро кунад. Ин вазифаи давлат, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, ихтиёрӣ нест. Онро Конститутсия муайян кардааст. Давлат тавассути ҳукумат муваззаф аст, масъулияти хешро «бо кулли имконоти

дарихтиёрбуда» (*ибора аз Конститутсияи ИМА*) таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, муайян кардани барнома, мундариҷа, моҳияти тарбия ва таълими омма аз вазифаҳои бузурги давлатдорӣ маҳсуб мегарданд.

Баъзе мухолифони сохти давлатдории миллии мо бар зидди ин воқеияти ҳуқуқӣ амал карда, бо ҳамин роҳ фитнабарангезӣ карданӣ мешаванд. Тавре мебинем, чунин амали хато аз адами завқи ҳузуру надонистани назми умури давлатдорӣ, ки барабас орзуи онро доранд, шаҳодат медиҳад.

Алоқамандии бевосита ва масъулияти давлатро дар тарбияи одамон дар доираи мактаб, маориф, донишгоҳ, коргоҳҳои хизмати давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, масҷид, маъракаҳои суннатӣ ва муассисаҳои таълими динӣ бузургтарин мутафаккирони олам Афлотун, Суқрот, Абулқосим Фирдавсӣ, Унсуралмаолӣ Кайковус, Низом ул Мулк, Саъдии Шерозӣ, Аҳмад Махдуми Дониш, Садриддин Айнӣ ва садҳо хирадмандони дигар низ эътироф, таъйид ва ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ таъкид кардаанд.

Барои мисол, Аристотел, ки ӯро аз асосгузорони илмҳои энсиклопедии олам – фалсафа, сиёсатшиносӣ, тиб, математика, назмшиносӣ ва мантиқ шинохтаанд, ҳанӯз дувуним ҳазор сол пеш ба ин савол посух дода, бе дудилагӣ ва қотеона таъкид кардааст: «**Дар он давлатҳое, ки ба ин масъала** (тарбия – С. Я.) **беэътиноӣ мекунанд, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад. Охир, барои ҳар як сохти давлатдорӣ – тарбияи ба он мувофиқ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Ҳар як сохти давлатдорӣ бо хосияти алоҳидаи худ аз дигараш фарқ мекунад. Он чизе, ки ба тарзи маъмулӣ барои ҳимояи ин сохти давлатдорӣ хизмат мекунад ва онро аз аввал муайян**

**месозад, тарбия аст»** (Аристотель. Политика. – М.: Рипол классик, 1911. – С. 352).

Аристотел, барҳақ, таъкид кардааст, ки зуҳури давлат худ як нақша ё ин ки барнома аст. Он тибқи мақсадҳои мушаххас арзи вуҷуд мекунад. Ана маҳз ҳамин мақсад бояд тавассути тарбия рӯйи кор оварда шавад ва амалӣ гардад. Зарур аст, дар ҷомеа ҳама аз рӯйи як барнома – он чиро ки худи давлат мақсадгузорӣ кардааст, таълиму тарбия бигиранд: **«Ба хотири он ки тамоми давлат фақат як мақсадро пайгирӣ мекунад, ҳамакнун аниқ аст, ки барои тамоми шаҳрвандон тарбияи якхела зарур аст. Аммо масъулият барои тарбия бояд ташаббуси давлат бошад, на ташаббуси шахсӣ»** (Ҳамон ҷо. – С.: 352).

Таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ ва хулосабарориҳо оид ба сабаб ва оқибати ширкат дар ҳаракатҳои террористӣ, аз ҷумла, «Ансоруллоҳ»-и собиқ ҳизби террористиву ифротгарои наҳзати ислом, «Ихвон-ул-муслимин», «ал-Қойида», «Давлати исломӣ» ва ғайраҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таълиму тарбияи берун аз доираи барномаи давлатӣ суратгирифта хизмати мустақим ба равияҳои зиддимиллӣ, пеш аз ҳама, созмонҳои террористӣ мебошад.

Ба ақл, хирад, дониш ва дурандешии Аристотел дар бораи мафҳум, мантиқ ва табиати давлатдорӣ эҳтиром бояд гузошт. Ӯ дар бораи муҳтавои тарбия ва таълим сухан ронда, таъкид мекунад: **«Набояд фикр кард, ки гӯё ҳар як шаҳрванд – худ ба худ аст; не, ҳамаи шаҳрвандон ба давлат тааллуқ доранд, барои он ки ҳар яки онҳо пораи давлат мебошанд. Ғамхорӣ дар бораи ҳар кадоми онҳо, табиист, ки ғамхорӣ (**тарбия ва нигоҳубин – С. Я.**) нисбат ба ҷамъият аст».** (Аристотель. Политика. – М.: Рипол классик, 1911. – С. 352).

Мафҳуми давлат, сохти давлатдорӣ ва тарбияи шаҳрванд истилоҳоти аз лиҳози маънӣ ҳамсананд. Файласуфи машҳури

фаронсавӣ Клод Адриан Гелветсий (1715-1771) таъкид мекунад: **«Дар ҳар як давлат санъати ташаккули инсон то дараҷае ба шакли давлатдорӣ пайванд мебошад ва бисёр шубҳаовар аст, ки ворид кардани тағйирот дар тарбияи ҷамъиятӣ бе тағйир додани сохти давлатдорӣ имкон дошта бошад»** (К. Гельвеций. Об уме. – М.: 1938).

Модоме ки тамоми хушбахтиҳо ва бадбахтиҳо аз тарбия вобастагӣ дорад, он таваҷҷуҳи афрод ва қувваҳои гуногуни ҷомеа ва пеш аз ҳама, бозигарони геополитикиро ба худ ҷалб мекунад. Гелветсий дар ин маврид менависад: **«Низоми тарбия ҳама вақт баҳснок аст ва агар кулли ин фаъолиятро ба мақсади ягона пойбанд накунанд, номуайян мемонад. Ин мақсад чӣ гуна бояд бошад? – Манфиатдории бештари ҷомеа аз чунин некӣ, қаноатмандии аз ҳама бештари ҷомеа аз натиҷаи ин навъи накукорӣ, хушбахтии бештари шаҳрвандон аз ин амал» (**К. Гельветсий. О человеке. − М.: Азбука, 1938. − С. 5).

Саволи ниҳоят одӣ, аммо пурмаънои Роҳбари давлат, ҳамчунон посухи мантиқии ӯ: **«Мамлакатро кӣ обод мекунад? Мутахассис, соҳибкасб, шахси донишманд!»** паёми абадии шахсияти бузурги илммеҳвар аст. Акси ин садо мудом саросари кишварро пахш мекунад.

Ба ақидаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инсон як умр бояд илм омӯзад. Аз фарҳанг ва таҷрибаи зиндагӣ баҳравар бошад. Аз онҳо хулоса барорад. Дар ин маврид, мухотаби Сарвари давлат танҳо хонандагон ва толибилмон нестанд. Миллат, тамоми мардум аст.

Воқеан, дониш андӯхтан, илм омӯхтан ҷараёни беохири бархӯрди инсон бо табиат, ҷамъият ва тафаккури зудтағйирёбанда мебошад. Дар ин маврид, муҳандиси бузурги рӯҳи инсон Гелветсий менависад: **«Ҳоло ҳам ман омӯзиши худро давом медиҳам; тарбияи ман ҳанӯз ба охир**

**нарасидааст. Охир, кай он тамом мешавад? Вақте ки ман дигар қудрати онро надорам: пас аз марги ман. Воқеан, гуфтан лозим аст, ки тамоми ҳаёти ман як тарбияи бардавомро мемонад»** (К. Гельвеций. О человеке. – М.: Азбука, 1938. – С. 10).

Тавре таъкид гардид, сохти конститутсионии давлатдорӣ ҳам аз лиҳози ҳуқуқӣ, илмиву назариявӣ ва амалияи сиёсӣ бо мактаб, ки қисмати ҷудонашавандаи он аст, дар алоқамандии муайянкунанда қарор дорад. Маҳз ба ҳамин хотир, Пешвои миллат мақсади ниҳоии худро нисбат ба дастгирии ҳаматарафаи илм ва маориф эътимодбахш эълом медорад: **«Ҳадафи роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад»** (Ҳамон ҷо. – С. 28).

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳазорсолаи ахир ҳамчун асосгузори давлати миллии тоҷикон ворид гардид. Ӯ раванди воқеоти таърихии ташаккули халқи хеш, марҳалаҳои онро аз давраҳои қадим то замони нав, бори дигар аз нигоҳи илмӣ омӯхт. Омилҳои таъсис ва сабабҳои воқеии парокандагиву суқути давлатҳои бузургро, ки ин миллат аз сар гузаронидааст, аз дидгоҳи нав таҳлил, таҳқиқ, арзёбӣ ва дар ин асос хулосабарорӣ кард. Таҷрибаи таърихии халқҳои пешқадами дунё, сохти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии онҳоро дар муносибат ба эҳёи муассисаи пешбарандаи ҷомеа – давлат гаштаву баргашта мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дод. Самараи неки чунин иқдомоти ватанхоҳона дар назария ва амалияи сиёсии Пешвои тоҷикон ҳамакнун пешкаши чашми ҳақбин аст.

## Маориф ва масъалаҳои ҷаҳонбинии миллӣ

Ҷонфидоиҳои Роҳбари тоҷикон ва мақсаднокии заҳматҳои шабонарӯзии ӯ дар даҳсолаҳои гузашта барои ташкил ва таъсиси давлати миллӣ, ки барқарории сулҳу субот ва таъмини рушди устувор аз рукнҳои аслии он ба шумор меравconfigured, аз воқеият сарчашма мегиранд. Хулосаи Сарвари кишвар дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускор, раҳбар ва ҳаммуаллифи ин санад, паёмҳо, инчунин суханрониҳои барномавии Пешвои миллат барои имрӯз, даҳсолаҳои минбаъда ва ояндаи дури таърихӣ иборат аз он аст, ки танҳо сохти давлатдории миллӣ омили аслии пойдорӣ, истиқлолу озодӣ ва рушди устувор шуда метавонад.

Интихоби сохти давлатдории миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи фавқулода нест. Заминаи онро таърих ва тамаддуни зиёда аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик, муборизаи беамони фарзандони он барои истиқлоли милливу давлатӣ ташкил мекунад.

Аз ҳамин лиҳоз, ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ аз мавзӯъҳое мебошад, ки дар маркази таваҷҷуҳи Сарвари давлат ва табақаҳои пешқадами миллӣ қарор дорад. Муҳтавои аслии сарсухани ёдшудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ҳанӯз дар оғози давлатдорӣ шаҳодати ин андеша аст. Ва ҳидоятҳои Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ аз ҳамин азму разм сарчашма мегиранд.

Муҳтавои таълимоти Роҳбари давлат, ҷавҳари онро хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ташкил мекунад. Зеро «**ҳақиқати шуур худшиносӣ аст ва ин охирин таҳкурсӣ, асоси шуур мебошад**» (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. – М.: Наука, 1956. – С. 214).

Бояд иқрор шуд, ки ҷанги шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта аз ҷониби аҷнабиён тарҳрезиву ташкил ва тавассути хоинони миллат амалӣ гашт. Дар ин ҳаводиси хуношом тӯдаи ҷавонони гумроҳ ва қисме аз намояндагони зиёиёни думрав ба рисолати таърихии худ хиёнат карда, ҳамчун олот истифода шуданд. Аз тарс ва беҳавсалагӣ бо онҳое ҳамроҳ гаштанд, ки ормонҳои миллии истиқлолхоҳиро ба ҷанги хонумонсӯзи дар пояи фанатизми динӣ алангагирифта мубаддал сохтанд. Ин ҳолат борҳо хотиррасон мегардад. Бойгониҳо ҳуҷҷату аксу наворҳоро барои таърих ва рӯзи мабодо нигаҳ медоранд. Аммо муҳим он аст, ки наслҳои имрӯз ва оянда ин ҳақиқатро донанд, то он рӯзгор такрор наёбад. Ба ҳамин маънӣ, шоир ва мутафаккири олмонӣ Гёте таъкид месозад: «**Ҳақиқатро бояд доимо такрор кард, чунки дар атрофи мо раҳгумзадагӣ, гумроҳӣ доимо тарғиб карда мешавад**» (И. В. Гёте (1749-1832). Собрание сочинений. Т. 1-13. – М.: 1932.)

Худшиносии миллӣ мафҳуми хизматӣ, шиорпартоии расмӣ, мавзӯи одии ҷаласаҳо ва сарлавҳаи рӯзномаву маҷаллаҳо нест. Гегел дар ин маврид истилоҳи «**хештаншиносии эътирофгашта**»-ро истифода мебарад ва таъкид мекунад: «**Ана ин хештаншиносӣ барои хештаншиносӣ аст, мустақиман, ҳамчун дигар зуҳурот барои зуҳуроти дигар аст. Ман дар чунин хештаншиносӣ худро ҳамчун «Ман»... дар муқобили дигар худшиносии ҳамчун мани мустақил мешиносам**» (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. – М.: Наука, 1956. – С. 220). Намояндаи халқи дар олам барои эъмори давлатдории воқеан миллӣ ва бо характери созандаи миллӣ эътирофгашта хештаншиносиро як навъ муборизаи қавӣ мешуморад: «**Чунин муқобилистӣ касро ба як навъ худогоҳии озод ва барои дигаронро бо ҳамин сифати воқеӣ эътироф ва моил кунонидан ҳидоят**

**мекунад»** (Г. В. Ф. Гегель. Сочинения. Т. 3. – М.: Наука, 1956. – С. 220).

Хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ навъи амал аст. Падидаи хомӯш, беранг, бефарқ, бетавофут, беҳаракат ва албатта, худнамоищдиҳӣ нест. **«Ин гуна тазод, муқобилистӣ *мубориза* аст; барои он ки ман наметавонам дар «дигар»** *(кас, зуҳурот, падидаи ҷамъиятӣ – С. Я.)* **ҳамчун худ, худро бишиносам. Барои он ки «дигар» барои ман воқеияти мустақими ҳастӣ аст»** (Ҳамон ҷо. – С. 220). Суханашро идома дода, Гегел ҷиҳати иродатманд ва соҳибамал будан, ба каси дигар таъсири мусбати барои миллат муфид расониданро таъкид месозад: **«... ман барои ҳамин кӯшиш мекунам, ҳамин гуна як навъ мустақимиро бишиканам»** (Ҳамон ҷо. – С. 220). Ӯ дар ин маврид хулосаи қотеона мебарорад: **«Мубориза барои эътироф кардан** (*худшиносӣ – С. Я.)* **ҳамчун натиҷаи амал, мубориза барои марг ва ҳаёт аст»** (Ҳамон ҷо. – С. 221).

Шуури миллӣ ва тавассути он ҳувияти миллӣ низоми ягонаи ҷаҳонбинии шахс дар бораи худ, падару модар, аҷдод ва умуман таърихи миллати хеш мебошад, ки тӯли ҳазорсолаҳо, хосатан, дар ҳамин сарзамин чашм ба олами ҳастӣ кушодаанд. Ба воя расидаанд. Кору фаъолият кардаанд. Забон, урфу одат ва тамаддуни он шакл гирифтааст. Афроди миллат дар рақобат, муборизаҳо ва ҷонбозиҳои шадид сарзамин ва арзишҳои миллии худро ҳифз кардаанд. Маҳз бо ном ва ба хотири ҳамин миллат дар набардҳо ва муборизаҳои хунини таърих тавонистаанд ҳувияти миллии хешро нигоҳ доранд. Давлат созанд. Дар олам бо номи миллати худ муаррифӣ гарданд.

**Аммо бедор кардани шуури хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар шароити вобастагӣ аз шуури ғайримиллӣ, ки садсолаҳо дар мағз андар мағзи одамон**

**ҷой гирифтааст, кори саҳл нест. Он муборизаи дастҷамъонаро тавассути имконоти давлатдорӣ – оила, мактаб, илм, маориф, фарҳанг, васоити ахбори умум ва муҳимтар аз ҳама рӯҳи ба андозаи қавӣ ташаккулёфтаи зиёиёни миллиро тақозо дорад.**

**Аммо бо вуҷуди баъзе кӯшишҳо нақши *«синфи соҳибтафаккур»*, ки мансуб ба *«мағзи миллатанд»* *(истилоҳоти истифодашуда дар фалсафаи илмӣ)*, ҳоло ҳам дар ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, дар алоқамандӣ бо вазъи воқеӣ – муборизаҳои иттилоотӣ, ки як падидаи одӣ, аммо барои одамони ноогоҳ хатарнок ва пешгӯишавандаи ҷараёни зиндагии рӯзмарраи давлати миллӣ аст, муассир нест.**

Фаъолияти иттиҳодияҳои соҳибқаламон, мутахассисони соҳаҳои журналистика, илм, кафедраҳои ҷамъиятии мактабҳои олӣ, муассисаҳои фарҳангӣ дар майдони набард бо душманони сохти давлатдории миллӣ, бедор кардани ҳисси хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, фош кардани омилҳои пайдоиш ва густариши ақидаҳои бегонапарастӣ, экстремизми динӣ ва хурофотпарастӣ самаранок ба назар намерасад. Дар маҷмӯъ, зарур аст ба эътибор гирифта шавад, ки **«илм он қадар зуҳуроти қаноатбахшандаи худпарастӣ нест ва касони хушбахте, ки метавонанд хешро ба иҷрои вазифаҳои илмӣ бахшанд, худашон аввалин шуда, бояд донишҳояшонро ба мардум расонанд»** (Пол Лафарг).

**Масъалаи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ – масъалаи пойдорӣ, устуворӣ, бақои миллат ва давлати миллӣ аст. Ҷойи онро қудратмандтарин падидаи дигар *(артиш, силоҳи ҳастаӣ, мақомоти амниятии муҷаҳҳаз бо кулли имконот)*, ҳатто ҳукумати аз лиҳози сиёсати иҷтимоӣ муваффақ гирифта наметавонад. Таҷрибаи сиёсии ду садсолаи ахир инро бори дигар тасдиқ кард.**

Бузургтарин артиш **«дасти қудрату мансаби соҳибҷоҳӣ»**-и миллат (Ҳофиз) рӯҳи миллат аст. Чизи дигаре нест.

## Хулоса

Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дар навтарин давраи таърихӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шуда, вокуниши баробарвазни Ҳукумати мамлакат нисбат ба ин воқеият возеҳу равшан тафсир гаштааст.

Тавре хотирнишон гардид, тибқи супориши Пешвои муаззами миллат, масъалаи маънавиёт, ҷаҳонбинии миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, мувофиқ кунонидани вазифаҳои тарбияи омма, мактаб ва маориф бо талабот ва зарурати минбаъд ҳам мустаҳкам гардонидани пояҳои давлати миллӣ аз муҳимтарин вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шуморида мешавад.

Агар ба воқеияти раванди эъмори давлати миллӣ назар андозем, мебинем, ки тавассути заҳматҳои шабонарӯзии Роҳбари давлат «дунё дигар ва сарзамини тоҷикон гулбасар шуд» (М. Турсунзода). Аммо аз лиҳози ҷаҳонбинӣ қисмати ҷомеа ниёз ба таваҷҷуҳ ва роҳнамоии маънавӣ дорад.

Тағйироти куллӣ дар соҳаи тарбияи хештаншиносӣ танҳо бо фидокориҳои як нафар ба амал намеояд. Таълим, махсусан тарбия муносибати муназзам ва фаъолсозии кулли ҷомеа, алалхусус, зиёиёни миллиро тақозо мекунад.

Муҳтаво ва мундариҷаи ҷаҳонбинии сохти давлатдории мо аз лиҳози ҳуқуқӣ ва мантиқи сиёсӣ давлатдории миллӣ мебошад. Бо такя ба таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи миллат, забон, фарҳанг, анъана, урфу одат ва маданияти миллии мо рӯҳи миллӣ асоси маънавиёти давлат ҳисобида мешавад. Дигар шаклҳои афкори ҷамъиятӣ, мисли давлатҳои

мутамаддин, ин ҷаҳонбиниро қувват мебахшанд. Барои ваҳдат, ягонагӣ, сулҳу субот ва рушди миллӣ ба рӯҳи миллӣ, ки ҳамчун пойдевори истиқлолият ва абадияти давлати миллӣ таъйиноти таърихӣ дорад, ба тарзи мусолиҳатомез, содиқона, рӯирост ва ошкоро хизмат мекунанд.

Рӯҳи миллӣ, ҳамчун низоми ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёт қавитарин шакли шуури ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад. Агар он ҳамчун асоси тарбия барои сохтан ва пойдор нигоҳ доштани давлати миллӣ истифода шавад. Таърихи пурғановат, тамаддуни бесобиқаи оламшумул, забони муқтадир, характери миллӣ – намунаҳои олии ҷоннисории фарзандони миллат дар роҳи ҳимояи марзу буми хеш бар зидди аҷнабиён, ҷаҳонбинии харобиовари онон тавони мубориза бурдан, истодагарӣ карда тавонистан ва ғолиб омаданро дорад.

Дар ин раванд, рӯҳи миллӣ бо сифатҳои олӣ, муқоисашаванда ва озмудашуда ба давлати миллӣ ҳамчун ҷавшан хизмат мекунад. Ақидаҳои апологетикии сирф бегонапарастонаи террористӣ-экстремистии наҳзатия, ваҳҳобия, салафия, ихвония ва монанди инҳоро, ки бозигарони глобалӣ ва минтақавӣ ба мағзи ҷавонони тоҷик ворид сохта, онҳоро дар амалҳои террористӣ истифода менамоянд, фақат бо шуури миллӣ метавон хунсо ва нобуд кард.

Масъалаи тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ, дар маҷмӯъ, ду субъекти асосӣ дорад: ҷомеа ва давлат.

Ба қисмати аввал, пеш аз ҳама, зиёиёни воқеан миллӣ дохил мешаванд. **Дар шароити фавқулодаи таърихии мо тақдир даст дод, ки миллати ҳазорсолаи азияти бедавлатӣ кашида соҳиби давлати миллӣ гардад.**

**Пешвои миллат на танҳо давлати тоҷиконро асос гузошт, балки рӯҳи миллиро аз лиҳози назариявӣ ва сиёсиву амалӣ ҳамчун ҷаҳонбинии миллӣ эҳё кард, қувват**

**бахшид. Аз ин имконоти таърихӣ синфи соҳибтафаккури мубориз бояд истифодаи аъзам намояд. Донад ва хулоса кунад, киояндаи миллат ва давлати миллӣ маҳз ва танҳо аз тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ вобастагӣ дорад.**

Аммо дар ҳар сурат масъули асосии ташкил ва роҳандозии тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ давлати миллӣ ва тамоми зинаҳои сохторҳои давлатӣ мебошанд. **«Нақши тарбиявии давлат нисбат ба бошандагони давлат иборат аз он аст, ки ҳар як нафарро аъзои давлат гардонад, ба хотири он ки онҳо** (*шаҳрвандон – С. Я.*) **мақсадҳои шахсиро ба мақсадҳои умумӣ** *(ҷамъиятӣ – С. Я.)* **табдил диҳанд, барои он ки бешуурии дағалро ба ангезаҳои иродатманди ахлоқӣ мубаддал созанд ... шахсияти алоҳидаро ба тарзи зиндагии кулл сафарбар намоянд ва дар маҷмӯъ, ҷаҳонбинии кулл дар шуури ҳар як фарди алоҳида таҷассум ёбад»** (Мысли и изречения. Составитель С. Х. Карин. Алма – Ата: 1964. – С. 311).

Муҳтавои таълимоти Пешвои миллат дар соҳаи тарбия, дар маҷмӯъ ва дар Паёми навбатӣ аз ҷумла дар он аст, ки тамоми фаъолияти ҷомеа, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мактаб, маориф, зиёиён ба бедор кардани ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ равона карда шаванд. Муҳтаво ва ҳадафи кори тарбиявӣ дар ин самт моил кунонидан ба «худшиносии эътирофгардида»-и миллии ҳар як узви ҷомеа мебошад.

Натиҷаи ҳама гуна тарбия бояд муътақидгардонӣ ба идеяҳои давлати миллӣ бошад. Бидуни чунин дастоварди заҳматталаб ва мақсаднок раванди эъмори давлати миллӣ ва ҳифзи амнияти ҷомеа дар ҳар як марҳалаи таърихӣ зери суол хоҳад рафт.

Маҳз ба ҳамин хотир Паёми навбатии Пешвои миллат дар масъалаҳои рушди маънавиёти миллӣ ва давлати миллӣ ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

## ХОҶУӢ КИРМОНӢ – ШОИРИ МИЛЛӢ ВА ДУНЯВӢ

*Намонад касе зери чархи куҳан,*
*Зи арбоби дониш бимонад сухан.*
Хоҷу

Абулато ибни Алии Кирмонӣ, ки бо тахаллуси «Хоҷу» шеър мегӯяд ва машҳур аст, яке аз шоирони маъруфи тоҷику форс буда, соли 1290 дар шаҳри Кирмон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ соли ба дунё омаданашро дар хотимаи маснавии «Гул ва Наврӯз» ба таври зайл ба қалам додааст:

*Бар ин минуи минофоми заркор*
*Чу Одам гашта гандумро харидор.*
*Шабу рӯзи «алиф» аз моҳ шуда «коф»,*
*Фиганда оҳуи шаб нофа аз ноф.*
*Расида моҳи зулҳиа ба ишрин,*
*Ба бом оварда гардун хишти заррин.*
*Зи ҳират шашсаду ҳаштоду нуҳ сол,*
*Шуда паноҳ рӯз аз моҳи шаввол…*
*В-агар уқдат зи румӣ мекушояд,*
*Ду афзун бар ҳазору шашсад ояд.*
*В-агар худ яздиурдӣ медиҳад даст,*
*Якеро тарҳ кун аз шашсаду шаст…*[1]

Айёми хурдӣ ва ҷавонии шоир дар зодгоҳаш Кирмон гузаштааст. Илмҳои рӯзгорашро дар ҳамон шаҳр омӯхтааст. Пас аз касби камол ва ошноӣ бо рамзу румузи шеър ва шуҳрат

[1] Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса. –Хуҷанд: Хуросон, 2017. –С.847-848.

ёфтан дар олами шоирӣ Хоҷу ба фикри сафар ва саёҳат меафтад. Мехоҳад, ки аз маҳдудаи Кирмон худро берун бикашад ва бахташро дар сарзаминҳои дигар бисанҷад. Дар ин боб дар осораш ишораҳои зиёд мавҷуданд. Чунончи, ӯ дар ин ғазали машҳури худ гуфтааст:

*Хуррам он рӯз, ки аз хиттаи Кирмон биравам,*
*Дилу он дода зи даст аз пайи онон биравам.*[2]

Хоҷу дар вақти мусофират ба мулоқоти яке аз бузургони сӯфияи он аср-Алоуддавлаи Симнонӣ шарафёб мешавад ва аз ӯ касби файз менамояд. Чанде дар Шероз мемонад ва аз бузургони ин шаҳр низ касби илму дониш мекунад. Пасон ба Козирун меравад ва ба хидмати Шайх Аминуддин Муҳаммади Козирунӣ мерасад ва ӯро ба масобаи пир мепазирад ва тавқи шогирдӣ ба гардан мениҳад. Аммо дили орзупарвар ва саёҳатхоҳи шоир лаҳзае ӯро ором намегузорад. Лиҳозо, вай боз ба роҳи худ идома медиҳад. Ба Табрезу Шому Байтулмуқаддасу Ҳиҷозу Ироқу Исфаҳону Ҳамадон ва ойиҳои дигар мерасад ва дар ин шаҳру мамлакатҳо умр ба сар мебарад. Дар ин бора ӯ дар маснавии «Равзат-ул-анвор» чунин менигорад:

*Чун фалак аз роҳи Ҳиҷозам биронд,*
*Даври мухолиф ба Ироқам расонд…*
*Буд маро ҳамчу насими баҳор*
*Ҳарзаравӣ дар шабу шабгир кор.*
*Гаҳ зи Аҷам сӯи Араб тохта,*
*Гаҳ зи Араб сози Аҷам сохта.*[3]

---

[2] Девони комили Хоҷуи Кирмонӣ. Ба кӯшиши Саъиди Қонеъӣ. –Теҳрон, 1374. –С.305.
[3] Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса. –С.124.

Хулоса, Хоҷу нуздаҳ соли умрашро дар сайру сафар мегузаронад. Ӯ тахминан дар солҳои 1338-1339 ба зодгоҳаш бармегардад ва хотимаи умрашро дар Кирмону Шероз сипарӣ мекунад. Ниҳоят, вай соли 1354 дар Шероз падруди ҳаёт мегӯяд.

Хоҷу яке аз шоирони пуркору пуросори адабиётамон маҳсуб мешавад. Хоҷу илова бар девони ашъораш, ки аз қасида, ғазал, рубоӣ ва ғайра иборат аст, соҳиби маснавиҳои «Ҳумой ва Ҳумоюн», «Гулу Наврӯз», «Камолнома», «Равзат-ул-анвор», «Гавҳарнома», ки бо номи «Хамса»-и Хоҷу машҳуранд, низ мебошад. Ӯ маснавии дигаре бо номи «Сомнома» ҳам дорад, ки дар баҳри мутақориб ва дар пайравии Фирдавсӣ иншо кардааст. Вай дар поёни «Сомнома» хеле хоксорона ба ин маънӣ ишора менамояд:

*Саранҷом кардам бад-ин нома хатм,*
*Ки Фирдавсияш ҳасту «Шоҳнома» хатм.*
*Ба наздики хуршеди ӯ зарр Аҷам,*
*Ба дарёи гуфтори ӯ қатр Аҷам.*
*Кашидам яке ҷӯи обаш тароз,*
*Лаби ӯ бад-он баҳр пайваста боз.*[4]

Бахши аъзами девони Хоҷуро қасида ташкил медиҳад. Қасидаҳои шоир фарогири мадҳ, мавзӯи тавҳид, ваъз, васфи табиат, муфохара, масоили фалсафию илмию адабию итимоию ахлоқӣ мебошад. Шоир онҳоро ба ҳокимон, соҳибмансабон ва дигар аҳли замони хеш бахшидааст. Дар бархе аз мадҳияҳои шоир абёти ҷолиб ба чашм мерасанд. Ташбибҳои устодона ва хуб низ дар қасидаҳояш мавҷуданд. Пораҳо ва лаҳзаҳои шикоятгуна ва фарогири баёни ҳолро низ

[4] Хоҷуи Кирмонӣ. Баргузидаи «Сомнома». Ба интихоби Мансур Растагори Фасоӣ. – Теҳрон, 1370. –С.128.

метавон дар онҳо пайдо кард. Мисли ин қасида, ки дар он аз нооромию беадолатии рӯзгор сухан дар миён оварда шудааст:

*То чӣ деванд, ки хотам зи Сулаймон талабанд,*
*Ё чӣ габранд, ки озори мусулмон талабанд?*
*Халқ девонаю аз заҳмати девон дар банд*
*В-ин абтар, ки зи девон зари девон талабанд…*
*Хуни руҳбон, ки шавад кушта, зи раҳбон хоҳанд,*
*Роҳи раҳбон, ки бувад мурда, зи руҳбон талабанд.*
*Ба синон аз сари майдон сари мардон ҷӯянд,*
*Ба хаданг аз буни пайкон сари некон талабанд…*
*Хукшакланду ҳадис аз хари Исо ронанд,*
*Девтабъанду ҳама мулки Сулаймон талабанд.*
*То дар офоқ зананд оташи бедод ба теғ,*
*Оташ аз чашми хуршеди дурахшон талабанд…*[5]

Хоҷу, ки дар ғазалсароӣ ном баровардааст, сабки вижа дорад. Агарчи ғазалҳои ӯ якдаст нестанд, аммо аксар софу беғашу равон ва дорои вожагону таркиботу истилоҳоти тозаанд. Ғазалҳои ӯ бештар ба тарзи Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ ва алалхусус Саъдӣ суруда шудаанд. «Хоҷу суханро аз Саъдӣ мегирад ва бо он сухан ба баёни машраби фикрию ҷаҳонбинии худ мепардозад ва ин машраби фикрӣ ҳамон аст, ки такомулёфтаи онро дар Ҳофиз мебинем».[6] Ба ин маънӣ худи Ҳофиз низ дар ғазале ишора менамояд:

*Устоди газал Саъдист пеши ҳама кас, аммо*
*Дорад сухани Ҳофиз тарзи сухани Хоҷу.*[7]

---

[5] Девони комили Хоҷуи Кирмонӣ. –С.45.
[6] Ҳамон ҷо. –С. 3-4.
[7] Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан Ҷамшед Шанбезода. –Душанбе: Ирфон, 1983. –С.135.

Рубоиёти Хоҷу асосан ба васфи ишқу ошиқӣ, шаробу май, сухану суханварӣ, муфохара ва масъалаҳои дигари ҳаёти инсонӣ бахшида шудаанд. Онҳо низ мисли соири осораш содаву равон мебошанд. Чунончи:

*Боз ой, ки мавсими ҷавонӣ бигзашт,*
*Айёми нишоту комронӣ бигзашт.*
*Бигзаштию ҷони дардмандам мегуфт:*
*Ғофил манишин, ки зиндагонӣ бигзашт.*[8]

Хоҷу шоири инсондӯст, ситамситез ва марди ахлоқу орифу вораста мебошад. Ҳамнавъонро дӯст медорад. Тарафдори сулҳу ваҳдату дӯстию одамият аст. Лиҳозо, ин мавзӯъотро дар осораш матраҳ мекунад. Бархе аз гуфтори ӯ дар ин заминаҳо ба сурати абёти ҳикматомез аз қаламаш таровидаанд ва хусусияти мондагорӣ касб кардаанд. Ин намунаҳо андаке аз бисёранд, ки мо аз ашъори шоир ба орият мегирем:

*Ҳар он кас, ки чоҳе канад бар гузор,*
*Нахуст ӯ дар он чоҳ гирад қарор.*[9]

***

*Ту ин моя охир напиндоштӣ,*
*Ки аз ҷанг авлотар аст оштӣ!*[10]

Хоҷу дар осораш беш аз сурат ба сират сару кор дорад, яъне шоире ботингарой аст, на зоҳиргарой. Бинобар ин, мефармояд:

*Пой мабин, пояи товус бин,*
*Ҷифа мабин, каркаси ковус бин.*[11]

---

[8] Хоҷуи Кирмонӣ. Гулшани адаб. –Ҷ.2. –Душанбе: Ирфон, 1975. –С.356.
[9] Муллоҷон Фозилов. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. –Ҷ.3. –Душанбе: Нашри Камол, 2014. –С.535.
[10] Фарҳанги забони тоҷикӣ. –Ҷ.1. –Москва, 1969. –С.411.
[11] Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса. –С.98.

Хоҷу зидди ҷангу ҷидол аст. Авфро аз интиқом авлотар медонад. Чунончи, дар маснавии «Равзат-ул-анвор» мегӯяд:

*Назди хирад афв беҳ аз интиқом,*
*Як назари меҳр беҳ аз мулки Шом.*[12]

Хоҷу дар осори худ аз шаробу маю зебоӣ, нозу карашма ва соири маъшуқа, бевафоии рӯзгор, одамони оҳилу нодон, зоҳидони риёӣ, хурофотпарастону мутаассибони динӣ, рӯзгори ноҳамвор, фитнаи намояндагони мазоҳиб, аҳли сарвату зулму ситам, сайру сафар, ғурбат, дурӣ аз ёру диёр ва ғайра сухан мегӯяд. Ӯ дар бисёре аз ашъораш ба ҷоҳилони хурофотпараст, мазҳабгароёни мутаассиб, ҷоҳилу бесавод метозад, сурату сирати эшонро фош менамояд:

*Пире дидам ҷумла вирдаш «ё Ҳу»*
*Гуфтем: «Бигӯ, ки кистӣ?» Гуфто: «Ҳу».*
*Гуфтем, ки «Ло илоҳ»-ро маъно чист?»*
*Гуфто: «Нашунидам зи кас, илло Ҳу».* [13]

***

*То кай чу Масеҳ дам зи тоот занед,*
*Ё ҳамчу Калим лофи миқот занед.*
*Хезеду ба май хоки маро гил созед*
*В-он гаҳ зи гилам хоки харобот занед.* [14]

***

*Ҳангоми гулу иди сиём аст имрӯз,*
*Бе бодаи пухта кор хом аст имрӯз.*
*Эй муҳтасиб, аз бода макун манъ маро,*
*Ҳушёр дар ин вақт кадом аст имрӯз?* [15]

---

[12] Ҳамон ҷо, –С.150.
[13] Хоҷуи Кирмонӣ, Туғрои Машҳадӣ. Мунтахаби ашъор. –Душанбе, 2019. –С.130.
[14] Ҳамон ҷо. –С.206.
[15] Ҳамон ҷо. –С.208.

Хоҷу чун соири адибони озодандеш байни куфру дин тафовут намебинад. *Лиҳозо*, ӯ дар осораш ваҳдати инсонҳоро мутаранним мешавад ва бад-ин тартиб аз ҷаҳонбинии пешқадам бархӯрдор будани хешро ба намоиш мегузорад:

*Эй дил, талаби дард куну дармон бин,*
*Дар олами он неҳ қадаму онон бин.*
*Бигзар зи ҳиобу куфру имон, он гоҳ*
*Дар сурати куфр маънии имон бин.*[16]

***

*Ҳар дам биравад зи бода ҳуши дили ман,*
*Хуноб шавад қадаҳ зи ҷӯши дили ман.*
*Дар дайри мугон чу дарди дил гӯям боз,*
*Ноқус бинолад зи хурӯши дили ман.*[17]

Хоҷу дар осораш танзҳои газанда ва интиқодоти сахт аз зоҳиргарон, аҳли ришу саллаву суф ва амсоли ин менамояд:

*Риши худ бигрифту бартезиду бихрӯшиду гуфт,*
*К-ин замон чун навкаре бо ман намебинӣ, чӣ буд?*
*Гуфтамаш: Даст аз чӣ рӯ ҳар лаҳза бар риш оварӣ?*
*Дунби хар чандон ки паймоӣ, ҳамон бошад, ки буд.*[18]

Мо дар бисёре аз абёту ашъори Хоҷу оҳангҳои ҳаётдӯстона, аз зиндагӣ лаззат гирифтан, ба қадри неъматҳои ҷаҳон даррасидан, хушгузаронӣ, бархӯрдорӣ аз ҳаётро мушоҳида менамоем. Ба қавли ӯ:

*Замоне биё, то даме хуш барорем,*
*Ки бе мо замона замоне наярзад.*[19]

---

[16] Ҳамон ҷо. –С.211.
[17] Ҳамон ҷо. –С.211.
[18] Муллоҷон Фозилов. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. –Ҷ.2. –Душанбе: Ирфон, 1977. –С.41.
[19] Хоҷуи Кирмонӣ, Туғрои Машҳадӣ. Мунтахаби ашъор. –С.38.

Хоҷу мисли бисёре аз шоирони мунавварфикр дар пардаи рамзу киноёт ва истилоҳоту мафҳумҳои сӯфиёна орову софкори мутараққии сиёсиву иҷтимоӣ ва инсонию фалсафӣ ва гоҳе миллии худро ба намоиш мегузорад. Масалан, ӯ дар муқобили таълимоти тасаввуфию ирфонӣ ва хаёлгариҳои сӯфиёну орифон ба мақоми волои ақлу хирад, илму дониш дар ташаккули шахсии инсон ва такомули ҷомеа дар мениҳад ва дар осораш аз ин ду неруи раҳнамо, созанда тамҷид менамояд. Ба ҳарфи дигар, Хоҷу дар баробари мақоми ишқу шуру ваду ҳол дар роҳи маърифат, нақши ақлу хирад ва илму донишро ҳам эътироф менамояд, зеро инсон бидуни доштани ақл ва фаро гирифтани дониш наметавонад худ, зиндагӣ, коинотро бишиносад ва ба такомулу тараққӣ даст ёбад. Мо ин маъниро аз дастовардҳои баланд дар замони муосир бармало дида метавонем. Аз ин рӯ, ашъори дар ин замина офаридаи Хоҷу барои мо имрӯз низ муфиданд, мо онҳоро меомӯзем ва бад-ин васила аз моҳияти ақлу хирад ва илму дониш дар низоми зиндагӣ ва ҳаёти башар огоҳ мешавем. Ин намунаҳо, ки дар гиромидошти ақлу хирад, илму дониш гуфта шудаанд, ҳанӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд ва то ҷовидон гум нахоҳанд кард, ки зеро маҳз ақлу хирад ва илму дониш инсонро аз ҳайвон мутамоиз мекунад ва ба сӯи бунёдкорӣ, пешрафт ҳидоят менамояд. Чунончи, ӯ дар мақолати дувоздаҳуми «Равзат-ул-анвор», ки «Дар ақлу ҳаё ва пайдоишоти он» ном дорад, аз ақлу ҳаё чунин ситоиш мекунад:

*Ақлу ҳаё ону дили оламанд,*
*Машъалафрӯзи раҳи одаманд.*
*Ҳоиби човуши сипоҳи туанд,*

*Чашму сару пушту паноҳи туанд.*[20]

Хоҷу барои тасдиқи мақоми ақлу ҳаё дар «ҳикояти Арасту ва сифати ақлу ҳаё» чунин мегӯяд:

*Кард бузурге зи Арасту суол,*
*К-«эй хирад аз шарҳи камоли ту лол.*
*Даври расул чун ба ниҳоят расид,*
*Даъвии даъват ба ҳикоят расид.*
*Маҳв шавад шарҳ зи лавҳи баён*
*Омиру ноҳӣ кӣ бувад дар ҷаҳон?*
*Дод ҳаким аз сари ҳикмат ҷавоб,*
*К-эй зи суоли ту равон гашта об.*
*Мубдеи ашё, ки он офарид,*
*Ақлу ҳаё кард дар инсон падид…*
*Муршиду ҳодӣ ба уз аз ақл кист?!*
*Монеу дофеъ ба уз аз шарм чист?!*
*Ҳаст хирад раҳбари роҳи савоб,*
*Ҳаст ҳаё деви хаторо шиҳоб.*
*Он ба хирад дарки масолеҳ кунад,*
*Дил ба ҳаё тарки мақобеҳ кунад.*
*Он ки аз ин ҳар ду сифат отил аст,*
*Ҳеҷ шаке нест, ки бар ботил аст.*
*Оби рухи ақл бидон, к-аз ҳаёст,*
*Оқили бешарму маҳи безиёст…*
*Кори хирад хурд набояд шумурд,*
*Софи ҳаё дурд набояд шумурд.*
*Ин ду гуҳар мардуми як дидаанд,*
*Мардуми ҳушёр чунин дидаанд.*[21]

---

[20] Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса. –С. 102-103.
[21] Ҳамон ҷо. –С.105-106.

Хоҷу агарчи афкорашро дар ҷӯйбори тасаввуфу ирфон мерезад, баръакси назарияи сӯфиёну орифон, ки ба ин ҷаҳон пойбанд нестанд, арз намениҳанд ва ба он ба чашми ҳақорату камбинӣ менигаранд, ба аҳон эҳтиром мегузорад. Бинобар ин, ба эшон чунин ҳушдори омӯзанда медиҳад:

*Чашми ҳақорат зи ҷаҳон бозгир,*
*То нашавӣ пеши ҷаҳоне ҳақир.*[22]

Хоҷу чун дигар адибони мутараққӣ ҳамеша ба мутаассибони мазҳабӣ, бартариҷӯёни арабӣ дастбагиребон будааст, зеро ӯ, агарчи мусулмон аст, аммо фарзанди озодагон будани хешро ҳаргиз фаромӯш намекунад ва аз аҳли Аҷам, ки худ аз онҳо намояндагӣ менамояд, ҳар оина ҳимоят мекунад. Ӯ бад-ин тартиб, аз як сӯ, аҳли Аҷам, нияту дили поки онҳоро ба намоиш мегузорад, аз сӯи дигар, бартаршумории аъробро, ки боиси ҳаракати шуубия гардида буд, маҳкум мекунад ва ниҳоят рӯҳи миллии озодагон, аҳли Аҷам-тоҷикону форсҳоро ба намоиш мегузорад. Ӯ ин қазияро дар «Ҳикояти Ҳасани Басрӣ ва Ҳабиби Аҷамӣ, Қуддиса Руҳаҳумо, дар он маънӣ, ки сиҳҳати ният матлуб аст, на ҳусни иборат» чунин баён менамояд:

*Буд Ҳабиби Аҷамӣ дар намоз,*
*Шуд Ҳасани Басриш аз дар фароз.*
*Дид, ки ал-ҳамд ба ал-ҳамд хонд,*
*Рахши қироат ба иборат наронд.*[23]
*Гуфт: «Намоз аз паси ин чун тавон,*
*К-ин ҷАҷамӣ ҳаст, шикастазабон.*

---

[22] Ҳамон ҷо. –С.106.

[23] Яъне дуруст қироат накард, зеро сипос (бо «ҳо»-и ҳуттӣ) оғози «Қуръони карим», саршавии ояти аввали тартили «Қуръони карим» аст. Алҳамд бо «ҳо»-и ҳаввас хондан ғалат мешавад ва он мутобиқи таҷвиди тартили «Қуръони карим» нест. Тавзеҳ: тоҷик-форс як «ҳ» дорад, на ду «ҳ», ки арабҳо доранду талаффуз мекунанд.

*Дур шуду кард ба танҳо намоз,*
*З-он ки кунад хос зи ом эҳтироз.*
*Дид ҳамон шаб чу фурӯ шуд ба хоб,*
*К-омадӣ азу ҳазрати Иззат хитоб.*
*К-«эй Ҳасан, ар ҳусни иборат туростӣ,*
*Сиҳҳати ният зи иборат ҷудост.*
*Тири фазилат шудат акнун зи шаст,*
*Ёфта будиву бидодӣ зи даст.*
*Ғарра чӣ бошӣ ба ибороти хеш,*
*Ношуда кашшофи ишороти хеш.*
*Гар ту удогона накардӣ намоз,*
*Пардаи тоотӣ ту будӣ ба соз.*
*Дил чу дуруст аст, забонро биҳил,*
*Номи забон аз чӣ барӣ пеши дил?*
*Ростии дил зи равиш хостаст,*
*Гар ту ба дил ка наравӣ, рост аст.*
*Тӯтии хушхон, ки забон номи ӯст,*
*Шаккари ширини баён коми ӯст.*
*Айб макун, гар шиканад дар сухан,*
*Бад набувад тӯтии шаккаршикан.*
*Гани равон шуд дилу афъӣ забон,*
*Фарқ басе бошад аз ин то ба он.*[24]

Агарчи дар замони Хоҷу, ки аз барандохта шудани давлати миллии тоҷикон-(форсҳо)-Сомониён чорсад сол мегузашт, зимоми давлатдорӣ дар дасти атрок буд, дигар аз шоҳону паҳлавонони Аҷам ному нишоне набуд, рӯҳи миллӣ ба заъф гароида буд, подшоҳону ҳокимони мулки Аҷам бегонагон буданд ва рӯҳи диниву мазҳабию қавмии атрок дар ҷомеа ҳукмфармоӣ мекард, аммо адибони миллӣ, афроди банангу

[24] Ҳамон ҷо. –С.68-69.

номус ва ватандӯст аз ифтихороти миллии худ даст намекашиданд. Эшон гузаштаи боифтихори қавми худро фаромӯш намекарданд, бо ҳар васила рӯҳи миллии худро ба намоиш мегузоштанд ва аз ақвоми ҳокиму истилогар, ки кишвари Аҷамро дар қабзаи худ қарор дода буданд ва ба аҳли Аҷам-тоҷикону форсҳо зулму ситам мекарданд, интиқод мекарданд ва бад-ин тартиб рӯҳи милливу шуубии худро нишон медоданд. Яке аз роҳҳои бурузи рӯҳи милливу шуубии хеш ин насиҳат маҳсуб мешуд. Мо инро дар мақолоти сездаҳуми «Равзат-ул-анвор», ки «Дар насоҳеҳу мавоизи мулук ва таҳйи дар адолату мулкпарварӣ ва таҳриз бар насафату додгустарӣ» унвон дорад, мушоҳида менамоем, ки шоир дар зимни панд ин мулуки ситамгорро, ки худро бартар аз шоҳони Аҷам тасаввур мекарданд, ба онҳо таъна мезананд, шоҳону паҳлавонони Эрони бостонро ночиз медонистанд ва аз ҷоҳу ҷалоли муфт гирифтаи худ ғурур меварзиданд, мавриди мазаммат қарор медиҳад ва ба онҳо ҳушдор медиҳад, ки даст аз зулму ситам кӯтоҳ намоянд, роҳи адлу инсофро, ки шоҳону паҳлавонони пешин доштанд, пеш гиранд в-агарна рӯзе кайфари аъмоли худро хоҳанд дид:

*Эй шуда мағрур ба иқболу ҷоҳ,*
*Чанд кунӣ такя бар айвону гоҳ.*
*Карда дар ин панараи шашдарӣ,*
*Нисбати Гуштосб ба оҳангарӣ.*
*Аз сари нахват ба гаҳи интиқом,*
*Зол ниҳӣ кунияти Дастони Сом…*
*Гоҳ занӣ лоф, ки Бежан кӣ буд*
*В-он ҳама номуси Таҳамтан чӣ буд?..*
*Гоҳ занӣ таъна, ки Баҳром кист?*
*Пури Наримон киву Руҳҳом кист?..*
*Мулки ту гар милкати ҷамшедӣ аст,*
*Охири кораш ҳама навмедӣ аст…*

*Неку бади худ ҳама дар пеш дор*
*В-оинаро дар назари хеш дор…*
*Дасти риоят зи раият мадор,*
*Кори раият ба риоят барор…*
*Хотири меҳнатзадагон шод кун*
*В-аз шаби меҳнатзадагон ёд кун…*
*Адл бувад оинаи рӯзгор,*
*К-иона ҷуз адл наёяд ба кор.*
*Сӯхтагонро ба карам даст гир,*
*Бӯ, ки дар он сар шавадат дастгир.* [25]

Ва шоир дар идомаи суханаш мегӯяд:

*Тоҷи Каён бин, ки киён мениҳанд,*
*Тоҷи Каёнро ба киён медиҳанд.*
*Мулки ҷаҳонро ба ситам мехваранд,*
*Номи шаҳонро ба забон мебаранд.*
*Дев нигар ҳокими девон шуда,*
*Хотами ҷам рӯзии девон шуда.*[26]

Аз ин чанд намуна маълум мешавад, ки адибони мо дар замони бедавлатӣ, ҳокимияти рӯҳи динӣ, мазҳабӣ ва қавмии атрок дар ҷомеа, имконияти маҳдуди бурузи рӯҳи миллӣ, худшиносӣ, ифтихор, озодандешӣ низ бо роҳҳои мухталиф (дар ҷомаи дин, ирфон, тасаввуф, бо тарсондан аз уқбо, ҷоҳ, дуо, насиҳат, ҳикмат, тарғиби хирад, илму дониш) тавонистанд рӯҳияи шуубии худ ва худогоҳии миллии хешро ҳифз намоянд, ба намоиш бигузоранд ва ҳувияти миллии худро аз даст надиҳанд. Ба қавли Хоҷу:

*Мугони зиндадилро хон, ки дар дайр,*
*Муроди зандхонӣ зиндахонист.*[27]

---

[25] Ҳамон ҷо. –С.107-110.
[26] Ҳамон ҷо. –С. 111.

Хоҷу шоири озодандеш аст, мазҳабаш ишқ аст. *Лиҳозо*, ӯ Каъбаро бутхона муаррифӣ мекунад, зоҳирро ҷуз суратпарастӣ чизи дигаре намедонад, балки ботинро асос медонад. Чунончи, ӯ мегӯяд:

*Каъба, ки шуд хонаи суратгарӣ,*
*Буткада бошад, чу накӯ бингарӣ…*
*Маст мадон ринди қадаҳнӯшро,*
*Тифл махон пири қабопӯшро…*
*Ҷома бар оташ неҳу пеш ор ҷом,*
*Дар даҳани шер шав аз баҳри ком.*[28]

Хоҷу, агарчи чун соири шоирони асри миёна дар қаламрави шеъри шаръӣ ҳаракат мекунад, афкору забону баёнаш сӯфиёнаву орифона аст, ба сӯфиёни покбоз эътиқод дорад, аммо ҳар оина аз азрақпӯшон, яъне сӯфиёни зоҳиргаро, маккор, солус, риёӣ гурезон аст. Бинобар ин, ӯ дар ашъораш ба эшон метозад ва сурату сирати нопокашонро фош месозад. Хусусан, онҳоеро, ки худро дар сурати сӯфӣ ва либоси сӯфиёна пинҳон карда, аммо дар муқобили талаботи тасаввуф ва ирфон, ки покиву амали неку парҳез аз бадиро талаб мекунад, қарор мегиранд, зуҳду тақворо шиори хеш қарор дода, мардумфиребӣ менамоянд, ба боди интиқод мегирад. Ба ин абёт нигоҳ кунед:

*Эй ту ниёзиву ниёзи ту ҳеҷ,*
*Ҷома намозиву намози ту ҳеҷ.*
*Дурдкаши базми ҳавову амал,*
*Ҷуръакаши оми дағову дағал.*
*Устуракирдор тарошида сар*
*В-аз ту тарошида ҳама хушку тар…*

---

[27] Ҳамон ҷо. –С.69.
[28] Ҳамон ҷо. –С.123-124.

*Дар таярон ҳамчу кабӯтар ба риш*
*В-омада сармаст чу кабк аз ҳашиш.*
*Риш маёрову маҳосин нигар,*
*Риш дигар дону маҳосин дигар…*
*Чанд занӣ лофи тасаввуф ба суф,*
*Вақф чӣ гирӣ, чу надорӣ вуқуф?*
*Ранги тасаввуф на ба суф асту бас,*
*Сӯфӣ аз ин ранг надидаст кас.*
*Соф барой, ин ҳама суф аз куҷост?*
*Кор нагардад ба сафу суф рост.*
*Такя бар ин зуҳди музаввар макун,*
*Чашми тасаввур ба вараъ бар макун.*[29]

Мусаллам аст, ки Хоҷу дар кеши ишқ аст ва куфрро дин медонад. *Лиҳозо*, аз куфру дин барист:

*Куфр дар кеши ошиқон дин аст,*
*Меҳр дар пеши муҳаққиқон кин аст.*[30]

Бостонгарой ва бостонситоӣ, ки аз вуҷуди рӯҳи миллӣ дарак медиҳад, дар осори адибони мо ба ин ё он навъ, ба ин ё он ҳам (дар яке зиёд, дигаре кам) ба чашм мерасад. Ба вижа ёдоварӣ аз паҳлавонону подшоҳони Аҷам, риҷоли бузурги асотириву таърихӣ қариб дар тамоми осори адибони мо мушоҳида мешавад. Хоҷу низ дар осораш ҳамвора аз гузаштагон ёд мекунад ва бад-ин роҳ хонандаро ба худогоҳӣ, бедорӣ, масъулият, ибрат гирифтан, андеша кардан аз ҳоли ҷаҳон фаро мехонад. Ба ин пурсишу руҷӯи ӯ бингаред:

*Аз Фаридуну Ҷам чӣ дорӣ ёд,*
*К-он яке шуд ба хоку ин барбод?!*
*Дори Доро, нигар, барӣ аз тахт,*

[29] Ҳамон ҷо. –С.131-133.
[30] Ҳамон ҷо. –С.190.

*Қасри Қайсар, бубин, тиҳӣ аз рахт.*
*Бигзар аз оташу Сиёваш ҷӯй,*
*Тир биндозу ҳоли Ораш гӯй.*
*Сару сомони Оли Сомон бин,*
*Тоҷу тахти мулки Эрон бин…*
*Ҳар кӣ ӯ мулкати Каён бикушуд,*
*Кай шунидӣ, ки то қиёмат буд.*
*Ҳама дар бистари лаҳад хуфтанд,*
*Рӯй дар хоки тира бинҳуфтанд…*
*Кас надонист дар нишемани ғайб,*
*Ки бувад ҳосилаш ҳунар ё айб...*[31]

Хоҷу дар осораш мукаррар аз сӯфиёни риёкор, ки худро дар либоси тасаввуф пинҳон кардаанд, фиребгарон, маккорон, худситоён, лофзанон интиқод менамояд ва дурӣ аз ононро талаб мекунад:

*Ҳазар аз сафдорони сӯфином,*
*Бо сафу суфашон сафой тамом…*
*Нотарошидагони мӯйтарош,*
*Пурхурӯшандагони синахарош…*
*Шаҳриёрони кишвари талбис,*
*Шаҳсаворони лашкари иблис…*
*Карда таҳсилу ҳеҷ ҳосил не,*
*Ҷуста тафзилу ҳеҷ фозил не…*
*Далқи шамъи чу шамъ пӯшида,*
*оми нӯшин чу дамъ нӯшида.*
*Хирқа-шон тар зи чашми гавҳарбор,*
*Лек дар зери хирқа-шон зуннор…*
*Охир, эй каркаси нишеманоз,*
*То кай оӣ ба риш дар парвоз?..*[32]

[31]Ҳамон ҷо. –С. 220-222.

Ӯ дар ҷои дигар ба ҳамин мазмун мегӯяд:

*Ба сафу суф дил нагардад соф,*
*Саф маёрою даргузар зи масоф.*
*Адҳами ҷуб то ба кай тозӣ,*
*Рух бигардон зи Адҳаму тозӣ.*
*Ҳамчу Мансур сар мапеч аз дор,*
*К-аз «Аналҳақ» ба сар наёяд кор…*
*Ҳама дорӣ ба дасту ҳеҷат нест,*
*Ҳама гӯӣ, ки ҳасту ҳеҷат нест.*[33]

Хоҷу дар ашъораш аз мақоми ақлу илм дар зиндагии инсон суханони зиёди пураҳамият ироа кардааст. Ошноӣ бо ин гуна афкори шоир дар рӯзгори мо, ки башар меваи онҳоро чидааст ва доманаш пур аз шаҳду шакари пешрафту тараққӣ аст, аз ҳар лиҳоз судманданд. Ин гуна осор, аз як сӯ, рӯҳи донишгароӣ доштани адибонамонро барои мардум, ба вижа ҷавонон, ошкор месозад, аз сӯи дигар, эшонро ба илму дониш андӯхтан, рӯ ба китоб овардан, аз рӯи ақлу хирад амал кардан шавқманд мекунад, дар қалбашон нисбат ба илму дониш меҳру муҳаббат пайдо мешавад, аз ғафлату хурофоту зоҳиргароӣ ба дур қарор мегиранд… Мо барои исботи ин андешаҳоямон ба насиҳатномаи Хоҷу, ки ба фарзандаш Муҷир кардааст, рӯ меорем, ки гуфта:

*Нури чашми ман, эй гузидаписар,*
*Дури дури ман, эй сутудагуҳар.*
*Гули боғи дилу чароғи замир,*
*Шамъи хилватсарои дида Муҷир…*
*Чашми мардум ба мардумӣ боз аст,*
*Кори олам ба илм бар соз аст.*

---

[32] Ҳамон ҷо.–С. 236-237.
[33] Ҳамон ҷо.–С. 242.

*Мардумӣ кун, зи илм рӯй матоб,*
*То шавӣ қиблаи улулалбоб.*
*Пайрави ақл бошу илм омӯз,*
*Роҳати халқ хоҳу рӯҳ афрӯз.*
*Хирад андӯз, то касе бошӣ*
*В-ар надорӣ хирад, хасе бошӣ.*
*Дониш омӯзу сарфарозӣ кун,*
*Хотир афрӯзу дилнавозӣ кун…*
*Панди ман кор банду коре кун,*
*Давлати нав талаб зи чархи куҳун.*[34]

Хоҷу дар насиҳатномаи хеш роеъ ба вақт аҳамияти он, ба қадри умру ҷавонӣ расидан низ изҳори назар менамояд ва дастуроти арзишманд медиҳад:

*Вақт дарёбу умр фурсат дон,*
*Машав эмин зи авр дар замон.*
*Бигзар аз шаҳрбанди табъу ҳавос,*
*Қадри аҳди шабобро бишнос.*
*Ёри ӯ шав, ки ҳеҷ ёраш нест,*
*Ғами ӯ хӯр, ки ғамгусораш нест.*[35]

Албатта, мо агар ашъори Хоҷуро аз лиҳози дар бар гирифтани ашъори мутараққӣ, дунявӣ мавриди пажӯҳиш қарор бидиҳем, як рисолаи бузург хоҳад шуд. Лиҳозо, мо дар ин мавқеъ бо овардани як ғазали Хоҷу, ки дар маснавии «Ҳумой ва Ҳумоюн» овардааст, басанда менамоем. Худи ин ғазал баёнгари тафаккуру ҷаҳонбинии мутараққӣ ва дунявию ҳаётдӯстонаи Хоҷу метавонад буда бошад:

*Маро гар марҳами озор ҷӯед,*
*Аз он пурзӯр бас бозор ҷӯед.*

[34] Ҳамон ҷо. –С.258-260.
[35] Ҳамон ҷо.–С. 260.

*Чу Хусрав орзуи они Ширин,*
*Аз он ёқути шаккар бор ҷӯед.*
*В-агар хоҳед устан хуни Фарҳод,*
*Бурун оеду аз куҳсор ҷӯед.*
*Давои дарди бедармони моро,*
*Аз он чашми хуши бемор ҷӯед.*
*Нишонам аз дари масид чӣ пурсед?!*
*Маро аз хонаи хаммор ҷӯед.*
*Ба қасри гул агар ёрӣ кунад бахт,*
*Шароби лаълу рӯи ёр ҷӯед.*
*Майи гулранг чун дар ом резед,*
*Канори чашмаву гулзор ҷӯед.*
*Зи тори зулфи он турки тоторӣ,*
*Насими нофаи тотор ҷӯед.*
*Баёни мантиқи ширини Хоҷу*
*Зи тӯтии шакаргуфтор ҷӯед.*[36]

Хоҷу дар соқиномасароӣ низ машҳур аст. Аз ин рӯ, овардани абёте чанд аз «Соқинома»-и Хоҷу, ки дар пайравии «Соқинома»-и Низомӣ иншод кардааст, дар ин маврид бесуд нахоҳад буд:

*Бидеҳ, соқӣ, он айни оби ҳаёт,*
*Ки даврони гетӣ надорад субот...*
*Як имрӯз бо якдигар май хӯрем,*
*Чу фурсат набошад, дигар кай хӯрем?*
*Дарего авонӣ, ки барбод шуд,*
*Хунук он ки аз олам озод шуд.*
*Бидеҳ, соқӣ, он ҷоми Ҷамшедро,*
*Шаби тира рахшандахуршедро.*
*Сабук бошу ратле гаронам бидеҳ*

[36] Ҳамон ҷо. –С.291-292.

*В-агар фош натвон, ниҳонам бидеҳ…*
*Бидеҳ, соқӣ, он оби оташнишон,*
*Аз ин пеш, к-аз мо наёбӣ нишон,*
*Ки дар оташ аст, ин дили равшанам,*
*Ҳамоно, ки обе бар оташ занам…*
*Бидеҳ, соқӣ, он талхи шарингувор,*
*Ки ширин бувад бода аз дасти ёр.*
*Биё, то нишинему согар кашем,*
*Дам аз дил баророму дам даркашем.*[37]

Албатта, афкори мутараққӣ, инсондӯстона, интиқодӣ, иҷтимоӣ дар осори Хоҷу бисёранд. Шоир дар бисёре аз маворид ба аҳли аҳлу зоҳир метозад, қонуниятҳои мавҳуму иртиҷоии динро маҳкум мекунад. Ҳар оина аз онҳо фосила мегирад, гоҳе дар муқобили фармоишоти диниву мазҳабӣ ҳаракат менамояд. Гуфтори ӯ дар ин заминаҳо, ки танқидиву омӯзандаву инсондӯстона мебошанд, барои тамоми замонҳову маконҳову дину диёнату миллату ақвом баробар хидмат мекунанд. Ба гунаи мисол мо байти зерро мегирем, ки тарафдори як дилбар, як завҷа будани Хоҷу аз он мусаллам мешавад:

*Магӯ, к-аз ту дил бар нашояд гирифт,*
*Ба як дил ду дилбар нашояд гирифт.*[38]

Ва дар ниҳоят, «агарчи Хоҷуро солики тариқат донистаанд ва пиру муридашро шайх Аминиддини Козуронӣ гуфтаанд ва гуфтаанд, ки дар сулук ба мақомоти олӣ расида ва бештар роҳҳои вусул ба мақсудро паймудааст ва худ низ гуфта:

*Бигзар аз хеш, ки бе қатъи масолик Хоҷу*
*Ҳеҷ солик нашунидам, ки восил мешуд.*

---

[37] Ҳамон ҷо. –С.348-352.
[38] Ҳамон ҷо. –С.151.

Бо ин ҳама мушкил метавон ӯро ба маънии истилоҳӣ ва дақиқи калима ориф ва сӯфӣ донист, аммо, ба ҳар ҳол, биниши ирфонӣ дорад. Ҷаҳонро чунон мебинад, ки урафо тарсим мекунанд ва робитаи инсонро бо Худованд чунон бовар дорад, ки ирфон тавзеҳ медиҳад. Дар дунёи шеър пиру муршиди ӯ пири муғон аст. Ҷойгоҳи ӯро дар майкада қарор медиҳад ва худ низ дар кӯи харобот ба эътикоф менишинад:

*Дар куни савомеъ маталаб манзили Хоҷу,*
*К-ӯ мӯътакифи кӯи хароботи мугон аст.*

Гоҳе поро фаротар мениҳад ва пири муғонро на дар майкада, балки буткада менишонад:

*То рахти тасаввуф ба харобот наёрӣ,*
*Дар буткада кай роҳ диҳад пири мугонат?*

Зуҳди хушкро тақбеҳ мекунад ва кофириро аз зуҳди риёӣ бартар медонад, зоҳирбинонро тақбеҳ мекунад ва риёкорон бо танзи газанда метозад:

*Куфру дин яксон шумар, Хоҷу, ки дар лавҳи баён*
*Кофириро бартар аз зуҳди риёӣ ёфтам.*

Чунин аст, ки хонақоҳ ва масҷиду савмаъа ва хирқаву далқ ва хулоса, одоби зоҳирии сӯфиён ва мутазоҳирон ва ниҳодҳои расмии ононро ба боди интиқод мегирад ва аз онон бо сахрия ва танз ёд мекунад ва ному ифтихорро дар тарки некномӣ медонад ва аз интисоб ба майхона ва пири муғон касби ном мекунад. Худро ринду озода меномад ва раҳидан аз хешро дар ҳалқаи риндони харобот ҷустуҷӯ мекунад ва худошиносиро на аз тариқи масид ва савмаъа, балки аз тариқи худшиносӣ металабад ва нуктаи тавҳидро аз муғбачагон мешунавад:

*Сӯфӣ агараш бодаи софӣ начашонанд,*
*Соҳибназарон сӯфии софиш нахонанд.*
*Бингар, ки муқимони саропардаи ваҳдат*

*Дар дайри мугон ҳамсабақи мугбачагонанд.*
*Рав, гӯш кун аз замзамаи нолаи ноқус*
*Он нукта, ки арбоби хирад вола аз онанд.*
*Дар ҳалқаи риндони хароботи мугон ой,*
*То як нафас аз хештанат бозраҳонанд.*
*Аз Каъба чӣ пурсӣ хабари аҳли ҳақиқат,*
*К-ин тоифа дар кӯи хароботи мугонанд.*
*Аз мугбачагон мешунавам нуктаи тавҳид,*
*В-арбоби хирад маънии ин нукта надонанд.*
*Сарҳалқаи риндони харобот чу Хоҷуст,*
*З-он ҳамчу нигинаш ҳама дар ҳалқа нишонанд».*[39]

[39] Девони комили Хоҷуи Кирмонӣ. –С.7.

**Суннатулло ҶОНБОБОЕВ**
*номзади илмҳои фалсафа*

# МАСЪАЛАҲОИ РӮЗ - ВАТАНДОРӢ, РУШДИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ВА ҶОМЕАИ МАДАНӢ: ТАҲЛИЛ ВА ПАЁМАДҲО

*Мазҳаби зиндадилон хобу парешонӣ нест,*
*Аз ҳамин хок ҷаҳони дигаре сохтан аст!*
*Иқболи Лоҳурӣ*

Суботи сиёсӣ ва рушди ҷомеа ду қутби ба ҳам алоқаманди ҳаёт ва пойдориву рифоъи ҷомеа ба шумор мераванд. Вале ин ду арзиш баъзан дар лаҳзаҳои тақдирсози таърих дар ҳоли таззод қарор мегиранд. Аз ин рӯ ба вуҷуд овардани ҳамоҳангӣ дар байни оромиш(субот) ва пешрафт (рифоъ) ҳунар, фаҳм ва истеъдоди махсуси раҳбарияти сатҳи миллӣ ва маҳаллиро талаб мекунад, то ки мо тавониста бошем, ки бе истифода аз парешонӣ ва шикасту рехт, *«аз ҳамин хок ҷаҳони дигареро»*, воқеан, ҷаҳони беҳтару олитаре сохта бошем.

**Ватан ва ватандорӣ.** Дар замони ҷаҳонишавӣ, авҷи хатари ваҳшатафганӣ (терроризм), дар ҳоли камранг ва заиф шудани эҳсоси масъулияти фардӣ ва иҷтимоии инсонҳо дар назди ҳамнавъон ва ҷаҳон, умуман суст шудани эҳсоси масъулият ва ҷавобгарии ҳар як инсон (ва давлатҳо) дар назди қавонини миллӣ, байналмилалӣ ва суботу сулҳи пойдор дар ҷаҳон аз ҳарвақта муҳим аст, ки мо дар бораи ватан ва хоку замини аҷдодии худ бештар фикр бикунем ва барои ғановату пешрафти ватану ватандорони худ амал бикунем. Маълум аст, ки ватан барои ҳар як фард, аз он ҷумла барои тоҷикон, аз хонаву кӯча ва деҳаву диёри хурди он оғоз мешаванд ва бо фарогирии мамлакату миллат ва аҳли сайёра ва нигоҳдошти охирин падидаи ҳаёт дар рӯи сайёра хатм мешавад. Асос ва

моҳияти ватанро ҳиссиёти иҷтимоиву сиёсии шахсият, муҳаббати ӯ ба волидон, ба сарзамини аҷдодӣ, ба таърих ва фарҳанги бумии мардум (дар мавриди мо ватани ориёиҳо) ташкил медиҳанд. Тоҷикон дар ин росто аз имтиҳони мушкилтарини таърих, хатари вуҷудӣ-онтологӣ (ҷанги таҳмилии ба истилоҳ «шаҳрвандӣ), ки дар он ҳаёту мамот (будан ё набудуни давлату миллат) ҳал мешуд, гузаштанд. Ба эҳтимоли зиёд таҷрибаи гузариш аз ин ҷанги хонумонсӯз барои ҳамаи тоҷикон чун сармояи иҷтимоӣ омӯзанда хоҳад буд.

Ватандӯстӣ дар асли худ, бе ягон муболиға, чунин ҳолати равонии инсон аст, ки ҳангоми дар вуҷуди инсон зуҳур намудани он шахс тайёр аст, ки барои ватан-модари худ охирин ва нодиртарин дороии худ - ҷони азизро фидо намояд. Дар таърихи тоҷикон, хушбахтона чунин шахсиятҳои дорои ҳамин гуна ҳиссиёти баланди инсонӣ хеле бисёр буданд ва ҳар яке тақдири хоси худро доштаанд, албатта яке дар ин роҳ то ҳадди имкон муваффақ шудаву дигаре бадбахту ноком монда... Одатан дар ҳоли ғалабаи ҳисси ватандӯстӣ инсон мехоҳад ки садоқати худро ба ватан аз тариқи бузургдошт ва қадрдонӣ намудани арзишҳои милливу фарҳангии халқи худ, мансубияти худ ба умумияте, ки шахс дар оғуши он солҳо ба камол расидааст, собит намояд, муҳаббати худро ба расму русуми аҷдодӣ, ба забону каломи модарӣ (бо дар баргирии тамоми вожаномаи он) ба қалам дароварад. Маҳз ҳамин гуна ҳиссиёт роҳнамои қаҳрамони маҳбуби сарзамини мо буданд, ки ҷони худро дар роҳи озодӣ аз аҷнабиён (қабоили кӯчии арабу муғулу турку узбак ва баъдан нақшахои истилогаронаи инглис, чинӣ ва русӣ ғ.), қаҳрамононе ба мисли саферҷомагону пайравони Муқаннаву Абумуслими Хуросонӣ, пешвоёни Сомониёну Ғуриён ва сарбадорон дар муқобили муғул ва ниҳоят барои эҳёи давлатдорӣ ва ифтихори миллии

мардумони эрониасл дар Осиёи Марказӣ барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ-бунёди давлати миллии тоҷикон сипар намуданд. Дар ростои шинохти дубораи мафҳуми ватан ва миллат дар замони модерн, террори сталинӣ ва истиқлолияти давлатии навини миллати тоҷик дар ҷуғрофиёи ҳозираи он номҳои шахсиятҳои фарҳангиву сиёсие, ба мисли Садриддин Айнӣ, Шириншоҳи Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон ва Муҳаммад Осимӣ имрӯз дар тафаккури мардум мақоми улгу, ашхоси рамзӣ (ибратомӯз) ва калидӣ доранд.

Маълум аст, ки эҳсоси ватандӯстӣ моли таърих аст, он таърихи таҳаввул дорад, он эҳсоси абадиву мовароиву осмониву фалакӣ нест. Ин падида дар замону макони мушаххасба вуҷуд меояд ва наметавонад, ки бе хости соҳиби амал (субъекти фикркунанда) дар ҷое ва замоне мушаххас ба миён ояд. Инҷо вуҷуди иродаи миллӣ ва рахбарияти миллӣ хеле муҳим аст. Вобаста ба ин падида вожа ва мафҳуми меҳану ватан аз тарафи ҳаммеҳанон гоҳе аз будаш васеътар ва гоҳе хеле танг таъбир мешаванд. Вале агар ашхоси миллат дар бораи натиҷаи амалии ҳиссиёти худ, муҳаббати худ ва масъулияти худ ҳамвора ва мантазам фикр накунанд, зиёда аз ин фикру амали худро дар тарозӯи ақл насанҷанд, он гоҳ миллат ба мушкилоти вазнине дучор хоҳад шуд.Ин фикр дар робита ба диалектикаи мафҳумҳо аст, ки дар қутби дигари ватандӯстиву миллатдӯстӣ ҳиссиёти дигари ғайри қобили қабул-эхсоси бетарафӣ ва бемасъулиятӣ қарор гирифтаанд, ки метавонанд соҳиби фикру амал (субъект) ва ҳам мухотабу объектхои гирду атрофи онро аз ҳоли мувозинат ва ҳамоҳангӣ берун барорад ва ниҳоят будиши онҳоро таҳдид ва тахриб намояд. Ин ҷо сухан дар бораи адами худшиносӣ ва инчунин ҳиссиёти бузургталошӣ (шовинизм) ва бегонаситезӣ (ксенофобия), яъне паст задани иззати нафси миллату халқҳои

дигар дар баробари миллати худ мебошанд, ки дар сиёсатҳои ашхос ва гурӯҳҳову давлатҳои алоҳидаи замони ҳозира ҳоло хеле роиҷанд. Аз ин ҷост, ки ҳисси ватандӯстӣ фақат сиёсат нест, он масъулияти шахсӣ аст ва дар ҷавҳари он муҳаббат ба миллати худ ва инсонҳои дигар чун дигарон ниҳон аст.

Айни замон мафҳуми ватан дар тули таърих таҳти таҳаввул қарор гирифтааст: бо ба вуҷуд омадани динҳои ҷаҳонӣ мазмуни он васеъ ва қимати қавмиву хунии он чанде коста шуда ва табиист, ки дар ин ҳол арзиши ҳисси ватандӯстии қавмӣ дар баъзе аз миллатхо афзуда ва дар дигарон камранг ё беранг шудааст. Динҳои ҷаҳонӣ таълим медиҳанд, ки дар назди Худо ҳамаи мардум баробарандва таври мисол дар вуҷуди *Исоҳи масеҳ* тамоми тафриқаҳо аз байн хоҳанд рафт…, яъне назди Худо тафовутҳои қавмиву ҷинсӣ, ирқиву находӣ, синфиву табақавӣ заиф ва беранг мегарданд. Дар аслнома(устав)и динҳои ҷаҳонӣ, алалхусус масеҳиёни аввал борҳо омадааст, ки ватани аслии диндорон (насоро) калисо аст, ҳамон гуна, ки ватани аслии яҳудиҳо куниш (синагог) мебошад, онҳо дар дигар ҷойи рӯи замин худро бегона эҳсос мекунанд. Илова ба ин онҳо аз ғалаба дар ҷанг хушнуд ва аз омадани офату бадбахтӣ ба мамлакат ба даҳшат намеафтанд, зеро ин гуна падидаҳо як амри илоҳӣ ва зарурӣ тасаввур мешаванд. Ба иборае, Худо олим аст ва ҳоли дунёро бехтар медонад.

Тасаввуроти ба ҳамин монанд дар дини Ислом ва макотиби мухталифи он вуҷуд дорад, ки инҷо ҳам ранги пӯсту забону насаб ва ҷои зист аз аҳамият бархӯрдор нестанд. Тамоми мардум мансуби як уммат, уммати ягонаи ислом тасаввур мешаванд. Зиёда аз ин дар ибтидои ислом ё исломи давраи аввал, давраи футуҳот тамоми дунёи барои мусулмонон маълум ба ду қисмат тақсим шудааст: *дор-ул-ҳарб* ва *дор-ул-ислом*. Мусулмонони аввал дар роҳи ба ислом даъват намудани

мардумони дунё тахти ҳамин шиор кишваркушой мекарданд, аз шамшер истифода бурда мехостанд, ки аз тариқи ҷиҳод мардуми тамоми ҷаҳонро ба як дину як мазҳаб ташвиқ намоянд ва каломи илоҳӣ ва забони арабӣ ҳамин гуна васила буданд, ки мардум мутаҳҳид бишаванд,дар ин роҳ як умумияти нави одамон-*уммати мусулмонон* дар мантиқаи фарогир бунёд гардид. Дар натиҷа, мафҳуми *миллати ислом* ба вуҷуд омад, ки қавмҳои мухталиферо дар худ муттаҳид ва ҳалл намуд. Баъди дусад соли оғози ислом дар заминаи ин дин дар асоси тамаддунҳои гузашта ин ҷо воқеан тамаддуни нави инсонӣ таҳсис шуд, ки ҳоло моли таърих аст. Дар заминаи ахлоқи динӣ илму адабиёти нави синкретӣ рушд намуд. Андешаи ягонагии одамонро бо роҳи оштиву мадоро тасаввуфи ислом низ пайгирӣ карда ба натиҷаҳои ҷолибе расидааст. Вале замон ва вақт тағйир карданд, дар давраи нави рушди сармоядории Ғарб ҷаҳони ислом истеъморӣ шуд. Риштаи раҳбарияти андешаи миллатҳо ва давлатҳои мусулмонӣ дар ин замон ба дасти истеъморгарони Ғарб гузашт, акнун мусулмонон худ тасмимгир набуданд, ба ҷои онҳо вазъиятҳои таҳмилӣ ақли онҳоро идора мекуунад, бо ин ҳол онҳо дар ҳаракатҳои озодихоҳии худ дар муқобили истеъморгарон ба дифои ислом пардохтанд ва ноилоҷ аз он бештар чун абзори сиёсӣ дар ду шакл: яке ба шакли бунёдгароии динӣ, ва дигаре ба шакли сотсиализми исломӣ истифода намуданд. Табиист, ки ҳам истеъморгарон ва ҳам ҳаракатҳои озодихоҳии мусулмонон на тамоюлҳои ақлгароёна, ё таърихи пурғановати илму технолоҷӣ дар ислом, балки сафарбаркунии (мобилизатсияи) сиёсии мардум андешаи ҷиҳодии исломро барои расидан ба ҳадафҳои ҷаҳонгирӣ ва истиқлоли миллии худ созгор донистанд. Маълум аст, ки тамаддуни исломӣ дар замони истеъморӣ аз илму амал камтар кор гирифт ва ба ибораи Муҳаммад Аркун,

исломшиноси муосири араби муқими Фаронса, комилан мавқеи дифоияро гузашт. Бо онки бегонагон мамаддуни мусулмононро барои мақсади ҷаҳонгирӣ аз дохил хароб карданд, мустамликадорон бо истифода аз инженерияи нави иҷтимоӣ исломи соддаи авомонаро дастгирӣ карданд, ва исломи оқилона, аклгаро ё интеллектуалиро зери по гузоштанд. Ин дар ҳолест, ки аврупоиҳо фалсафаву илмро аз ислом (бо номи юнонӣ) гирифтанд ва азхуд карданд....Яъне онҳо худ кишварҳои мусулмонони истилоъгардидаро аз истифодаи илму технолоҷӣ дур карданд, то бо абзору аслиҳаи навтарини ҳарбӣ ва равонӣ онҳоро ба умқи таърих, ба бойгонии тарзи тафаккури қабилаҳои аввали оғози таърих баргардониданд. Ҳоло шакли иғроқшуда ва ҷиҳодии чунин андешаи ҷаҳонишудаи ватан ва ватандориро дар таълимоти бунёдгароёни динӣ (аллахусус, *ҳаракати салафия, ҳизбут-таҳрир ва г.*) дучор шудан мумкин аст. Бо бунёди образи нави душман (пеш лагери коммунизм буд) дар симои ҷахони ислом майдони нави муҳорибаҳо сохта шуд. Ин технологияи нави геополитикӣ имкон медод, ки душмани нав (тудаҳои мусулмон) бо дасти худи мусулмонон кушта шаванд. Аз ин ба баъд ҳаракатҳои ба ном ҷиҳодӣ пайравони ҳамаи мазҳабҳои исломӣ ва динҳои ғайрисломиро мансуб ба куфр медонанд ва дар сурати даст накашидан аз ҷаҳонбинии нави худ рехтани хуни онҳоро раво медонанд. Маҳз ҳамин гуна тасаввурот заминаи даъвати давлати ба ном исломӣ -ДОИШ, барои ҷиҳоди исломӣ дар Шарқи Наздику Миёна ва Афғонистон шудааст ва таҳдид ба ҳувияти қавмиву миллии ҳалқҳо дорад (чи тоҷикон ва чи халқҳои дигари пасошӯравӣ).

Дар муқобили ин раҳбарон ва бузургони дину сиёсати ҷаҳони кишварҳои ислом борҳо даъват ба амал оварданд, ки мусулмонон бояд аз ин гуна тасаввуроти ибтидоӣ даст бикашанд, зеро ба хотири кадом нияту мақсади баланде ҳам

набошад (фарз кардем, барои ваҳдати мусулмонон!), куштани як нафар инсон дар ислом ба куштори тамоми инсоният баробар аст. Дар китоби муқаддаси мусулмонон омадааст, ки ҳар касе  ҳақ дорад, ки пайравӣ аз дину оини худ дошта бошад, вале ба дини дигарон ҳатман бояд эҳтиром дошта бошад, зеро дар дин (аз ҷумла дар ислом) зӯрӣ нест («*Ло икроҳа фи дин»).* Дар дигар сарчашмаҳои ислом қайд мешавад, ки мусулмонон ба динҳои дигар хушбинанд, онҳо ҳаққи интихоб доранд: яъне «Исо бо роҳи худ ва Мусо бо роҳи худ»!

Вале пружаҳои сиёсии истеъморӣ барои ба мақсадҳои геополитикии худ расидан ҳар гуна сарҳадҳои фарҳангиро мешикананд. Дар кулл мусулмонони муосир аз технtoложии нави фикрии муқовимат, баҳсу андеша ва истидол бархурдор нестанд, дар натиҷа онҳо бе таҳлили ақлонӣ ва шитобкорона тасмими нодуруст мегиранд, ки ба фишор бо фишор ҷавоб бидиҳанд. Чунин муқовимат дар ҳолест, ки бархурди нобаробар ба ҳастии онҳо таҳдид мекунад. Аз ин рӯ аз нигоҳи сиёсӣ ба ин масъалаи қадимӣ роҳбари имрӯзаи давлати Миср Абулфаттоҳ Ал-Сиси баҳо дода буд. Дар яке аз аввалин вохӯрӣ бо уламои Донишгоҳи ал-Азҳар (баъди ҳуҷуми террористон ба маҷаллаи «Шарли абдо», с. 2015), ӯ аз уламои исломӣ даъват кард, ки бар зидди ин гуна ақидаҳои асримиёнагии ба замони муосир хатарнок (тақсими ҷаҳон ба *дорул-ислом* ва *дор-ул-ҳарб* ва мақсади сохтани *давлати ҷаҳонии исломӣ* -истилоҳи А.Мавдудӣ (1903-1973), муаллифи «*Тафҳим-ул-Куръон*») садо баланд кунанд,дар муқобили зиёдахоҳӣ (радикализм) фатво бароранд ва ниҳоят роҳи наҷоти миллатҳои мусулмонро дар ҷаҳони пуртазоди глобалӣ равшан кунанд.

Аз ҷумла ӯ гуфта буд: "Инҷо тарзи тафаккур, маҷмӯи матнҳо ва ғояҳои барои мо муқаддас дар назар аст, онҳо онқадар муқаддасанд, ки ҳар гуна раддия аз онҳо тақрибан ғайриимкон мешавад. Бо ин кор мо боқимондаи ҷаҳонро ба

муқобили худ мегардонем.Мо ба инқилоби динӣ ниёз дорем. Тамоми ҷаҳон. мунтазири иқдомоти минбаъда аст, зеро уммат пора-пора шудааст, худро гум кардааст ва дар ин кор танҳо мо гунаҳкор ҳастем" [6].

Аз нигоҳи шеваи бархӯрд ин назари Абулфаттоҳ Ал-Сиси комилан ақлонӣ аст, зеро ба андешаи ӯ, мусулмонон, ки яку ним миллиарди нуфуси аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд, набояд бо эълони ҷиҳод бо 5.5 млрд. мардуми боқимондаи дунё дар ҳоли ҷангу набард қарор дошта бошанд. Дар ин ҷаҳони пуртаззод ва хатарзо, ки мардумони дунё ҳоло гӯё дар болои як маҳзани пур аз борут нишастаанд, мардум ба фарҳанги сулҳ ва мадоро бештар эҳтиёҷ доранд, нисбат ба нифоқу ҷанг. Вале ба андешаи М.А.Халил ташаббуси ислоҳоти динӣ ба гумон аст, ки дар худи мамолики суннатии мусулмонони араб ба вуҷуд ояд. Ба гумони ғолиб чунин кор аз тарафи мусулмонони Осиёи Ҷанубӣ ва Ғарб имкон дорад, ки содир шавад, зеро онҳо аз бори вазнини суннатҳо ва урфу одатҳои ҳазорсола озодтаранд [6:127-128]. Дар тафовут аз дигар миллатхои Осиёи Маркази точикон низ сарсупурдаи дину тамаддуни исломӣ мебошанд ва барои онҳо низ ислоҳ (реформа) дар дин дардовар аст. Туркҳо бошанд, ин сарҳадҳоро кайҳо убур кардаанд ва дини исломро модерн намуда дар хидмати нақшаҳои милливу стратегии худ қарор додаанд.. Мушкили тоҷикон дар раванди ислоҳ алоқаманд ба он аст,ки аз рӯи ақида онҳо ба арабҳо наздиктаранд. М.А.Халил менависад, ки дар дини ислом ҳисси гунаҳкорӣ дар назди Худо ва инсонҳо нест (Худо инсонро бахшидааст[1]), аз ин рӯ ҳар гуна интиқод ба ислом бо силаҳшӯрӣ қабул мешавад ё аслан инҷо ислоҳ имкон надорад.

[1] Коран / пер. Э. Кулиева. Сура «Та Ха», аят 122; Сура «Аль-Анам» (Скот), аят 164.

М.А.Халил менависад: "Арабская культура стыда, таким образом, не может позволить себе критического взгляда на исламскую религиозную систему, особенно учитывая самоосознание арабов как хранителей мусульманской теологии и доктрины. Другими словами, неготовность арабских мыслителей и общества к религиозной реформе лежит в аксиологических установках арабской культуры на данном этапе»[6:127]. Инҷо сухан дар бораи ду тамаддун меравад: яке мансуб ба фарҳанги ***шарм*** (ҷомеаҳои коллективии аграрии Шарқ) ва фарҳанги ***гуноҳ*** (мансуб ба ҷомеаҳои саноатии Аврупо ки баъди таҳаввули иҷтимоиву саноатӣ дар зери таъсири консепти «***гуноҳ"и аслӣ*** ё нахустин гуноҳи Одами Абулбашар дар масеҳият фардгаро ва масъулиятшинос шудаанд). Ҷомеаи мусулмонон дар зери таъсири консепти бахшиши Одам аз тарафи Аллоҳ чун камбудии дини худро намебинанд, аз паи ислоҳи он ҳам нестанд…Ба гуфтаи Ҳофиз чун "*Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт, Нохалаф бошам агар ман ба ду ҷав нафрӯшам...*"....Азбаски ҳамин гуна таҳаввул ва ислоҳ дар ислом ва дини он аз дарун ба вуҷуд намеояд, ин гуна рукуд ва суннатгароиро дигарон ё бегонагон ба мақсадҳои худ ва бар зарари мусулмонҳо истифода мебаранд. Модернистони мусулмон (М.Абду, Саидҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Иқбол ва диг.) ҳам роҳи ҳалли ин мушкилро наёфтанд ва дар оғози асри 20 баҳсро хотима доданд ва эълон намуданд, ки "*Ислом ба зоти худ надорад айбе, Ҳар айб, ки аст, аз мусулмонии мост*"!

Садсолаҳо кишварҳои пешрафтаи аврупоӣ барои мардуми Шарқ роҳнамоӣ мекарданд, барои онҳо назарияҳо ва консепсияҳо месохтанд, то ки дар асл ба воситаи онҳо онҳоро дар зери идораи худ нигоҳ доранд. Дар асри XX моҳияти сиёсии ин гуна назарияҳоро Эд.Саид фош карда буд [3]. Дар

натиҷа, ба назари Эдвард Саид, мусулмонон, баъд аз мактаби Ибни Сино тафаккури таҳлиливу интиқодиро дар худ рушд надоданд. Дар замони истилоъи муғул вазири Салоҷиқа, Низомулмулк дар "Сиёсатнома" таъкид месозад, ки Худо Одамро фармуд, то 60 сол дар кӯҳу биёбонҳо бигардад, то гуноҳи ӯ тоза шавад. Ва боз Низомулмулк мефармояд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ тоҷикон (ки қобилияти таҳлилӣ доранд)-ро ба кори идораи давлат роҳ надиҳанд. Чунин ҳол дар дохили ислом роиҷ буд. Ин дар ҳолест, ки ба таври мисол, дар садсолаҳои минбаъда давлатҳои Фаронсаву Олмон идеяи миллатгароӣ ва инқилоби коргариро худ имтиҳон карда татбиқи минбаъдаи онро ба Шарқи Наздику Осиё пешниҳод намуданд. Дар натиҷа дар Русия ва кишвари Турки усмонӣ инқилобҳои милливу ҷумҳурихоҳӣ ба вуҷуд омаданд. Назарияи пантуркистон (ки Отатурк онро ба роҳбарӣ гирифт) дар Аврупо каркард шуда буд, он ба вуҷуд овардани абармиллате дар минтақаи Аврупосиёро дар назар дошт, ки нимкурраи шимолии Авруосиёро ватани «*туркҳои бузург*» эълон намуд. Дар асл ин мебоист фазои диктатураи туркҳоро месохт ва дигар миллатҳои бумиро мебоист дар худ махлут мекард. Дар зери ин андешаҳо нақшаҳои неоколоналистие ниҳон буд, ки тибқи он роҳҳои тиҷоратии Шарқу Ғарб (аз Лиссабон то Пекин) мебоист барои интиқоли молу коло барои аврупоиҳо кушода мешуд. Бояд гуфт, ки ин модели империяи Муғулро ба хотир меовард, ки давлатҳои милливу қавмиро аз байн бурд, ба ин восита роҳи тиҷоратии Абрешимро, ки барои аврупоиён фоидабахш буд, равнақ дод.

Мусаллаҳ бо андешаҳои К.Маркс, бунёнгузорони давлати «пролетарӣ» (бо раҳбарии В.И.Ленин) низ даъват ба он доштанд, ки бояд «*ватандӯстии пролетарӣ*», яъне ватани коргару деҳқон ба вуҷуд оварда шавад, ки он мафҳуми меҳану ватанро аз нигоҳи ҷуғрофӣ васеъ менамуд ва дар зеҳн тамоми

сайёраи дар зери диктатураи пролетариро дар назар дошт.Ин равия ҳам ҳисси дӯстдории ватани худ, ватани аз нигоҳи ҷуғрофӣ хурду қавми камнуфуси худ, забони модарии худ, фарҳанги миллӣ ва ғ.-ро ғайри қобили қабул медонистанд ва дар ниҳоят бо амри Марказ ватандӯстони коммунисти кишварҳои атрофи қисматҳои марказии Руссияро бо ҷурми *«душманони халқ»* ё *«ҷосуси императистон» будан* ба Сибир ва дигар лагерҳои сталинӣ фиристода аз байн бурданд. Дар замони шӯравӣ ватани мо «шашяки рӯи замин»-ро ташкил медод ва халқу миллатҳо ба ҳам омехта миллати ояндаи мо бояд «шӯравӣ» мешуд. Дар давлати коммунистӣ, бо тақлид ба романтизми фаронсавиҳо, аз рӯи ақидаи асосгузорони он мебоист, ки ***як давлат, як забон ва як миллат (миллат*** ё халқи шӯравӣ) арзи ҳастӣ мекард. Асосгузори давлати пролетарӣ В.И.Ленин дар асарҳои баъдан нашргардидаи худ навиштааст, ки ҳатто дар саросари тамоми дунё дар ояндаи наздик як забон мемонад. Ва ба андешаи ӯ ин ё забони англисӣ мешавад ё русӣ ҳоҳад буд. Вале дар қавсайн навишта ки: *беҳтар мешавад, агар русӣ бошад*! …Дар ҳамин мисол дидан мумкин аст, ки чи гуна миллату мазҳабҳои ғолиб иродаи худро аз роҳҳои мухталиф ба халқу миллатҳои дигар бор мекунанд ва аз абзорҳои диниву сиёсӣ моҳирона истифода мебаранд, то кихуд ягона ҳукмрони ҷаҳон бишаванд.

**Давлати миллӣ**. Дар охирҳои асрҳои нуздаҳ баъди нуфузи иқтисодиву сиёсӣ пайдо кардани Русия дар Осиёи Марказӣ ва ибтидои асри 20-ум, баъди заволи давлати сулолаи манғитиён дар Бухоро ҳаракати босмачигарӣ авҷ гирифт, ки баъзе аз зиёиёни мо ҳоло онҳоро нишоне аз ҳаракати ватандӯстӣ дар Осиёи Марказӣ мешуморанд. Албатта ин як ҳаракати сиёсиву иҷтимоии мураккаб буд, ҳаракати то андозае моломоли ватанхоҳӣ буд, вале босмачигарӣ чунин падидаи мураккабест, ки шояд дар амали баъзе аз намояндагони тоҷики он унсурҳои

ватандӯстӣ ҷой дошта буданд, вале ба таври кулл, мақсади он барои миллати тоҷик бегона буд, онҳо на истиқлоли миллии миллатҳои мушаххаси Осиёи Марказӣ, балки барқароркунии аморати Бухоро бо сулолаи амирони манғитиро мехостанд. Дар ин бора ёддоштҳои амири сарнагуншуда Олимхон, дар мактуби ӯ ба Иброҳимбек маълумот медиханд.

Дар ин санад, ӯ менависад:

> *«Ман ба Иброҳимбек фармон навиштам, ки Анварпошо дар хусуси муҳориба шахсан соҳибтадбир ва коргузор буда, лозим, ки Шумо дар иззатдорӣ дар назди худ оварда пурсед, агар хизмати миллати исломро хоҳиш дошта бошад, аз тарафи зоти олии мо ваколати хизмат ва илло, ба хубӣ аз дарё гузаронида, бо ин сурат равона намоед».*

Чунонки мебинем, дар мактуб сухан дар бораи «миллати ислом» меравад, ки албатта, барои давраи аморат қобили қабул буд. Вале маълум аст, ки мақсади аслии Иброҳимбек ҳам на бунёди давлати миллӣ, балки, ба шаҳодати яке аз пайравони ҳаракати ҷадидҳо А.Фитрат, бо ёрии Анвар-пошшо ташкили империяи туркӣ буд. Ба иборае мақсад –

> *«бо нақшаи кишварҳои иртиҷоии мамолики Ғарб дар ҳайати Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, Закавказия, Қрим ва Туркия ташкил кардани империяи «Туркияи бузурги султонӣ» маҳсуб мешуд» (Атохон Сайфуллоев. Босмачигӣ хилофи манфиатҳои миллӣ буд) [5].*

Воқеан, ин гуна давлат дар зеҳн идеологияи «*ваҳдати қабоили туркӣ*» ё ваҳдати тамоми миллал дар забон ва либоси туркӣ дошт. Ин гурӯҳ ҳам мехостанд, ки дар минтақаи ҷуғрофии Балкан то Чин як империяи туркиро бо <u>*як забон, як давлат ва як дин*</u> ташкил бикунанд, ки хилофи хостаҳову манфиатҳои қавму миллати тоҷику эронӣ, курду баллуҷ ва ҳинду пашту буд. Ба андешаи онҳо дар аморати Бухоро (ки ҳазорҳо сол тоҷикзабон буд) мебоист забони тоҷикии форсӣ

ҷои худро ба забони туркӣ медод. Як пантуркист аз кишвари Туркия дар ибтидои асри бист, баъд аз дарёфтани иттилое дар бораи боз шудани мактабу рӯзномаҳои усули нави таълим (бо номи «Бухорои шариф») бо қаҳр чунин менависад: чаро дар Бухоро иҷозат дода шудааст, ки ба забони форсӣ мактабу рӯзнома нашр шавад?! [1]

Ҳоло мо медонем, ки ҳоли тоҷикон дар давлатҳои қавмиву этнонатсионалистӣ чӣ гуна аст. Инро дар мисоли вазъияти курдҳо дар Туркия ва давлатҳои Араб ба таври равшан дидан мумкин аст: дар яке аз ин давлатҳо курдҳоро «туркҳои кӯҳӣ» (горные тюрки) ва дар дигаре араби забонгумкарда мешуморанд (айнан ба мисли тоҷикони Самарқанду Бухоро...) Дар кулл, мушкили давлатҳои сирф қавмгаро дар он аст, ки онҳо тафовутҳоро тааммул карда наметавонанд, вале мехоҳанд, ки бо даъват ба ҳар гуна ягонагиву «ваҳдат» қавми худро ба мақоми ҷаҳонӣ ва «кайҳонӣ» бирасонанд. Албатта, ин ҳама ба фоидаи синфи дорои ин мамалкатҳо меанҷомид, на барои тамоми мардум.

Воқеити таърихӣ нишон медиҳад, ки дар асл, тафовутҳо дар фарҳангҳо, дар дину оин ва дар сиёсатҳо дар сухан ва дар китобҳо аз байн меравад, вале дар зиндагӣ ва ҳаёти воқеӣ доимо боқӣ мемонанд. Ли Куан Ю то ҳатто чунин мешуморид, ки тафовутҳо дар фарҳангҳову дар динҳо ба тариқи модарзодӣ вуҷуд доранд. Ин баёния шояд то андозае муболиғаомез намояд, вале он заминаи воқеӣ низ дорад. Ин тафовутҳоро муҳити табиӣ ва фарҳангӣ ҳар замону макон тавлид мекунанд. Барои ин онҳоро бояд омӯхт, эҳтиром гузошт ва дар амалия ба назар гирифт. Ҳоло муҳим аст, ки бо ин тафовутҳо бояд зист ва бо тафовутҳо ва гуногунӣ мадоро намуд. Зеро тафовутҳо на манбаи ҷангу хатар ва зарар (чунонки С. Ханктинтон [9], тасавур мекунад ва барои машинаи ҳарбии Ғарб тавсия медод), балки манбаи ғановати ҳаёти фарҳангӣ ва дар ин

замина заминаи пешрафти иҷтимоӣ шуда метавонанд. Вале маълум аст, ки таърихи кишварҳову давлатҳо ва дину адёни олам дар ин бора мисолҳои бисёре дорад, ки дар заминаи манфиатҳои иқтисодиву сиёсӣ давлатҳо ва саркардаву раҳбарони онҳо чи гуна тафовутҳои оддии инсониро ба фоидаи худ истифода бурда мардумро ба ҷангу бесарусомониҳои кашидаанду мекашанд ва мамлакатҳоро хароб мекунанд, мардумро мутеъ ва захираҳои табииро ба фоидаи худ истифода мебаранд. Имрӯз сухан дар бораи шакли нави системаи истеъморӣ (неоколонализм) меравад, ки дар ҳоли густариш аст…Барои собит сохтани ин қазия кофӣ аст, ки ба вазъи муносибатҳои байналхалқии ҷаҳони муосир назар андозем, ки чи гуна давлатҳои аз нигоҳи ҳарбӣ-дорои имкониятҳои бузурги моливу яроқи ядроӣ ва аз лиҳози иқтисодӣ пурзӯр барои ба даст овардани манфиатҳои миллии худ бо ҳам дар ҳоли кашмакаш мебошанд ва аз ин радду бадали сиёсиву ҳарбӣ тамоми мардуму миллатҳои мухталифи дунё ранҷ мебаранд…

Вазъияти дунё ҳоло хеле мураккаб аст. Як роҳи наҷот ва гузоштани садд аз ин бесарусомонии сайёра имрӯз бунёд ва таҳкими давлати миллӣ шинохта мешавад. Тибқи назари ғолиб тасаввур мешавад, ки давлати миллӣ - ин иттиҳоди байни миллат (халқ) ва давлат ё иттиҳоди фарҳанг ва сиёсат аст, ба гумони ғолиб он метавонад мушкили мавҷудаи байни ягонагӣ ва тафовутҳоро (ки ҳоло дар заминаи он ба истилоҳ гӯё «ҷанг» эълон шудааст) ҳаллу фасл бикунад. Ҳадаф ва ормони давлати миллӣ ин аст, ки дар раванди рушди давлати миллӣ халқ (мардум) соҳиби аслии сиёсат ва омили идораи давлат хоҳад шудан. Мо ҳоло соҳиби чунин давлати миллӣ мебошем, ки дар доираи имкон ба ҳар гуна зиёдахоҳиҳои сиёсиву мақсадҳои вайронкоронаи сиёсатмадорони дохиливу нақшаҳои шуми трансмилливу абарқудратҳо дар ватани

бобоии мо мамоният мегузорад. Вале давлати миллӣ ба мисли як зироат аст, онро ҳамаруза обу тоб, рушд ва қудратманд бояд кард.

Аз ин лиҳоз ҳоло фурсате расидааст, ки Давлат ва Миллат ба истиқболи ҳам биёянд ва дар ин роҳ гомҳои ҷиддӣ бардоранд! Аҳли илму уламои дин ва аҳли сиёсати дунёи пешрафта ҳоло дар фикри онанд, ки ҳар як инсон,миллату мамлакат ва давлат танҳо дар фикри наҷоти инфиродии худ набошанд ва айни замон набояд дар андешаи вайронии дигарон бошанд (воқеияте, ки мо ҳамарӯза шоҳиди онем, воқеияте, ки онро ба ибораи «гӯр сӯзаду деги қаландар ҷӯшад» ифода кардан метавон!). Албатта ин ҳоло муҳим аст, ки айни замон ҳама дар фикри наҷоту поксозии хонаи худ, маҳаллу куча ва ватану сайёраи худ бошанд, зеро дар акси ҳол қувваи торикиву бадиву неруи шикананда ва тахрибкору вайронкор (хатари яроқи ядроӣ, нақшаҳои абарқудратҳо, терроризм, одамрабоиву одамфурушӣ, наркомафия, афзудани сатҳи бекориву қашшоқӣ ва ғ.) дар дунё ба авҷи аъло расидааст. Вале дар баробари ин ҳисси ватандустии муосир наметавонад бо маҳаллу зодгоҳ ва мансубияти мазҳабиву забонӣ, тафовутҳои касбиву синфӣ маҳдуд бошад. Ва дар айни вақт он наметавонад ватандӯстии безабону беаслу насаб бошад. Магар мешавад, ки барои мисол, дар баробари забони зиндаи мардуми кишварамон, яъне порсии тоҷикӣ, ин забони ба ибораи Ф.Энгелс, забони ҳӯрони биҳиштӣ, ягон забони дигари аҷнабиро дар ин ватан чун забони давалатӣ ҷорӣ намуд ва аз каломи ширини Рӯдакӣ, забони малакутии Мавлоно ва Ҳофиз даст кашид?! Қудрати ин забон то ҷоест, ки Маликушшуаро Абуабдулло Рӯдакӣ бо як суруди тоҷикӣ амири Бухороро аз Ҳирот ба Бухоро кашид, то идораи давлатро ба дасти худ бигирад ва роҳи қабоили кӯчиро бигирад...

Равшанфикрони дунёи муосир ба андешае расиданд, ки Инсон бе ватани мушаххаси худ (бе «ватани хурд») наметавонад, ки шаҳрванди ҷаҳони бузург - «*шаҳрванди ҷаҳон ё кайҳон*» бошад, чунин инсон инсони бекасу куй, беаслу насл, безабону бебаён, бехонаву дар, инсони муҳоҷир ва дарбадару хонабадуш мебошад. Ҳеҷ боке нест агар ватани мо, ки айни замон хурд ҳам бошад, вале дар асл сарҳади миллии мо бо сарҳадҳои сиёсии мо тамом намешавад. Зеро ба ғайр аз сарҳадҳои ҷуғрофию сиёсӣ, боз сарҳадҳои фарҳангиву таърихӣ вуҷуд доранд. Сарҳади мо, ба қавли шоир Бозор Собир, сарҳади забону фарҳанги мост, ки аз Хутан то Анатолиё дар шарқу ғарб ва аз Самарқанду Бухоро то Деҳливу Мултон дар ҷануб густариш дошда буданд ва ҳоло ҳам решаву андешаи он дар ин минтақаҳо вуҷуд доранд. Дар баробари ин ба мо маълум аст, ки Миллатҳои ба истилоҳ «хурд» ба дунё одамони бузург додаанд.Яке аз аввалин китобҳои муқаддас (баъд аз Ведҳои мардуми ориёии Ҳинд) ва қомуси донишҳои инсонӣ – Авеста дар ҳамин сарзамин, дар Балхи бостон, дар пойтахти давлати Каёниён эҷод шуда буд, дар ҳамин ҷо дини ҷаҳонии зардуштӣ ба дунё эълон гардид, дар ҳамин ҷо баъди шикасти империяи Доро давлати бохтариву юнонӣ қомат афрохт ва аз ҳамин ҷо империяи Кушониёни оташпараст ва баъдан буддоӣ дар шарқу ғарб, ба атрофу акнофи дунё паҳн гардид. Дар ҳамин минтақа дар замони Сомониён дар Бухорову Рай асарҳои безавол, ба мисли «*Шоҳнома*», «*Осор-ул-Боқия*», «*ал-Қонун*» ва «*Донишнома*» навишта шудаанд. Суғду Бохтар аз қадим марказ ва пардозгари фикру андеша буданд. Оини зардуштӣ ҳам дар ҳамин сарзамин ба вуҷуд омадааст. Ин факти таърихиро бозёфтҳои давраи охирини бостоншиносон, аз ҷумла дар Помир ва Турфони Чин собит мекунанд. И.Г. Гердер (1744-1803), як мутафаккири олмонии асрҳои ҳаждаҳу нӯздаҳ дар асараш «*Андеша оид ба фалсафаи таърихи инсоният*»

дар борои миллатҳои аз нигоҳи ҷуғрофӣ густурда ва ҳоло сернуфуз (славянҳо) навишта буд: вусъати онҳо дар замин, нисбат ба мақомашон дар таърих бештар ба назар мерасад! Ин суханҳо ба баъзе аз халқҳои ҳамсояи мо низ нисбат дорад. Дар муқоиса бо дигарон, мақоми тоҷикон дар фарҳанг ва таърих нисбат ба сиёсат ва кишваркушоиву забти сарзаминҳо хеле бештар аст. Вале тоҷикон мардони вазорату сафорат буданд. Расолати тоҷикон дар таърих – ин бозомузии халқҳои омада будааст, ки онҳоро андешаҳои инсондӯстонаи мираизму монавияту зардуштият ва будоӣ омӯзонданд.

**Бунёди ҷомеаи маданӣ зарур аст**. Вале ҷаҳони имрӯз шоҳиди он аст, ки бо ниятҳои поку нопок (ба мисли андешаи мардумсолорӣ ё густариши демократия чун ҷомеаи ормонӣ ва ё бунёди ваҳдати исломӣ ва ғ.) дар дунё корҳои дигаре дар ҷӯшу хурӯшанд. Таърихи навин нишон медиҳад, ки ин гуна кӯшишҳои амалисозии шиорҳои «ваҳдат», «пешрафт», ягонагӣ ва озодӣ, ҳуқуқи инсон кори инсоният дар баробари баъзе пешрафтҳо ба чи бадбахтиҳо ва фоҷиаҳо меанҷоманд. Магар мешавад, ки ба хотири ин андешаҳо (демократия, нажодпарастӣ (фашизм), атеизми ҷанговар, дину мазҳаби ҷиҳодӣ ва ғ.) хонаи дигаронро (дар мисоли *Либиё* ва Сурия) вайрон кард,дар ин замина андеша ва оини ватандории худро ба дигарон бор намуд: хеле беҳтар аст, ки аввал хонаи худро хуб сохт ва ба дигарон кордор нашуд.Дар ин росто диалектикаи ягонагӣ ва гуногунрангии тамаддунҳову инсонҳороба диққат бояд омӯхт ва ба назар гирифт!

Зарур аст, ки озодӣ ва истиқлоли фардӣ ва инчунин истиқлоли миллии ҳар як миллат ва қавму халқият, инчунин озодиҳои аққалиятҳои этникиву забонӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ хифзу нигоҳдорӣ ва эҳтиром карда шаванд ва онҳо ба таври расмӣ аз пуштибонии сахт ва ҷиддии ниҳодҳои ҳуқуқи милливу байналхалқӣ таъмин ва бархурдор гарданд. Мардуми

оддӣ зиндагии оддӣ доранд ва ин зиндагии онҳо набояд бо шиорҳои баланд халалдор карда шаванд. Дар ҳақиқат, чунонки Жан Жак Руссо (1712-1778), мутафаккир ва маорифпарвари фаронсавӣ дар асараш «*Андешаҳо оид ба таъсири илм ва ҳунар*» менависад, ин тӯдаҳои мардумони меҳнаткаш ва мардумони коргари оддӣ мебошанд, ки бо садоқати бедурӯғу самимонаи худ ватандӯстӣ ва идеяи шаҳрвандиро қуввату неру мебахшанд, яъне на фақат нухбагону хосон, ки албатта, дар раванди ватандорӣ мақоми махсус доранд. Вале ватанпарастони асливу воқеӣ мардумони оддианд. Бояд гуфт, ки мутаассифона, хосон (элита) одатан дар вазъи изтирорӣ худро аз ҳалли мушкилот дар канор мегиранд ва бисёр шудааст, ки ба хотири бехатарии шахсӣ ва хонаводагии худ дар лаҳзаҳои тақдирсоз кишварро тарк мекунанд. Дар тафовут би ин оммаҳо як ватан доранд. Вале ватандӯстии мардумӣ ҳам бояд созанда бошад, на сӯзанда ба мисли *дунёдӯстӣ*-и неофашизм (тоссарҳо)-и муосир дар Руссия ё мавҷи глобализатсияи дунёхоронаи абарқудратҳо (глобалистҳои трансмиллӣ). Дар акси ҳол чунин *«патриотизм»и дағал*, зӯровар, шармовар (черносотенҳо-туда ва оммаҳои сиёҳкор) мардумро ба ҷанг мекашонад ва он баъзан дар дасти баъзе аз ашхоси бемасъулияти дастгоҳҳои золими давлатӣ, ба ибораи Л.Толстой, ба абзори зулм ва истибдоди давлати тоталитарӣ (аз боло, ба мисли фашизм) ё зулми трансмиллӣ (аз поён, аз тарафи хадамоти махсуси ҳарбӣ ба мисли ҳаракати ба ном ДОИШ мубаддал мегарданд, ки дар он ҷавҳари қимати ватандӯстӣ, ки муҳаббат аст, нобуд мегардад.

Мушкили замони ҳозир дар он аст, ки дар асри XX-XXI ҷаҳони истеъморӣ баъзе аз аҳкоми исломро чун абзори сиёсӣ бар зидди худи мусулмонон истифода бурда истодаанд. Бояд гуфт, ки ҳоло гурӯҳи хурд, вале қудратманди сармоядори

мусулмонон (барои мисол «*шайхҳои араб*») ҳам дар ин бозӣ ба таври фаъол шариканд, вале оммаҳои мардуми мусулмон аз ин бозиҳои сиёсӣ огоҳии комил надоранд. Маълум аст, ки бо эътирофи шоҳзодаи саудӣ Муҳаммад бинни Салмон ҳаракати ваҳобиро саудиҳо дар замони ҷанги сард бо ташвиқ ва фишори доираҳои қудратманди Ғарб (Британияи Кабир, ИМА) барои суст кардани мақоми низоми коммунисти шӯравӣ густариш дода буданд [7]. Ҷои таассуф аст, ки бо вуҷуди он, ки шӯравӣ кайҳо аз саҳнаи таърих рафтааст, вале бо истифода аз ҷиҳод, ин абзори ҷанги сард дар шакли салафия ҷомеаҳои мамолики дар ҳоли рушд то ҳанӯз ҳам аз дахолати бемавқеи абарқудратҳои ғарбӣ ва шайху давлатҳои халиҷ дарду ранҷ мебинанд. Аз ин ҷост, ки ҳоло ҷойгоҳи нухбагони ватандӯст ва элитаи сиёсиву интеллектуалии миллат махсус аст. Инро дар мисоли фаъолияти Конрад Адэнауэр (1876-1967) ва ҳаммаслакони ӯ- муаллифони «*муъҷизаи олмонӣ*» баъд аз шикасти режими фошистӣ (бо пиёда намудани барномаи додани озодӣ барои ташаббус ва имконияти баробар ба ҳар як фарди ҷомеа, фалсафаи масъулияти иҷтимоии давлат ва риояи ахлоқи масеҳӣ) дидан мумкин аст, ки маҳз элитаи созанда дар охири ҷанги дуюми ҷаҳонӣ баъд аз шикасту рехти бемислу монанд дар солҳои баъдиҷангӣ сабаби аз сари нав ба по хестани давлат ва миллати Олмон гардид. Мисолҳои «*раҳбарияти муваффақ*» дар Шарқ ҳам хеле бисёр аст. Яке аз онҳо таҷрибаи раҳбарии Ли Кван Ю (1923-2015), сарвазири Сингапур, муаллифи «*муъҷизаи сингапурӣ*» аст. Чизи ҷолиб дар «муъҷизаи сингапурӣ» ин аст, ки Ли Куан Ю аз сармояи иҷтимоӣ (социальный капитал)-и худ, ки аз замони мустамликадории англисҳо ба мерос расида буд (аз қабили истифодаи забони англисӣ чун абзори рушди илму технологӣ, илми иқтисоди пешрафтаи ғарбӣ ва системаи ҳуқуқии британӣ) даст накашид. Дар баробари ин Ли Куан Ю

илми иқтисоди Ғарбро барои сиёсатзадигӣ ва барои дарк накардани тафриқаҳои фарҳангии халқҳо ба зери танқид мегирад. Ӯ мавҷи андешаҳои ифротиеро, ки аз давлатҳои арабӣ (ба мисли наҳзати ваххобия ва салафияи саудиҳо) меоянд, барои ҳастии давлат, барои ҳамгироии миллат (интегратсияи миллӣ) хатарзо мешуморид ва онҳоро дар кишвараш напазируфт. Муҳимтарин нукта ин аст, ки Ли Куан Ю иқтисоди миллии Сингапурро дар заминаи сармояи иҷтимоӣ ва фарҳанги миллӣ сохт [4].

Ба ин монанд таҷрибаи рушдро дар мисоли раҳбарияти Муҳотир бинни Муҳаммад (с.тав.1925), сарвазири Малайзия дидан мумкин аст, ки ӯ таҷрибаи идораи иқтисодиёти системаи шӯравӣ (системаи иқтисоди планӣ ва адолати иҷтимоӣ)-ро бо иқтисоди бозории капиталистӣ омезиш дода, тафовути байни фақр ва дороиро ба мизони кам расонид, бо лағви вазоифи воридот (бекор кардани вомҳои воридотӣ) ва ба вуҷуд омадани сармояи бештар дар дасти мардум иқтисоди аграрии мамлакатро ба саноатӣ табдил дод. Муҳотир Муҳаммад мақоми раҳбари давлатро дар идораи оқилонаи мамлакат муҳим арзёбӣ мекунад, зеро раҳбар бо ташаббус ва неруи бузург дар айни замон бояд воқеъбин бошад. Яке аз беҳтарин мисолҳо дар масъалаи раҳбариятро ӯ дар фаъолияти Ден Сяо Пин(1904-1997) мебинад, ки бо истифода аз ду системаи иқтисодӣ як мамлакати қафомондаро ба иқтисоди дараҷҷаи дуввуми ҷаҳонӣ баровард.

Тоҷикистон ҳам аз таҷрибаи талхи ҷанги таҳмилӣ вале ба ном «шаҳрвандӣ», дар асл кудитои русу узбак гузашт (ки ҳоло ҳам аз «вобастагӣ» ба дигарон ранҷ мебарад), вале айни замон хушбахтона заминаҳои бунёдии рушди иқтисодиву иҷтимоии худро гузошта истодааст. Дар ин раванд маълум шуд, ки мақоми давлат, элитаи сиёсӣ ва интеллектуалӣ ва мустаҳкам кардани ниҳодҳои қудратӣ ва бехатарӣ дар раванди

истиқрори сулҳу субот ва таъмини рушд хеле муҳим аст. Таҷрибаи Тоҷикистон ва пеш аз он таҷрибаи Сингапур, Малайзия ва Чин собит сохт, ки ролу мақоми давлат дар баробари дигар ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ камтар нест, балки он дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ ҳалкунанда хоҳад шуд. Пас давлат ҳам яке аз муҳимтарин унсури ҷомеаи маданӣ аст, ки онро дар ин сифат бештар бояд омӯхт. Ба ҳамин монанд, дар баъзе аз мамлакатҳои мусулмонӣ давлат ва артиши он чун унсури ҷомеаи маданӣ чун абзори пешгирии ҳаракатҳои ифротии исломӣ истифода мешаванд (Покистон, Туркия, Миср ва ғ.). Ин нукта собит мекунад, ки назарияи рушди мардумсолорӣ ё *демократии ғайриғарбӣ* асос дорад ва роҳи ғайритақлидии сохтмони демократияи миллиро дастгирӣ бояд намуд (оид ба роҳи ғариғарбии демократия китобу таҳқиқоти хеле зиёд навишта шудааст, аз ҷумла, Даниел Белл, Бевунутура Де Соса Сантос [2].

Таҷрибаи ғайриғарбии рушди мардумсолорӣ шеваҳои зеринро дар бар мегирад: ба назар гирифтани озодии ҳуқуқи миллатҳо, гурӯҳҳо, ҷамоатҳо ва фардҳо барои интихоб (дар мисоли мардумсолорӣ дар Тунис); адолати иқтисодӣ (дар мисоли таҷрибаи мардуми Амрикои Лотин); додани имтиёзҳо барои аққалиятҳо; ҷорӣ намудани шаклҳои алтернативии фаъолият ва намояндагӣ (мардумсолории машрутавӣ-машваратӣ). Чунин таҷриба имкон медиҳад, ки дар ватан мардумсолории худҷӯш бавуҷуд биёяд. Дар ин ҳол ҳисси ватандӯстӣ бояд бо шеваи хоси ҳисси шаҳвандӣ бе истифода аз дахолат ва истилоъи зӯроваронаи давлатҳои абарқудрат ва аз тарафи онҳо бо баҳонаи рушди демократия парогандани ҷанги гумоштагон (*proxy war*-прокси во) дар минтақа ва бад-ин восита ба таври сунъӣ бор кардани моделҳои ғарбии либерализм ва мардумсолорӣ-демократия (таҷрибаи талхи давлатҳои Афғонистон, Ироқ, Либиё, Сурия ва ғ.) муттаҳид

гардад. Решаҳои пешрафти нав ва озоди инсонӣ бояд бе ин шева аз ҳамин замин, аз ҳамин хоку об ва рудҳо ва ниҳоят фарзандони ҳамин ватан қуввави нерӯ бигирад, ниҳодҳои демократӣ бояд бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар заминаи суннатҳои миллӣ ва фарҳанги давлатдории миллӣ тарроҳӣ гарданд. Ба ибораи Иқболи Лоҳурӣ, ки дар боло оварда будем,

*«Мақсади зиндадилон хобу парешонӣ нест,*
*Аз ҳамин хок ҷаҳони дигаре сохтан»!-ҳамин аст.*

Воқеан, аз хоби асримиёнагӣ (дар заминаи пайравӣ ба моделҳои тоталитаризми исломи сиёсӣ, тоталитаризми пролетарӣ, тоталитаризми евродемократӣ ва ғ.) ва шикасту рехти ҷаҳони глобалӣ асри 21-ум (ворид шудан ба ихтилофҳои глобалистӣ, ҷангҳои трансмиллӣ ва прокси, ки аз тарафи гумоштагони абарқудратҳо ба мақсади ҷаҳонгирӣ ва тақсими дубораву чандбораи захираҳои табии Замин пиёда мешаванд ва ғ.) наҷот бояд ёфт. Ин кор, яъне пайдо кардани роҳи наҷот аз ин хатарҳо, ба зиммаи олимон, нухбагони сиёсӣ, дар кулл зиёиён ва қишри нисбатан бедори кишвар гузошта шудааст. Роҳандозии озодиҳои бештари иқтисодӣ, дастгирии сармоядорони миллӣ (синфи миёна) омили рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ хоҳад шуд. Дар ин раванд намояндагон ва пайравони дин бояд қавонини давлати дунявӣ, низоми сиёсии шаҳрвандӣ ва волоияти қонунро ба шиддат ва ҷиддан эътироф ва дастгирӣ намоянд. Маълум аст, ки дин (мушаххасан ислом) дар ҷомеаи мо чун шакли махсус ва қуддусии ахлоқ ҷойгоҳи алоҳидаи худро дорад. Аз ин рӯ, уламои дин бояд дар раванди бунёди ваҳдат, ҳамгироии миллӣ ва ташвиқи ватандӯстӣ иштироки фаъол дошта бошанд. Дар сарчашмаҳои мусулмонӣ омадааст, ки муҳаббат ба ватан аз имон мехезад (*ҳуббул-ватан мин ал-имон*). Дар фазои ҳаёти мусулмонони пасошӯравӣ миллат (умумият дар заминаи асолати қавмӣ) ҳамчун умумияти қавмиву давлатӣ ва

марзӣ ба мисли мусулмонони дигари кишварҳои истеъморӣ, масалан, арабҳо, чун «*бидъати гарбӣ*» шинохта намешавад, балки он чун сармояи иҷтимоӣ (дар мисоли таҷрибаи Ли Куан Ю) эътироф гардидааст. Вожаи имон дар маънои васеъ боварӣ ва эътиқодмандӣ аст. Пас, на фақат ба дин ва арзишҳои он, балки ба ватан ва сарзамине, ки дар он зиндагӣ мекунем, низ бояд на камтар аз он имон дошт. Зеро дин, ба қавли М.Иқбол «*илму ҳаёт аст, на савму салот*» ва он бояд чун шакли шуури ҷамъиятӣ доимо дар хизмати мардум, дар тарбияи равониву ахлоқии аҳли ҷомеа бошад.

Маълум аст, ки ҳар гуна ҳувиятҳо маҳсули таърих ва иҷтимоъ мебошанд, онҳо на азалӣ, балки онҳоро эҷод мекунанд[8]. Зарур аст, ки имрӯз ваҳдати имонии исломӣ ҳам бо ваҳдату ҳувияти қавмии тоисломӣ (дар мисоли тоҷикони тамаддуни ориёӣ) ва ҳувияти навини миллӣ чун бахшҳои як ваҳдат ва ҳуввияти ягонаи шаҳрвандӣ қабул гарданд.Ба зовия кашидани ҳар яке аз ин бахшҳои ҳувият барои миллат хатари вуҷудӣ эҷод мекунад. Зеро набояд бори дигар барои бегонагон ба мисли замони собиқ чунин фурсати муносибе фароҳам сохт, ки аз ислом ҳамчун абзори сиёсӣ бар зидди дорандагони ин фарҳанг истифода баранд ва дар хонаи тамоми мусулмонон оташи ҷанг биафрӯзанд.

Аз сӯи дигар, ҳаётан зарур аст, ки муҳаббат ба ватан сарчашмаи пешрафти тамоми мардум, тамоми қишрҳои ҷомеаи мо гардад, чун ватан ватани тамоми бошандагони мамалакат аст, он танҳо моли сиёсатмадорон ё зиёиён ё олимон, ё танҳо коргарон ва деҳқонон нест. Дар ин замина, барои сармоядорон, ки намояндагони синфи миёнаи ҷомеа мебошанд, низ чунин шароите ба вуҷуд овардан зарур аст, то ки онҳо худро ва сармояи худро дар ватан нигоҳ бидоранд, худро бегона эҳсос накунанд ва сармояи худро бо ҳар роҳе аз ватан берун накашанд. Танҳо дар ин сурат имкон дорад, ки

инсонҳо новобаста ба мансубияти мухталифи забонӣ, равонӣ, ҷинсиву мазҳабӣ, ирқиву нажодӣ, мақоми сиёсиву иқтисодӣ ва ғ. дар паи пиёда кардани ормонҳои баланди миллӣ ва инсонӣ аз ҳуқуқҳои баробаре, ки Эъломияи ҳуқуқи башар эълон ва эътироф намудааст, ба таври баробар ва одилона бархӯрдор гардида дар шукуфоии кишвар саҳми муносиб гузоранд.

**Адабиёт**


1. Адиб Халид. The Politics of Muslim Cultural Reform.Jadidism in Central Asia. Addeb Khalid. London, 1998, 335p.).
2. Белл, Даниэл, Бавенутура Де Coca Сантос ва диг.: Daniel Bell, Beyond Liberal Democracy: Political Thinking for an East Asian Context (Princeton: Princeton University Press, 2006); Boaventura de Sousa Santos, Democratizing Democracy: Beyond the Liberal Democratic Canon (London: Verso, 2005).
3. Саид Э. В. Ориентализм. Западные концепции Востока. изд. 2, исп. и доп. Пер. с англ. - СПб.: 2016.- 671 с.
4. *Ли Куан Ю*. «Сингапурская история. 1965-2000 гг. М.: «МГИМО», 2010.
5. Ниг.:http://khovar.tj/2019/01/bosmachig-hilofi-manfiat-oi-mill-bud-boznashri-ma-olai-professor-atahon-sajfulloev-az-r-znomai-um-uriyat/Бознашр аз руз.«Ҷумҳурият», Январь 14, 2019 14:15
6. Президент Египта сделал шокирующее заявление об исламе. 15 янв.2015. https://www.vesti.ru/article/1718585; М.А.Халил. Перспективы религиозной реформы ислама в свете аксиологических особенностей арабской культуры. Вестник ВГУ. Серия: Философия 12.2.2018. № 1. С.122-129
7. Spread of Wahhabism was done at request of West during Cold War – Saudi crown prince, Published time: 28 Mar, 2018 11:58. https://www.rt.com/news/422563-saudi-wahhabism-western-countries/?fbclid=IwAR1_M5knmn7EwbwtvcIUcW26g7zKdjV_6rGplU6NWn-NkOHmSeBtsSJiT0c.
8. Хоббсбаум,Э. Эҷоди суннатҳо. Eric Hobsbawm, Terence Ranger: *The Invention of Tradition*.Cambridge, 1992
9. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / С. Хантингтон. – М. : АСТ, 2006. – 576 с.

**Нуралӣ САИДОВ**
*Котиби ҳамоҳангсози*
*Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон, номзади илми фалсафа*

# ШӮРОИ ҶАМЪИЯТӢ - МИНБАРИ МУКОЛАМА МИЁНИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

*Бахшида ба 25-солагии таъсисёбии*
*Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Чоряк аср муқаддам дар ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ташаббус ва ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкилоти нави сиёсию иҷтимоӣ – Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон ёфт, ки тайи ин муддат бомуваффақият дар самти ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мусоидат ба таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, эъмори давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ фаъолият намуда, дар баробари мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ масъулият дорад.

Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли ҳамкории сиёсию иҷтимоӣ миёни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар тӯли фаъолияти пурсамари хеш ба минбари муколама, таҳлилу машварат, таҳаммулпазирии диду назарҳо ва табодули назар мубаддал гашта, дар атрофи худ беҳтарин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишварро гирд овардааст.

Фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ дар ҷомеаи имрӯза ба таври васеъ аз тариқи баргузории ҷаласаҳо, мизҳои мудаввар, конференсия, назарсанҷӣ ва семинарҳо дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешавад, ки дар кори онҳо масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, рӯйдодҳои муҳиме, ки дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвар ва ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои ҳаллу фасли масоили мубрами мавҷуда пешниҳодҳои мушаххаси ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар – ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ирсол медорад.

Дар тӯли 25-соли фаъолияти пурсамари хеш Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як мактаби бузурги таҳлилӣ, машваратӣ ва омӯзиш табдил ёфта, дар ин муддат вазифаҳои зеринро ба таври мунтазам ба иҷро расонида истодааст:

- таъмини гуфтушуниди доимии қувваҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ бо мақсади ба даст овардани тавозуни манфиат ва ақидаҳо, ҳамчунин рушди гуногунандешии мафкуравӣ ва сиёсӣ;

- таҳлили вазъияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии (маънавии) ҷомеа, ҳангоми зарурат, муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, гузаронидани ташхис ва таҳлили онҳо, муҳокимаи ҷамъиятии масоили муҳимми иқтисодию иҷтимоии ҷомеа, тағйироте, ки дар он рух медиҳанд, ҳамчунин пешниҳоди таклифҳои мушаххас оид ба пешрафту такмили онҳо;

- таҳияи барномаҳо ва консепсияҳо, ки ба таъмини волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, беҳтар намудани вазъи экологӣ ва ташаккули муҳити зисти

мусоид, инчунин пешниҳодҳое, ки барои таҳкими сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеа нигаронида шудаанд;

- ҷустуҷӯ ва татбиқи шаклҳои нави шарикӣ (ҳамкориҳо), махсусан байни мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин тарафҳои дигари манфиатдор;

- мониторинги ҷараёни иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд;

- мусоидат дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ, сулҳ, ваҳдати миллӣ ва ризоияти ҷомеа, муқовимат алайҳи зуҳуроти номатлуби ҷомеа, мубориза бо терроризм, экстремизм, одамрабоӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, пайравӣ ба арзишҳои бегона ва маҳалгароӣ.

Масъалаҳое, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ мавриди баҳсу муҳокима қарор мегиранд, бо пешниҳоди аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ дар мувофиқа ва бо ризоияти Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардида, дар сурати зарурат масъалаҳои мубрами рӯз дар ҷаласаҳои ғайринавбатии Шӯрои ҷамъиятӣ матраҳ мегарданд.

Раванди муколама дар Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хос аст, зеро ки:

Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятиест, ки дар ҷаласаҳои он ҷонибҳо аз як тараф роҳбарияти олии давлат: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз тарафи дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ – ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, ташкилотҳои динӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бевосита ширкат

варзида, қарорҳои ҷаласаи Шӯро дар асоси усулҳои демократӣ, баробарҳуқуқӣ ва озодона қабул мегарданд.

Созмонҳои аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ дар раванди муколама бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар доираи қонунгузории мавҷуда ва меъёрҳои байналмилалӣ амал карда, назару андешаҳои худро ба ниҳодҳои давлатӣ воқеъбинона ва бо дарназардошти манфиатҳои давлату миллат пешниҳод менамоянд.

Аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ – ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар баррасии масъалаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар фаъолона ширкат варзида, карорҳои ҷаласаҳои Шӯро бо ҷонибдории аксарияти овозҳои иштирокчиён қабул мешаванд. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар байни роҳбарони ҳизбу ҳаракат, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятии узви Шӯро, ихтилофи назар вуҷуд надошта бошад. Борҳо шудааст, ки вобаста ба ин ё он масъала андешаҳои аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ ба таври гуногун баён шудаанд. Лекин вақте ки дар бораи ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амният ва ҳифзи сулҳу субот дар ҷомеа сухан меравад, аъзои Шӯро сарфи назар аз мансубият ба ҳизбу созмонҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳаммарому ҳамақидаанд ва якдилона манфиатҳои миллии кишварро аз манфиатҳои ҳизбӣ, гуруҳӣ, мазҳабӣ ва минтақавӣ боло гузошта, сиёсати ҳукумат ва давлати Тоҷикистонро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Дар фаъолияти Шӯрои ҷамъиятӣ танқид чизи муқаррарист, зеро узви Шӯрои ҷамъиятӣ роҳбарони ташкилотҳои бонуфузи ҷамъиятӣ, ашхоси саршиноси сиёсӣ-ҷамъиятӣ, зиёиёни соҳибақида, озодандеш, олимони гуногунандеш ҳастанд, ки доир ба масъалаҳои мубрами ҷомеа фикру андеша ва мулоҳизаҳои худро доранд.

Ба назари аввал чунин менамояд, ки созмонҳои аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ ҳокимияти давлатиро бо дарназардошти дарки субъективии худ танқид мекунанд: гӯё ҳадафи асосӣ ва бахши фаъолияти онҳо фақат аз танқид иборат бошад, вале дар асснои муколама аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ кӯшиш мекунанд, ки аз доираи усули созанда, воқеъбинона ва одилонаи танқид берун нараванд ва ба иззати нафси шахсиятҳо нарасанд. Ба яқин интиқодҳои иброзшуда дар ин муколамаҳо ба манфиати эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат менамоянд.

Ҳадафи интиқод фақат барои нуктагирӣ нест, мақсад аз он иборат аст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ якҷо амал намуда, нуқсу норасоиҳоро бо ёрии ҳамдигар бартараф намоянд.

Вобаста ба вазифаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ масъалаҳое, ки мавзӯъҳои онҳо, ба таври мунтазам давра ба давра баррасӣ мегарданд, ба рӯзномаи ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ ворид гардида, аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳогузорӣ шуда, нуқтаи назари Шӯрои ҷамъиятӣ мушаххас мегардад. Иловатан масоили мубраме, ки характери консептуалӣ доранд ва дар сатҳи сиёсати умумимиллӣ муҳим арзёбӣ мешавад, дар ҷаласаҳои Шӯрои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, аз ҷумла:

- шарҳу эзоҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 26.01.2021 аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- ба сифати шарики боэътимоди давлат иштирок ва мусоидати Шӯрои ҷамъиятӣ дар амалӣ шудани барномаву нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии лоиҳаи "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" ба сифати марҳилаи дувуми

“Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030” аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- ҳамкории ҳар чи бештари аъзои Шӯрои ҷамъиятӣ бо қишрҳои мухталифи ҷомеа ва иштироки фаъолонаи онҳо дар раванди амалисозии чор ҳадафи стратегии давлат-таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва саноатикунонии босуръати кишвар;

- тарғиби ҳамаҷонибаи моҳият ва аҳамияти ташаббуси нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи “Даҳсолаи байналмиллалии амал “Об барои рушди устувор” солҳои 2018-2028” аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, рӯзноманигорон, кормандони шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои дигари ахбори оммаи ғайриҳукуматӣ, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- мониторинги ҷараёни иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат бармеоянд;

- нақши интихобот дар таҳким ва густариши демократия дар Тоҷикистони соҳибистиқлол;

- ба роҳ мондани фаъолияти муназзами Шӯрои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади таъмини волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои давлат, гирифтани пеши роҳи қочоқи маводи мухаддир ва нашъамандӣ, паст кардани шиддати ҷинояткорӣ дар кишвар;

- масъалаҳои кор бо ҷавонон, занону бонувон, гендерӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳимояи фарҳанги миллӣ;

- баррасии барномаҳо, стратегияҳои давлатӣ ва лоиҳаи қонунҳои нав аз нигоҳи ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Дар соли ҷорӣ Шӯрои ҷамъиятӣ таҳлилу баррасии масъалаҳои зеринро дар Нақшаи кории худ дохил кардааст:

1. Мубориза бар зидди воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллии тоҷикон, хурофоту иртиҷоъпарастӣ ва тақлид ба расму ойинҳои бегона миёни ҷомеа дар доираи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мизи мудаввар дар мавзӯи "Таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон. Ҷанги иттилоотӣ ва моҳияти он дар шароити ҷаҳонишавӣ".

3. Муаррифии арзандаи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути рушди соҳаи сайёҳӣ дар давраи ташаккули низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ.

4. Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Ҳамкории Шанхай: густариши ҳамкорӣ баҳри субот ва рушду инкишоф. Бахшида ба 20-солагии таъсисёбии СҲШ ва Раёсати ҶТ дар СҲШ солҳои 2020-2021".

5. Масъалаҳои соҳибкасб кардани аҳолӣ, ихтисоси ҳунарҳои нав ва касбҳои коргарӣ, инчунин паст намудани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ.

6. Баррасии лоиҳаи "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солиҳои 2021 – 2030" ва нақшаи амалисозии он дар солҳои 2021-2025.

7. Саҳми ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон дар амалисозии сиёсати хориҷии кишвар.

Бо гузашти солҳо маълум гардид, ки Шӯрои ҷамъиятӣ рисолати хешро дар ин муддати начандон тӯлонӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом дод ва ба неруи сиёсиву зеҳнии ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт.

Шӯрои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди бонуфузи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар муддати фаъолияти худ барои ба вуҷуд овардани фазои

мусоид дар муколамаи ҳақиқии байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар дар амалисозии сиёсати давлатӣ, сулҳу Ваҳдат ва ризоияти ҷомеа, рушди демократия ва гуногунандешӣ саҳми арзишманд гузошт ва ин вазифаи муҳимро идома хоҳад дод.

### Адабиёт


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ» 2016. -135 с. (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ)
2. Низомномаи Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2018 – 30 с.
3. Неруи муттаҳидкунандаи миллат. – Душанбе: Шарқи озод, 2011. – 320 с. (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ).
4. Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри махсус, №1 (19) Душанбе, 2017. – 168 с.
5. Илм ва Ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ, №3 (21) 2020. – 255 с.

**Аслиддин САЛИМОВ**
*сиёсатшинос*

## АНТРОПОЛОГИЯ, ПСИХОЛОГИЯ ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

Баҳснопазиртарин ҳақиқати зиндагӣ дар он аст, ки ҳар инсон дар тамоми умри худ танҳо як қаҳрамонӣ мекунад, яъне ӯ Шахсияти худро бунёд мекунад. Ин шахсият новобаста аз он, ки муаллифи тақдири худ аст ё не маҳсули амалкардҳои хеш мебошад. Инсоне, ки худро шинохта наметавонад, метавонад зери худшиносии дигарон қарор гирад. Нигоҳи антропологӣ муътақид бар он аст, ки агар сарнавишти худро ба даст нагиред, бояд эътирозҳам накунед, ки дигарон онро ба даст мегиранд. Аммо ин фикрро дар сухан эътироф кардан як чиз буда, онро дар ҳар як мавриди ҷудогона ва дар ҳар як соҳаи муайяни зиндагӣ татбиқ кардан чизи дигар аст. Ҳамакнун эътироф бояд кард, ки дар назди илмҳои антропология (инсоншиносӣ), психология (равоншиносӣ) ва психоанализ мундариҷаи бой ниҳон аст. Дар замири ин донишҳо ҳаёти инсон ниҳон аст. Ҳамаи фикрҳои бузурге, ки то ҳол барои шинохти инсонҳо баён шудаанд дар маънои умум нисбӣ мебошанд. Мутлақ нестанд. Асосӣ воқеӣ ва ғайривоқеӣ доранд. Фикри асосӣ дар бораи он ки тамоми пешрафти таърихи инсоният маҳсули "идея", "фикр" ва "қобилияти шинохт" буд дар шуури ҳамаи одамон дар шакли баробар ҷой нагирифтааст. Яъне ба фикр такя намуда ва воқеиятро мувофиқи фикр барпо мекарда бошад. Ҳамон Анаксагор нахустин шуда гуфта буд, ки оламро Nus яъне, Хирад идора мекунад, лекин фақат акнун дар замони пасомодернизм инсонҳо ба дараҷаи эътироф намудани чунин нуктае расиданд, ки "фикр бояд воқеияти рӯҳиро идора кунад".

Инсон ҳамон чиз мешавад, ки дар фикронааш ҳаст. Фикр ин чиз аст. Мазмуни идеявии он дар шакли материалӣ зуҳур мекунад. Он ҳамчун организми зинда хосияти диалектикӣ дорад. Метавонад догматизм бошад, фиреб диҳад ва баръакс... Дар баъзе маврид реалӣ ва дар ҳолатҳои дигар характери хаёлӣ (утопиявӣ) мегирад. Чунин эътиқод, ки инсоният ҳеҷ набошад дар вақти ҳозира дар маънои умум ба пеш меравад, бо баҳамзиддии фикрҳо, эҳсосҳо, орзуҳо ва ба рушди идея ва идеалҳо алоқамандии зич дорад. Баҳси мақола низ аз нигоҳи мантиқ ва методологияи инсоншиносӣ ва феноменологияи равоншиносӣ баён кардани қонуният ва образҳои тафаккур, фикр, рӯҳ ва хусусиятҳои марбут ба он дар ҷаҳони имрӯз аст. Ҳамакнун дар ҷаҳони имрӯз рушд кардани антропологияи худӣ ва психологияи худӣ рақобатҳоро дар ҳар як соҳаи муайян ба вуҷуд овард. Рақобатҳо эгоизм нестанд. Аммо рақобатҳои носолим характери эгоистӣ доранд.

## Фалсафаи шинохт

Баҳсангезтарин ҳақиқати зиндагӣ, фалсафӣ дар он аст, ки Инсон ба хотири чӣ ва чаро зиндагӣ мекунад?... Мо аз куҷо омадаем, то ҷое медонем, аммо ба куҷо равонем инро то ҳадди охир дониста наметавонем. Лекин бояд донем, ки дар куҷо истодаем, дар кадом сатҳ қарор дорем... Агар мо ҳама хосиятҳои равонӣ, ақлонӣ ва фикрии инсонро медониста бошем, пас мо худи инсонро ҳам медонем. Дар ин маврид Гегел мегӯяд: "баъзеҳо гумон мекунанд, ки одамро табиатан некхӯ аст гуфта, бо ҳамин фикри фавқуллода чуқуре баён карда бошанд; вале онҳо фаромӯш мекунанд, ки одам табиатан бадхӯ аст гуфтан фикри хеле чуқуртар аст". Фикр мекунам чунин вазъ, дар он зуҳур меёбад, ки агар инсонҳо табиатан некхӯ мебуданд, идеяҳои адолат, озодӣ ва баробарӣ тамоман пайдо намегардиданд. Ин идеяҳо барои он ба вуҷуд

омаданд, ки худи ҳамин инсонҳо нисбат ба ҳамдигар бадиро раво диданд. Аз ин ҷо ба чунин хулосае мерасем, ки то ҳол мо тамоми асрори маънавӣ, фикрӣ ва ботинии инсонро кашф накардаем. Дуруст аст, ки ба ҳосил кардани дониши саҳеҳ дар бораи табиати инсон ва расидан ба моҳияти он ҳанӯз хеле вақти зиёд ҳаст. Вақте ки инсон аз батни табиат баромад, на ин ки инсон, балки фақат махлуқи табиат буд. Инсон маҳсули инсон, маҳсули меҳнат ва маданият, маҳсули идея ва таърих аст. Ҳаёт барои ҳамаи мо имкониятҳои бузург медиҳад, вале мо маҳз бо сабаби нашинохтани имконият онро аз даст медиҳем. Худ як лаҳза зинда будан имконият аст. Имконият барои номи ҷовидон гузоштан ва ғайра. Инсоне, ки дар ин роҳ мақсади дақиқ дорад, ҳатто бо вуҷуди монеаҳо ӯ боз ба пеш меравад. Худро бунёд мекунад. Инсоне, ки ҳадаф надорад, ҳатто дар роҳи рост ҳам наметавонад ба пеш равад. Некӣ кунад. Зиндагӣ бемақсад намешавад. Предмети ҳар як мақсад аз рӯи зарурат ба худи мақсад айният дорад.  Аз ин рӯ, мо тарафдори фикри боадолат ҳастем. Аммо будани фикри шахсиро зарур медонем. Яке аз аломатҳои шахсияти худогоҳ низ ҳамин аст. Ба назар хатарнок менамояд, агар инсон аз як нуқтаи назар ба ҷаҳон нигоҳ мекунад. Адолат натиҷаи шинохт аст. Инсоне, ки қобилияти шинохт надорад, нисбати инсонҳо боадолат рафтор карда ҳам наметавонад.

### Ояндаи инсон чист?

Футурология ё худ оянданигарии илмӣ соҳаест, ки равандҳои ақлнорасӣ сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро бо истифода аз метод ва методологияи илмӣ пешбинӣ ва хулосабарорӣ мекунад. Он на ба саволи “мо аз куҷо омадаем?” балки “мо ба куҷо равонем?” посух додан мехоҳад. Аммо ба назар муҳим он аст, ки ба суоли “мо дар кадом сатҳ қарор дорем?”, ҷавоб диҳад. Донистани он, ки донишҳои молиявӣ,

равонӣ, техникӣ ва сиёсӣ дар кадом сатҳ қарор доранд, аз нигоҳи илмӣ муайян гарданд, қудрат ба посух додани "ояндаи инсон чист?" – маълум мегарданд. Дар ҳамин маъно "инсоният ҳамеша ба пеши худ фақат чунин вазифаҳоеро мегузорад, ки ба ҳалли онҳо қодир бошад, зеро... худи вазифа танҳо дар сурате, ки шароити материалии ҳалли вай вуҷуд дорад ва ё, ҳеҷ набошад, дар ҳолати пайдошавист, ба вуқӯъ меояд"[2.8]. Индивидуализм (фардгароӣ) яке аз асолатҳои замони мо буда, он шарти кулли ҳаёти инсонӣ дар шароити "либерализми иқтисодӣ" маҳсуб меёбад. Индивидуализм ва модернизм (навпарастӣ) падидаест, ки аз шуури инсонҳо "тақдирпарастӣ" "такя ба қувваҳои осмонӣ" ва дигар идеяҳои қафобарандаро баркандан мехоҳад. Дар ҳамин замина худи ин ду падида амнияти муносибатҳои иқтисодиро дар имконият баробар карда наметавонанд. Агар оптимистона назар андозем ҳеҷ гоҳ дар ҷаҳон ба монанди имрӯз барои сарватмандшавӣ ва либерализми иқтисодӣ шароит фароҳам нарасида буд. Аммо ин имконият аз рақобат озод нест. Рақобат – ин озмуни саноатӣ, тарзи озодии индивидуалӣ, масъулият дар меҳнат, муқаррар кардани арзиш, шарти фаро расидани идеалҳои баробарӣ, талаботи муҳимтарини рӯҳи инсон, категорияи иқтисодӣ аст. Аммо бояд иқрор шуд, ки масъала нигоҳи нисбиро талаб мекунад. Ҳама чиз дар ҷаҳон (мафҳумҳои озодӣ, баробарӣ, адолат, сулҳ, муҳаббат, нафрат, сарватмандӣ, саломатӣ ва ғ) нисбӣ ҳастанд. Мутлақ нестанд. Инсони солимро зарур аст, ки меъёрҳои гедонизм (худиҳозатдиҳӣ) ва аскетизмро (худмаҳдудкунӣ) риоя кунад. Ҳар чизе ки аз меъёри ақлонӣ мегузарад, дар охир худи ҳамон чизро аз байн мебарад. Песимизм нест, агар инсон ба оянда эҳтимолан назари хуб баён намекунад. Оптимизми хушку холи мисли орзу кардани идеалҳои амалинашаванда аст.

## Илм ва қобилияти шинохт

Илм дар асри XXI қудрати беинтиҳо доштани худро исбот карда бошад ҳам, Синои ҳар дард набуданашро низ тасдиқ намуд. Рушди антропология ва психология аз раванди дониш, аз инкишофи дуру дарози таърихии илм иборат аст, ки ин илм аз зинаҳои пасти дониш дар шакли эволютсионӣ ба зинаҳои баландтар мебарояд. Аммо ҳеҷ вақт ба ҳамон нуқтае намерасад, ки аз он ҷо вай ҳақиқати мутлақ ном чизеро ёфта, дигар пеш намерафта бошад. Мисоли одии он интернети оламшумул аст. Бинобар ин "Хотимаи таърих ва инсони охирин" ном асарҳо ва идеяҳо дар асл утопия (хаёл) мебошанд. Ба ҳамин монанд орзу кардани "ҷомеаи мукаммал" ва "инсонҳои мукаммал" фақат дар хаёл ҷой дошта метавонанд. Чунин фикр бовариро нисбат ба заковат, тавоноӣ, рӯҳ ва иқтидори инсон яктарафа намесозад.

Дар шароити муосир, ки на танҳо барои мустақар шудан дар кайҳон имкониятҳои техникӣ пайдо мешаванд, балки эҳтиёҷоти иқтисодӣ ва бухрони иқтисодӣ ин имконотро мунтазам талаб менамояд. Ба кайҳон баромадани инсон – дар ниҳояти кор зарурати иқтисодию иҷтимоист, ки унсурҳои он тадриҷан ба шуури ҷамъиятӣ роҳ ёфта истодаанд. Бояд иқрор шуд, ки омӯхтани проблемаҳои кайҳонӣ ба таъмини амният, осудагӣ ва фароҳам овардани шароитҳои иқтисодӣ муосоидат накард, балки ба манфиатҳои геополитикӣ хидмат намуд. Дар заминаи "чунин як ҳолати нозуки дунёи ҳозира муаммои қадимтарин – тақдириояндаи инсоният аз ҳарвақта дида барҷастатар ва ҷозибаноктар ба миён омад"[3.75].

Дар раванди чунин шакл гирифтани шуур ва равони ҷамъиятӣ фардро зарур аст, ки бо «зиреҳи ақл ва истеҳкоми рӯҳ зиндагии худро аз балою офат эмин бидорад»(Шекспир). Аммо гурез аз воқеият роҳи наҷот аз ҳалокат нест. Мо ҳамагон акнун андаруни як киштӣ нишастаем. Киштие, ки ба гуфти

файласуфи кайҳоншинос Акбари Турсон чунон нозук ва ноустувор бувад, ки шояд аз як такони ногаҳонӣ чаппагардон шавад [4]. Хотирнишон бояд кард, ки дар илм фиребгарӣ кардан ва аз ҷиҳати сиёсӣ замонасозӣ кардан нашояд. Олим бояд барои башар хидмат кунад. Фарзанди башар бошад. Олими ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ ба мисли ҳамаи одамони шуҳратпараст фақат дар пайи муваффақияти яклаҳзагӣ, дар пайи таассуроти ҳаяҷонбахш намебошад. Бояд олим ба назар гирад, ки ҳар як идея, назария ва кашфиёти ӯро инсоният барои чӣ истифода мебарад. Оё инсонҳо ба чунин камоли маънавие расидаанд, ки дастоварди олимро дар роҳи худкушӣ неву балки фақат дар роҳи хушбахтӣ истифода баранд?!... Илм бояд пеш аз ҳама барои инсон хидмат кунад. Рисолати олим ва вазифаи илм низ аз ҳамин иборат аст.

## Психологияи шинохт

Таърихи ақлонии инсоният гувоҳ аст, ки инсонҳо бо сабаби қобилияти инсоншиносӣ надоштанашон ва бо хешу таборон муносибат карда натавонистанашон, ба нокомиҳо дучор шудаанд. Иқрор бояд шудки инсонҳо гоҳо тавонманди ва қобилияти шинохтани дигарон он тараф истад, ҳатто барои шинохти худ низ оҷизӣ мекашанд. Гоҳо мо ба инсонҳои бузург бо чашми кам менигарем. Ҳатто баъзеҳо гумон мекунанд, ки танҳо олимону шоирони гузашта бузург буданд. Чунин фикр аз сустии ҷаҳонбинӣ ва инсоншиносии мо сарчашма мегирад. Мо бояд ба иқтидори инсон шак наорем. Аммо фикр мекунам, воқеияти психологӣ ҳаргиз чунон атрибуте нест, ки дар ҳар вазъият ва дар ҳамаи замонҳо ба тартиботи муайяни ҷамъиятӣ ё сиёсӣ хос бошад.

Аз назари антропологияи иқтисодӣ, “аммо агар тамоми сарватҳои одами сарватмандро аз дасташ гиред ҳам, ӯ баъди ним сол аз сари нав сарватманд мешавад. Агар ба одами

бебизоат сарвати зиёд диҳед, ҳам баъд аз ним сол ӯ тамоми сарваташро барбод дода, боз аз нав камбағал мегардад"[1]. Мисоли мазкур нишон медиҳад, ки нодорӣ ва сарватмандӣ ҳолати ботинӣ, тарзи афкор, идея ва мансуб ба қобилияти шинохт мебошад.

**Як рӯз зиндагон туро ҳам ёд мекунанд...**

Аз он вақте ки дар осмон офтоб фурӯзон буда, дар гирдаш сайёраҳо чарх мезананд, ҳеҷ гоҳ дида нашудааст, ки одамони бузурги таърихӣ бо вуҷуди маҳдудиятҳои муҳити иҷтимоӣ аз мақсадҳо ва орзуҳояшон даст кашида бошанд. Гумилёвро се маротиба бегуноҳ зиндон карда буданд. Мотсарт зиёда аз шашсад мусиқа эҷод кард, аммо дар маргаш ҳамсараш маблағ наёфт, ки гӯронад. Маркс бо вуҷуди иқтисоддони бузург будан, фарзандонаш аз гуруснагӣ азият мекашиданд... Ин гуна мисолҳо охир надоранд. Вақте ки тани хоки ҷон дода мемирад, фикри ҳамагон ба якборагӣ тағйир меёбад. Пас аз чанд лаҳза инсонҳо эҳсос мекунанд, ки фалонӣ чи қадар инсони бузург буд...

Маҳз ба ҳамин хотир, инсон сохтан, инсон будан ва инсонро шинохтан аз муҳимтарин ва мураккабтарин вазифаҳои фарзандони бани башар аст. Фаҳмидани он мушкил нест, ки тамоми кӯшишҳои идеалии олимон, нависандагон аз оғоз то ба имрӯз барои сохтани инсон аст. Ҳадафи ниҳоии тарбия низ инсонсозӣ аст. Инсон будан дар маънои фалсафӣ ин сохтани ҷаҳонбинии солимро дар назар дорад. Аммо ҷаҳонбинӣ ба ҳамон андоза агар васеътар бошад, ҳамон мартаба шахсияти одам дар ҷомеа ба мақоми баланд эътироф мегардад. Барои сохтани инсон донистани арзишҳои вуҷудии он кам аст. Болотар аз он нақши муҳити иҷтимоӣ ва истеъдоди табиӣ чизи аз ҳама асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳақиқати ҷаҳони имрӯз тасдиқ мекунад, ки сохтани ҷаҳонбинӣ ин дар умум сохтани

ҳаёти инсон аст. Ҳеҷ чиз арзишмандтар аз ҳаёти инсон нест. Мо бояд аз корҳои бузург андешем ва корҳои бузург бикунем.

## Адабиёт


1. Давлатов С. Ман ва пул. – Душанбе., 2011.
2. Маркс К. Критика политической экономии, М., 1958.
3. Турсунов А. Инсон, Атом, Кайҳон. Душанбе, 1967.
4. Турсунов А. Банди фалак. Душанбе, 1976.

**Нозим НУРЗОДА**
*ходими пешбари илмии АМИТ*

# МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ: АЗ СУННАТПИСАНДӢ ТО БА ОЗОДАНДЕШӢ

*Сари ҳар кас, ки гарм аз бодаи Мансур мегардад,*
*Ба чашмаш чӯби хушки дор нахли Тур мегардад.*

*Соиби Табрезӣ*

Дар бораи шахсият ва мероси Мансури Ҳаллоҷ, ҳарчанд ки зиёд гуфта ва навиштаанд, ҳанӯз ҳам ҷойи баррасӣ ва андешидан дар атрофи ин шахсияти ирфони миллӣ боқист, чаро ки ӯ шахсияти чандбуъда будааст ва ин гуна шахсиятҳоро наметавон дар чаҳорчӯби як таълимот ва мафкура ва ё як қолиби ирфону тасаввуфи исломӣ маҳдуд кард. Муҳаққиқон ва донишмандоне, ки сари шахсият ва осори Мансури Ҳаллоҷ омӯзишу пажӯҳиш кардаанд, ба шахсияти чандбуъдии Ҳаллоҷ ишора кардаанд ва бар ин асос шахсият ва афкори ӯро наметавон берун аз замон ва шароити зистии ӯ баррасӣ кард. Муҳимтар аз ҳама, шинохти замон, ҳаводиси таърихӣ, рухдодҳои сиёсию иҷтимоӣ ва авзои давр дар шинохт ва ташхиси шахсият ва андешаву биниши Ҳаллоҷ аз ҳар ҷиҳат мусоидат мекунанд. Гузашта аз ин, баррасӣ ва бозбинии масъалаи қатли Мансури Ҳаллоҷ, ки дар баробари иллатҳои ақидатию динӣ, ангезаҳои сиёсию миллӣ низ дошт, на танҳо талаботи илмию ихтисосӣ, балки зарурати имрӯзист.

Масъала ин аст, ки Мансури Ҳаллоҷро ба хотири озодандешӣ, ҳувиятпарастӣ, фаро рафтан аз фармудаҳои шаръии замон ва нишон додани ҷасорати фавқулода дар баробари шариатмадорону сиёсатмадорони давр, ки ҷилави салтанат ва ҳукумат дар дасташон буд, ба қатл маҳкум намуда,

ба фаҷеътарин шакле аз байн бурданд. Қавлу гуфтаҳои Мансури Ҳаллоҷ, ки аз ҷуръату ҷасорати шахсии ӯ сарчашма мегирифтанд, бинои зулму истибдоди ҳукуматдорон ва хушкандешии мазҳабиро ба ларза меовард ва аз тарафи дигар, Ҳаллоҷ дар қаламрави ҷуғрофиёи исломӣ намояндагӣ аз фарҳанги форсу тоҷик мекард ва бо ҷуръату ҷасорат дар ин масир гом бармедошт. Ҳаллоҷ бо истифода аз донишу маърифати фарогир тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ дар ҳавзаҳои фикрию ақидатии замон соҳибобрӯ гардад ва шариатмадорон аз ин парвози фикрию эҷодии ӯ ба танг омаданд ва дар пайи шикаст ва заволи ӯ шуданд. Аз ҳама муҳим, дар барандохтани Мансури Ҳаллоҷ ангезаҳои сиёсию миллӣ муассиртар будаанд, варна мисли ӯ сӯфиёни дигар ҳам дар қолиби шатҳиёт (густохиҳои сӯфиёна) даъвифурӯшӣ мекарданд, чаро онҳо мавриди хашму ғазаби мутаассибини давр қарор нагирифтанд ва ба қатл маҳкум нагардиданд? Ин аст, ки дар қазияи марги Ҳаллоҷ ангезаҳои миллӣ (манзур аз миллияти иронитабор будани Ҳаллоҷ ва ба ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ пайвастани ӯ) асосианд. Бинобар ин, ҳолу ҳавои замонӣ ва ҳассосиятҳои даврӣ дар таҳаввулоти фикрию шахсиятии Ҳаллоҷ муҳиманд.

Дар бораи Ҳаллоҷ ва андешаву афкори ӯ шарқшиносону донишмандони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Луи Масинюн, Е.Э. Бертелс, Ҳерберт Мейсон, Атоуллоҳи Тадайюн, Ҷамшеди Азимпур ва дигарон таҳқиқот анҷом дода, доир ба паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ ва афкори ин орифи бузурги миллӣ изҳори назарҳои ҷолибе кардаанд. Ҳанӯз соли 1907 шарқшиноси машҳури фаронсавӣ Луи Масинюн (1883-1962) дар бораи Ҳаллоҷ таҳқиқоти муфассале анҷом медиҳад, ки он соли 1975 дар шакли комилтаре таҳти унвони "Масоиби Ҳаллоҷ" (мусибатҳои Ҳаллоҷ) ба нашр мерасад (ҳамин таҳқиқоти Луи Масинюн бо номи "Мазҳаби Ҳаллоҷ" ба забони форсӣ

тарҷума ва нашр шудааст) ва аз ин тариқ доманаи таҳқиқ дар заминаи ҳаллоҷшиносӣ густурда мегардад. Шарқиноси машҳури Шӯравӣ Е.Э. Бертелс дар таҳқиқоти муфассали худ "Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф" роҷеъ ба Мансури Ҳаллоҷ бахше мухтасар таҳти унвони "Ҳаллоҷ ва таълимоти ӯ" ҷудо кардааст (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.36-39). Шарқшиноси ғарбӣ Ҳерберт Мейсон доир ба зиндагинома ва шахсияти Мансури Ҳаллоҷ рисолаи мухтасари вежае бо номи "Ҳаллоҷ" (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. 119 с.) таълиф намудааст. Ҳамчунин, донишманди иронӣ Атоуллоҳ Тадайюн (ниг.: Тадайюн, Атоуллоҳ. Ҳаллоҷ ва рози Аналҳақ. –Теҳрон, 1370) ва муҳаққиқи тоҷик Ҷамшеди Азимпур (ниг.: Азимпур, Ҷамшед. Сафири Хуршед. –Душанбе: Кайҳон, 2008. -320 с.) низ дар ростои ҳаллоҷшиносӣ корҳои назаррасе ба сомон расонидаанд.

Дар бахши иҷмолии китоби худ шарқшиноси машҳури шӯравӣ Е.Э.Бертелс исми комили Ҳаллоҷро Абулмуғайс Ҳусайн ибни Мансур ибни Муҳаммад Байзовӣ Алҳаллоҷ меоварад ва таваллуди ӯро дар соли 244 ҳиҷрӣ (858 мелодӣ) дар рустои Тур, наздикии Байзои Форс мушаххас мекунад (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.36). Ҳамин ишoраро шарқшиноси аврупоӣ Ҳерберт Мейсон тазаккур дода, бар асоси иттилооти "Таърихи Бағдод" меафзояд, ки Ҳаллоҷ аз падар ва модаре иронӣ зода шуда, номи Ҳусайнро ба вай падари тозамусулмоншудааш дода будааст. Падарбузургаш Маҳаммо дар ойини зардуштӣ монда буд. Лақаби Ҳусайн Абуабдуллоҳ буда, исми пуррааш аз тариқи зайл аст: Абуабдуллоҳ Ҳусайн бинни Мансур бинни

Муҳаммо Байзовии Бағдодии Ҳаллоҷ (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.14). Тахаллус ва нисбаи “Ҳаллоҷ” ба ӯ аз падар ва касби падарӣ, ки ба ҳаллоҷӣ машғул будааст, мерос мондааст. Аз ин ҷост, ки падараш ҳаллоҷӣ мекардааст ва Ҳусайн низ гоҳ-гоҳ ба ҳаллоҷӣ машғул мешудааст (ҳаллоҷ касест, ки ба воситаи дастгоҳи махсус пунбаро аз пунбадона ҷудо мекунад, ҳамчунин пунбазанро ҳам ҳаллоҷ мегӯянд – ниг.: Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсии Муин (якҷилдӣ). Теҳрон: Фарҳангнамо, 1386. С.435). Назари дигар ин аст, ки лақаби “Ҳаллоҷ”-ро ба ӯ муридонаш додаанд ва ҳангоми сафарҳо ба Ироқу Ҳинд бо ҷамъи шогирдон суҳбатҳо мероояд ва онҳо ин лақаб (Ҳаллоҷ)-ро ба ӯ ихтисос медиҳанд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.84).

Ҳаллоҷ соли 873 ба шаҳри арабии суннинишини Восит (дар ҷануби Ироқ) омада, таҳсилоти ибтидоии диниро аз равияи ҳанбалиён оғоз мекунад. Ӯ тайи солҳои 260 – 284 ҳиҷрӣ (873-897 мелодӣ) зери назари чанд тан аз шайххои сӯфӣ, аз ҷумла Ҷунайди Бағдодӣ ба омӯзиши тасаввуф пардохт. Пас аз ҳалқаи онҳо ҷудо шуд ва ба сафар баромада, мустақилона ба таблиғи таълимоти тасаввуфӣ пардохт. Ҳаллоҷ ба Аҳвоз, навоҳии Форс, Хуросон, Осиёи Миёна ва Ҳинд сафар карда, дар соли 296 ҳиҷрӣ (908 мелодӣ) аз роҳи Макка ба Бағдод бозгашт ва дар он ҷо шогирдонеро даври худ ҷамъ овард.

Шеъри арабии куҳан, ирфони исломӣ ва беадолатиҳои иҷтимоии замон дар таҳаввулоти фикрӣ ва ақидатии Мансури Ҳаллоҷ таъсири амиқ гузошта, ӯро ба сифати як шахсияти вораста аз қайдубандҳои хушки мазҳабӣ дар минбари баҳсу мунозираҳои шадиди ақидатӣ, ки бештар маврид ба озору шиканҷа ва қатлу куштори мубоҳисон меанҷомид, қарор дод. Аз тарафи дигар, ошноии Ҳаллоҷро бо фалсафаи юнонӣ

метавон аз тарзу равиши таълимоти ӯ дар бораи ҳастӣ ва мабдаи мавҷудот пай бурд (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.37). Чун дар ибтидо Ҳаллоҷ як суннигаройи сарсахте буд, ба доираи андешаҳои халифаи шиӣ афтида, бо маркази тарҷимаи "Дорулҳикма"-и Бағдод ошно гардид, ки масъулини он ба тарҷима ва нашру пахши илму фалсафаи юнонӣ машғул буданд. Дар зимн, ошноӣ бо ин мактаби фалсафӣ ва илмӣ Ҳаллоҷ ва дигар сӯфиёни суннатгароро аз назари фикрию зеҳнӣ тағйир дод ва нуфузи вожагони фалсафӣ ва шеваи ҷадалиро дар фаъолиятҳои минбаъдаи тадрисию мубоҳисавии онон заминагузорӣ намуд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.18). Чун тарзи таълиму тадрис ва таблиғи Ҳаллоҷ аз соири сӯфиёну рӯҳониён фарқ мекард, ба зудӣ мавриди фишор ва таҳоҷуми гурӯҳҳои мухолиф қарор гирифт. Оқибат дар соли 309 ҳиҷрӣ (921 мелодӣ) Ҳаллоҷро ба муҳокима кашониданд. Муҳокимаи Ҳаллоҷ ҳафт моҳ тӯл кашида, дар поён ӯро ба марг маҳкум карданд ва рӯзи 26 марти марти соли 922 (дар баҳори соли 309 ҳиҷрӣ) ба фаҷеътарин тарз ба қатл расониданд: аввал зери зарбаҳои тозиёна маҷрӯҳаш карданд, сипас ба чаҳормех кашиданд, баъд гардан заданд ва баданашро дар оташ сӯхтанд (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.37). Ба ин тартиб, пайкари Ҳаллоҷро ба тарзе фаҷеъ пора-пора карданд ва ба дораш заданд. Қиссаи ӯ қиссаи ҳайратангезе аз эътимод ба нафс ва фидокории рӯҳии башар аст (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.14).

Ғолибан, ба назари муҳаққиқон, сабаби асосии маҳкумияти Ҳаллоҷ, таълимот ва назароти шахсиаш дар бораи ваҳдат бо

Худо буд. Ҳаллоҷ муътақид ба ғайриқобили фаҳм будани зоти илоҳӣ буд ва таълим медод, ки улуҳият (худойӣ, худойгунагӣ) дорои рӯҳи худойӣ аст ва касе онро наофаридааст ва он рӯҳи нотиқа (рӯҳи илоҳӣ) аст, ки метавонад ба нафси солик (равандаи роҳи Ҳақ-сӯфӣ, ки дар ҷустуҷӯйи васл мебошад), бипайвандад ва ин пайвастан ба шакли ҳулул (ҳал ва ё ворид шудани чизе дар чизи дигар) таҷаллӣ мекунад. Ба ин тариқ, зоҳид ба валӣ (дӯсти содиқ ва бандаи баргузидаи Худо) ва шоҳиди зиндаю нотиқи ҳастии воқеии Парвардигор (Ҳува, Ҳува) табдил мешавад. Ҳаллоҷ дар лаҳзаи чунин васле калимаи машҳурашро ба забон овард ва гуфт: "Аналҳақ" (Ҳақ манам). Он чиро, ки Боязиди Бастомӣ (вафоташ 877) талош дошт, Ҳаллоҷ бо калимоти дигар ба забон овард (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.37). Боязиди Бастомӣ вақте ки "субҳонӣ мо аъзимушшаънӣ" (покам ва эътибори бузург дорам, яъне худоям) гуфт, дар ҳолати сукр (мувофиқи назари сӯфия, сукр ҳолати бехудии сӯфӣ аст ва дар ин ҳол сӯфӣ чӣ гуфтану чӣ карданашро намефаҳмад ва масти ишқи илоҳӣ буда, аз амалу гуфтори худ бехабар мемонад) буд. Ин навъ даъвию ибтикороти тасаввуфӣ, ки аз ҷуръату ҷасорати фавқулодаи сӯфиёне мисли Боязид ва Ҳаллоҷ дарак медод, аз ҷониби мутасаввифон ҳар хел тафсиру таъбир шудааст. Масалан, устод ва ҳамнишини Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шамси Табрезӣ дар ин маврид чунин назар дошт, ки "Боязид маст буд, ки "субҳонӣ" гуфт ва Мансур дар бехудӣ буд, ки "Аналҳақ" зад (ниг.: Муваҳҳид Муҳаммад Алӣ. Шамси Табрезӣ. Теҳрон: Тарҳи нав, 1375. С.116). Ба таври куллӣ, ду назария дар робита бо даъвии "Аналҳақ"- и Мансури Ҳаллоҷ вуҷуд дорад: яке ин ки Ҳаллоҷ даъвӣ мекунад, ки фикри ман ҳақ ва дуруст аст ва дигаре ин ки ӯ муддаӣ аст, ки  ман Худоям. Ҳар ду иддаоро дар андешаҳои Ҳаллоҷ

метавон пайдо кард. Гузашта аз ин, дар адабиёти тасаввуфӣ иддаои мансурӣ (“аналҳақ”) ба унвони дидгоҳи вежа ва мутафовит зиёд мавриди истиқбол ва корбурди сӯфиёна қарор гирифтааст (ниг.: Тадайюн, Атоуллоҳ. Ҳаллоҷ ва рози Аналҳақ. –Теҳрон, 1370. С.46). Масалан, яке аз чеҳраҳои маъруфи сӯфияи Хуросон Абӯсаиди Абулхайр (968-1049) мавқеъгирии ҷасуронаи Мансури Ҳаллоҷро, ки дар қолаби “аналҳақ” ҷамъбаст шудааст, дар рубоие хеле зебо ба тасвир кашидааст:

*Мансури Ҳаллоҷ, он наҳанги дарё,*
*К-аз пунбаи тан донаи ҷон кард ҷудо.*
*Рӯзе, ки “аналҳақ” ба забон меовард,*
*Мансур куҷо буд? Худо буд, худо!*

(ниг.: Таронаҳои дилангез. Тартибдиҳанда Худоӣ Шарифов. –Душанбе: “Ирфон”, 1986. С.3)

Ҳаллоҷ ҷомеаи хурофотиро мухотаб қарор дода, мегӯяд, ки эй мардум, агар Худоро нашносед, биёед нишони ӯро бубинед, яъне маро. Ин иддаои ҳаллоҷӣ дар таълимоти зардуштия ҳам собиқа дорад ва ҷойе Зардушт ба Худойи худ Аҳурамаздо муроҷиат карда мегӯяд, ки биё як шавем, то кас нагӯяд, ки ту дигарӣ ва ман дигар. Зимнан, Ҳаллоҷ, ки аз ҳайсият ва миллияти худ огаҳ буд, наметавонист, ки аз фарҳангу тамаддуни гузаштаи миллӣ бехабар бошад, ҳол он ки падарбузургаш Муҳаммо дини зардуштиро тарк накарда буд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи доктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.14).

Таъкиди ин нукта зарур аст, ки тарзи фаҳмиш ва таблиғоти Ҳаллоҷ аз Боязид тафовут дошт ва аз назари фикрию иҷтимоӣ ва дидгоҳи сиёсӣ ҳам ин ду мутасаввиф аз ҳамдигар фарқ доштанд. Ин буд, ки биниши Ҳаллоҷ дар робита бо шинохти Ҳақ ва масъалаҳои тасаввуфӣ аз таълимоти дигар сӯфиён тафовут дошт ва ӯ ба рағми суннат ва анъаноти динию мазҳабӣ

ва ақидатию тасаввуфӣ амал карда, ба доираи сӯфиёне шомил мешавад, ки қайдубандҳои шаръиро раҳо карда, пайвастагӣ бо завқу шуҳуди қалбиро аслу меҳвари фаъолияти сӯфиёна медонистаанд (ниг.: Шарифзода Худоӣ, Нарзиқул Мисбоҳиддин. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. -Душанбе: ҶДММ “ТоРус”, 2017. С.286–287).

Аммо, тавре ки дар муқаддимаи мақола ишора шуд, қатли Ҳаллоҷ бештар ангезаи сиёсӣ дошт, на мазҳабӣ. Ба ин маъно, ӯ ҳамеша зидди ифроткориҳои динӣ ва истибдоди сиёсӣ буда, тасаввуфи таслимомез, аз ҷумла назароти Ҳасани Басриро, ки аз ҷумлаи сӯфиёни нахустини исломӣ маҳсуб меёфт, дар мавриди фориғболӣ аз умури дунявӣ ва саҳлангорӣ дар нисбати зулму истибдоди сиёсию мазҳабӣ сахт интиқод мекард. Маҳз дар ин замон буд, ки Ҳаллоҷ даргири мубоҳисоти шадид бо се сӯфии саршиноси исломӣ: дар Макка бо Амруи Маккӣ, дар Куфа бо Иброҳими Хаввос ва дар Бағдод бо Ҷунайд шуд. Зиёда аз ин, Ҳаллоҷ аз тасаввуфи суннатӣ, ки сӯфиёни Бағдод ба он муътақид буданд, расман даст кашид ва алайҳи Аббосиён ва рӯҳониёни мутаассибу муҳофизакори давр ба қиёми фикрию сиёсӣ бархост. Муҳаққиқон ба шӯришу қиёмҳои давр, аз ҷумла ба исёни бардагони Занҷ (Занҷ номи қабилаҳои сиёҳпӯсти соҳилҳои шарқии Африқо будааст, ки дар садаҳои аввали ислом гурӯҳе аз онҳо ба бардагӣ гирифта шуда, ба ҷануби Байнанаҳрайн интиқол ёфтаанд), ки барои кандани маъданҳои намак дар ҷануби Ироқ ҷалб шуда буданд, бавосита иртибот доштани Ҳаллоҷро таъкид кардаанд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.17). Ҳарчанд ки қиёми қабоили Занҷ соли 883 ба шикаст мувоҷеҳ гардид ва ҳукумати Аббосӣ дар Басра тақвият ёфт, Ҳаллоҷ аз даъвиҳои

иҷтимоӣ, ки аз беадолатии саркардагони ҳукумати Аббосӣ ва рӯҳонияти мутаассиби дарборӣ сарчашма мегирифтанд, даст барнадошт.

Ба сухани дигар, Ҳаллоҷ мисли дигар сӯфиён ва орифон, ки аз мардум ва ҷомеа канор гирифта, гӯшагирию инзивопарастиро асли тасаввуф ва меъёри риёзату муроқибаҳои сӯфиёна медонистанд, амал накарда, расидагии мушкилоти иҷтимоӣ ва мардумиро моҳияти фаъолияти худ медонист. Ин буд, ки соли 887 дар сисолагӣ Ҳаллоҷ аз тарафи суннимазҳабони дастгоҳи ҳукуматии Бағдод дастгир ва аз тариқи задани тозиёна муҷозот мешавад.

Соли 894 Ҳаллоҷ бо 400 мурид, ки ҳама бо ҷомаҳои дарида ва фақирона буданд, маротибаи дувум ба Макка ворид мегардад. Ин дафъа ҳам сӯфиёни маҳаллӣ ӯро хуш қабул накарданд ва дасисаю иттиҳомоти зиёде алайҳаш ҷур карданд. Аммо доштани теъдоди зиёди муридону шогирдон (400 нафар) ва бо ҷомаҳои дарида ва фақирона вориди Макка шудани Ҳаллоҷ ва ҷамъи муридон маънии даъвии адолати иҷтимоиро низ дошт. Вай ба ҳадде нотарс ва ҷасур буд, ки аз артиши хурофотиёну ҷоҳилон, ки пушташон ҳукумати мустабиди Аббосӣ қарор дошт, намеҳаросид ва тавассути мубоҳисоту муҷодилоти ҷиддӣ бо онон бархӯрд мекард. Ҳол он ки нафарони ангуштшуморе бо камтарин дидгоҳи мутавофит, эътирози ақидатӣ ва шеваи муътадили интиқодӣ мавриди фишору тааррӯзи ҳукуматдорони Аббосӣ ва хушкандешони мазҳабӣ қарор мегирифтанд. Ҳассосиятҳои сиёсию ақидатии замон ба дараҷае боло буд, ки ҳар кӣ ба Аббосиён бо назари интиқод менигарист, ӯро қарматӣ мегуфтанд ва мусаллам аст, ки қарматиён мехостанд ҳукумат ва хилофатро аз дасти Аббосиён бигиранд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.22). Аз тариқи задани

иттиҳомоти қарматӣ ҳукумати Аббосӣ бо душманони худ ва минҷумла озодандешоне назири Ҳаллоҷ муборизаи беамон мебурд.

Илова бар ин, Ҳаллоҷ, новобаста аз он ки дар хидмати тасаввуф қарор дошта, ба унвони сӯфӣ ва ориф миёни қишрҳои иҷтимоӣ ва мадании замон шинохта шуда буд, аз миллият ва рӯҳи миллӣ дар баробари камбинӣ ва нотавонбиниҳои мазҳабию нажодӣ дифоъ мекард. Ба ин мазмун, ӯ бо аъёни хонадони Сомониёни ҳоким дар Хуросон тамос пайдо карда буд. Сомониён ба рағми душманони Ҳаллоҷ (Аббосиён), ки соли 922 дар Бағдод ӯро ба қатл расониданд, нисбат ба ин орифи маъруфи иронитабор вафодор монданд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.26-27). Тағйироти фикрию сиёсӣ ва миллию иҷтимоии Ҳаллоҷ замоне иттифоқ меафтад, ки ӯ ба минтақаҳои Ҳинд ва Хуросону Мовароуннаҳр сафар мекунад ва бо фазою муҳити иҷтимоию маънавии ҳамтаборони худ аз наздик ошно мегардад. Ин нуктаро муаррихи араб Хатиби Бағдодӣ бар асоси нақли писари Ҳаллоҷ Ҳамд низ тазаккур медиҳад. Аз рӯйи нақли Хатиби Бағдодӣ, писари Ҳаллоҷ Ҳамд мегӯяд, ки баъди сафар ба манотиқи Ҳинду Хуросону Мовароуннаҳр дар падараш тағйироти фикрӣ ва дигаргуниҳои маънавиро эҳсос кардааст. Яъне, Ҳаллоҷ тавассути ошноӣ ба фарҳангу тамаддуни ҳамтаборон ба асли худ бармегардад ва тасаввуфи ориёиро бар ирфони сомӣ тарҷеҳ медиҳад.

Арабҳо баъди истилои сарзаминҳои Эрону Хуросон бар асари ғурури нобаҷойи пирӯзӣ ба зулму истибдоди мардуми иронитабор даст заданд ва бархӯрдҳои ноодилона, ғайримунсифона ва мағруронаи дастгоҳи арабӣ боиси зуҳуру ҳузури ҳаракатҳои миллӣ ва озодихоҳӣ дар манотиқи гуногуни хилофати исломӣ гардид (ниг.: Бекзода, Комил.

Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе: Матбааи АИ “Дониш”, 2012. С.14-15). Зимнан, саркардагони араб ва хилофати исломӣ дар симои Ҳомид, ки аз душманони сарсахти Ҳаллоҷ маҳсуб меёфт, кӯшиш мекард, ки алайҳи Балъамӣ (вазири фозили Сомониён, ки аз муридони Ҳаллоҷ будааст) мубориза барад. Ин саркардаи ҳукумати Аббосӣ (манзур Ҳомид аст, ки вазири Алмуқтадири Аббосӣ буда, аз оғоз алайҳи Ҳаллоҷ тавтеа ва дасисаҳо ҷур мекард, дар маҳкумияту муҷозоти ӯ даст дошт ва билохира сабаби қатлу куштори ваҳшиёнаи Ҳаллоҷ ҳам гардид) ба фарҳанги миллии иронитаборон рашк мебурд ва бавежа, аз шукуфоии забони форсӣ дар қаламрави хилофати исломӣ дарун ба дарун месӯхт. Аз ин лиҳоз, бар муқобили забону фарҳанг ва ҳукумати миллӣ (дар мисоли ҳукумати Сомониён) шадидан мубориза мебурд ва то ҳадди имкон мекӯшид, ки донишмандони иронитабор, аз ҷумла Мансури Ҳаллоҷро аз байн бубарад. Барои хунсо кардани ҷунбишу ҳаракатҳои миллӣ ва аз рушду тараққӣ бозмондани забону фарҳанги форсии тоҷикӣ бо “ибтикори” Ҳомид ва дигар душманони мафкуравӣ ва сиёсии иронитаборон маъракаи қатлу куштори донишмандону фарзонагони миллӣ сурат мегирад. Дар ин замина, Ибни Ато, ки аз шогирдони содиқи Ҳаллоҷ буд, ба дасти Ҳомид кушта мешавад. Баъдан, навбат ба худи Ҳаллоҷ мерасад ва тибқи нақшабандӣ ва барномарезии Ҳомид қатли ориф бо фаҷеътарин тарзе анҷом мегирад. Арабпарастони хилофат бо сарварии Ҳомид ба ҳадафи худ --- аз байн бурдани донишмандони миллӣ дар мисоли Мансури Ҳаллоҷ расиданд ва ҳатто ҳаводорону хотирхоҳони ӯ, назири Ҳоҷиб Наср ва маликаи модар Шағаб натавонистаанд ҳукми қатли ин орифи тавононро бекор кунанд. Ин нукта ҳам равшан аст, ки дар миёни ҳаводорони Ҳаллоҷ вазирон ва дигар аъёни давлат ва бахусус, модари халифаи ҷавони ҷадид

Алмуқтадир, ки зане юнонӣ бо номи Шағаб буда, аз муриди Ҳаллоҷ ба шумор мерафт, ба чашм мехӯрданд. Аммо, чун асабият (миллатгаройӣ) ва ҳамбастагии қабилаӣ дар ҳукумати Аббосӣ реша давонда буд, хотирхоҳон ва ҳаводорони дарбории Ҳаллоҷ ҳам ҷилави қатли ӯро гирифта натавонистанд. Дар зимн, муаррихи араб Хатиби Бағдодӣ лаҳзаҳои ниҳонии гуфтугӯйи сиёсии саркардаи араб бо писарашро ба тасвир кашида, ёдовар мешавад, ки ҳокими араб ба писараш таъкид мекунад, ки Ҳаллоҷ ҳадаф дорад, дини зардуштиро биёварад. Аз ин ҷост, ки ангезаи миллият ва сиёсат дар қазияи қатли Ҳаллоҷ машрӯият пайдо мекунад.

Қадру манзалати Ҳаллоҷ ба ҳадде будааст, ки бисёре аз ҳаводорону хотирхоҳонаш ӯро ҳамчун муслиҳи ҷомеаи исломӣ ва мудаббиру ҳидоятгари рӯҳонӣ мешинохтанд, ки ислоҳи ҷомеаи фосиди исломиро бар ухда дошт. Ин навъ боварӣ ва баҳогузории як идда аз элита ва нухбагони сиёсию дарбории замон ба Ҳаллоҷ душманони мафкуравӣ ва ҳукуматии ӯро афзун карданд ва ин марди ориф ва дар айни замон, озодандеш бо хатарҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ гардид. Гузашта аз ин, ӯ заррае аз хатару таҳдидоти рӯзмарра намеҳаросид ва фаъолияташро ҳамчунон идома медод. Ҳаллоҷ, ки рисолати динӣ, маданӣ ва иҷтимоии хешро дарк карда, дар Арафот чунин даъвиро роҳ меандозад ва дар хитоб ба авомуннос мегӯяд: "Ҳозирам қурбонии беихтиёре шавам, яъне ранҷи маҳкумияту маргро ҳамчун Исои Масеҳ барои татҳири мардум аз гуноҳ таҳаммул кунам, ҳатто агар лозим бошад, "дар иқрор ба усули дин" кофар шавам, то маро бикушанд, ҳама афроди ҷомеаро бар зидди худ барангезам ва муттаҳид кунам...Ман ҳозирам барои ҷомеаи хушунатзадае, ки маро лаънат мехонанд, бимирам" (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.29).

Ба ин тартиб, қатли Ҳаллоҷ ба фаҷеътарин тарзу шева, аз як тараф, бозгӯкунандаи озодандеш будани ӯро ба намоиш гузорад, аз ҷониби дигар, маънии онро дорад, ки ориф шахсияти миллӣ будааст ва барои давлатмардони вақти хилофат дарди сар эҷод мекардааст (ниг.: Азимпур, Ҷамшед. Сафири Хуршед. –Душанбе: Кайҳон, 2008. С.98). Муҳимтар аз ин, тасаввуф минҳайси як ҷараёни фикрӣ ва иҷтимоӣ озодандешии мардуми форсу тоҷик ва як навъ вокуниши маънавии донишмандони иронитаборро дар баробари зулму истибдоди аҷнабӣ, эътиқодоти ғайримиллӣ ва хушкандешии мазҳабӣ ифода менамояд (ниг.: Олимов Кароматулло. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-X11. Душанбе: "Дониш", 2019. С.26-27).

Ҳамин тариқ, мухолифони Ҳаллоҷ таҷовузу берун рафтани ӯро аз суннатҳои динӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ "занби лояғфар" (гуноҳи нобахшуданӣ) донистаанд. Ҳаллоҷ на танҳо дар суннат ва эътиқод мунҳариф шуд, балки ба норасоиҳое, ки дар буъди сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи вақт ба назар мерасиданд, сахт мухолифат меварзид. Ба назари мутарҷими рисолаи илмии донишманди ғарбӣ Ҳерберт Мейсон "Ҳаллоҷ" Маҷдуддини Кайвонӣ, қазияи Ҳаллоҷ ба дин ва берун рафтан аз эътиқодоти мазҳабӣ хеле кам рабт дорад. Дар замоне ки миёни халифа ва модари ӯ, байни ин вазиру он вазир ва миёни амири лашкар ва соири давлатмардорону динсолорони давр мухолифати шадид ҷараён дошт, чӣ гуна метавон қазияи Ҳаллоҷро ранги динӣ дод?! Махсусан, дар аҳди Ҳомид, ки аз мухолифон ва душманони сарсахти Ҳаллоҷ ба ҳисоб мерафт, мардум аз нарасидани озуқа дар азоби алим гирифтор буданд ва Ҳаллоҷ ба сифати якислоҳотгари иҷтимоӣ бар мабнои рисолати шахсӣ ва иҷтимоӣ садои эътироз баланд кард. Бо таваҷҷуҳ ба ин, қазияи Ҳаллоҷ дар баробари ангезаи динӣ, мушаххасоти сиёсӣ низ доштааст (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи

дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.5-6).

Ба назари шарқшиноси машҳури шӯравӣ Е.Э. Бертелс, ҳамаи 150 байти ашъори Ҳаллоҷ, ки то замони мо расидааст, шарҳи зебое аз гуфтугӯйю муколимаи рӯҳи ӯ бо рӯҳи илоҳӣ (рӯҳи нотиқа) ва муҳаббати мутақобили ин ду рӯҳ аст (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.37). Он чи ки Ҳаллоҷ ба унвони паёми манзуму мансур ба мерос гузоштааст, ҳосили омӯзаҳою бардоштҳояш аз таълимоти гуногуни замонанд. Афзун бар ин, Ҳаллоҷ алайҳи зулму истибдоди динӣ ва сиёсию иҷтимоии амирону ҳокимон ва бахусус, хушкандешони мазҳабӣ бархост ва садои эътироз ва озодӣ баланд кард.

Хурофоту таассуби мазҳабиеро, ки уламою хулафои ҷоҳил дар ҷомеа побарҷо карда буданд, авзоъро муташанниҷ ва тоқатфарсо менамуд. Аз ин гузашта, баҳсу мунозироти омиёнае, ки ғолибан миёни рӯҳониёну сӯфиён ва мадрасиёну фақеҳон сурат мегирифт, дилу рӯҳи Ҳаллоҷро, ки дар ҷӯшу хурӯш ва сайру сулуки ҳамешагӣ буд, реш мекард. Дарди нодонию ҷаҳолати саросарӣ ва зиёда аз ин, истибдоду беадолатӣ Ҳаллоҷро ба ҳадди ҷасорат расонида буд ва ӯ ба ин мазмун нидо дармедод:

*Дили ман хун шуд дар орзуи фаҳми дуруст,*
*Эй ҷигар навбати туст,*
*Ҷон ба лаб омаду нашнид касам ҷони калом,*
*Дод аз дасти авом.*
*Ғами дил бо кӣ бигӯям, ки дилам хун накунад,*
*Ғамам афзун накунад.*
*Сар фурӯ бурд ба чоҳу гами дил гуфт имом,*
*Дод аз дасти авом!*

(ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.3)

Доманаи фаъолияти фикрию иҷтимоӣ ва адабии Ҳаллоҷ васеъ буд. Гузашта аз ашъор, аз ӯ китоби комиле таҳти унвони "Китоб-ут-тавосин" дар шарҳи таҷриботи ирфонӣ, ҳамчунин 27 ривоят ва 400 қитъа наср боқӣ мондааст (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.39). Дар рисолаи "Тосин-ул-азал" ("Китоб-ут-тавосин") Ҳаллоҷ ба тафсири образи Иблис мепардозад ва чунин иддао мекунад, ки Иблис намояндаи марзи метафизикӣ ё рӯҳонии ғуруру ҷасорати ориф аст. Рисолаи "Тосин-ул-азал" дар қолаби қисса навишта шуда, дар он таҷрибаи ирфонии Ҳаллоҷ инъикос ёфтааст. Муҳаққиқи ғарбӣ Ҳерберт Мейсон, бо дарназардошти муҳтавиёти фикрию таҷрибӣ, қиёси мавзӯӣ ва мундариҷавии рисолаи "Тосин-ул-азал"-и Ҳаллоҷро бо асарҳои "Шаби тираи рӯҳ"- и орифи испаниягӣ Сан Хуан Делокруз (1542-1591) ва "Сармуфаттиш"-и нависандаи маъруфи рус Ф. Достоевский аз аҳаммият холӣ намедонад (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.33).

Ҳаллоҷ ва шогирдонаш (монанди Нурӣ ва Ибни Ато) ба гурӯҳи пурсишгарон бо шайтон шомил шудаанд. Ҳаллоҷ ба василаи ишқ ба Ҳақ аз марзи доираи мамнӯъа убур ва довариро ба инсон вогузор мекунад. Ин буд, ки Ҳаллоҷ Шайтонро аз сӯфиёну орифоне, ки аз забоноварӣ дар бораи Худо сукут ихтиёр кардаанд, болотар гузошта, ӯ (Шайтон)-ро аз соири сӯфия ба маҳбуби азалӣ (Худо) наздиктар медонист. Ӯ дар китоби "Тавосин", қабл аз он ки дар бораи табиати Худованд, далели вуҷуд, нақша ва шеваи мушоҳидаи Ҳақ натиҷагирӣ кунад, перомуни Шайтон суҳбат карда мегӯяд, ки ӯ бо вуҷуди диёнат ва сарсупурдагие, ки назди Парвардигор

дошт, ба иштибоҳ роҳ дод ва бо ибораи “арзиши ман беш аз Одам аст” лаънати абадиро харид. Ба Иблис руҷӯъ кардан ва ӯро дар муқаррабӣ ва наздикӣ бо Худо аз ҷумлаи сӯфиёни бехабар ва худбин боло донистан, ҷасорат ва ҷуръати фавқулодаи Ҳаллоҷро нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, Ҳаллоҷ шахсиятест, ки ба туфайли иттиҳоди ошиқонааш ба марзи мамнӯъаи Худо мерасад ва кайфиятеро пай мебарад, ки ба дигар орифони буздил муяссар нагардида буд (ниг.: Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. С.70). Ин иддао Ҳаллоҷро дар зумраи орифони пурсишгар ва шаккок қарор дода, бо мавзӯи ирода ва ихтиёроти инсонӣ ҳамхонӣ доштани назария ва амалияи таълимоти ирфонии ӯро ифода менамояд.

Ҳаллоҷ, ки дар замони таҳаввулоти ақидатию фалсафӣ ва зуҳури ҳаракатҳои гуногуни фикрӣ, аз ҷумла фаъолияти фарогири муътазилиён зиндагӣ мекард, фориғ аз ҳассосиятҳои замонӣ буда наметавонист. Муътазилиён нафароне буданд, ки раванди озодандеширо дар қаламрави хилофати Аббосӣ таҳкиму тақвият бахшида, ба василаи баҳсу мунозираҳои ҷолиби динию фалсафӣ роҳро барои дигарандешӣ ва садама задан ба хушкандешии мазҳабӣ ҳамвор месохтанд ва дар ибтидо пушти онҳо халифаҳои исломӣ қарор гирифта буданд. Дар давраи салтанати Ҳорунаррашид (786-809) ва Маъмун (813-833) китобҳои Уқлидус, Афлотун, Арасту, Буқрот, Ҷолинус ва соири донишмандону файласуфони юнонию румӣ тарҷума шуданд ва майдони баҳсу муҷодилаҳои илмӣ-фалсафӣ густарда гардид (ниг.: Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1371. -С.44-45). Вале баъдтар ин раванд дар давраи амирони минбаъда заиф мешавад ва роҳи илму маориф аз тариқи омӯзиши улуми

фалсафӣ ва табиӣ-риёзӣ баста мешавад. Мутаваккил (847-861) ба аҳли ҳадис ва суннат эътиқод карда, хуни ононеро, ки ба баҳси холиқ будан ё набудани Қуръон иштиғол меварзиданд, мубоҳ намуд. Амир Мутаваккил таълиму тарбияи мутавассити аҳли замма (яҳудиён), масеҳӣ ва зардуштиро мамнӯъ эълом дошта, хондани фарзандони аҳли заммаро дар мадориси мусулмонон қатъиян манъ кард. Вай китобфурӯшонро савганд дод, ки китобҳои фалсафӣ ва соири осореро, ки дар хусуси масоили каломӣ ва ҷадалӣ иттилоъ медиҳанд, нафурӯшанд (ниг.: Султонзода, Ҳусайн. Таърихи мадориси Ирон аз аҳди бостон то таъсиси Дорулфунун. Теҳрон, 1364. –С.71). Бо ин гуна авзои ноҷур ва пур аз ихтилофу тазод Ҳаллоҷ ва насли донишмандони саршиноси замони ӯ мувоҷеҳ буданд ва ҷасоратмандона дар баробари истибдод ва ҷаҳолати сиёсию мазҳабӣ воистода, дар роҳи раҳоӣ аз хурофоту таассуби динӣ ҷонбозӣ ва фидокориҳо менамуданд.

Қатъи назар аз нобасомонӣ ва ҳассосиятҳои замон Ҳаллоҷ кори муътазилиёнро, ки он замон таҳти таъқиб ва фишор қарор гирифта буданд, идома дод. Ба ин манзур, ӯ масъалаи озодӣ ва иродаро, ки дар қолаби ҷабру ихтиёр мавриди радду бадалҳои фирқаҳои мухталифи фикрию ақидатии замон қарор гирифта буд, низ матраҳ намуд. Ҳаллоҷ дар мавриди озодӣ ва ирода таваққуф намуда, таъкид мекунад: "Худованд амр мекунад, ки некӣ кунем, аммо медонад, ки бадӣ хоҳем кард. Амр, офарида набуда ва ҷовидон аст ва ирода офарида аст ва махлуқ. Вақте Худо ба Иблис фармон дод, ки дар баробари Одам саҷда кунад, ин фармоне зоҳирӣ буд, на амр, зеро дар айни ин сурат Иблис қодир ба сарпечӣ намебуд. Бад-ин сон Худо мехоҳад, ки мардумон гуноҳ кунанд, аммо намехоҳад, ки онҳо маншаи гуноҳ бошанд" (ниг.: Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. С.38).

Ҳарчанд ки назароти Ҳаллоҷ дар баробари даъвиҳои муъътазилиён, ки ба озодию ихтиёри инсон пофишорӣ мекарданд, камранг ба назар мерасанд, бо матраҳ кардани масъалаи озодию ирода ӯ озодандешӣ мекунад ва дар роҳи шикастани қолибҳои шахшудаи фикрию ақидатӣ ва схоластикаи асримиёнагӣ қадамҳои устувор бармедорад.

Хулоса, Мансури Ҳаллоҷ дар самти раҳоии мардум аз ҷаҳолату нодонӣ ва тақвияти раванди озодандешӣ ҷаҳду талошҳои фаровон ба харҷ дода, ҳамчун символ ва рамзи муҳаббатсолорӣ, азхудгузаштагӣ, озодагӣ ва ҷасорати фавқулодаи ирфонию иҷтимоӣ дар таърихи фарҳангу тамаддуни форсии тоҷикӣ ҷойгоҳ ва мақоми арзанда касб кардааст. Ба ин маъно, ӯро, бешубҳа, метавон дар сафи инқилобгарони миллӣ қарор дод. Омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддии зиндагинома ва мероси ин орифи номовари миллӣ, ки миёни нухбагони тасаввуфӣ ва намояндагони барҷастаи шеъру адаби форсии тоҷикӣ маъруфият дорад, тақозои замон аст, зеро ки дуруст нашнохтани бузургони миллӣ, саҳлангорӣ дар омӯзиши мерос ва камҳавсалагӣ дар муаррифию таблиғи шоистаи онон раванди ҳувиятсозии миллиро сусту заиф карда, миллатро дар баробари хатару таҳдидҳои рӯзмарраи минтақавию глобалӣ осебпазир месозад.

**Адабиёт**

1. Азимпур, Ҷамшед. Сафири Хуршед. –Душанбе: Кайҳон, 2008. -320 с.

2. Бертелс, Евгений Эдуардович. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф. Тарҷимаи Сирус Эзадӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1376. -723 с.

3. Бекзода, Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе: Матбааи АИ "Дониш", 2012. -433 с.

4. Ғанӣ, Қосим. Таърихи тасаввуф дар ислом. –Теҳрон, 1330.

5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия. –Теҳрон, 1366.

6. Мирзозода, Холиқ. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри Х111). Китоби 1. Қисми 11. –Душанбе: Маориф, 1989.

7. Муваҳҳид, Муҳаммад Алӣ. Шамси Табрезӣ. Теҳрон: Тарҳи нав, 1375. -234 с.

8. Мейсон, Ҳерберт. Ҳаллоҷ. Тарҷимаи дуктур Маҷдуддини Кайвонӣ. Теҳрон: Нашри Марказ, 1378. -119 с.

9. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсии Муин (якҷилдӣ). Теҳрон: Фарҳангнамо, 1386.

10. Олимов, Кароматулло. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои Х-Х11. -Душанбе: “Дониш”, 2019. -332 саҳ.

11. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1371.

12. Султонзода, Ҳусайн. Таърихи мадориси Ирон аз аҳди бостон то таъсиси Дорулфунун. Теҳрон, 1364.

13. Таронаҳои дилангез. Тартибдиҳанда Худоӣ Шарифов. –Душанбе: “Ирфон”, 1986.

14. Тадайюн, Атоуллоҳ. Ҳаллоҷ ва рози Аналҳақ. –Теҳрон, 1370.

15. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. –Душанбе: Маориф, 1988.

16. Шарифзода Худоӣ, Нарзиқул Мисбоҳиддин. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри Х111). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. -Душанбе: ҶДММ “ТоРус”, 2017. -416 саҳ.

**Озар ОРИФӢ**
*устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ*

# МУСИҚӢ ДАР ФАЛСАФАИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Ҷалолиддини Балхӣ аз нобиғагони назми классикии форс-тоҷики асри XIII буда, дар арсаи суханварӣ ҳамчун худованди беҳамтои мамлакати ишқу зебоӣ шинохта шудааст.

Маснади ин суханофарини базми ишқ ба дараҷае рафеъ ва шӯри каломи ҷонофаринаш он қадар сеҳрангез аст, ки номаш мояи орзу ва еъра боиси базму тараб бурдааст.

Гузшата аз ин, чакидаҳои қалами сеҳрнигори Мавлоно Ҷалолиддин шуҳрат ва аҳамияти ҷаҳонии адабиёти тоҷикро боз ҳам афзунтар ва ангезаҳои рӯҳонии тамаддуни башарро боз ҳам рангинтару ғанитар гардондааст. Ин аст, ки Мавлонои Балхӣ дар тӯли асрҳо маҳбуби форсизабонон ва мақбули ҷаҳониён будааст.

Ӯ инсонро бузургтарин муъҷизаи офариниш мешуморид ва ягонагию иттифоқ ва иттиҳоду ҳамбастагии онҳоро талқин ва тарғиб менамуд. Барои ӯ яҳудию ҳиндӣ, насранию мусулмон ясон буданд, вай ободии олам ва рафоҳияту камолоти маънавии инсонро дар сулҳу оштӣ, баробарию бародарӣ ва ишқу ошиқӣба ақидаи Мавлоно, қодир аст, заминро бо осмон хешу табор гардонд. Бузургдошти инсон тараннуми қадру манзалати навъи башар мағз андар мағзи сурудаҳои Мавлоноро ташкил доданд.

Ҷалолиддини Балхӣ, то он гоҳе ки дар уфуқи Қуния Шамси Табрезӣ зуҳур кард, ба шеъру шоирӣ сару коре надошт. Шиносоӣ бо ин марди соҳибиродаву маҳкамақида, ки ба расмиёти динию мазҳабӣ рӯирост бо чашми ҳақоратменигарист аз ҷозибаи умумиҷаҳонии ишкро ҳастӣ ва

мояи зиндагӣ мешуморид, баиси табаддулоти куллӣ дар амали ақида ва инқилоби ҷиддӣ дар ботину зоҳири Мавлоно гардид. Ин марди наҷибу хирадмандро шоир бо тамоми ҳастиаш мепарастид ва ақидаҳои вайро пайравӣ мекард. Майл ба озодӣ ва эҳсосоти инсон, пеш аз ҳама озодии ботинии он, барои Шамси Табрезӣ муҳимтарин омили ҳаёт буд.

Таъсири Шамси Табрезӣ бар Мавлоно Ҷалолиддин чунон буд, ки ӯро дар як муддати кӯтоҳ аз фақеҳе бо тамкин ошиқи шӯрида сохт. Ин пири links мармузу пӯшида дили Ҷалолиддин Муҳаммадро бар дарсу баҳсу умуми расмӣ сард мегардонид ва ӯро аз маснади тадрис ва минбари ваъз поин кашида, дар ҳалқаи рақсу самоъ мепечонид. Худи суханвар ба ин маънӣ чунин гуфтааст.

*Дар даст ҳамеша мусҳафам буд,*
*Дар ишқ гирифтаам чағона.*
*Андар даҳане, ки буд тасбеҳ,*
*Шеър асту дубайтиву тарона.*

Аз ҳамин сабаб аст, ки баъди марги Шамси Табрезӣ Ҷалолиддини Балхӣ номи устод ва пешвои рӯҳониашро дар асарҳояш боқӣ мегузорад, яъне девони ғазалиёт ва қасоиди худро девони Шамси Табрезӣ меномад. Девони Шамси Табрезӣ, ки дафтари ишқ ва суруди озодии ботинии инсон аст, ин нағмаи эъҷозҳост, ки салтанати инсонро бар ҳастӣ, заминро бар коинот, ишқро бар имон, ҳаётро бар марг, оштиро бар ҷанг таҳким медиҳад.

Мероси адабии Ҷалолиддини Балхӣ хеле пурсарват ва рангоранг аст. Он аз ҷиҳати навъи сухан назму насрро ташкил медиҳад, ҳарчанд, ки асари адиб “Фиҳи мо фиҳи” ва мактуботи ӯ аз ҳар ваҷҳ мустаҳсон ва пурфоидаанд, вале шӯҳрати ҷаҳонии Ҷалолиддини Балхӣ асосан бо “Маснавии маънавӣ “ ва “Девони Кабир “ ё “Куллиёти Шамси андӯхта шудааст. “Куллиёти Шамс” асосан аз ғазалу қасида ва рубоӣ

иборат буда, ғазалу қасида дар нашрияҳои он то 50 ҳазор байт ва рубоӣ бештар аз 1600 адад аст. Дар сурудани ғазал ва қасидаҳои ишқия Ҷалолиддини Балхӣ сабку салиқаи махсусе дорад.

***Дар ҷустуҷуи ҳақиқат***. Яке аз бузургони маънавии мардуми форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолиддин барои моҳияти таъсир бахшоии садои мусиқии найро дар асари пурқиматаш "Маснавии Маънавӣ" зери мушоҳида рониҳою таҳлил гузориҳои чуқури илмӣ-амалӣ нигаронидааст.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ тавассути сози мусиқии най бо дилу дидаи сомеон таъсир расонида, хислатҳои нексириштӣ, меҳнатпарварӣ ва фахри миллиро бедор месозад. Дар ҳақиқат ҳато аз шунидани танҳо номи созӣ най кас дар ҳолати ҳиссиётҳои аҷоибу ғароиб дарафтода, дар вуҷудаш ҳиссиётҳои оромбахшонаи рӯҳӣ падидор мегардад.

Чунки мусиқӣ забони озоди ҳунарманд буда, ҳар чӣ бихоҳад, бе тарсу маломат ба маъшуқ ва ба дунё мегӯяд. Ҳангоми шунидани садои сози най аз оғоз то пазироиши оҳанг ҳушу гӯш шуда, аз он ҳаловати бепоёне мебарад. Чӣ тавре, ки Мавлоно мефармояд:

*Гар набудӣ нолаи найро самар,*
*Най ҷаҳонро пур накардӣ аз шакар.*

Дар ҳақиқат, нолаи най ларзишноку пуризтироб, нолаи фироқу ҷудоиҳо, нолаи хиҷрон буда, одамони хобу ғафлатзадаро бедор месозад. Яке аз беҳтарин шоҳкориҳои инсоният "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо нолаи най оғоз мегардад.

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*
*К-аз наистон то маро бибридаанд*
*Аз нафирам марду зан нолидаанд.*
*Сина хоҳам шарҳа-шарҳо аз фироқ,*

*То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.*
*Ҳар касе, к- ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Ҷолиби қайд аст, ки мафҳуми "Мавлавиёт"-оҳанг, таронаи қадими маросимӣ, таронаи машҳури ахлоқӣ-тасаввуфӣ ва ирфонӣ, хоси санъати асрҳои 13-14 буда, дар ин сабук устодони мусиқӣ бар ашъори Ҷалолиддини Балхӣ ва дигар шоирони тасаввуф оҳанг эҷод менамуданд, ки омехтаи унсурҳои рақсӣ буданд.

Шубҳае нест, ки бештар аз ғазалҳои дилошӯб ва диққатангези Мавлоно дар маҷлисхои рақсу самоъ кафзанию пайкубӣ, дар зери навоҳои тарабангези дафу чангу рубоб, дар сӯҳбати муносибату дӯстони мувофиқ суруда шудаанд.

***Марҳабо, ба юсуфистони ҳусну зебоӣ ва ваҷду самоъ, нағмаи дилрабои чангу рубоб!***

*Ту зи ман малул гаштӣ, ки ман аз ту ношитобам,*
*Санамо, чӣ мешитобӣ, ки бикуштӣ аз шитобам.*
*Ту чу бӯбаки рубобӣ ба ситеза тан задастӣ,*
*Мани хаста аз ситезат ба нафир чун рубобам.*

*Эй нои хушнавоӣ, ки дилдору дилхушӣ,*
*Дам медиҳӣ ту гарму дами сард мекашӣ.*
*Холист андаруни ту аз банд лоҷарам,*
*Холикунандаи дилу ҷони мушаввашӣ.*

*Эй нои сарбурида, бигӯ сирри безабон,*
*Хуш мечашон зи халқ аз он дам, ки мечашӣ.*
*Бинвоз сирри Лайливу Маҷнун зи ишқи хеш,*
*Дилро чӣ лаззати тиву ҷонро чӣ мафрашӣ?*

*Мезан сето ки якто гаштам макун дутоӣ,*
*Ё пардаи "Роҳавӣ" ё пардаи раҳоӣ.*
*Бе зеру бе бами ту меоем дар гами ту*
*Дар Нои ин наво зан, к-афгон зи бенавоӣ.*

Ваҷҳи муҳтавиёти ғазалиёти Мавлоно бештар дар ишқу ошиқист. Ишқи Балхӣ асоси моддӣ дошта аз моддиёти заминӣ сарчашма мегирифт.

Ғазалиёти Мавлоно саропо аз маънавиёт ва афкори баланди олами маъонӣ буда, дар тарбияи насли наврас ва дуҳули баланд бардории шахсияту хештаншиносӣ нақши босазое мебозад.

Шоир дар ин ҷо инсонро бо най ташбеҳ медиҳад, ки аз наистонаш бурида шудааст. Дар ин ҷо шояд шоир ҳаёти улвиро дар назар дошта бошанд. Зеро ҷудоӣ аз ҳаёти рӯҳӣ ҳамеша дардовар аст. Гуфтан душвор аст, ки шоир боз кадом мафҳумҳоро ҷой додааст, ба ҳар ҳол  калимаи наистон дар маънии зиндагӣ омадааст.

*Ман ба ҳар ҷамъияте нолон шудам,*
*Ҷуфти бадҳолону хушҳолон шудам.*
*Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,*
*В-аз даруни ман биҷӯст  асрори ман.*

Шоир ин гуфтаҳои худ аз ҷамъияти борояш бегона дурӣ меҷӯяд ва асрори ҳастиро дар ботинаш ҷӯстуҷӯ мекунад.

Ҷалолиддини Балхӣ  касро бо таффакури аниқи ҳаётӣ мекушад, дар атрофи ҷаҳон, олам худо мавқеи инсон дар ҷомеа андеша меронад ва ҷӯяндаи ҳақиқат ва маънии ҳастӣ ҳаст, дар шеваҳои шоир ишқи  ҳақиқии инсонӣ таранум карда мешавад. Зеро Ҷалолиддини Балхӣ  инсонро ба дараҷаи олӣ бардоштан мехоҳад ва барои ҳамин ҳам вай такмил ёфтани инсонро на дар шакл, балки дар ботин меҷӯяд. Бинобар ин вай камолоти инсонро дар худи ӯ меҷӯяд. Айни замон Ҷ. Балхӣ боз гуфтан мехоҳад, ки танҳо дида тавонистан дар қудрати инсон ҳаст ва ҳар касе, ки ба тариқат рӯ  оварда бошад ва роҳи мустақим ҷӯста бошад, бояд ҳамеша аз паи донишу ҳақиқат

равад, роҳи ростро пеш гирад сидқан ба такмил ёфтани худ бовар кунад.

Ба андешаи мо баъзе ақидахои Ҷ. Балхӣ ақидаҳои Ибни Сино мувофиқ меафтад. Масалан, дар мисраҳои зерин омадааст.

*Ҳар касе, к-у дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

Чунин акидаро мо дар таълимоти Ибни Сино ҳам дида метавонем, ки мегӯяд:

*Ҳар чиз ба асли худ бармегардад.*

Дар ин ҷо силсилаи тағйиротҳои зиндагӣ аз худ бегонашавиҳо ва аз нав тамаюл карданҳо ба назар мерасад. Умуман, аксари асарҳои эҷод кардаи Ҷ. Балхӣ заминаи пештара доштаанд ва шоир онҳоро аз назари тоза нигоҳ карда баҳо додаст ва дурустии онҳоро бори дигар таъкид намудааст:

*Оташи меҳр аст Мавлавӣ*

Қабл аз он ки ба шарҳи оташу меҳри Мавлавӣ бипардозем, бояд ёдовар шавем, ки маънои оташу меҳр чӣ чиз аст.

Аввал ин, ки оташ он чи дар вақти сухтани чӯб, ангишт ва ғайри ба вуҷуд меояд ва дорои равшанию гармист (2.931). Яъне оташ равшаниву гармист. Пас меҳр чист? Меҳр хуршед, офтоб, яъне ин ҳам равшанию гармист. Бале, оташ аст, ки об шудан асту васл шудан аст.

Гӯянд, ки вақте дар сафари ҳаҷ Баҳоуддин Валад бо Ҷалолиддини хурдсол ба шаҳри Нишопур расиданд, Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ ҳам бо ақлу заковати фитрӣ ва ҳам бо сину сол солор, ба зиёрати Баҳоуддин Валад омад, зеро ба дидори ҳамдигар расидани машойиху орифон ва зиёрати ҳамдигар дар байни эшон он замонҳо фарзу суннат дониста мешуд ва ба ӯ маснавии "Асрорнома"-и худро ҳадя намуд. Ҷалолиддини хурдсол дар ин мулоқот паҳлуи падар ҳузур дошт ва чун Шайх Аттор ӯро дид, ба Баҳоуддин Валад

ишора намуд, гуфт: "Зуд бошад, ки ин писар оташ дар сӯхтагони олам занад" (3.3).

Ин мулоқот соли 1212 ба вуқӯъ пайваста буд, ки Ҷалолиддин панҷ сол дошт ва Шайх Аттор рӯҳи азамати рӯшану оташини ӯро дарк ва пешгӯӣ кард.

Ин оташ сӯзандаю васл созандаи Мавлавиро шоири маъруфи Ҳинду Покистон аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938), ки худро тамоми умр муриди Мавлоно медонист, бо овози баланд, бо меҳру муҳаббати саршор нисбат ба пири маънавии худ чунин мефармояд:

*Боз бархонам зи файзи пири Рум,*
*Дафтари сарбаста асрори улум.*
*Ҷони ӯ аз шуълаҳо сармоядор,*
*Ман фурӯғи як нафас мисли шарор.*
*......То маро рамзи ҳаёти омӯхтанд,*
*Оташе дар пайкарам афрӯхтанд.*

Ҷойи дигар:

*...Нуқтаҳо аз пири Рум омӯхтам,*
*Хешро дар ҳарфи ӯ восӯхтам*

Лабҳои зиёди ин вафо нағмаи тавҳидро парвози баланд дода, бо ривоёти тамсилӣ ояҳову ҳадисҳо, латифаҳову ҳикоёт ва бардоштҳои маънавии Мавлоно аз зиндагӣ васлгари дирӯзу имрӯз ва ояндагон хоҳад буд:

*Мо барои васл кардан омадем,*
*Не зи баҳри фасл кардан омадем*

Ҳамчунин, барои ҳар оҳи берунҷаста бар чархи ҷафопеша оташандагӣ мекунад:

*Онам, ки зи ҳар оҳаш дар чарх занам оташ,*
*В-аз оташу бар оташ аз ишқ лаҳаб дорам.*

Ӯ бо рӯҳ дар омезиш меояд ва бок аз ягон сӯхтанҳо надошта хуш аст, зеро он хирмани оташ, ки дар дилҳо афрӯхта, барои ӯ бас аст:

*Сад нақш барангезам, бо рӯҳ даромезам,*
*Чун нақши туро бинам, дар оташаш андозам.*
*Хирмани ман гар бисӯхт, бок надорам ҳушам,*
*Сад чу маро бас бувад хирмани он моҳи ман.*

Алома Иқболи Лоҳуриро оташи ҷонсӯзи Мавлоно, он оташи ангезандаи меҳр, он оташи оташафноки дилҳо, он оташи панзандаву созанда дар пайкараш афтода, ба қавли худи ӯ дуд мекунад ва шодаст, ки аз хешони оташ аст:

*Миллате дар богу рог овазааш,*
*Оташи дилҳо суруди тозааш.*
*Зарра кишту офтоб анбор пард,*
*Хирман аз сад Румиву Аттор кард*
*Оҳи гармам, рахт бар пардун кашам,*
*Гарчи будам, аз табори оташам.*

Хулоса, Мавлоно оташкорест оташинҷилва шарарҳоро чун забонаҳои гарми офтоб дар пайкараҳо афканда, рӯшангару пазандаи ҳар тар, беш аз ҳама, он оташи гудозандаест, ки дилҳоро гудохта, онҳоро дар қолаби ягонаи меҳру муҳаббат меғунҷонад.

*Ту чу обӣ, аз-оташи мо дур бош,*
*Ё даровар деги мо бо мо ба ҷӯш.*

***Сурудҳои ҳунармандони тоҷик бар ашъори Мавлоно***. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ яке аз аз намоёнтарин нобиғаи давру замонҳо ва тобонтарин ситораи осмони адиби тоҷик аст. Ашъори ин бузургмарди нотакрор бар замми мазмуни баланди осмонӣ доштанаш, саршори меҳру муҳаббати инсонӣ ва сар то по мусиқист.

Ин орифи шӯрида Ҷалолиддин Муҳаммад, ки бо осори гаронбаҳои хеш, бахусус "Маснавии маънавӣ"-яш "оташ дар сӯхтагони олам зада", тӯли садсолаҳо бо номаҳои "Мавлоно", "Мавлавӣ", "Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ", "Мавлавии Румии Балхӣ" ва ғайра дар байни оламиён маълуму машҳур аст

Сабаби ба мусиқӣ майли зиёд доштани Мавлоно дар он буд, ки ӯ аз намояндагони барҷастаи аҳли тасаввуф буд ва ин фирқа барои боз ҳам фасеҳу рӯшантар ифода намудани ботин ва афкори хеш аз ин санъати воло, "савту навоҳои дилхарош ва зарбҳои пуршӯр"-аш истифода менамуданд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ мегӯяд: "Гуянд дар хонаи Мавлоно сутуне буд. Чун ғарқи баҳри муҳаббат шудӣ, даст дар он сутун задӣ ва ба чарх омадӣ ва ашъорӣ мегуфт ва мардум он ашъор менавиштанд".

Аз ин ҷост, ки ғазалиёти дилошӯби ӯ зарбу лаҳну хушоҳангии ба худ хос дорад ва шубҳае нест, ки таҳти кафзанию пойкӯбии маҷлисҳои рақсу самоъ гуфта шуда, аз нолаҳои тарабангези дафу чангу рубобу най бархурдор аст.

Маввлоно худ аз илми мусиқӣ бохабар буда, дар олами он сайр намудааст ва назми ӯ саропо саршори зарбу оҳангҳои мусиқист. Ҷиҳати дигари аз илми мусиқӣ бархурдор будани Мавлоно дар он аст, ки ӯ дар ашъори худ ба таври фаровон номи созҳо ва истилоҳоти мусиқиро истифода намудааст.

Девони Кабири Мавлоно бо ғазале, ки матлаъаш чунин аст:

*Эй ёри қамарсимо , эй мутриби шаккарҳо,*
*Овози ту ҷонафзо, то рӯз машин аз по*

оғоз мешавад, ки ибораи "мутриби шаккарҳо" тасдиқи гуфтаҳои болост. Инчунин дар худи ғазал ибораи "хушнафаси найӣ" ва номи созҳои мусиқии дафу най истифода шудаанд. Инчунин дар ғазалҳои дигари ӯ низ номи созҳо ва истилоҳоти мусиқӣ истифода шудаанд. Масалан "рав, он рубобиро бигӯ", "таблуаламбар аршбар", "гӯйӣ, қазо дуҳул зад, бонги дуҳул шунидаанд", "най нолаи зори мо надорад", "баргир дуҳулу мезан" ва ғайра. Ҳамин тавр дар ашъори Мавлоно иборави истилоҳоти зиёди мусиқӣ, номи созҳои гуногуни мусиқӣ, аз ҷумла даф, чанг, рубоб, най дуҳул ва амсоли онҳо фаровон

истифода шудаанд. Мақсад аз гуфтаҳои боло дар он аст, ки Мавлоно аз илми мусиқӣ хело хуб бохабар буда, латифию хушоҳангии ашъораш диққати бисёр созандагону навозандагон ва бастакорони халқиро ба худ кашидааст.

“Маснавии Маънавӣ”-и Мавлавӣ бо “Найнома” сар мешавад, ки оғозаш чунин наст.

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*
*К-аз найистон то маро бибридаанд,*
*Дар нафирам марду зан нолидаанд.*

Ин мисраъҳоро танҳо шахсе гуфта метавонад, ки худ бевосита бо сози мусиқии най сару кор дошта аз тамоми нозукиҳо ва тарзи навохтани он бохабар аст. Мавлоно бо истифодаи калимаҳои “нафир”ва “нола” тавонистааст, ки нолаи ҷонсӯзи найро дар хотири хонанда ҷилвагар созад. Ин аз як ҷиҳат шоири тавоно будани ӯро нишон диҳад, аз дигар ҷиҳат донандаи илми мусиқӣ ва навозандаи моҳир будани ӯро нишон медиҳад. Ҳар як ғазали ӯ худ суруд аст ва гӯё, ки дар зери оҳанг гуфта шуда бошад. аз ин ҷихат ашъори Мавлоно диққати оҳангсозону ҳунармандонро бештар ба худ мекашад.

Ҳунармандони маъруфи халқамон бевосита ба ғазалҳои Мавлавӣ оҳангҳои дилчаспу марғуб офаридаанд ва дар натиҷа сурудҳои фораму дилошӯб ба вуҷуд омадаанд. Масалан: Ҷ. Муродов “Ошиқ биё”, “Во дили ман”, “Ид омад”, “Вайрона кун”, ” Эй дӯст”, “Пир манам”, “Андеша кун”, Д. Баҳром “Шамсу ҷамарамомад”, С.Билолов “Офтобо”, “Давлати поянда”, “Баҳорон”, Ш. Муҳиддинов “ Баҳор омад”, Д. Холов “Дур машав”, “Орзуст”, М. Насриддинов “Ин кист?”, “Рубоиёт”, “Мастон саломат мекунанд” ва ғайра.

Мо тасмим гирифтем, ки чанде аз суруду оҳангҳоеро, ки як идда ҳунармандони номдори тоҷик дар ҳамбастагӣ бо ашъори Мавлоно эҷод намудаанд, таҳлилу баррасӣ намоем.

Суруди “Эй нури ман” оҳанги О. Лядов, ки бар ғазали Мавлоно эҷод шудааст, дар иҷрои ҳунарманди мумтози эстрадаи тоҷик , шодравон Муқаддас Набиева бо маҳорати баланд иҷро гардидааст. Мазмуни баланд, равонии ғазал бо оҳанги ноби мусиқӣ ва овози фораму дилкаши ҳофиза ҷӯр гардида, сурудеро ба вуҷуд овардааст, ки шунавандаро беихтиёр ба олами малакутӣ мебарад.

Лаҳни минории асар ва андозаи 6/8 шаш ҳаштяк), ки ифодакунандаи рӯҳияи миллии асар аст, гоҳе маҳзуну гоҳе мутантан садо медиҳад. Мурочиати бебокона ва ботантанаи шоир ба маҳбубааш, ки бо матлаи:

*Эй ҷони ман, султони ман, дарёи бепоёни ман,*
*Болотар аз пиндори ман, эй нури нури ман.*

оғоз мегардад, бо мусиқии рӯҳбахшу мутантан ва овози маҳину форами ҳунарманд тавъам афтода, шунавандаро хело муассир месозанд. Асар аз даромад, бароварду фаровард ва авҷи калон иборат аст. Агарчи суруд дар ибтидо орому ботамкин садо медиҳад, вале дар авҷ баҳри дамонеро 7ба хотир меорад, ки бо соҳил дар гирудор аст. Мазмуни ғазал чунин оҳангро тақозо мекунад.

Суруди дигар бо номи “Андеша кун” дар иҷрои ҳунарманди маъруф Ҷӯрабек Муродов хело фораму фараҳбахш садо медиҳад. Матни асар мазмуни панду ахлоқӣ дошта, чунин оғоз мешавад:

*Даст бар сӯрох барӣ аз заҳри мор андеша кун,*
*Пой бар гул мениҳӣ аз захми хор андуша кун.*

Суруд бо суръати AIIegro moderato (боварибахш ) садо медиҳад. Зарбаш 7/8 (ҳафт ҳаштяк) мебошад, ки ин зарб танҳо хоси мусиқии кӯҳистони тоҷик аст. Аломати f (форте), ки дар оғози асар гузошта шудааст, баланд ва мутантан оғоз гардидани сурудро нишон медиҳад. Даромади асар бо мусиқӣ оғоз гардида, баъд аз 14 тақтеъ мусиқӣ матни он сар мешавад.

тобишҳои динамикӣ ба монанди легато, диез, бекар, форшлаг, ки истифода шудаанд, ҳусни сурудро меафзоянд. Лаҳни асар ля-минор буда, аз як ҷиҳат маҳзунро дар суруд нишон диҳед ҳам, пайдо шудани аломатҳои фа диез, до диез ва сол диез хусусиятҳои мажориро ба вуҷуд меорад, ки ин рангорангӣ хоси мусиқии классики тоҷик аст. Маҳорати муаллифи суруд дар он аст, ки шохчаҳои гуногуни мусиқии класикӣ ва кӯҳистониро моҳирона ва устодона ба ҳам омезиш додааст. Ин нозукиҳо ва дигаргуниҳо дар авҷи асар, ки байташ:

*"Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон,*
*Ин насиҳат бишнав аз ман, зинҳор андеша кун."*

мебошад, хело рӯшан ба назар мерасад ва мусиқӣ ҳам вобаста ба матн, ки мазмуни таъкидро мегирад, тағир меёбад. Хотимаи асар бо аломатҳои росо rit. (яъне оҳиста-оҳиста суст кардан) ва фермато, ки мадиди садоро таъмин менамояд, ишора шудааст ва ин хусусиятҳои хоси аксари сурудҳои классикӣ ва халқии тоҷикӣ мебошад. диапазони асар аз ляи октаваи якум то ляи октаваи дуюм мебошад. Инчунин Ҷ.Муродов сурудҳои "Ид омад", "Эй боғбон", "Вайрона кун" ва ғайраро, ки матнашон аз Мавлавист, эҷод намудааст.

Яке аз ҳунармандони писандида ва бомаҳорати халқи тоҷик Саидқул Билолова мебошад. Ӯ ба матни Ҷалолиддини Балхӣ сюитаи калон ҳаҷми "Давлати поянда", суруд барои яккахон ва хор "Офтобо" ва ғайраро эҷод намудааст. Суруди "Офтобо " вобаста ба мазмуни матн, ки оғозаш:

*"Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун,*
*Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун."*

мебошад, хело мутантан ва муфарраҳ садо медиҳад. Суръати асар AIIegro, яъне тез буда, лаҳнаш сол можор аст ва дар оғоз аломати f (форте), яъне баланд гузашта шудааст. Андозаи асар 7/8 (ҳафт ҳаштяк) мебошад. Оғози асар бо мусиқии дилчаспу рӯҳнавоз ва мунтантан оғоз мегардад, ки 17-

тактеъро дар бар мегирад. Баъд аз даромади мусиқӣ яккаҳон бо хондани " Офтобо бори дигар" сурудро оғоз менамояд ва айнаи ҳаминро хор такрор менамоянд, ки ба суруд як шукӯҳу шаҳомати хос мебахшад. Сипас яккахон як байти аввалро пурра мехонад ва авҷи суруд аз ҷониби хор иҷро карда мешавад ва ин амал то охири суруд паси ҳам такрор мегардад ва танҳо матнаш тағир меёбад. Дар суруд тобишҳои гуногуни динамикӣ форте, лига, реприза, сегна, диез, бекар истифода шудаанд, ки мазмуннокӣ ва зебоии асарро афзудаанд. Суруд бо ҳамон мутантание, ки оғоз гардида буд, ба анҷом мерасад.

Аз ҷониби ҳунармандони тоҷик бар ашъори Мавлоно сурудҳои зиёд эҷод гардидаанд ва дар оянда масъалаи алоқамандии ашъори ин нобиғаи бузург бо мусиқӣ аз ҷониби муҳаққиқини ин соҳа таҳқиқоти зиёд мехоҳад.

**Адабиёт**

1. Адабиёти имрӯзи Ирон. - Теҳрон: Қатра, 1377 ҳ.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва, 1969.
3. Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии Маънавӣ. – Таҳрон, 1379 ҳ. (2001 м).
4. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Пайғоми Шарқ. - Душанбе: Адиб, 1987.
5. Ҷалолиддини Балхӣ. Девони кабир. - Душанбе: Адиб, 1992.

**Парвина ШОЕВА**
**Сурайё РАҶАБОВА**
*омӯзгорони Муассисаи давлатии ибтидоии шабонарӯзии таҳсилоти махсус барои кӯдакони нобино ва сустбини шаҳри Душанбе*

## ҶОМЕА ВА ҶАВОНОН

Бо суръати тез рушд кардани ҷаҳон, инқилоб дар илму техника, табаддулоти бозори ҷаҳонӣ аз ҳар як шахс ва дар маҷмӯъ, аз ҳар як миллат муносибати ва диди навро ба ҳаёт талаб дорад. Аз ин рӯ, барои ҳар як фарди ҷомеа ва ҳар як ҷомеа, халқу миллат лозим аст, ки ин муносибат ва дидро дар асоси талаботи замон, вале дар заминаи миллию таърихии хеш дарк, пазирой ва амалӣ гардонад. Дар замони рушди раванди ҷаҳоншавӣ танҳо ба тавассути нигоҳ доштани беҳтарин арзишҳои миллӣ, таърихӣ, эътиқодӣ ва корбасти онҳо дар заминаи навтарин дастовардҳои муносибати миллатҳо метавонад боиси ҳамқадами замон шудани ин ё он миллат гардад. Ва бо боварии комил метавон гуфт, ки давлату миллати мо низ яке аз мамлакатҳои соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд буда, ҳаматарафа барои кушиш намудани ба сатҳи баланд бардоштани вазъияти иқтисодию сиёсӣ даст задааст. Инчунин, нақши асосӣ ва бисёр муҳимро махсусан ҷавонони мо ба ӯҳда гирифта, имкониятҳои бештар барои тараққиёти ҷомеа ва аз навкунонии ҷомеаро доранд. Новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои дигар, ҳанӯз дар ҷустуҷӯи ҳалли дурусти худ ниёз ба кӯмакҳо доранд. Ва шарту зарур ҳам аст, ки ҷавонони пешқадами мо бояд талоши бештар намуда, то ягона роҳи ҳали дурусти масоилро ёфта тавонанд.

Яке аз чунин масъалаҳо, яъне ҷаҳонбинии пасту камсаводии қисмати ҷавонони дар ватан ва дур аз ватан, ки

ҳанӯз бар зидди давлату миллат баромада, корҳои ношоистаи ҳаёт ба мисл террористӣ ва эстримистиро пайравӣ намуда ва бар хилофи давлату сиёсат, озодиву осудагӣ баромад доранд, баррасӣ мешавад. Пас, чунин масъалаҳои харатнок то чӣ андоза зисту зиндагии рӯзмараи халқу миллатро ба дараҷаи паст такон дода, ҳатто ноором ӣ ва хусумат ба назар мерасанд. Маълум аст, ки чунин масъалаҳо асосан аз нафамидани усули зиндагии моддӣ ва маънавӣ ба амал омада, то нуқтаи охирини он, ки натиҷааш ҷангу ноором ӣ аст, мерасонанд. Ин бо ҳисси пастии шууру идрок, ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ ва инчунин диққати ҷиддӣ додан ба баъзе равияҳои ғайриқонунии давлат мебошад. Аз ин рӯ вазифаи ҷавонон, тоҷикписарон ва тоҷикдухтарони мо дар он аст, ки пеши роҳи чунин масъалаҳои пучу бемаънӣ барвақт гирифтан лозим донанд. Зеро, Тоҷикистони азизи мо ниёз ба чунин ҷавонон дорад, то ки барои миллату давлат ҳамчун фарзанди азиз ва меҳрабон хизмати арзанда ба ҷо оранд. Баръакс, лаънат бар он фарзанди тоҷик бод, агар ватани худ, модари худ ва шаъну шарафи худро паст зада, ҳатто нангу номуси миллати тоҷикро аз байн барад. Агар ин кори хуб мебуд, яъне "терроризм" ё " экстремизм", пас имрӯз давлатҳои ба мисли Сирия, Афғонистон, Ироқ ба чунин ҳолат гирифтор намебуданд. Набояд фаромӯш кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала, чунин иброз доштанд: «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст».

Ин умеди ягонаи ҷавонон мебошад, ки бо роҳбарии Пешвои миллат, яъне давлату миллати худро аз чунин равияҳо ё мактабҳои алоҳида тоза карда, ба як давлати

пуриқтидори сатҳи баланди ҷаҳонӣ расондан. Хотиррасон бояд кард, ки бар зидди масъалаи мазкур на танҳо Тоҷикистони имрӯзаи мо, балки тамоми дунё баромад карда истодааст. Терроризм дар инкишофи таърихии инсоният ҳодисаи нав набуда, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба ин усул қувваҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ барои ҳокимият талош дошта, даст ба зӯрӣ, даҳшат овардан ва тарсонидани одамон мезаданд. Агар маънои луғавии экстремизм ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз андоза гузаштанро дорад, пас терроризм ин натиҷаи охирини экстремизм ба ҳисоб меравад. Лекин набояд ин амал дар кишвари сулҳу суботи мо барқарор шавад ё решаи пурхатар дошта бошад, балки ибрози мо ба ҷавонони имрӯза ин аст, ки ақлу заковати худро мувофиқи талаботи ҷаҳони муосир истифода баранд. Яъне, ягона роҳи дур будан аз чунин масъалаҳо, равияҳо ва ҳаракатҳо ин бо ҳисси тамоман банд будани ҳар як фарди тоҷикписар ва тоҷикдухтар ба хондану илм омӯхтан мебошад. Ҷавонони азиз, илму дониш аст, ки моро ба як натиҷаи баланди сатҳи ҷаҳонӣ бароварда, инчунин ному номуси миллату халқияти моро дар таърихи маданияти ҷаҳон сабт мекунад. Ин ифтихори давлату миллат мо аст, агар дар дунёи муосир номи давлати Тоҷикистон ва миллати тоҷик ба дараҷаи баланд васф карда шавад.

Муҳаққиқони диншинос бар ин назаранд, ки динҳои муташаккил дар хизмати баъзе созмону қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ қарор гирифта, барои дар ҷаҳолату нодонӣ қарор додани мардум истифода мешаванд, яъне аз дин ва догмаҳои динӣ ҳамчун абзори таъсиррасонии иҷтимоӣ истифода мешаванд. Ба сухани дигар дин дар ҳолати догматизм қарор ёфта, пешравӣ надорад ва ҷомеаи вобастшударо аз сатҳи зиндагии дунявӣ бозмедорад. Аниқтараш ин аст, ки дину мазҳаб набояд шахшуда бошанд, балки фаҳмиши он бояд

мутаҳаррик буда, ҳамеша дар таҳаввул ва мувофиқи талаботи замон бошад. Новобаста аз ин, инчунин чӣ қадар мардуми соддахаёл ва пастиродаро, ки диққати худро сарфи чунин амалиёт доранд, аз зиндагӣ маҳрум месозанд. Магар ин кор ягон фоидаи аниқ дорад ё танҳо зидди давлату миллат омода шудааст? Не! Агар ин амалиёт дар давраҳои пештар қобили қабул ҳам медонистанд, лекин имрӯз мардуми дунё, ҷавонон, махсусан ҷавонписарон ва ҷавондухтарони халқи тоҷик аз ин корҳои ношоҳиста, нораво, номумкин хабари аниқ ёфта, баръакс, зидди чунин рафтори аблаҳонаи ях хел чеҳраҳо баромад доранд. Ин падида на танҳо ба сиёсати дохилии кишварҳои алоҳида, балки дар муносибатҳои давлатҳои ҷудогона рахнаандозӣ намуда истодааст, ки Пешвои муаззами миллат дар суханронии худ доимо қайд менамоянд: «Мубориза бо терроризм ва экстремизм фароҳам овардани фазои боварӣ, эҳтиром ба манфиатҳои ҳамдигар ва муттаҳид шудани ҳамаи кишварҳои дунёро дар пешорӯи ин хатари умумӣ тақозо менамояд». Бале, комилан дуруст аст, агар ватани азизи мо Тоҷикистон аз чунин амалиёти ғайриқонунӣ дур бошад, ҳамон қадар дигар кишварҳои дохилу хориҷ бо давлату миллати мо робитаи дӯстӣ ва наздикӣ пайдо хоҳанд кард. Махсусан, ҷавонони кишвари мо бояд ҳамеша талош кунанд, ки ватани мо обрӯ ва эътибори баланди худро, ки имрӯз байни давлатҳои абарқудрат дорад, аз даст надиҳад ва дар масири рушду тараққӣ қадам занад.

Хулоса, Тоҷикистони имрӯзаи мо як давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд ва демократӣ буда, дар сатҳи минтақавӣ ва фароминтақавӣ нуфуз дорад. Инчунин, ҷавонони кишвару миллати мо низ бештар барои хондану илм омӯхтан намуда, барои ободонии диёру ватани азизи худ аз дилу ҷон хизмати арзанда доранд.

## ҶАШНҲОИ МИЛЛӢ – ФАРҲАНГИ ХУДШИНОСӢ

**Тоҷинисо МУРОДОВА**
*ходими пешбари илмии*
*ИФСҲ-и ба номи*
*А.Баҳоваддинови АМИТ*

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ «АРӮСИ СОЛ» ГУЛИ ЛОЛА

Дар фарҳанги тоҷикон гули Лола бо номи «Арӯси сол» машҳур аст, дар фасли баҳор ҳама дашту чаманзор ва саҳроҳоро гулгун мекунад. Мувофиқи маълумотҳои муҳаққиқони гули лола он дорои навъҳои зиёде аз 100 то 150 гуна аст. Ҷою макони аслии Лолаи худрӯ мувофиқи маълумоти сарчашмаву расонаҳои интернетӣ Осиёи Марказӣ дониста мешавад. Ин гули зебои худрӯи айёми баҳорӣ бештар дар Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон, Самарқанду Бухоро, Туркия, Сурия, дар соҳилҳои бахрҳои Арал, Хазар, Сиёҳ ва ҳамчунин Юнону Италия, Ҳоланду Испания, Африка мерӯяд. Аммо дар байни кишварҳои Шарқи форсу тоҷик ва туркзабон Эрон, Тоҷикистон, Узбакистон, Туркия ва Озорбойҷон гули лола нуфузи зиёд дорад. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони гули лола Амана Ҳонда ва Э. Попов…дар Эрон 19 хел аз шаклҳои гули лола рӯида мешавад. Аз нуқтаи назари гиёҳшиносӣ лола ба ду гурӯҳи калон – парваришӣ ва худрӯ тақсим мешавад. Баргҳои лолаи худрӯ нозуку ҳассос ва зуд осебпазир аст. Аммо гулҳои лолаи парваришшуда бузург ва гулбаргҳои нисбатан бақуввати тобовару пуртоқат дорад. Ҷоми ин гулҳои парваришӣ калонтар ва аз ҷиҳати рангомезӣ ғанитаранд. Лолаҳо ба таври умумӣ дар чор табақаи куллӣ

тақсим мешаванд: а) лолаҳои зуд гулдиҳанда, ки ба ду гуруҳ ҷудо мешаванд: 1. Лолаҳои зудрӯяндаи такпар, гули нисбатан қадкутоҳ буда, 15-45 сантиметр баландӣ дорад. 2. Лолаҳои зудрӯяндаи серпар, ки бештар аз шаш гулбарг дорад; б) лолаҳои миёнрас, ки онҳо низ аз ду гуруҳ иборатанд: 1. Лолаҳои пирӯзӣ, ки аз ҷиҳати навъу аъдод бузургтарин гурӯҳи гулҳои лола мебошанд; 2. Лолаҳои дурагаи Дарвин - баландии ин гул ҳудуди 50-70 сантиметр аст; в) лолаҳои деррас - ба ҳафт гуруҳ тақсим шудааст: 1.Лолаҳои дерраси такпар, ки баръакси гуруҳи зудраси такпар гиёҳи қадбаланд аст, ки ҳудудан 45-75 сантиметр аст; 2. Гули лолаи савсанӣ, ки шакли ҷоммонанд дорад; 3. Гули ҳошиядор, ки дар лабаҳои гулбаргҳояш буридагиҳои зиёди начандон ба назаррас дорад; 4. Гули лолаи сабзи баҳорӣ – шакли нимпушида дорад ва гулбаргҳояш пурра сабзранг аст бо ҳошияе аз дигар ранг ё хатчаҳое аз ранги сабз дар қисмати миёнии гулбаргҳои он рангҳои дигар дида мешавад; 5. Гули лолаи Рембранд – шикастагии рангӣ ва рах-рах будани рангҳо дар онҳо дида мешавад; 6. Гули Тутӣ-лабаҳои гулбаргҳояш тоб хурдагӣ ва ба Тутӣ монанди дорад; 7. Гули дерраси пурпар; г) гулҳои шаклҳои махсус дошта, ба се қисмат ҷудо мешаванд: 1. Лолаҳои нилуфари обӣ, ки ба лолаҳои худрӯ монандӣ доранд; 2. Лолаҳои импературии дурага; 3. Лолаҳои шинелқирмизи дурага.[2]

Аз соли 1981 тақсимбандии гулҳои лола тавассути Анҷумани салтанатии пиёз (реша)-и лолаи Ҳоландӣ шуруъ шуд ва лолаҳо бар асоси шакли гиёҳ ва шаклу замони кушода шудани гул ба 15 гуруҳ тақсим шудаанд. Дар замони ҳозир аз

[2] Амана Ҳонда, Эдуардо Регелия…Попов, Оризуя Д. Дон https::/fa.wikipedia. orq/wiki/

лиҳози тавлид ва содирот решаву гулу шохаҳои лолаи Ҳоландӣ ҷойгоҳи аввал дар байни кишварҳои ҷаҳон дорад.[3]

Умуман дар байни тамоми гулҳои баҳорӣ гули лола ҳамчун гули «Ороиши соли нав» ва ё «Арӯси сол» дар айёми баҳорӣ ба ҳисоб меравад, зеро ки дар фасли баҳор ин гул тамоми дашту теппаҳоро дар байни сабзаву гиёҳҳо махмалпуш намуда, табиатро бо ҷилваи латифи худ зебову ҳаловатбахш менамояд. Аммо, мутаассифона ин гули худрӯи табии зебо нисбатан умри кутоҳе дорад, чунки он на тоқати гармо ва на тоқати сармои сахт дорад. Ин гули «Ороиши саҳро» ниҳоят зарифу нозук буда, ҳавои баҳоронаи нарму латиф ва муътадилро дӯст медорад ва барои вай бодҳои сахту шамолҳои тунд ва офтоби сӯзон душмани қавӣ аст. Гули лола гули ишқу муҳаббат ба табиат, гули ваҳдату ягонагӣ байни гиёҳону дигар гулҳои худрӯи табиат мебошад ва ӯ ҳаргиз зараре ба ҳеҷ кадоми онҳо намерасонад. Дар айни замон он дар беҳбудии ҳолатҳои рӯҳӣ-қалбии инсон муассир аст. Аз ин ҷо, ин гули латифу ҳассос дар фасли сол як ду моҳе рӯи қолинҳои сабзи табиат ҷавлон намуда, дар дили кас рушаниву сурур, ишқу муҳаббатро нисбати табиату сарзамини хеш бедор намуда, вуҷуди инсонро пур аз ҳисси меҳанпарастӣ ва ватандӯстӣ мекунад. Шахс бисёр дӯст медорад ва мехоҳад, ки дар айёми шукуфтани гули «Арӯси сол» ба ин дашту саҳро ва сабзазорҳои пургул баромада, аз зебоии онҳо лаззат бибарад. Махсусан сурхии гули лола ва гулҳои нозукаки худрӯи бунафшу гулобӣ, зардаку сафедак, кабудчаву суратӣ ва ранги сабзи сабзаҳои худрӯ хеле бо ҳам месозанд ва табиат аз зебоии онҳо ва боди латифи насим меболад. Кудакон бошанд аз муғчаҳои навшукуфтаи гули лола арусак месозанду бо шавқ байни гулу сабзаҳо давутоз мекунанд.

[3] Амана Ҳонда, Эдуардо Регелия Попов. Ориҳия Д.Дон https;//fa. Wikipedia.orq/wiki/

Хотиррасон намудан зарур аст, ки гирду атрофи кӯчаву хиёбонҳо, гулгашту боғчаҳо ва боғу чаманзорҳои навободи шаҳри Душанбе ҳар сол дар айёми баҳор то тобистон бо лолаҳои ранго-ранг бо як санъату фарҳанги воло оро дода мешавад. Зебоиву таровати он ба шаҳр як нури биҳиштӣ эҷод мекунад, ки дар ин ҷо хизмати Раиси шаҳрамон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ниҳоят бузург аст. Он кас бо заҳматҳову истеъдодҳои баланду бомаърифатонаи хеш тамоми фаслҳои солро мувофиқ бо ҳарорату бардошти онҳо аз табиат сабзу хуррам ва бо рангомезии гулҳо пурнақшу нигор мекунанд, ки мо шаҳрвандон аз Он кас сипосгузорӣ мекунем ва хоҳони онем, ки бо аҳли байташон ҳамеша сарбаланду саодатманд ва боиси ифтихори миллату мардуми тоҷик бошанд.

Аз фурсат истифода намуда, аз шаҳрвандандон ва махсусан ронандаҳои мошинҳои савора, шахсӣ ва нақлиёти мусофирбарӣ эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки мусофиронро дар истгоҳҳо пиёда кунанд, ки ба меҳнату заҳматҳои модарону хоҳарон ва бародарони хеш, ки дар кишту кошти гулзору чаманзорҳо ва ободии шаҳр ширкат меварзанд, эҳтиромро ба ҷо биоранд ва рӯи гулгаштҳо, ки неъмат аст по нагузоранд, дигар пасмондаҳои даҳону чизҳои нозаруриро напартоянд ва ҳамчунин мошинҳояшонро нагузоранд. Зеро ки неъмати Худо танҳо нону об нест, балки ҳамаи табиат ва сохту созҳо неъмати ӯст.  Махсусан гули лола, ки мавзӯи баҳси мақолаи ҳозир аст, ниҳоят табиат нозук дораду зуд осебпазир аст ва бо андак беэҳтиромиву беэҳтиёти ӯ аз байн меравад. Умедворам, ки хонандаи азиз аз ин хоҳишҳои мо дилгир нашаванд ва ҳамчун як хоҳиш ин ҷумлаҳои болоро ба эътибор гиранд.

Чунонки дар боло гуфтем, гули лола бо унвони машҳуртарин гули худрӯ дар фарҳангу адаби тоҷику форс нуфуз ёфта, ки бисёре аз мутафаккирону шоирон рӯи лола

шиносӣ доштанд ва онро дар ашъори хеш дар шароиту лаҳзаҳои гуногун таъбиру тасвир ва киноя карданд: *лолаи доғдор, лолапуш, лоларух, лолазор, лолагун, лоласор,* ҳамчунин мафҳумҳои ирфонии паймона, ҷом, соғар, қадаҳ ва ғайра мавриди истифода мешуд. Ҳамчунин гули *лоларо* дар лаҳзаҳои гуногуни пешомади зиндагӣ ба таври рамзӣ барои баёни ҳолатҳои рӯҳӣ-қалбӣ ва андешаҳои ахлоқӣ-иҷтимоии хеш истифода намудаанд. Аз он ҷумла Соиби Табрезӣ фармудаанд:

*Мотаму сури ҷаҳон ба якдигар омехтааст,*
*Софу дурди ин чаман чун лола як паймона.*
(Девони Соиби Табрезӣ. Т.,1374.-С.7).

Бисёр мутафаккирону шоирон барои обу ранг додан ва зебоии сухан гули *лоларо* образ додаанд. Чунончи Сайидо навиштааст:

*Эй шамъ, бар сари мани гирён хуш омадӣ,*
*Чашми чароғи шоми ғарибон хуш омадӣ!*
*Чун барги лола доғи маро тоза сохтӣ,*
*Эй шохи гул ба сайри гулистон хуш омадӣ!*
(Сайидои Насафӣ. Асар. мунтахаб. Д.,1977.-С.488)

Сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллои Рудакӣ *лоларо* бо забони ширину шево чунин васф намудааст:

*Бихандад лола ба саҳро,*
*Ба сони чеҳраи Лайло.*
*Бигиряд абр бар гардун,*
*Ба сони дидаи Маҷнун.*

Хайёми бузургвор дар «Наврӯзнома»-и хеш фармудаанд:

*Чун абр ба Наврӯз рухи лола бишуст,*

*Бархезу ба ҷоми бода кун азми дуруст.*
*К-ин сабзе имрӯз тамошогаҳи мост,*
*Фардо ҳама аз хоки мо бархоҳад руст.*

Дар ҷои дигар омадааст:

*Аз ҳасрати лаби ширин ҳануз мебинем,*
*Ки лола медамад аз хоки турбати Фарҳод.*

**Маъно ва мафҳуми лола.** *Лола* ба туркӣ «Тулипо» ном бурда мешавад, ки то ба Аврупо расидааст ва дар он ҷо ҳам ин ном машҳур аст, вале худи туркҳо дар замони ҳозир монанди мардуми тоҷику форс ин гулро лола меноманд. Номи «Гули *лола*» аз калимаи *лол*, ё *лаъл* аз забони санскрит ба маънои «қирмиз» гирифта шудааст. *Лолаҳо* дар байни гулбаргҳояшон доғи сиёҳ доранд, ки ин рамзи доғи ишқро дорад.

*Лола* пурпарчам аст, баргҳои он дорои буридагии амиқ ва камаш се қисмат, ё се баргча дорад. Ҳамаи гулҳои *лолаи* худрӯ дорои се гулбарг ва се косабарги рангин ба шакли гулбаргҳо ҳастанд. Хонаводаи навъҳои ранги гули *лола* то дараҷае аст, ки метавон гуфт, ки тамоми рангҳоро доро мебошанд. Аз ин ҷо, гули *лола* дар замони ҳозир дорандаи чунин рангҳо мебошад: сурх, сафед, норанҷӣ, суратӣ, суратии бунафшаранг, бунафшаӣ, сабз, кабуд, сиёҳ, қаҳваӣ, қаҳваранг, зард ва рангҳои омехта мебошанд. Ҳамаи ин гулбаргҳои рангӣ хатчаҳои сиёҳ доранд. Се номбурди гули *лола* – шақоиқ, шақоиқи нуъмонӣ ва *лоларо* медонем, ки онҳо дар айни замон гиёҳони мутафовут ҳастанд. Ин се гул ҳамроҳ бо доғҳои сиёҳ, ки дар маркази гулашон ҳастанд, ба якдигар хеле шабоҳат доранд. Вале бояд гуфт, ки як донистани шақоиқ ва *лола* хатост, зеро номи илмии шақоиқ анемоне аст ва шақоиқи нуъмонӣ – номи илмиаш папеверсез мебошад.[4] (Аммо дар асл ҳамаи ин гулҳо

[4] https://fa.wikipedia.org/wiki/

аз як хонавода ба ҳисоб меравper). Лолаи маъмулӣ бошад баргҳои нозуки зудранҷ ва зуд аз байн раванда дорад, аммо баргҳои гулҳои шақоиқҳо пурқувваттар ва пурбардоштттар буда, умрашон дарозтар мебошад.

Маҳал ва макони гулҳои лолаи худрӯ қариб дар ҳама ҷои Тоҷикистон, махсусан дашту теппа ва боғу чаманҳои Ҳисор, Шаҳринав, Файзобод, Данғара, Фахробод, Ховар, шаҳру рустоҳои ноҳияи Хатлон, Истаравшан, Исфара, қисматҳои кӯҳии Деваштич, теппаву доманаҳои Кӯҳистони Мастчоҳу Айнӣ, Ваҳдат, Норак, Ёвон, Ванҷу Дарвоз, Вахё, Рашт, аз кӯҳҳои Помир то Тияншон ва ғайраҳо воқеъ аст.

Дар Ванҷ дар совети қишлоқи Водхуд дар деҳаи Узбай мавзеи бо номи «Лолазор» воқеъ аст, ки мувофиқи гуфтаи муҳаққиқи озодандеши таърихи фалсафа Комил Бекзода, он маҳал аз зебоии худ касро ба ҳайрат меандозанд. Ҳамчунин дар ноҳияи Рошткалъа (Қалъаи сурх)-и Бадахшони Боло тақрибан моҳи апрел лолаҳои кӯҳистон чун арӯсаки сол қомат меафрозанд. Ба ҷуз ин дар ҳамин Рошткалъа маҳаллае бо номи Тусиён аст, ки макони лолаҳои ранго-ранг мебошад.

Бояд гуфт, ки яке аз маҳаллаҳои Файзобод, қаблан як дашту теппаи пурсабзаву пургули лолаи худрӯи қоматбаланд буд, ки бо номи «Лолагӣ» машҳур аст, ки қисмати зиёде аз он маҳалро ба ҷои гули лола  одамон бо хонаҳои истиқоматиашон ишғол намудаанд. Аммо бо вуҷуди ин аз роҳи мошингард, ки рад шудӣ дашту теппаҳои махмалини лолаҳо дили инсонро ба ваҷд оварда, вуҷуди шахсро як ҳисси меҳру муҳаббат нисбати табиати сарзамини Ватан фаро мегирад. Фалсафаи зебоиҳои табиат дар он аст, ки вай бо бӯи атру тароватҳои табиии хеш ба рӯҳу дили инсон дар ҳар як фасли сол умеди зиндагии наву тоза ба тоза мебахшад.

Агар нигоҳе ба таърихи гули лола андозем, нақши гули лола дар қадимтарин осори бостонӣ низ ба назар мерасад.

Нақши лола дар муҳрҳои сангӣ ва биринҷие, ки сабт шудааст, қадимии онҳо беш аз 20 аср пеш аз мелодиро ташкил медиҳанд. Дар асрҳои дуюм ва сеюми пеш аз мелод низ нақши гули лола бо як даста гули лола ба даври сар ва ба рӯи сикаҳо тасвир ёфтааст. Дар асрҳои 3-5 мелодӣ нақши гули лола дар зарфҳои нуқрагин, муҳрҳо ба се гулбарг ба тасвир кашида шудааст. Аммо дар осори аз сосониҳо боқӣ монда дар асрҳои 5-6 мелодӣ теъдоди гулбаргҳои нақши лола ба 5 адад афзоиш ёфтааст, ки тасвири он дар тоқи бузург гули лолаи бо панҷ гулбарг кандакорӣ шудааст.[5]

Дар замони ислом низ ишқу алоқа ба гули лола дар кишварҳои Эрон, Мовароуннаҳру Хуросон ба назар мерасад, ки намоёнгари он ин осори мутафаккирону шоирони асрмиёнагӣ мебошад. Дар ин бора дар боло намуна аз осори классикони тоҷик оварда шуд. Замони подшоҳии Аҳмади сеюм (1703-1730) дар империтури Усмонӣ ба номи «асри лола» маъруф аст ва дар ҳамин давра таваҷҷуҳ ба гули лола дар Туркия боло мегирад.

Дар ҳоли ҳозир ҳазорон навъи лола бо рангҳои мутафовут вуҷуд дорад. Дарозии қади лолаи худрӯ бештар аз 20 сантиметр мебошад ва аз нигоҳи зоҳирӣ ҷоми гули лола ба қисматҳо тақсим мешавад: такпари финҷоншакл; пурпари қадаҳшакл; ҷомшакл; ҳошиядор; гулбарги баланду борики нозук; ситорай.[6]

**Муҳити зисти гули лола**: гули лола нисбатан ба салқинӣ тобовар мебошад. Беҳтарин ҳарорати ҳаво барои решадиҳии ин гул 9 дараҷа, барои рушд 15-18 дараҷа гармӣ аст. Аммо гули лола ба муҳити ниҳоят гарм тобовар нест. Лола гули

---

[5] Ниг.: ҳамон ҷо.
[6] Ҳамон ҷо.

нозуку ҳассос буда, дар ҷойҳои офтобии дур аз чангу хок ва бод мерӯяд ва ҳосилхез аст.

Навъҳои қадимии лола аз таркиби ду навъ: лолаи боғчаӣ ва лолаи арманӣ гирифта шудаанд. Хонадони лолаҳои ҷадидтар се навъанд: лолаи шинелқирмизӣ; лолаи импературӣ ва лолаи нилобӣ.

Ҳамин тариқ, гули лола танҳо ду-се моҳ дар сол шукуфон мешавад, яъне замони гулдиҳии он аз нимаи апрел то аввали июн вобаста ба маҳаллаҳои гарму салқин идома меёбад.

**Нодир НУРОВ**
*докторант (Phd)-и ДДФСТ*
*ба номи М. Турсунзода*

## НАВРӮЗИ ҶАМШЕДӢ – ФАРҲАНГИ ХУДШИНОСӢ

Вақте ки дар бораи Наврӯз андеша ва гуфтугӯ мекунем, қабл аз ҳама, моҳияти ҳувиятӣ ва фарҳангии он пеши назар меояд. Ба ин далел, Наврӯзи Ҷамшедӣ дар баробари дигар муқаддасоти миллию аҷдодӣ аз муқаддасаи муҳим ва арзишманди таърихи фарҳангу тамаддуни форсии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, бори масъулияти ҳамзистию ҳамгироии милалу халқиятҳои қаламрави Тоҷикистонро бар дӯш дорад. Собиқаи таърихӣ ва фарҳангии ин ҷашни инсонсоз гувоҳӣ медиҳад, ки он ҳамеша ҷонибдори саодату пирӯзии навъи башар буда, инсонро ба сӯйи ҳамдигарфаҳмию вафодорӣ, некуйиву меҳрварзӣ, хирадмандию ақлгароӣ, собитқадамию устуворӣ, хештандорию худогоҳӣ, худшиносию ҳувиятписандӣ ҳидоят намудааст ва бо гузашти қарну асрҳои мутамодӣ суннату ойинҳои Наврӯз имрӯз ҳам на танҳо дархӯри ҷомеа мебошанд, балки дар таҳрики худогоҳию худшиносии милливу мардумӣ нақши калидӣ доранд (9, 58). Маҳз ҳамин нукта боис гардид, ки мақоми марбутаи Созмони Милали Муттаҳид – ин мақоми баландпояи сиёсии башарӣ ҷашни Наврӯзро ба сифати ҷашни ҷаҳонӣ шинохт ва таҷлили саросарии онро дар манотиқи мутааддади сайёра тавсия ва иҷозат дод.

Худшиносӣ эҷоди фардист ва биниши инсониро дар робита бо зиндагӣ, ҳастӣ, кайҳон ва билохира олами инсонӣ ифода мекунад. Ба назари муҳаққиқон, худшиносӣ бар мабнои тасаввуроту донишҳои ибтидоии инсон дар заминаи шинохти ҷаҳону ҳастӣ ва он чи дар перомуни ӯ мегузарад, шакл

мегирад (4, 24). Аз ин ҷост, ки ҳар нафар бо назардошти фаросат, фазилат, дарк, хирад ва маърифати худ ба ҷаҳону ҳастӣ менигарад ва ба ин восита ҷаҳони худогоҳию худшиносиашро тавсеа мебахшад.

Наврӯз, қабл аз он ки ба он ҷомаи кишоварзӣ, ахтаршиносӣ, кайҳоншиносӣ пӯшонанд, фарҳанги худшиносию худогоҳист ва маҳз тавассути маросимоти наврӯзӣ миллати мо марҳилаи нахустини худшиносиашро оғозидааст. Ин нуктаро донишмандони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Дорместетер, Кристенсен, Меҳрдоди Баҳор, Ҳошим Разӣ, Манучеҳри Ҷамолӣ, М. Рӯҳуламинӣ, М. Ҳазратқулов, Акбар Турсун, К. Бекзода, М. Мирраҳим, Рӯзӣ Аҳмад, Д. Раҳимов ва дигарон таъйид кардаанд. Муҳим ин аст, ки Наврӯз ба сифати як ҷашни фарогир, пеш аз ҳама, баёнгари ҳувият ва худшиносии миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мебошад.

Ба ин тартиб, марҳилаи аввали худшиносии миллӣ, ки ба зуҳури Наврӯз оғоз меёбад, бо шахсияти устуравии Ҷамшеди пешдодӣ бастагӣ дорад. Аз ин ҷост, ки Наврӯзро ба шахсияти нимустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшед тавъам медонанд ва ин тавъамӣ ё пайвастагӣ бедалел нест, чаро ки Ҷамшед нахустин шаҳриёри ҳушманди ҷуғрофиёи фарҳангию сиёсии ориётаборон аст, ки тавассути илму хирад сохтани ҷаҳони навро бар уҳда гирифта, пружаи сохтусози ҷаҳони ҷадидро ба сомон расонидааст. Ба сухани дигар, Ҷамшед бо овардани Наврӯз марҳилаи аввалини худшиносии миллиро дар ҷаҳони маърифати иронитаборон оғоз бахшида, таҷлили онро ҳамчун фарҳанги худшиносӣ ба мерос гузоштааст. Ин аст, ки иқдомоти Ҷамшедӣ дар заминаи таҷлили саросарии Наврӯзи бостонӣ то имрӯз ҳамчунон идома доранд.

Гап сари ин аст, ки мушкилоти ҷомеаи инсонӣ аз замони зуҳури инсонӣ то ба имрӯз дар як нукта тамаркуз мекунад ва

он маргу нестӣ аст. Ҳамин мушкили аввалиндараҷа ва ба истилоҳ, калидӣ дигар мушкилотро дар худ мунсаҷим месозад. Ин мушкилот (дард, ранҷ, бемори, сардӣ ва гармии аз ҳад зиёд, бадбинӣ ва танаффур, дурӯғгӯйӣ ва амсоли инҳо) пайваста ҳамқадами инсонанд ва ба гумони устурасозони пешин, рафъи мушкилоти фавқ аз ҷониби Ҷамшед ба вуқӯъ пайвастааст ва нахустин маротиба дар таърихи фарҳанги мо (албатта, дар қолаби устура ва боварҳои миллӣ) инсон намиранда мегардад. Дар китоби «Вандидод» (фаргарди дувум, бахши якум, банди 5), ки ба достони Ҷам ихтисос ёфтааст, Ҷамшед дар посух ба пурсиши Аҳуромаздо гуфтааст: «Ман ҷаҳони туро фарохӣ бахшам. Ман ҷаҳони туро биболонам ва ба нигаҳдории (ҷаҳониён) солору нигаҳбони он бошам. Ба шаҳриёрии ман на боди сард бошад, на (боди) гарм, на беморию на марг» (1, 425). Ҳаким Фирдавсӣ, бо такя ба асотири куҳани аҷдодӣ дар қолаби достони Ҷам (достон шомили 74 байт буда, дар маҳдудаи абёти 48-55 зуҳури Наврӯз ва тадорукоти Наврӯзӣ ба риштаи тасвир кашида шудааст) аз дарду беморию ранҷурӣ ва марг раҳо гардидани мардумро фоли неки Наврӯзӣ дониста, аз ҷумла таъкид кардааст:

*Сари соли нав ҳурмузи фарвадин,*  
*Баросуда аз ранҷ рӯйи замин.*  
*Бузургон ба шодӣ биоростанд,*  
*Маю ҷому ромишгарон хостанд...* (12, 55-56)

Маҳз Ҷамшеди нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ тавонист, ки бо меҳр, хирад ва дод мардумро ба хештаншиносӣ ва ҳувиятсозӣ мутамоил кунад. Ба қавли донишмандон, дар даврони Ҷамшед ва айёми Наврӯзӣ мардум ба шукуфоии иқтисодӣ ва рифоҳи молӣ мерасанд, хонаҳои бошукӯҳ барпо мекунанд, гармобаҳо месозанд, ҷавоҳирот дуруст карда, атр ба кор мебаранд ва саранҷом дар нозу неъмат ғарқ мешаванд (10, 156).

Ҷомеаи давраи Ҷамшед зарфи сесад сол чунон дар рифоҳу осоиши маънавию моддӣ ғарқ мешаванд, ки ранҷу дард, зулму бадӣ, заъфу нотавонӣ, пирию бемориӣ ва маргу нестиро аз ёд мебароранд ва дар фазои ромишу тараб умр ба сар мебаранд. Фирдавсӣ он давраи пуршукӯҳро тайи 3 байт (достони Ҷам, абёти 56-58) хеле муассир инъикос кардааст:

*Чунин сол сесад ҳамерафт кор,*
*Надиданд марг андар он рӯзгор.*
*Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*
*Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон буд пуровозу нӯш* (12, 56).

Бояд тазаккур дод, ки Наврӯзи Ҷамшедӣ бо фарҳанги худсозию худшиносӣ аз домони устураҳо берун омад ва ба давра ва мароҳили таърихӣ пайваст. Баррасиҳои катибаю сангнавиштаҳои баҷоймондаи даврони Ҳахоманишӣ ҳокӣ аз онанд, ки ҷашни Наврӯз дар фазои салтанати Ҳахоманишӣ ҷойгоҳи муносиб доштааст. Бархе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки Куруши бузург Наврӯзро дар соли 538 (қабл аз мелод) ҷашни миллӣ эълом кард ва дар ин рӯз барномаҳои вижае барои фароғати сарбозон, поксозии маконҳои ҳамагонӣ, хонаҳои шахсӣ ва бахшиши маҳкумон ба иҷро расонд. Куруши бузург маросимоти Наврӯзиро ба Бобул интиқол додааст ва муҳаққиқон дар ин замина таъкид мекунанд, ки ӯ ҳангоми иҷрои маросими иди Наврӯз ба эҳтироми суннати деринаи подшоҳони Бобул дасти **Bel** (Баал) – Худои бузурги бобулиёнро ламс мекунад ва қонунан дар шумори подшоҳони Бобул дармеояд (2, 122). Гузашта аз ин, маросими Наврӯзӣ ба сифати ойинҳои фарҳангӣ дар замони дигар подшохони Ҳахоманишӣ низ тадовум ёфтаанд. Ҳамчунин, дар замони Дориюши якум маросими Наврӯзӣ дар

Тахти Ҷамшед (Персе́полис, Чиҳил Манор — шаҳри бостонии форсӣ, ки асрҳои VI—V пеш аз мелод пойтахти империяи Ҳахоманишҳо будааст) баргузор мешуд ва мардум Наврӯзро ба таври шукӯҳманд таҷлил мекарданд. Муҳаққиқон ва сиккашиносон бар асоси сангнавишта ва тасвирҳо ҳадс задаанд, ки Дориюши аввал сиккае аз ҷинси тилло зарб намудааст, ки дар як сӯйи он сарбозе дар ҳоли тирандозӣ тасвир гардидааст ва ин навъ тадорукоти ҷашнӣ, ѓолибан ба муносибати Наврӯзи соли 416 (қабл аз мелод) гирифта шудааст. Бархе аз пажӯҳишгарон (мисли Ҳартсфелд, Орднер, Гиршман ва Бродо) муддаӣ ҳастанд, ки Тахти Ҷамшед барои баргузор намудани ҷашни Наврӯз сохта шудааст (7 -- fa.wikipedia).

Албатта, дар даврони салтанати Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ Наврӯз тобиши динӣ касб кард, аммо махсусият ва вежагии ҳувиятии худро, ки бар мабнои худсозию худшиносӣ устувор будааст, гум накард. Дар даврони Сосонӣ маросими иди Наврӯзро байни шаш то сӣ рӯз баргузор мекарданд ва **рӯзи шашуми фарвардин ва ё Наврӯзи бузургро Хурдодрӯз** меномиданд ва ин рӯзро мутааллиқ ба фариштаи муқаддаси Хурдод медонистанд. Пайравони ойини маздоясно муътақид буданд, ки Зардушт **(650 сол пеш аз мелодии Масеҳ)** дар ин рӯз зода шуда, дар ҳамин рӯзи муқаддас бо Худованд ба розу ниёз пардохтааст, аз ин рӯ, ин рӯз барои ирониён муқаддас ва муҳтарам шумурда мешудааст. Подшоҳони Сосонӣ низ дар дарбор ойинҳои Наврӯзро бо шукӯҳи хоссе баргузор мекарданд ва шоҳон панҷ рӯзи аввал (ба унвони **«Наврӯзи омма»** маъруф аст) бори ом медоданд ва ба рафъи ҳоҷатҳои мардум мепардохтанд. Сипас, **«Наврӯзи хосса» ё Наврӯзи бузургро,** ки аз рӯзи шашуми фарвардин шурӯъ мешуд, ба худ ва наздиконашон ихтисос дода, ба ҷашну шодмонӣ мепардохтанд ва навоҳои хосси Наврӯз дар ин айём дар

дарбори подшоҳон навохта мешудааст. Дар айёми ҷашнӣ табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ бо баргузор кардани базму маҳфилҳои вежа соли гузаштаро ёд ва таҳвили соли навро фоли нек дониста, дар таҷаддуди фикрӣ ва маънавӣ, ки дар маҷмӯъ, ба фарҳанги худшиносӣ иртибот мегирифтанд, мекӯшиданд.

Бо он ки давлати Сосониён шикаст хӯрд ва араб бар ҷуғрофиёи ориёӣ мусаллат гардид, Наврӯз ва тадорукоти Наврӯзӣ аз миён нарафт ва фарҳанги ҷашнӣ бо шукӯҳу ҷалоле дигар ҷилва намуд. Дилбастагии мардуми форсу тоҷик ба суннатҳои ниёкон муҷиб шудааст, ки Наврӯз минҳайси рамзи шукӯҳ ва азамати фарҳанги миллӣ дар саросари даврони исломӣ, ҳатто дар давраи хулафое, ки эътиное ба ин русумот надоштанд, барпо мешудааст ва ошноию огоҳии фармонравоёни Уммавӣ ва Аббосӣ аз ойини ҳадя додан ба ҳокимон далеле барои гироиши фармонравоёни араб ба баргузории Наврӯз гардидааст. Бо коҳиш ёфтани қудрату нуфузи хилофати исломӣ бар давлатҳои миллӣ, ҳамчунин эҷоди давлатҳои мустақиле назири Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён суннати таҷлили ҷашнҳои миллию мардумӣ эҳё шуда, иҷрои русумоти миллӣ сабаби шукӯҳу ҷалоли ҷашни Наврӯз дар қаламрави давлатҳои миллӣ гардид.

Дар давраи салтанати Сомониён (874-999) Наврӯз ба сифати ҷашни меҳварӣ мавриди таҷлил қарор мегирифтааст. Амирони хирадпарвари Сомонӣ хуб дарк мекарданд, ки Наврӯз на танҳо ҷашни кишоварзӣ, балки ҷашни хирадпарварӣ ва фарҳанги худшиносию инсонсозист. Ин буд, ки дар давраи салтанати амирони Сомонӣ, қатъи назар аз он ки неруҳои зиддимиллӣ фаъол буданд, раванди худогоҳию худшиносии миллӣ тавассути ҷашнгирии саросарии Наврӯз дар манотиқи қаламрави давлат таҳкиму тақвият ёфт (9, 457-458). Маҳз дар замони салтанати Сомониён дар арафаи

Наврӯз, бо такя ба суннатҳои даврони Сосонӣ оташ меафрӯхтанд, мутрибон оҳангҳои ҷашнӣ навохта, ҳофизон суруду таронаҳои Наврӯзӣ месароиданд, сайругашти идонаи мардум аз шом то ба субҳ идома меёфт. Кор то ба ҷое расида будааст, ки маросимоти Наврӯзии замони Сомониён айёми Хусрави Парвизи Сосониро ба лавҳи хотир меовард ва аз ин тариқ суннату ойинҳои ниёкон дар марҳилаи дигари таърихӣ зинда ва бозсозӣ шуданд (6, 31-34).

Бо таваҷҷуҳ ба ин, дар замони давлатдории Сомониён худшиносии миллӣ ба марҳилаи сифатан нави таърихӣ расида, раванди таҷлили он тавассути сиёсати фарҳангии давлати миллӣ таҳкиму тавсеа ёфт. Шоирону донишмандон ба тавсифи ин ҷашн кӯшиданд, ашъори рангин суруданд, китобҳо навиштанд (аз ҷумла китобҳои «ал-Ашъор фӣ соири Нийрӯз вал Меҳрҷон»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «ан-Нийрӯз вал Меҳрҷон» ва амсоли инҳо ба сифат ва мушаххасоти Наврӯз ихтисос ёфта буданд). Давлати Сомониёнро метавон ба унвони қаламрави фарҳанги Наврӯз муаррифӣ кард.

Дар замони Шӯравӣ (солҳои 1924-1991), новобаста аз равиши тунди идеологӣ мардум ва фарҳангиёни тоҷик Наврӯз ва ойинҳои Наврӯзиро дар қолиби ҷашнҳои баҳорӣ таҷлил мекарданд. Махсусан, аз ибтидои солҳои ҳафтодуми садаи бист таҷлили Наврӯзи бостонӣ ба унвони ҷашни миллӣ ва фарҳанги худшиносӣ машрӯият пайдо кард. Аз ибтидои солҳои ҳафтодуми асри бист як зумра равшанфикрони миллӣ ҷиҳати дар сатҳи иҷтимоӣ таҷлил кардани Наврӯз саъю талоши фаровон варзида, дар ин замина корҳои зиёди фарҳангию маърифатӣ анҷом доданд. Ин давра саҳифаи тозаро дар китоби худшиносии миллӣ боз кард, ки бо таҷлили Наврӯзи Ҷамшедӣ дар марҳилаи навини таърихӣ шурӯъ меёбад. Дар он замон заминаҳои рушди маросими миллӣ дар шароити нави таърихӣ гузошта шуд.

Марҳилаи Истиқлоли давлатӣ уфуқҳои тозаро барои таҷлили саросарии Наврӯзи Ҷамшедӣ кушод ва он ба сифати бузургтарин ҷашни аҷдодӣ мавриди таҷлили ҳамагонӣ қарор гирифт. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ масоили шинохт, таҳқиқ, омӯзиш, арҷгузорӣ ва саросарисозии Наврӯз матраҳ гардид ва дар рушду тавсеаи он шахсиятҳои дараҷаи аввали ҷумҳурӣ, хусусан Сарвари давлати муосири миллӣ Эмомалӣ Раҳмон саҳм гузоштанд. Ин иқдомот имрӯз низ идома дорад ва шароити феълӣ аз донишмандону фарҳангиён тақозо менамояд, ки ойинҳои миллиро ба риштаи таҳқиқ бигиранд ва дар хифзу нигаҳдошти онҳо аз тамоми имконоти мавҷуда истифода бубаранд. Мусаллам аст, ки дар марҳилаи Истиқлолияти давлатӣ тавассути пофишорию ташаббусҳои давлатҳои ҳавзаи Наврӯз, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон созмони маориф ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО) Наврӯзро ба унвони ҷашни ҷаҳонӣ эътироф кард. Марҳилаи Истиқлоли давлатӣ бо худогоҳӣ ва хештаншиносӣ пайванд мехӯрад ва аз фарҳанги Наврӯзӣ реша мегирад.

Фарҳанги Наврӯзӣ фарҳанги хештаншиносӣ, меҳрпарастӣ, эътидол, саломатӣ, тандурустӣ, хирадварзӣ, огоҳӣ, доноӣ, муҳаббату самимият, таҳаммулу тафаккур ва шарофату адолат аст (9, 6). Дар доираи фарҳанги Наврӯзӣ тамоми муқаддасоти инсонӣ ва башарӣ, ки тӯли асрҳо озмоиши таърихиро гузаштаанд, ғунҷоиш ёфтаанд. Наврӯз фарҳанги муколима ва гуфтугӯи инсонҳо буда, мардумро, новобаста аз тааллуқоти нажодӣ, миллӣ, ирқӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ, ақидатӣ ва идеологӣ ба ҳам фаро мехонад ва сари як суфра – хони Наврӯзӣ менишонад.

Бояд дар хотир дошт, ки Наврӯз бо худогоҳию худшиносии миллӣ ба арсаи фарҳангу тамаддуни башарӣ ворид гардида, ба унвони ҳаста(ядро)-и худогоҳию худшиносии миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ

шинохта мешавад. Ин ҷашни бостонӣ дар дарозои таърих аслу ҷавҳари худро, ки бар пояи ҳувиятсозию хештаншиносӣ устувор аст, на танҳо аз даст надодааст, балки онро бо тобишу ҷилоҳои тоза аз давра ба давра, аз марҳила ба марҳила, аз сол ба сол ва аз аср ба аср мунтақил дода, то ба замони мо беосеб оварда расондааст. Ин аст, ки насли ҷавони ҷомеаи тоҷик мувazzаф аст, ки бо талошу ибтикороти худ фарҳанги худшиносиро бар мабнои Наврӯзи Ҷамшедӣ густариш бидиҳад ва ҳамчун шиносномаи миллӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ созад.

**Адабиёт**


1. Вандидод. Ҷилди аввал, фаргардҳои 1-8. Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 1385.
2. Гиршман Роман. Таърихи Ирон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи Маҳмуд Беҳфурӯзӣ. –Теҳрон: Ҷомӣ, 1379.
3. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Наврӯз ва ҷашнҳои дигар. Ҷилди 3. Душанбе, 2018.
4. ИронӣАҳмад. Инсон дарталоши худсозӣ (ба забони форсӣ). Лос-Анҷелос, 2009.
5. Магия Навруза. Сборник научных трудов.– Алматы: Атамура, 2007. - 168 с.
6. Маҷаллаи «Ҳунар ва мардум», шумораи навадум, фарвардинмоҳи 1369.
7. Наврӯз // https://fa.wikipedia.org/wiki
8. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. -Душанбе, 2012
9. Нуров Н. Наврӯзи ҷамшедӣ – ҷашни ҳувиятсозӣ /васоити таҳқиқӣ методӣ. -Душанбе: Паёми ошно, 2014.
10. Толеъ Ҳушанг. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан. Теҳрон, 1386.
11. Турсун А. Навруз как культурно-исторический феномен: к герменевтике ирано-таджикского новогоднего праздника // Навруз как явление мировой культуры. –Душанбе, 2012.
12. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. Ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1387.



**Комил БЕКЗОДА**
*файласуф*

## НАВРӮЗРО БИГӮЕД
*(ашъори тозаэҷод)...*

### Баҳор ва Инсон

Ҳар баҳорон боғу роғи гулбасар дорад баҳор,
Чеҳраи идонаву гулҳои тар дорад баҳор.
Марҳабо эй пиру барно, бар биҳиште инчунин,
Рангу буву ҷилваи аҳли башар дорад баҳор.
Дар ҷаҳони ошиқон, з-ин боб баҳсе тоза аст,
Дар сафову сидқ лутфи бештар дорад баҳор.
Гар наёбад ғофиле з-ин ганҷи бодовар насиб,
Боз дар пай неъмате соли дигар дорад баҳор.
Мо ки бо сад орзу омодаи базмему рақс,
Бо ҳазорон чашм сӯйи мо назар дорад баҳор.

23 марти 2020

### Мақоми зан дар зиндагӣ

Эй вуҷудат хайри кул дар зиндагии мостӣ,
Гарчи як дунё набошӣ, ниме аз дунёстӣ.
Шод бош эй ними дунё, ҷаннати ишқу умед,
Ними дигар аз бароят, волаву шайдостӣ.
Ман чи гӯям аз тароватҳои гулҳои баҳор,
Эй баҳори ишқу мастӣ, накҳати гулҳостӣ.
Ҳеҷ маъное надорад ин ҷаҳон бе ишқи Зан,
Сад ҷаҳон бошад агар беишқ, бемаъностӣ.

Охирин байти ғазалро мухтасар хоҳам намуд:
Дар ҷаҳони ошиқӣ: зебостӣ, раъностӣ, дарёстӣ!

4 марти 2021

## Мушкилоти мардона

Дар ҷаҳон бедод дорад маргу-дармонро чи шуд?
Ҳикмати Машриқзамину-Илми Юнонро чӣ шуд?
Бурҷи Бобул нотамому мо забон гум кардаем?!
Ваъдаи умри абад, аз бахри Инсонро чи шуд?
Ковиди нуздаҳ ба сӯйи бисту як дорад талош,
Ҳазрати Исо куҷойӣ? Аҳду паймонро чи шуд?
Сарварони худситои аср хомӯшанду лол,
Лофи парвози фазо, асрори Кайҳонро чи шуд?
Комил аз ин содалавҳиҳо хиҷолат мекашам,
Марг беҳтар мешиносад, ҳоли давронро чи шуд!?

12 феврали 2021

## Наврӯзи Гулу Булбул ва Наврӯзи Лайлӣ ва Маҷнун

Наврӯзи бустонро аз ҳоли мо хабар ку?
Ин базми булбулон аст, бар сӯйи мо назар ку?
Мастии лолаву гул, аз боди субҳгоҳист,
Моро ба ин чи нисбат, ҳангомаи башар ку?
Дар оташи дили мо, аз ишқ лола рӯяд,
Дар нолаҳои мурғон, з-ин лолаҳо шарар ку?
Моему ишқи Лайлӣ, шуру фиғони Маҷнун,
Дар дашту куҳу саҳро аз ин наво асар ку?
Моро назар чунин аст, шояд ту ҳам бидонӣ,
Агар чунин набошад, доруи дарди сар ку?

11 марти 2020

## Мулки бепоёни дил

Дар ҳавои ишқи ёре, Юсуфистон аст, дил,
Бо ҳама ин хештандорӣ, парешон аст дил.
Сеҳру афсуни баҳорон коргар бошад, вале,
Аз чунин девонагиҳо зору ҳайрон аст дил.
Ёри мо мағрури ҳусни хештан гардидааст,
Аз чунин хушбовариҳояш, ҳаросон аст дил.
Ҳарчи бодо бод мегӯям ки ин чоҳ аст, на роҳ,
Аз чунин беҷуръатӣ, умре пушаймон аст дил.
Охирин тасмими дил ин шуд, ки дар бозори ишқ,
Тангчашмиҳо бас аст, дар мулки бепоёни дил.

23 марти 2020

## Ғазали Баҳор

Дар Баҳорон дилбаре дидам хиромон, масти маст!
Шӯр бар сар, гул ба доман, шоду хандон, масти маст!
Як назар кардам ба сӯяш, бо нигоҳе хашмгин,
Дид ин ҳоли маро, гуфто ки Нодон! масти маст.
Боз абру даркашидам, то биандешам даме,
Гул ба сӯям парт карду гуфт: Ҳайрон? масти маст.
Аз ҷамолу накҳати гулҳо ба ҷуш омад дилам,
“Хуш ба ҳолат эй ҷавонӣ”, гуфт: Шодон! масти маст.
Мову дил охир ба созиш омадем, аз ин қарор:
Месароем як суруди “аҳду паймон” масти маст.
Ин сухан бишнид он дилбар, равон дар роҳи худ,
“Марҳабо бар аҳли Дил”! гуфту: Шитобон! масти
маст!

26-29 феврали 2020

## Мақоми мардони Мард

Марди ҳақ бояд шиори мо бувад,
Ояте дар рӯзгори мо бувад.
Бо ҳама олам қарин аст, марди ҳақ,
Маънии аҳли замин аст, марди ҳақ.
Эй хушо парвардани мардони мард,
Бар ҷаҳон овардани мардони мард.
Марди мардон нангу ори мо бувад,
Обурӯю эътибори мо бувад.
Месароем ҳиммати волои ӯ,
Арзиши пояндаву болои ӯ.
Дар миёни мухлисони ростин,
Марҷаи тақлид бошад дар замин.
Илму ҳикмат раҳнамои ӯ бувад,
Ростӣ арзу самои ӯ бувад.
Бе вуҷудаш нест маъно дар Замин,
Бо вуҷудаш ҳаст дунё нозанин.
Ҷашни мардони бузург поянда бод,
Ин паёми некномӣ зинда бод!

22 феврали 2021

## Мушкилоти худшиносӣ

Бас ҳаросон мешавам, дар ҷустуҷӯи хештан,
Аз хирад бегона андар, гуфтугӯи хештан.
Андар ин раҳ, сар ба саҳрои ҷунун хоҳам ниҳод,
Ҳамчу сӯфӣ, бехуд аз шуру ҳавои хештан.
Ёрро аз нахвату аз манманӣ додам зи даст,
Эй дареғо, сад пушаймонам зи хӯйи хештан.
Ин манам, саргаштае, байни замину осмон,
Ошиқу девонаву шайдои рӯи, хештан.
Сокини ин олами берангу бӯ будему кош,
Бозгаште рух диҳад, аз нав ба бӯйи хештан.

Марҳабо эй ишқ, эй дасти ману домони ту,
Раҳнамои мо шавӣ, умре, ба сӯйи хештан.
12 феврали 2021

**Наврӯзро бигӯед...**

Баҳри ман эй рақибон, умри бадан азиз аст,
Завқи ҳунар чи бошад, дунёи тан азиз аст!
Майдони ақли Инсон, болотар аст, зи Кайҳон,
Баҳри мани Заминӣ, ишқи Ватан азиз аст.
Аҳли ҷаҳони дигар, мафтуни ҷаннату ҳур,
Аз баҳри ошиқу ринд, гулпираҳан азиз аст!
Бе ҷисму тан рақибо, ақл маҳол бошад,
Зеро ки ҷисми Инсон, бар хештан азиз аст!
Наврӯзро бигӯед, мо ҳам аз ин баҳорем,
Бо корвони Ҳастӣ, сайри чаман азиз аст!
7 марти 2021

**Дидавар БЕКЗОДА**
*ҷомеашинос*

## БУНБАСТ
*(Ҳикоя)*

Рӯзи панҷшанбе, соати тақрибан чор дар шаҳр ҳаво торик шуду борон ба боридан сар кард. Фардо бояд дар Донишгоҳ чорабинии муҳим сурат мегирифт. Аз ин сабаб донишҷӯёнро маъмурият барои тайёрӣ дидан ба чорабиние, ки пагоҳ баргузор мешуд, ҷавоб дод, ба ҷуз донишҷӯёни соли панҷум. Онҳо дар синфхона нишаста, Фозилов Машрабро, ки устоди фанни иқтисодашон буд, интизор буданд. Устоди онҳо бо кадом сабабе ба дарс наомада буд. Садорати факулта дар алоқамандӣ ба чорабинии фардо овора буда, дар факулта низ қариб касе дида намешуд. Донишҷуён бошанд, то омадани устодашон дар синфхона нишаста, бо ҳам суҳбат мекарданд.

Нилуфар ба тарафи тиреза нигоҳ карда дид, ки борон меборад, гуфт:

–Бачаҳо, ҳаво торик шуда, борони рез шурӯъ гаштааст!

Фаррух, ки сараш хам буду дар вароқе ба духтари дӯстдоштааш номаи ошиқона менавишт, сарашро баланд карду ба тарафи тиреза нигоҳ андохт.

Мижгона бошад, як нигоҳ ба телефонаш андохту як нигоҳ ба ҳамсабақҳояш ва саросемавор бо ғуруре гуфт:

–Э бачаҳо, муаллим меомада бошад, ё не? Агар меомада бошад, дарс хонем ва агар намеояд, зудтар хона биравем.

Ёсуман дасташро бари рӯ гузошта, бо лаҳни ором гуфт:

–Шояд ӯ ягон кори заруре дорад, ки натавонист ба дарс ҳозир шавад.

Тоҳир, ки табиатан одами дағал буд ва дарсгурезӣ аз корҳои ҳаррӯзаи ӯ маҳсуб меёфт, дар мавриди устодашон гуфт:

–Устод имрӯз ҳозир нашавад, беҳтарин кор хоҳад шуд. Мо каме ӯро интизор мешавем, агар наомад, оҳиста гурехта хона меравем. Ин лаҳза Фаррух сари хам чизе менавишт. Тоҳир ба тарафи Фаррух нигоҳ карда гуфт:

–Эй Фаррух, дӯстам, ба ту як маслиҳати муфид медиҳам, агар дар саҳифаи аввали номаи ошиқонаат ба Румайсо як муқаддима ва дар охираш як хулоса нависӣ, як китоби пурра мегардад. Ин чӣ номаи ошиқист, ки як соат шуд навишта истодаӣ?

Фаррух, ки ором нишаста буд, каме дар навиштан таваққуф карда, сарашро бардошту ба тарафи дари даромадгоҳи синфхона нигариста бодиққат гӯш дод. Сипас баъди лаҳзае Фаррух ба сухан даромад:

–Бачаҳо, шумо ягон садо мешунавед?

Ҳама ҳайрон шуда, лаҳзае хомӯш истода, ба садо гӯш доданд ва дар ин лаҳза Мижгона гуфт:

–Ҳеҷ садое намешунавам.

Тоҳир аз наомадани устодашон хаста шуда, ба тарафи тиреза рафта аз тиреза ба берун нигоҳ кард. Ногаҳон чашмонаш калон кушода шуданду ваҳшатзада гуфт:

–Эй Худои ман, бачаҳо инро бинед.

Нилуфар ҳайрон шуда пурсид:

–Чиро? Чист он ҷо?

Тоҳир аз тиреза чашм наканда гуфт:

–Сел омада истодааст, Фаррух дуруст гуфтӣ, чи садое меояд. Ин садо садои сел будааст. Бачаҳо, сел дарёро зер карда истодааст.

Нилуфар тарсида гуфт:

–Чӣ, чӣ гуфтӣ, сел?

Тоҳир шах шуда гуфт:

–Инро бинед, баъд мефаҳмед.

Онҳо ҳама тарафи тиреза давида, аз тиреза ба берун нигоҳ карданд.

Мижгона ҳайрон шуда гуфт:

–Сел аз дарё берун шуда истодааст. Ӯ ба тарафи роҳи Донишгоҳ ҳаракат дорад.

Вуҷуди Нилуфарро тарс фаро гирифта буд ва аз ғояти ваҳшат даступо хӯрда гуфт:

–Мо дар донишгоҳ қуфл шудаем. Яқин аст, ки ҳама мемирем.

Ёсуман низ, ки тарсида буд, бо таҳайюр нигоҳ мекард.

Фаррух, ки ҷавони ботамкин буд, вазъиятро дида гуфт:

–Дӯстон, саросема нашавед, сел ҳоло ба дохили Донишгоҳ ворид нагардидааст. Агар ворид нагардидааст, мо вақт дорем, то аз ин ҷо берун шавем.

Мижгона аз тарс ранги рӯяш парида, даҳонашро бо ду дасташ дошта гуфт:

–Вой модарҷон, чӣ кор кунем?

Ёсуман гуфт:

–Мегурезем.

Фаррух идома дода гуфт:

–Дидан даркор аст, ба куҷо имкон дорад, гурезем?

Тоҳир саросемавор гуфт:

–Биёед, бо дари қафои факулта ба поён мефароем ва пас аз фаромадан ба роҳи калон ворид мегардему баъд аз он ҷо метавонем аз сел раҳо шавем.

Онҳо якҷо каме истода фикр карданду ба хулосае омаданд, ки тибқи гуфтаи Тоҳир амал намоянд. Онҳо ҳамаашон якҷо шуда, аз ошёнаи дуюм ба ошёнаи якум фаромадан гирифтанд. Ошёнаҳо аллакай торик шуда буданд, зеро ҳаво торик шуда, борон бошиддат меборид. Чароғҳои даҳлези ошёнаҳои якум

ва дуюми факулта равшан буданд. Донишҷӯёни баҳаросафтода бо дари баромадгоҳи пушти факулта ба берун баромаданд. Овози сел чун овози раъд дучанд баланд мегардид. Онҳо аз дари пушти факулта ба берун баромаданд ва диданд, ки борони шадид борида истодааст. Шамол бо борон омехта шуда беист меборид. Аз дар баромада ба тарафи боло нигоҳ карданд, ки ба роҳи калон бароянд, аммо диданд, ки сел аз боло ба тарафи онҳо сарозер шуда истодааст. Донишҷӯён дарёфтанд, ки роҳи баромад нест ва ба хулосае омаданд, ки ягона ҷойи бехатар паноҳ бурдан дохили бинои факулта аст ва аз ин хотир дубора бо роҳи рафтаашон ба қафо баргашта, ба дохили бино ворид шуданд.

Тоҳир асабонӣ шуда гуфт:

–Лаънатӣ, мо аниқ дар инҷо мемирем.

Ёсуман низ тасдиқ кард:

– Роҳи дигаре нест, мо ҳама мемирем.

Мавҷгири алоқаи телефон кор намекарданд. Баъзан алоқаи мобилӣ пайваст мегардиду зуд канда мешуд. Аз ин сабаб онҳо бо хонаашон иртибот гирифта наметавонистанд. Садои раъд зуд-зуд баланд мешуду борон шадидтар мегардид. Онҳо ба дарсхонаи рақами 6 даромаданд. Дарсхона дар ошёнаи дуюм буда, тирезаҳои калон-калон дошту онҳо ба тарафи ҳавлии факулта кушода мешуданд. Донишҷӯён якҷо ба тарафи дарё нигоҳ мекардданду дар фикри наҷоти ҷонашон буданд. Онҳо аз ноилоҷӣ селро тамошо мекарданд ва сел омадан мегирифту ба дохили роҳҳои мошингарди гирду атрофи факулта ворид мегардид. Борон низ шиддати боришашро кам намекард.

Ёсуман ба сел нигоҳ карду гуфт:

–Сел ба самти мо ҳаракат дорад.

Мижгона ноумедона ва маъюсона

–Ин чӣ бадбахтист? Шояд рӯзи марги мо ба имрӯз рост омада бошад.

Нилуфар ба Тоҳир нигариста гуфт:

–Тоҳир, ту рӯзҳои пеш, аз дарсҳо мегурехтӣ, намешуд, ки ақаллан имрӯз аз дарс мегурехтиву ҷонат наҷот меёфт?

Тоҳир пешониашро молиш дода, бо асабоният гуфт:

–Ростӣ, имрӯз бо худам нақша кашида будам, ки аз дарси охиринамон гурезам. Аммо намедонам, чӣ фикр ба сарам омад, ки аз дарс нагурехтам. Эй кош, мегурехтам. Таваккал бар Худо бо Шумо ҳастам, агар бимирам, бо Шумо мемирам ва агар зинда бимонам, бо Шумо мемонам.

Аммо Фаррух хунсардона ба Тоҳир гуфт:

–Омадани сел ба гурехтан ё нагурехтани ту вобастагӣ надорад. Ин ҳодисаи табиат аст ва ҳар гоҳ рух доданаш имкон дорад. Ҳоло масъалаи асосӣ ин аст, ки мо сари он андеша намоем, ки чӣ гуна аз ин ҷаҳаннам раҳоӣ ёбем.

Сел то дохили ошёнаи аввали факулта ворид шуд. Суръати борон шадидтар мешуд. Онҳо дар Донишгоҳ бе қуфлу калид зиндонӣ шуданд. Донишҷӯён хаставу ҳаросон ноумедона ба синфхонаи 15 даромада нишастанд. Фаррух риштаи суханро гирифт ва гуфт:

–Дӯстон, ҳеҷ имкони аз ин ҷо берун рафтанӣ мо вуҷуд надорад ва мо то пагоҳ дар ин ҷо мемонем. Суръати сел низ суст гашта истодааст ва аз рӯи суръати ҳозирааш имкон дорад сел то дохили факултет ворид нашавад. Мо инро бояд қабул кунем, ки дар ин ҷо то пагоҳ мемонем, зеро илоҷи дигаре нест. Дигар ҳама дӯстон сухани Фаррухро қабул намуданд.

Мижгона дар курсӣ нишаста аз бекорӣ ва ҳаяҷон ба ин тарафу он тараф менигарист. Ногаҳон чашмаш ба болои миз афтод, ки чизе навишта шуда буд ба навишта зеҳн монда:

–Аҷоиб.

Фарангис, ки аз тарсу ҳарос меларзид, пурсид:

–Кадом аҷоибро мегӯйӣ?

Касе аз донишҷӯёни факултет дар болои миз навиштааст: "Дар ҷаҳон фақат ишқ ҳукмрон аст ва асоси зиндагӣ ҳам ишқ аст". Магар ӯ рост гуфта бошад. Дӯстон ба фикри шумо ин навишта то кадом андоза дуруст аст?

Тоҳир, ки дар ишқ ноком шуда буд, назари мусбате ба ишқ надошт, гуфт:

Дар ҷаҳон ишқ ҳукмрон нест. Мо гӯё ошиқ мешавем, аммо ишқ дурӯғ аст. Ман ба ишқ бовар надорам, агар ишқ воқеият медошт, бевафоӣ ва шикастани қалбҳо вуҷуд намедошт.

Мижгона ба тарафи Ёсуман нигариста гуфт:

–Ёсуман, назари ту чӣ гуна аст?

Ба назари ман, дар ҷаҳон хайру некӣ ҳукмрон аст,-гуфт Ёсуман.

Ёсуман риштаи суханро гирифта аз Мижгона пурсид:

–Ту чӣ назаре дорӣ?

Чашмони Мижгона ин тарафу он тараф тоб хӯрданду оқибат гуфт:

–Дар ҷаҳон дӯстӣ ҳукмрон аст. Ҳангоме ки ба ҷомеа менигарӣ, дилдодаҳо дар боғҳо нишастаанд ва дар чашмони онҳо, пеш аз ҳама, шуълаи меҳру дӯстӣ медурахшад ва сипас оташи ишқ шуълавар мегардад.

Тоҳир гуфт:

Андешаи ту чунин аст. Ба назарам, воқеият он гунае нест, ки ту фикр мекунӣ.

Мижгона аз суханони нешдори Тоҳир ба ғазаб омада, ба ӯ гуфт:

–Ту пас аз издивоҷ кардани Замира бо ҷавони дигар ин қадар ба зиндагӣ ва ишқ бадбин шудаӣ, ки тоқати шунидани калимаи ишқро ҳам надорӣ. Аз ин лиҳоз, ба ҳама калимоте, ки ба ишқ ё ошиқӣ ва умуман, муҳаббат наздикӣ доранд, мисли хурӯси ҷангара ҳамла мекунӣ.

–Эй хап шин, ин қадар  қаҳрамро наор,-гуфт Тоҳир ба Мижгона нигариста.

Дар ҳамин ҳангом садое аз ошёнаи якум ба гӯш расид. Ёсуман ба ин тарафу он тараф нигоҳ карду гуфт:

–Шумо мешунавед, аз ошёнаи якум садои пойи одам меояд.

Мижгона ҳайрон шуда гуфт:

–Эй  биё, маро натарсон?

Фаррух ба садо гӯш дода, гуфт:

Ёсуман  рост мегӯяд, садои роҳ гаштани касе ба гӯш мерасад.

Ёсуман, ки дар ҳолати ташвиш  қарор дошт, гуфт:

–Ӯ аз поён ба боло, ба сӯи мо омада истодааст.

Тоҳир ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда гуфт:

–Шояд ин факултет  ягон асроре дошту мо аз он бехабарем?

Онҳо якҷоя аз синфхона сар берун карда, диданд, ки ошпази факулта омада истодааст. Ошпаз Эраҷ ном дошт ва марди тақрибан 55-сола буд. Ӯ ба назди онҳо омада гуфт:

–Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед? Онҳо ҳайрон шуда ба якдигар нигаристанд ва ҳеҷ чиз нагуфтанд. Дар ин ҳангом Фаррух ҷавоб дод:

–Ин саволро мо бояд ба шумо диҳем, ки шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

Эраҷ саросема шуда гуфт:

–Чӣ гуна ман дар ин ҷо чӣ кор мекунам? Ман дар ин факултет кор мекунам ва шумо фаромӯш кардед, ки шикамҳои холии шуморо ҳар рӯз акаи Эраҷ пур мекунад. Фаррух гуфт:

–Манзурам аз саволам дигар аст, мо мехоҳем, аз шумо пурсем, ки шумо чӣ гуна ба ин ҷо омадед. Мо дидем ва ҳатто то поён рафтем, ҳама ҷо пур аз лой ва сел аст.

Эраҷ  гуфт:

–Ман бояд хона мерафтам, аммо аз сабаби дертар овардани маводи хӯрока барои пӯхтани хӯроки пагоҳ дар ин ҷо интизор будам. Ҳангоме ки обу обхезиро дидам, дигар берун баромадан имкон нашуд ва дар ҳамин ошпазхона мондам. Ҳангоми ба берун баромаданам дар камераҳои назоратии назди посбонҳои даромадгоҳи факултет дидам, ки шумо дар ошёнаи дуюм будед, аз ин сабаб ба назди шумо омадам. Эраҷ суханашро идома дода гуфт:

–Э, хайр, шумо гӯед, ки хӯрок хӯрдаед? Онҳо гуфтанд, ки мо хӯрок хӯрдаем. Дар ин ҳолат Эраҷ ба донишҷӯён гуфт:

– Ман аз шумо узр мепурсам бачаҳо, чаро ки хислати ман чунин аст, ки каме дағал суҳбат мекунам. Тоҳир мулоҳизакорона гуфт:

–Намегуфтед ҳам мешуд, ногуфта маълум аст.

Эраҷ идома дод:

–Дар ошёнаи якум хӯрокҳои тайёр дорам. Ҳанӯз сел ба дохили ошхона надаромадааст. Имрӯз, ки ҳеҷ ҷо рафтан имкон надорад, биёед, як пиёла чой нӯшем. Ман фикр мекунам, дар ошхона намешавад, зеро мумкин аст селу борон ин ҷоро фаро гирад. Аз ин сабаб биёед, ба ман кумак кунед, то хӯрокҳоро ба ошёнаи дуюм барорем. Фаррух гуфт:

Тоҳир мо ҳар ду меравем акаи Эраҷро кумак мекунем. Ёсуман ва Мижгона гуфтанд:

–Мо низ ҳамроҳи шумо меравем, Шуморо танҳо намегузорем.

Фаррух гуфт:

–Хуб, агар чунин фикр доред, марҳамат ҳамакаса рафтем.

Онҳо аз ошхона ба ошёнаи дуюм хӯрок оварданд. Дар ошёнаи дуюм нишастанду суҳбаташонро, ки риштаи он канда шуда буд, идома доданд. Эраҷ низ ҳамроҳи онҳо нишасту ба хӯрок хӯрдан шурӯъ намуданд.

Мижгона моҳии бирёнро гирифта, хӯрданро шурӯъ кард ва ба Эраҷ гуфт:

–Бисёр болаззат  пухтааст.

Эраҷ гуфт:

–Ош шавад, духтарам,  марҳамат, бачаҳо гиред.

Мижгона ба саволи қаблиаш баргашт ва саволро дубора такрор кард ва гуфт: –Ман ба саволи худ ҷавоб нагирифтам?

Эраҷ пурсид:

–Он чӣ саволест, ман хабар надорам?

Тоҳир, ки дар ин ҳангом чой рехта истода буд, гуфт:

–Ин Мижгона кори дигар надорад. Бекор, ки монд, сарҳои моро гаранг карда мегардад. Ӯ то омадани шумо ба мо савол дода буд, ки дар ҷаҳон чӣ ҳукмрон аст?

Эраҷ бодиққат нигоҳ карду гуфт:

–Мижгона саволи ҷиддӣ ва муҳимро дар миён гузоштааст ва саволаш низ дуруст аст. Шумо баъд ба чӣ хулоса расидед, ки дар ҷаҳон чӣ ҳукмрон будааст?

Тоҳир гуфт:

–Яке аз мо дӯстиро интихоб карду дигаре ишқро ва сеюмин некиро гуфту дар маҷмӯъ, саволи Мижгона ҷавоби аниқро пайдо накард. Сипас риштаи суханро Мижгона гирифта ба Эраҷ гуфт:

–Акаи Эраҷ, Шумо доир ба ин савол чӣ назар доред?

Эраҷ гуфт:

–Агар росташро гӯям, ман муҳандиси собиқам, техникумро хатм кардаам ва саволи Шумо бошад, саволи фалсафӣ аст. Аммо инро низ бояд донист, ки ҳеҷ савол беҷавоб нест. Даҳ сол қабл ҷавонеро мешинохтам, ки ҷавоби ин саволро ба ман гуфта буд. Дар факултети худамон донишҷӯе бо номи Амин таҳсил мекард. Ӯ ҷавони болаёқат ва босавод буд, аммо дар зиндагии ӯ ҳодисаи нохуше рух дод. Амин духтареро дӯст медошт, ки Фарида ном дошт. Ин қисса дурудароз аст ва

хулосаи қиссаи зиндагии ӯ чунин буд, ки падар ва хонаводаи Фарида ба издивоҷи онҳо розӣ нашуданд. Кашмакаши издивоҷи онҳо чор сол давом кард ва оқибат Амин ба хулосае расид, ки ҳамаи ин талошҳо натиҷае намедиҳанд ва оқибат худро аз болои пули Донишгоҳ ба умқи дарё партофт. Ман Аминро хуб мешинохтам, ӯ ошхонаи мо меомад. Аксарияти вақт ҳардуямон суҳбат менамудем. Аз ин сабаб, ӯро ман хуб мешинохтам. Амин ҷавони зебо ва ҳалиму доно буд, аммо сад ҳайф, ки Донишгоҳ чунин ҷавони боистеъдодро аз даст дод. Ёд дорам, рӯзи панҷшанбе буду ҳаво торик шуда буд. Ҳар нисфирӯзӣ донишҷӯён дар ошхона хӯрок мехӯрданд. Амин низ мисли дигар донишҷӯён омаду хӯрок фармуда, дар миз нишаст. Ман ба ӯ хӯрок овардаму ҳамроҳ нишаста суҳбатро оғоз кардем. Ӯ ҳар омаданаш муносибаташро бо хонаводаи Фарида бо ман дар миён мегузошт. Чунки ӯ маро эҳтироми зиёд мекард. Амин ба ман қиссаи зиндагиаашро нақл карда буд. Рӯзҳои охир бисёр ошуфта менамуду ноумедӣ тамоми вуҷуди ӯро фаро гирифта буд. Ман, ки аз қиссаи зиндагии ӯ бохабар будам, ҳар гоҳ кӯшиш мекардам ҳамин мушкилотро аз дилаш дур намоям. Рӯзе наздам омад, ба ӯ хӯрок овардаму нишаста суҳбат кардем ва ба ӯ гуфтам:

–Салом Амин?

Амин бо рӯҳияи хаста гуфт:

–Шумо хуб ҳастед, акаи Эраҷ.

–Чӣ гапу хабар дар Донишгоҳ?

–Ҳоло ҳама тинҷӣ, Донишгоҳ дар ҷояш аст.

–Беҳтарин, агар чунин бошад.

–Акаи Эраҷ,- гуфт Амин:

–Шояд дигар мо ҳамдигарро набинем.

–Чаро?-пурсидам аз ӯ.

Амин хаставу ноумед ба замин нигоҳ карда гуфт:

–Намедонам чӣ гунае, ки боду ҳавои ин ҷо ба табиати ман мувофиқ намеояд ва фикр мекунам шояд имрӯз охирин дидори мо бошад. Мехоҳам чизеро ба Шумо гӯям, ки дар зиндагӣ инро дарёфтам, ки дар ҷаҳони мо беадолатӣ ҳукмрон аст. Ман барои шумо мисолҳои бегона намеорам, танҳо як мисоли равшанро мегӯям, ки дар назди чашмони шумо зуҳур кард ва он ин аст, ки Шумо шоҳид он гардидед, ки ман Фаридаро дӯст медоштам ва ҳоло ҳам дӯст медорам ва аз ин низ ҳамаи факултет огоҳанд. Аммо дидаву дониста маҷбуран ӯро ба ҷавони беному нишоне тӯй карда истодаанд. Ман мехоҳам ба саволи худ ҷавоби дуруст гирам, ки адолат дар куҷост? Куҷост адолате, ки ҳақро ба ҳақдор расонад. Тӯли ин се сол мо ҳамдигарро дӯст доштем ва ҳоло ҳам дӯст медорем. Ман аз шумо як хоҳиш дорам, агар воқеан дӯстии мо воқеӣ буд, ин паёми маро ба донишҷӯёне, ки пас аз ман меоянд бирасонед, то онҳо дар зиндагӣ мисли ман гирифтори иштибоҳ нагарданд. Ба онҳо бигӯед, ки ***дар ҷаҳон беадолатӣ ҳукмрон аст*** ва аз ин эҳтиёт бошанд. Ин буд хоҳиши ман, гуфт Амин.

Рӯзе, ки бо Амин суҳбат доштам рӯзи боронӣ буд. Ҳаво торик шуда буду борон бо шиддат меборид. Хӯрок хурду баъди анҷоми хӯрокхӯрӣ гуфт:

–Шумо барои ман мисли падар будед. Аз рӯзи аввалини донишҷӯиям дар дастархони шумо нону намак хӯрдаам ва ман барои ин ҳама нону намак аз Шумо миннатдорам. Вақти рафтан Амин маро оғӯш кард. Дилам гувоҳӣ медод, ки ӯ ба куҷое дур сафар мекунад. Маро як ҳиссиёти нохушу мубҳаме фаро гирифта буд ва ҳаво низ торик шуда буду борон меборид. Баъди як соат хабар оварданд, ки як донишҷӯеро оби дарё бурдааст. Баъд аз забони устоди факултаамон дарёфтам, ки ҷавони ғарқшуда Амин будааст. То фаҳмидам, ки аллакай дер шуда буд. Сухани ӯ ҳамеша дар гӯши ман садо медиҳад.

Ҳангоме ки Амин хайрухуш менамуд, чизеро ҳис мекардам, вале аниқ намедонистам, ки чист. Ва пас аз марги ӯ дарёфтам, ки дӯсти азизамро беадолатии дунё ба гирдоби худ кашидааст. Ҳар зиндагие як достонест ва зиндагии Амин низ яке аз ин достонҳо буд. Ҳамин гуна достони зиндагии ӯ анҷом ёфт ва шуълае, ки дар он ишқи Амин медурахшид, хомӯш гашту дарёи бераҳму шафқат беҳтарин дӯсти маро аз байни мо ва факултаамон бурд.

Ин ҳодиса, порае аз воқеияти факултаи мо буд. Сипас, гурӯҳи наҷотдиҳӣ ба Донишгоҳ ҳозир шуду донишҷӯёнро аз Донишгоҳ берун оварданд.

Муҳим ин буд, ки ба сабаби офати табиӣ донишҷӯёни он аслан муттафиқ ва ҳамбастагиро ҷиддӣ намегирифтанд ва ҳар кас овораи орзую ҳаваси худ буд, дар доираи баҳамоӣ ва ҳамшарикӣ афтоданд. Оре, ҳар бунбастеро иттиҳоду ҳамбастагӣ ва дӯстию муҳаббати беғараз боз мекунад ва роҳи бахту саодати инсонӣ ҳамвор мегардад. Пас, дӯст бояд дошт ва дӯст бояд буд, то аз ҳар бунбасте раҳо ёбем...

## ЧЕҲРАҲО

**Нурмуҳаммад Одинаев**
*номзади илмҳои филологӣ*

# МУҲАҚҚИҚЕ МИЛЛӢ ДАР ҚАЛАМРАВИ ШЕЪРИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

*(Ба истиқболи 75 – умин солрӯзи профессор Шоҳзамон Раҳмон)*

Дар осори илмии мутафаккирони Юнони бостон ва мантиқиёни асримиёнагии тоҷик шеър ҳамчун мақулаи панҷуми илми мантиқ мавриди пажӯҳиш ва омӯзиши густурда қарор гирифта, он дар баробари таҳқиқи унсурҳои дохиливу берунии шеър, ҳамзамон дар ҳамбастагӣ ба анвои манзум таҳқиқ мегардид. Дар "Рисолаи қавоиди саноати шеър"-и Абӯнасри Форобӣ, ки дар пайравӣ ба рисолаи "Поэтика"-и Арасту таълиф шудааст, муаллиф дар баробари таъкиди вижагиҳои шеър, ҳамзамон аз даҳ анвои шеъри юнониён ёдовар мешавад. Дар бораи баъзе аз анвои шеъри форсии тоҷикӣ ҳанӯз дар "Тарҷумон-ул-балоға"-и Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ, бахусус китоби «Ҳадоиқ-ул-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиддидини Ватвот ахбори назариро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Аммо масъалаи таснифи анвои шеър дар асри чаҳорум дар асари Шамси Фахрии Исфаҳонӣ бо номи "Меъёри Ҷамолӣ" ва "Мифтоҳ"- и Абӯисҳоқ, рисолаҳои "Ҷамъи мухтасар"-и Ваҳиди Табрезӣ, "Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул ашъор"-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дида мешавад.

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик анвои шеъри форсии тоҷикӣ аз масоили умдаи адабиётшиносӣ, бидуни таҳқиқи

анвои шеър баррасӣ мегардид. Дар адабиётшиносии муосири тоҷик дар мақолаву рисолаҳои илмии Р. Амонов (рубоӣ), Р. Мусулмониён (назарияи анвои адабӣ), Х. Отахонова (достон), А.Абдуллоев (масъалаи жанр ва сабк), Т. Неъматзода (тарҷеъбанд ва таркиббанд), Ш. Раҳмонов (мусаммат), М. Давлатов (ғазал), С. Давронов (рубоию дубайтиҳои Лоҳутӣ), Ф. Зеҳнӣ (жанри соқинома), А. Аминов (рубоӣ), С. Имронов (мусаммати мухаммас), Н. Кароматуллоева (дубайтӣ), С.Мирсаидов (байт) ва дигарон жанрҳои шеърӣ дар ҳамбастагӣ бо зобитаҳои суварии он (вазн ва қофия) мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Шояд ин гуна шеваи шинохтро худи табиати шеъри форсии тоҷикӣ тақозо дошт ва ба ин далел, мутафаккири асримиёнагии тоҷик Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар асари машҳури худ "Меъёр-ул-ашъор" зимни таснифоти улуми шеър, масоили илми арӯз, қофия ва саноотти бадеъиро дар анвои шеър дунбол ва матраҳ намудааст. Вале баъд аз солҳои 70-уми қарни XX сатҳи таҳқиқи анвои адабӣ тадриҷан боло рафта, муҳаққиқон дар ин замина як қатор корҳои ҷиддиро ба сомон расониданд. Хосатан, дар он солҳо мақолоту таълифоти пурарзиши донишманди машҳур ва нуктасанҷи тоҷик Раҳими Мусулмониён таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба худ кашид. Профессор Раҳими Мусулмониён махсусият ва вижагиҳои ҳар як жанри шеърро ба таври густурда мавриди пажӯҳиш қарор дода бошад ҳам, ба масъалаи таҳаввули воҳидҳои созмонии жанрҳои лирикӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст. Аммо илми адабиётшиносии муосири тоҷик дар робита бо масъалаи таърих ва назарияи жанру воҳидҳои шеъри форсии тоҷикӣ дар ҳамбастагӣ бо таҳаввули воҳидҳои сохторию созмонӣ таҳқиқи густурда ва доманадореро чашмдор буд. Дар ин давра, бо ба майдони адабиётшиносии муосири тоҷик ворид шудани профессор Шоҳзамон Раҳмон масъалаи фавқ бештар муҳим ва

таҳқиқталаб гардид. Шоҳзамон Раҳмон дар рисолаи “Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик” масоили воҳидҳои шеърӣ, аз ҷумла байт ва бандро, ки дар ташаккулу такомули анвои муҳимтарини шеър таъсир расонидаанд, баррасӣ намуда, дар ин замина роҳҳои инкишоф ва ҳифзи шеъри суннатии адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикиро мушаххас кард.

Басо ҷолиб аст, ки устоди зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурӣ ба рисолаи мазкур махсус таваҷҷуҳ намуда, оид ба вижагиҳои мавзӯи пажӯҳишии Шоҳзамон Раҳмон чунин нигоштаанд: ”Муаллиф (Шоҳзамон Раҳмон дар назар аст.-О.Н.) шакл гирифтани сохтори шеър ва дигаргуниҳои тадриҷии онро аз қадим то замони мо марҳила ба марҳила аз назар гузаронида ва омилҳои асосии онро ҳамҷониба муайян карда, қонуниятҳои таърихии рӯйдоду **протсессҳои** муҳимми таърихиро нишон медиҳад” (ниг.: Муҳаммадҷон Шакурӣ. Бозҷустҳои ҷиддӣ ва меҳнати шоққа. Сарсухан бар китоби Шоҳзамон Раҳмон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик.- Душанбе:Пайванд, 2010. -С. 11).

Тазаккур бояд дод, ки дар солҳои 60-уми қарни XX дар нигоштаҳои баъзе муҳаққиқони эронӣ ақидае роиҷ буд, ки чанде аз анвои адабии аз адабиёти гузашта меросмонда, барои ифодаи рӯҳияи замон мувофиқ намебошанд. Муддаиёни ин қазия дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи жанрҳои ғазал ва қасидаро танг карда, онҳоро ҳамчун навъи шеъри куҳнашуда ва ба рӯҳияи замон номувофиқ қаламдод менамуданд. Солҳои 80-уми қарни XX устод Аълохон Афсаҳзод бо мақолаи “Умри ғазал дароз аст” ва шоири намоёни тоҷик Гулназар бо нигоштаи “Ғазал хуб аст, аммо...” дар матбуоти давр бар муқобили ин гуна андешаҳои бепоя баромада, мавҷудияти ғазалро дар адабиёти тоҷик муҳим ва

зарур арзёбӣ намуданд (ниг.: Афсаҳзод Аълохон. Ғазал умри дароз дорад. //Адабиёт ва санъат, 1986, 4- декабр; Гулназар. Ғазал хуб аст, аммо... . //Адабиёт ва санъат, 1986, 11- декабр; Гуноҳи жанр чист? //Адабиёт ва санъат, 1986, 25- декабр).

Шоҳзамон Раҳмон дар он солҳо дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба пажӯҳиши анвои адабӣ машғул буда, ҷараёни воридшавии жанри ғазалро ба адабиёти форсии тоҷикӣ дақиқназарона ба мушоҳида мегирад ва аҳамияти онро дар ташаккули адабиёти ҳазорсолаи мо чунин баҳогузорӣ менамояд: "Аз нимаи дуюми асри XII, хусусан аз аввали асри XIII сар карда, шоирон ба қасидаҳои муҷаррад зиёд таваҷҷуҳ намуданд. Ин аз он сабаб рӯй дод, ки қасида замони худро паси сар кард, чунки майлу ҳавас ба мамдуҳон коҳид, мамдуҳони ин давра шоирпарвар набуданд, шахсияти мамдуҳон, кӣ буданашон маълум шудан гирифт ва шоирон аз баҳри мадҳ мебаромаданд. Дар ин давра қасида ҳар қадар рӯ ба инқироз мениҳод, ғазал боло мебаромад, ба доираи андешаи шоирон мегузашт, беҳтарин, муҳимтарин ҷиҳатҳои дигар жанрҳои лирикиро қабул менамуд. Дар асрҳои XIII-XIV мазмунҳои иҷтимоии ғазал афзуда, дар адабиёт мавқеи бештар пайдо кард, сухани барҷаставу баёни муъҷаз пайдо намуд. Вусъати ғазал ба тағаззул низ расида, онро ба худ мувофиқ менамуд" (ниг.: Шоҳзамон Раҳмон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик.- Душанбе:Пайванд, 2010. С. 134). Ин хулосаи мухтасар, вале пурмазмун мубоҳисони он рӯзро ҳушдор медод, ки ба арзишҳои адабии аз ниёгони пурифтихори мо бамеросмонда, бо эҳтиром муносибат намоянд ва муддаиёнро ба шинохти ин дастоварди бузурги салафи соҳибфарҳанг ва тамаддунсоз даъват менамуд. Бетардид, метавон ҳадс зад, ки рӯ овардани шоири бузург ва нотакрори тоҷик Лоиқ Шералӣ ба жанри ғазал ва қасида як навъ эътироз алайҳи муддаиёни он рӯз буд.

Бояд тазаккур дод, ки солҳои охир муроҷиат ба асарҳои илмии муҳаққиқони Русия ва Аврупо аз ҷониби донишмандони тоҷик камтар ба назар мерасад. Онҳо ағлаб ба мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони Эрон ва Афғонистон маҳдуд шуда, дар ҷараёни пажӯҳиш вобаста ба мавзӯи мавриди назар аз андешаҳои муҳаққиқони хориҷӣ сарфи назар менамоянд. Аммо ин падидаи то андозае номатлубро наметавон дар коргоҳи таҳқиқию эҷодии Шоҳзамон Раҳмон мушоҳида кард. Устод Шоҳзамон Раҳмон ҳангоми омӯзишу таҳқиқ ба осори илмӣ-таҳқиқии олимони маъруфи рус Бартолд В.В., Бертелс Е.Э., Бертелс А., Болдирев А.Н., Жовтис А., Иванов С.Н., Кляшторина В.Б., Стеблева И.В. ва дигарон такя ва таваҷҷуҳ намуда, бар мабнои назариёти донишмандони фавқ хулосабарорӣ ва натиҷагирӣ мекунад. Муҳаққиқ дар рисолаи худ (манзур рисолаи "Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик" аст) 289 адабиёти илмиро истифода намудааст, ки аз ин миқдор 45 адабиёти он ба муҳаққиқони рус, 6 адади он ба муҳаққиқони Аврупо ва Туркия taаллуқ дорад.

Шоҳзамон Раҳмон дар рисолаи "Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсии тоҷикӣ"(2010) шинохти анвои шеърро аз хурдтарин воҳиди шеър-байт оғоз мебахшад. Зеро байт сарчашма аз адабиёти шифоҳии мардум гирифта, дар дохили жанрҳои дигари лирикӣ ҷойгоҳи худро нигоҳ дошт. Дар назари муҳаққиқ, байт ҳамчун воҳиди хурдтарини каломи мавзун барои танҳо мукаммалсозии шакли зоҳирии ғазал набуда, балки шоирони тавоно ва маънисоз ҳунари суханварии худро дар эҷоди байтҳои мустақил ва байт дар пайкари дигар аз анвои шеър нишон медоданд.

Муҳаққиқ такя бар ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз намуда, ба чунин натиҷа мерасад, ки ҳар як байти ғазали Ҳофизро як шеъри

алоҳида донистан месазад, зеро дар ҳар байти ғазалиёти Лисонулғайб як мавзӯи алоҳида ва гоҳо як мазмуни тозаеро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин мушоҳидаи профессор Шоҳзамон Раҳмонро муҳаққиқи эронӣ Маҳмуди Каёнӯш хеле устодона дарёфтааст: "Ҳар байти ӯ як шеър аст, як шеъри мустақил, ки агар онро аз маҷмӯа берун кашем, маҷмӯа дар мақоми ғазал боқист ва он байти берункашида низ худ шеърест, ки ба танҳоӣ моро ба дунёи маънии васеъ мебарад" (ниг.: Каёнӯш, Маҳмуд. Қудамо ва нақди адабӣ. Теҳрон, 1995.- саҳ. 221). Хосатан, байт дар бунёди ғазал аҳамияти бештари маъниғунҷоиширо дошта, ба қавли Маҳмуди Каёнӯш, "Соиби Табрезӣ девони байтҳо дорад, аз ҳар ғазал ва дигар анвои шеър беҳтарин ва зеботарин байтҳоро ҷамъ оварда, девон тартиб додааст". Бо таваҷҷуҳ ба ин, Шоҳзамон Раҳмон ба чунин натиҷа мерасад, ки: "...ин далел бар он аст, ки байтро ба мисли шеъри мустақил аз назар гузаронем." (ниг.: Шоҳзамон Раҳмон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик.- Душанбе:Пайванд, 2010. С. 24). Албатта, ин назари муҳаққиқ хеле ҷолиб буда, он гоҳ мавриди эътибору тасдиқ қарор мегирад, ки агар байт дорои мазмун ва муҳтавои тоза бошад. Ин ҷо навъи дигари шеър -- фардбайтро низ сарфи назар кардан аз рӯи мантиқ нест, зеро фардбайт мустақил буда, он дар пайкари худ маънии як ғазал ё қасидаеро метавонад ғунҷоиш бидиҳад. Ин навъи шеър дар эҷодиёти устод Лоиқ Шералӣ ва Гулназар хеле зиёд ба назар мерасад. Дар фардбайтҳои баъзе шоирони ҷавон, ки дар сабку услуби ин ду шоири бузург тадвин шудаанд, ягон маънии тозаеро наметавон мушоҳида кард.

Шоҳзамон Раҳмон дар гуфтори дуюми рисолаи худ "банд"-ро ҳамчун воҳиди дуюми сохтории шеър мавриди пажӯҳиш ва таваҷҷуҳ қарор медиҳад ва онро дар жанри маъмули адабиёти классикии тоҷик -- мусаммат санҷида, ба натоиҷи хеле

назаррас мерасад. Мусаммат дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамоно аз нимаи аввали асри XI сар карда, чун қолиби мустақили шеърӣ ба истифода омадааст ва бархе Манучеҳриро ба унвони поягузори ин навъи адабӣ муаррифӣ кардаанд. Муҳаққиқ бар он ақида аст, ки маҳз мусаммат боис гашт, ки байт дар дарунмояи шеър ташаккул ёфта, ба банд табдили шакл карда, меъёри асосии нигаҳдорандаи сохтори мусаммат гардид. Маҳз банд боис гардид, ки маъно имконияти васеъи ғунҷоишро дар пайкари шеър пайдо карда, такрору таъкиди бамавриди фикрро таъмин намуд ва як маънои умумие, ки тамоми пайкари шеърро фаро мегирад, ба вуҷуд овард. Дар банд мисраъҳо дунболи якдигар маъниро ба якдигар интиқол медиҳанд ва мисраи охирин маъниро як оҳанги ҷамъбастӣ бахшида, боиси пайдо шудани паҳлуи дигари маънӣ мешавад ва он дар банди дигар ташаккул ёфта, идома пайдо мекунад. Чуноне ки муҳаққиқ ба мушоҳида дарёфтааст, дар банд алоқамандӣ, пайвандӣ ва муттаҳидии ду ва ё зиёда аз ин мисраъҳо ба василаи қофия, вазн, образ, мазмуну мундариҷа ва сохтори дохилии жанр барҷаста мегардад ва имконоти бештаре барои гиреҳкушоии мавзӯъ ба даст меояд. Ҳатто шоирон нозукиҳои арӯзро амиқтар омӯхта, аз наздикии вазну оҳанг истифода намуда, дар чанд вазн навишта шудани баъзе шеърҳоро таҷриба намуда, итминон ҳосил кардаанд, ки аз як вазн берун баромадан мумкин аст, дар доираи чанд вазн шеъре сохта, таҳаввулоти нави ритму оҳангро ба вуҷуд овардан имкон дорад. Ба назари мо, минбаъд пайдо шудани анвои шеърӣ маҳз ба имконияте, ки банд ба шоирон фароҳам овард, вобаста мебошад. Ҳатто дар адабиёт ворид шудани мавзӯъҳои гуногуни иҷтимоию ахлоқиро низ ба ташаккулёбии имконоти банд мувофиқ донистан мантиқӣ ба назар мерасад. Ин аст, ки устод Шоҳзамон Раҳмон дар гуфтори дуюми рисолаи хеш аҳамияти бандро дар созмондиҳии

жанрҳои шеърӣ, ба мисли мусаммат, қасида ва ғазал мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Муҳаққиқ дар гуфтори сеюми рисола воҳидҳои омезаи байту бандро ба мушоҳида мегирад ва ба натиҷа мерасад, ки воҳидҳои омеза дар асоси воҳидҳои сохторӣ(структурӣ)-и байт ва банд ё баръакс, банд ва байт сохта шудааст. Мисоли барҷастаи инро, пеш аз ҳама, дар як намуди жанри мухаммас-мусаддас метавон мисол овард, ки дар асоси талаботи он шоирон дар тахмису тасдис ба ҳар байти ғазал аз худ се ва чаҳор мисраъ илова карда, мазмуни байтҳои ғазалро бо дархости эҷодии худ тафсил медоданд, ки дар натиҷа мухаммасу мусаддасҳои тазмин дар ибтидо аз байт ҳосил шуда ё дар асоси байт ба вуқӯъ омада, баъд ба банд расидаанд. Ногуфта намонад, ки дар ин росто интихоби мисраъҳои интихобӣ низ аз шоирон маҳорату истеъдоди баландро тақозо менамояд, то мухаммас ё мусаддаси дар пояи мисраъҳои интихобшуда барҷаста ва таъсирбахш сурат гирад.

Барои расидан ба ин ҳадаф калимаҳои ҳамоҳанг, мисраъҳо, ниммисраъҳои такрор, такрори аввалу охири мисраъҳо, такрори ҷузъҳои муҳим ва монанди инҳоро шоир бояд дар назар дошта бошад, то ки имконоти савтию овозӣ дар шеър бештар ва беҳтар сурат гирад.

Муҳаққиқ масъалаи кӯшиши беқофия навиштани шеърро дар фарҳангҳои мардумони аврупоӣ ёдовар шуда, ба муҳаққиқоне руҷӯъ мекунад, ки онҳо қофияро дар шеър аломати зарурӣ намедонистанд. Вале Шоҳзамон Раҳмон ин ҳодисаро дар шеъри тоҷик қабул надорад ва онро меъёри нигаҳдошти услуб, аз система набаромадан, ба парокандагӣ роҳ надодан, таносуби ритму оҳанг, сифатҳои нодири шеърро нигаҳ доштан медонад. Ва бар алайҳи онҳое, ки ин дастоварди бузургро аз пайкари шеър дур кардан мехостанд, садо баланд мекунад.

Нодири Нодирпур - шоири навовар ва нуктасанҷи эронӣ дар яке аз мусоҳибаҳояш бо хонум Отифа Гургин дар бораи мавқеи вазну қофия дар шеъри форсӣ чунин андешаҳоро иброз медорад: "Агар диққат карда бошед, ман гуфтам, ки шеър «василаи интиқоли шифоҳии фарҳанг» буда, на василаи интиқоли кутубӣ. Тавзеҳи ин матлаб чунин аст, ки шеъри қадими форсӣ,бо иллати доштани зобитаҳои дақиқи суварӣ (вазну қофия), қобили ҳифз кардан буда ва мардуми оммӣ эҳтиёҷ надоштаанд, ки онро бихонанд, балки кофӣ буд, ки онро як ё чанд бор бишнаванд то ба хотир биспоранд ва барои дигаре бозгӯ кунанд. Зеро медонем, ки вазн муҷиби ҳассосияту бедории ҳофиза мешавад ва қофия, навъе тадоъӣ дар зеҳн ба вуҷуд меоварад, ки монеъи фаромӯш кардани матлаб ва мазмуни шеър аст. Бинобар ин мебинем, ки вазну қофия фақат ба унвони зевару зиннат дар шеъри форсӣ ба кор намерафта, балки дар хидмати иблоғи муҳтавои он, ки чакидаи фарҳанги он аъсор буда, қарор доштааст" (ниг.: Нодири Нодирпур.Сухане чанд дар масоили тозаи шеър. //Садои Шарқ"№2, 2012. С.127-144). Шеъре, ки Нодирпур медонад, шеъри имрӯз аст, ки дар бобҳои дигари рисолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вале набояд фаромӯш кард, ки шеъри озод ё ба истилоҳ, шеъри нав имконияти ғунҷоиши маъниро дар пайкари шеър фароҳам оварда, дигар зобитаҳои дақиқи суварӣ (вазну қофия), ки василаи ваҳдати шеър ва мусиқиро таъмин менамуданд, сарфи назар кардан мехоҳад.

Гуфтори чаҳоруми рисолаи мазкурро масъалаи шеъри озод ташкил мекунад, ки пайдоиши ин навъи шеър чандин даҳсолаҳост, ки дар байни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ давом дорад. Шоҳзамон Раҳмон дар ин росто, пеш аз ҳама, сари маънои истилоҳии "шеъри озод" домани баҳсро мекушояд. Дар ин замина, муҳаққиқ масъалаи сабабҳои

пайдоиш ва дурнамои ин ҷараёни адабиро ба майдони баҳс мекашад. Дар ибтидо чунин ба назар мерасид, ки муддаиён ва ҷонибдорони шеъри нав бар он кӯшиш доранд, ки аз тамоми суннатҳои шеъри ниёкон даст кашида, шеъре ба вуҷуд оваранд, ки он  аз ҳама гуна меъёрҳои сухани мавзун озод бошад. Муҳаққиқ ин равандро ба чашми таҳқиқ менигарад ва пас аз омӯзишу пажӯҳиш ба чунин натиҷа мерасад, ки: “Шоирони классики форсу тоҷик аслан ба се воҳиди сохторию созмонӣ-байт, банд, воҳидҳои омезаи байту банд шеър менавиштанд. Дар мурури зиёда аз ҳазор сол навъҳои зиёди назм пайдо шуда, тараққӣ карда, вале ҳамаи ин навъҳо аз воҳидҳои сохтории мавҷуда берун нарафтаанд. Ин воҳидҳо ба дараҷае қонуният гирифта буданд, ки шоир ба майдони назм қадам гузошта шеър гуфтанӣ шавад, таҳти таъсири воҳидҳои мазкур мемонд, ҳама гуна мавзӯъҳои навро дар ҳамон воҳидҳои анъанавӣ ғунҷоиш мемонд” (ниг.: Нодири Нодирпур.Сухане чанд дар масоили тозаи шеър. //Садои Шарқ”№2, 2012. С. 165).  Агар ба муҳтаво ва сохти шеъри нав таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки воҳидҳои сохторию созмонии анъанавии шеъри ниёгон дар назми солҳои бистуми қарни XX мавҷуд буда, он дар шакли  ташаккулёфта ва такмилёфта дар пайкари шеър татбиқ гардидааст. Шоҳзамон Раҳмон ҳатто тафовути ин воҳидҳоро дар шеъри ниёгон ва адабиёти муосир хеле дақиқ ва амиқ ба мушоҳида гирифта чунин менигорад: “Фарқи асосие, ки байни воҳидҳои назми классикӣ ва назми имрӯзии форсии тоҷикӣ дида шудаанд, пеш аз ҳама дар мазмун ва баъд дар дигар категорияҳои он, масалан, дар жанрҳо, вазну қофия, образнокӣ, сохту конструксия ва дигар паҳлуҳои шеър ба мушоҳида мегирем” (ниг.: Нодири Нодирпур.Сухане чанд дар масоили тозаи шеър. //Садои Шарқ” №2, 2012. С. 165).

Дарвоқеъ, шеъри имрӯз аз лиҳози шаклу мазмун ва ё бо истилоҳи мантиқиён, аз ҷиҳати лафзу маънӣ давоми мантиқии шеъри гузаштаи форсии тоҷикӣ мебошад. Устод Шакурӣ низ ин таҳаввулоти сохторию мундариҷавии шеъри форсии тоҷикиро ба эътибор гирифта, онро ба тағйироти мундариҷавии назм вобаста медонад.

Дар ибтидои асри XX ҷомеаи ҷаҳонӣ ба дигаргунии сиёсию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омада, боиси ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои озодихоҳонаи мардуми қитъаҳои олам гашт. Сарзамини форсизабонони он рӯз низ аз ин ҷунбишу ҷадалҳои озодихоҳона берун набуд. Чунин бедории фикрию сиёсӣ, пеш аз ҳама, рӯшанфикронро фаро гирифта буд. Умари Сафар, донишманди тоҷик ин вазъро дар мисоли вазъи сиёсию иҷтимоии Эрони онрӯза ва бедории аҳли машрутия чунин арзёбӣ мекунад: "Тадқиқу баррасии муфассали осори шоирони давраи машрутия нишон медиҳад, ки то ҳадде, ки мақдурашон буд, дар пайкари шеъри форсӣ дар абъоди мухталиф рахнаҳо заданд, ҳарчанд он зарбаҳо зиёд маҳсус набуд. Онҳо ба шеър чеҳраи иҷтимоӣ бахшиданд. Матолиби мавриди назарро ба забони дигаргуна баён намуданд, то дарку фаҳми он барои ҳама табақот чи хосу чи ом осон бошад. Қасидаҳои мадҳӣ ба ашъори ватанӣ табдил ёфт, ғазали пирсол моломоли мавзӯоти рӯзмарра гардид" (ниг.: Умари Сафар. Нимо ва шеъри форсӣ.- Душанбе: ДДМТ, 2005. С.159).

Шоҳзамон Раҳмон ин равандро дар шеъри муосири тоҷик ба мушоҳида мегирад ва ба ин назар аст, ки маҳз " Мазмуну мндариҷаи нави назм, ки истилоҳи "шеъри нав" –ро ба миён оварда буд, дертар, аз охирҳои солҳои панҷоҳум, хусусан, аз ибтидои солҳои шастум боиси пайдо шудани воҳиди чаҳорумин- "шеъри озод" гардид" (ниг.: Шоҳзамон Раҳмон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик.- Душанбе:Пайванд, 2010. -С. 166). Ин

дигаргуниҳои зоҳирию ботинии шеър боиси дар нақди адабӣ пайдо шудани истилоҳоти "шеъри нав", "шеъри озод" ва "шеъри сафед" гардид, ки аксари муҳаққиқон дар байни онҳо фарқиятеро қоил нестанд, дар ҳоле ки муҳаққиқи шеъри муосири Эрон В.Б. Кляшторина "шеъри озод"-ро як навъи "шеъри нав" меҳисобад. Тавре ки профессор Шоҳзамон Раҳмон ба мушоҳида мегирад: "В.Б. Кляшторина "шеъри озод"(свободный стих), "шеъри сафед" (белый стих), "шеъри ҳиҷоӣ" (силлабический стих)-ро аз шаклҳои "шеъри нав" донист, ки дар ин байн "арӯзи озод"(свободный аруз) таҳкурсӣ (механизм)-и асосии "шеъри озод" гардид, ӯ ҳамчунин навъи АБВБ-ро маъмултарин навъи ин шеър ба қайд гирифт" (ниг.: Шоҳзамон Раҳмон. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик.- Душанбе:Пайванд, 2010. -С. 166).

Шоҳзамон Раҳмон дар ин бахш бар он талош намудааст, ки дар байни мафҳумҳои "шеъри сафед", "шеъри нав" ва "шеъри озод" умумият ва тафовутҳоро шиносад, то дар пажӯҳиш ва омӯзиши онҳо пиндорҳои номувофиқ роҳ наёбад. Ба фаҳмиши муҳаққиқ, "шеъри нав" аслан ҳамон сохту устухонбандии анъанавие мебошад, ки дар мазмун ва сохтору созмонаш дигаргунии ҷузъӣ ворид шудааст. Шеъри озод, баръакс, як соҳаи нави ифода ҳаст, ки зодаи солҳои ахири назми Шарқ буда, аз сохти анъанавӣ бакуллӣ фарқ менамояд. Албатта, ҳар навоварӣ дар ҳар давру замон бидуни монеаю ихтилофот ҷойгоҳи худро пайдо карда наметавонад. Шеъри нав ҳам бо соири намуду низоми худ дар раванди ба фарҳанги имрӯз роҳ ёфтан ба шикасту барбастҳои зиёд рӯ ба рӯ шуда, дар айни замон боиси пайдо шудани пайраҳаҳои бешуморе гардидааст. Азбаски дигаргуниҳои сохторию таркибии шеъри нав аз ҷониби нақди адабӣ ба таври бояду шояд шинохта нашудааст, бинобар ин бисёр иқдоми шоирон дар пайкари

шеъри имрӯз мавриди таваҷҷуҳи аҳли сухан ва эҷод қарор намегирад.

Аз ҳамин сабаб аст, ки Шоҳзамон Раҳмон шинохти шеъри имрӯзро дар доираи назароти устод Айнӣ ва натоиҷи Симпозиуми шеъри форсизабонон, ки дар охири солҳои 60-уми қарни XX дар Тоҷикистон баргузор гардида буд, матраҳ мекунад. Ҳатто дар солҳои 20-уму 30-юми садаи бист гурӯҳҳое фаъол гардида буданд, ки ба муқобили шеъри анъанавӣ бархоста, бидуни ягон заминаю таҷрибаи эҷодӣ сару пайкари шеърро ислоҳ кардан мехостанд. Муҳаққиқ ба ин давраи фарҳанги тоҷикон назар меандӯзад ва дар саҳифаҳои матбуоти он рӯз ба муҳаққиқоне рӯ ба рӯ мешавад, ки "адабиётро халқӣ" ва шеърро "ҳиҷоӣ" кардан мехостанд ва бо ин васила аз арзишҳои шеъри ҳазорсолаи ниёгон халос шуда, аз рӯйи имконоти дар даст доштаи худ "ба адабиёт ва шеъргӯии ҳамсояамон, узбекҳо" тақлид карданро талқин менамуданд. Вале адабиёти тоҷик ва арзишҳои зотии он бо вуҷуди ин гуна монеа ва шикастҳо аз маҷрои худ берун нашуд ва тамоми суннату анъанаҳои ин фарҳанги бузургро дар даврони шӯравӣ идома бахшид.

Ҳатто баҳси шеър ва арӯз дар байни муҳаққиқони солҳои 30-юми асри XX боло гирифта, устод Айниро ҳам ба майдони мубоҳиса кашид. Ба қавли Шоҳзамон Раҳмон, "Аз се кори муҳим ва бахайре, ки Садриддин Айнӣ дар охирҳои умри худ анҷом додан мехост, кори дуюм таълифи рисолае дар бораи арӯз буд. Зеро аксари муҳаққиқони ҳамсоли устод Айнӣ даъво доштанд, ки вазни арӯз моли араб буда, ба шеър ва фарҳанги ниёгони мо бегона аст. Шояд устод Айнӣ ба муддаиёни ин қазия, ки аз таърихи пайдоиши ин дастоварди бузург огоҳӣ надоштанд, фаҳмонданӣ буд, ки тоҷикон чун "қавми мутамаддин" дар пайдоиш ва ташаккули арӯз дар канор набуда, ҳамеша дар такмилу таълими он рисолаҳои

илмию омӯзишӣ таълиф намудаанд. Ҳоло он ки аксари муҳаққиқони илми шеър дар масъалаи ибтикороти Халил Аҳмад шак намуда, решаҳои илми арӯзро аз фарҳанги бостонии ҳинд ва санскрит ҷустуҷӯ намудаанд. Муаллифи рисолаи "Вазни шеъри форсӣ" донишманди бузурги эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ ба ин масъала дар асоси китоби "Таҳқиқ мо лил ҳинд"-и Абурайҳони Берунӣ муроҷиат намудааст. Хонларӣ баъд аз мутоилаи асари Берунӣ бар он эътибор медиҳад, ки дар таърихи илму адаби форсӣ ягона донишманде "дар асолати ибтикори Халил шубҳае кардааст", Абурайҳони Берунӣ мебошад. Ӯ аз ин ташаббуси Берунӣ хуш истиқбол намуда, чунин менигорад: "Ягона муаллифе, ки дар асолати ибтикори Халил шубҳае кардааст, Абурайҳони Берунӣ аст, ки дар китоби "Таҳқиқ мо лил Ҳинд" ҳангоми баҳс аз қавоиди авзони шеъри ҳиндӣ ва муқоисаи он ба арӯзи араб ишорае ба ин маънӣ дорад ва аҷаб он, ки қавли ӯ ҳеҷ дар кутуби дигар нақл нашуда ва интишоре наёфтааст" (ниг.: Парвиз Нотили Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ.- Теҳрон, 1367. С. 85). Чи хеле ки мебинем, маҳз беэътиборӣ ва бегонапарастии муҳаққиқони дирӯзу имрӯз моро дар кӯчаҳои таърих гумроҳу муҳтоҷ гардонидааст. Шоҳзамон Раҳмон масоили зиёдеро ба миён гузошта, андеша дорад, ки шояд устод Айнӣ дар тадқиқоти худ оид ба илми арӯз саҳми тоҷиконро дар ташаккули илми арӯз бо такя ба далелҳои мувассақ инъикос мекард. Дар рисолаи Шоҳзамон Раҳмон тамоми масоили вобаста ба илми шеър бо рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ҳифзи манфиати миллии тоҷикон нигошта шудааст. Масалан, шеъри "Марши ҳуррият" –и устод С.Айниро дар фарҳанги бедории миллат як ҳодисаи бузурги адабӣ медонад ва онро ҳамчун намунаи аввалин шеъри нав дар фарҳанги форсизабонон медонад. Яке аз муҳаққиқони барҷастаи илми арӯз Субҳон Давронов дар бораи аҳамияти ин

манзумаи устод Айнӣ сухан ронда, ба хулоса меояд, ки : "Устод Айнӣ ба туфайли ин суруд, арзро ба оҳанги суруди байналхалқӣ мутобиқ кунонда тавонист, ки ин дар таърихи адабиёти тоҷик кашфиёти бузурге буд" (ниг.:Давронов С. Назми рӯҳбахш. Маҷ. Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик. Душанбе: Ирфон, 1970.-С. 252). Устод Айнӣ бо ин шеъри худ собит намуд, ки аз зобитаҳои дақиқи суварӣ (вазну қофия) даст накашида, ҳар гуна маънӣ ё мазмунро дар қолабҳои шеъри ниёгон ғунҷонидан мумкин аст. Устод Айнӣ дарк карда буд, ки бо иваз шудани вазъи замон ва маънии тоза пайдо кардани арзишҳои инсонию маънавӣ, агар қолабҳои шеърӣ имконоти ғунҷоиши вазъро надошта бошанд, иваз намудани сурати онҳо ногузир аст. Дар ин росто, агар ба андешаҳои яке аз фаъолони шеъри нав Нимо Юшиҷ таваҷҷуҳ намоем, ба хулоса метавон омад, ки шеъри "Марши ҳуррият"-и устод Айнӣ дар доираи зобитаҳои дақиқи суварӣ (вазну қофия) ва ба инобат гирифтани меъёрҳои шеърӣ эҷод шудааст. Ба пиндори Нимо Юшиҷ, "Ҳунар ин аст, ки чӣ тавр ба ҳар қитъае вазни муносиб бидиҳем, ки бо вуҷуди баланду кӯтоҳ будани мисраъҳо вақте ки диклама мешавад, дар гӯш дилнишин воқеъ гардад. Шеъри озодро бояд мисли каломи табиӣ қироат кард. Шеъри озод ба кори ҳампо шудан ба оҳангҳои мавҷуди мо намехӯрад. Шеъри озод ба манзури рафъи эҳтиёҷ дар зиндагии имрӯз аст... Мунтаҳо ман мехоҳам, буҳури арӯзӣ бар мо тасаллут надошта бошад, балки мо тибқи ҳолоту авотифи худ бар буҳури арӯзӣ мусаллат бошем" (ниг.: Иқтибос аз китоби Дастғайб А. Гироишҳои муттазод дар адабиёти муосири Эрон. Теҳрон: Нашри Хунё, 1371. С. 14). Дар ин ҷода низ таҷрибаи устод Айнӣ дар пайдоиши шеъри шаклан ва мазмунан нав шоистаи пайравӣ ва эътироф мебошад, ки онҳоро муҳаққиқ дар боби "Мулоҳизаҳои С.Айнӣ дар бораи вазни шеъри тоҷикӣ" муфассал нишон додааст.

Рисолаҳои “Сухане чанд аз лирикаи форсии тоҷикӣ” (1999) ва “Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик ”(2010) дар шинохти равандҳои шеъри форсии тоҷикӣ аз пажуҳишҳои беҳтарин ва бунёдӣ буда, муаллифи он - доктори илмҳои филологӣ, профессор Шоҳзамон Раҳмон барои ин дастоварди илмӣ дар ҷодаи назариёти илмию адабӣ шоистаи эҳтиром ва эътибор мебошад.

Гарчанде аз таҳияи рисолаи “Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик ”(2010)” як даҳсола сипарӣ шуда бошад ҳам, онро метавон аз ҷумлаи тадқиқоти пурарзиш ва муҳимми даврони Истиқлоли давлатӣ ҳисобид, зеро он дар шинохти масоили шеъри гузашта ва имрӯз минҳайси манбаи муътамади илмӣ-таҳқиқӣ ба доираи васеи пажӯҳишгарону муҳаққиқон хидмат мекунад. Ин рисола сар то по аз мушоҳида ва хулосаҳои мантиқӣ иборат буда, дар китоби адабиётшиносии муосири ватанию хориҷӣ саҳифаи тозаеро боз хоҳад кард.

**Абдулҳай МАҲМАДАМИНОВ**
*адабиётшинос*

## ИНСОНИ ШАРИФ ВА ДОНИШМАНДИ БЕНАЗИР

*Одамият чист? Худро дур аз шарр доштан,*
*Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан.*
*Тошхоҷаи Асирии Хуҷандӣ*

Воқеан, дар ҳамаи давру замонҳои башарӣ асолат ва фазилату мартабаи одамиро дар мизони одамият – амалҳои солеҳу шоиста ва хайрхоҳӣ ба бандагони Худойи азза ва ҷалла санҷида, баҳо дода ва муқаррар кардаанд, ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират, тавре ки *Лисонулғайб* инҳитоти роҳи ҳаёти инсониро барҳақ муайян карда, ҳушдор додааст, ки

*Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст,*
*Ҳолия ғулғула бар гунбади афлок андоз!*

Дар ҳақиқат, ин панди ҳидояткунанда дастуру раҳнамои афроди соҳибхирад аст, ки ба туфайли амалӣ гардонидани он умри ҷовидон ёфта ва бо хулқу атвори некашон вирди забони хоссу ом гаштаанд. Шиносоӣ, дӯстиву рафоқат ва муносибати ҳасанаву ҳамкорӣ бо чунин шахсон дар ҷомеа, албатта, мояи саодат ва рафоҳият аст.

Яке аз ҳамин гуна афроди хирадманд, соҳибфазилат, ботарбияту муаддаб, дарёи афкори бикру ашъори дилошӯбу пурҳикмат, инсони бағоят ҳалиму ботавозӯъ, ки дар тӯли 70 соли умри пурбаракати хеш хурдтарин ва аммо пурқувваттарин махлуқи Офаридгор – мӯрчаро озор надода ва ҳатто дилеро то кунун наозурдааст ва ба шарофати сифатҳои волои инсонӣ ва заковату фазилати баландаш унвони «бузурги факултет»-ро шарафёб гаштааст, ҳамсабақи азизу

гиромиқадри камина, доктори илмҳои филологӣ Солеҳов Мирзо Одинаевич мебошад. Он чи дар хусуси сифатҳои инсонӣ ва фазоили маънавии мавсуф зимнан зикр гардид, бидуни муболиға, муште аз хирвор ва қатрае аз баҳри пурталотуми ҳаёти Мирзоҷон мебошад, ки дар муддати 52 сол (аз моҳи сентябри соли 1968) ба мушоҳида расид ва ин ҳам ба гумон, ки ҳама паҳлуҳои фаъолиятмандии ӯро фаро гирифта бошад.

Ҳафтод соли сипаришудаи умри ин шахсияти бағоят аҷибу ғариб ва пурасрор хеле пуразият, ғамгудоз, мураккабу печдарпеч, пуршебу фароз, матонату устуворӣ баҳри расидан ба мақсадҳои олӣ ва ниҳоят, муваффақ гаштан ба сарбаландиҳо дар илму маърифат ва ҳидояти ихлосмандону шогирдон ба кӯйи маънавияту одамият мебошад. Зиндагиномаи ҳайратафзову пуршарафу ибратомӯзи соҳибҷашни муҳтарам – Мирзоҷон гӯё дар байти зерини Хоҷа Ҳофиз бозтоб гардидааст, ки гуфтааст:

Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил,

Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо.

Барои ворастан аз чунин «аҳволи фалокатиштимол» (сухани устод Айнӣ) ва амалӣ гардидани аҳдофи рӯзномаву барномаи ҳаёти босаодат Мирзоҷонро, албатта, сабру матонат, кӯшишу ғайрати бардавои, боварӣ ба ояндаи нек ва хусусан каломи нерубахши булбули Шероз:

Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,

Ман на онам, ки забунӣ кашам аз дасти фалак, – илҳом бахшида, ба қуллаҳои мақсуд расонидааст.

Чун сухан аз амалкардҳои неки инсонӣ ба миён меояд, табиист, ки пеш аз ҳама, чигунагии аҳаммияти бузург доштани категорияи абадии ахлоқиву фалсафии тарбият дар ҳаёти инсоният – ҳам дар шакли ҷузъӣ ва ҳам ба таври куллӣ мақоми аввалиндараҷа пайдо мекунад. Хушбахтона,

Мирзоҷон дар хонадон аз модари бағоят оқилаву меҳрубонаш – Ашӯрбӣ Солеҳова (1922-2 феврали соли 2000) баъди дар хурдсолӣ ятим мондан аз падар, аз муаллимони дилсӯзу ғамхори мактаб-интернат ва алалхусус таълими устодони Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дар овони донишҷӯиаш (солҳои 1968-1973) ва ҳайати муаллимону кормандони факултети филологияи тоҷик (ҳоло факултети филология) тарбияи комил гирифт ва натиҷаи чунин баҳрагириҳои судманд буд, ки ҳоло соҳибҷашни мухтарами мо ба ҳайси яке аз устодони варзидаи гаҳвораи илму маркази маърифату фарҳанг сазовори иззату икром ва қадршиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гаштааст.

Мирзоҷон дар тарбият ва камолоти маънавии худ ҳамеша аз устодони муътабар Шарифҷон Ҳусейнзода, Воҳид Асрорӣ, Додоҷон Тоҷиев, Соҳиб Табаров, Саид Ҳалимов, Асадуллоҳи Сӯфизода, Раҳим Мусулмонқулов (Раҳими Мусулмониёни Қубодиёнӣ), Субҳон Амирқулов, Турсунбой Неъматзода, Мулло Эркаев, Ҳилол Каримов, Маҳмуд Давлатов, Абдунабӣ Сатторзода, Саъдоншоҳ Имронов, Урватулло Тоиров ва дигарон бо қадрдонӣ ва некиҳои бедареғу дастгириҳои пайвастаашон бо самимияти бепоён ёд мекунад ва пешрафту дар ҷодаи илм муваффақ гаштанашро аз файзу баракати боғистони маърифату фарҳанги эшон медонад. Дар ин бобат, махсусан саҳму нақши устоди устодон, шахсияти нотакрор профессор Шарифҷони Ҳусейнзода (1907-1988) дар тарбияти Мирзоҷон беандоза бузург мебошад. Шурӯъ аз соли дувуми таҳсили Мирзоҷон (аз соли 1969) то дами вопасини ҳаёти устод Шарифҷони Ҳусейнзода (20.12.1988) Мирзоҷон аз он кас ҳам илму маърифат ва ҳам одамиятро бо ҷузъиёт ва дилгармона фаро гирифт, ки барояш мактаби бузург ҳаётӣ гардид. Банда шоҳиди онам, ки домулло Ш. Ҳусейнзода мисли фарзанди ҷигарбанди худ Мирзоҷонро тарбият ва ғамхориҳои зиёт

мекард, ҳамеша аз ҳолаш ҷӯё мешуд ва дар корҳои илмиву зиндагии шахсиаш дуои нек медод. Солеҳов М. О. охирин шогирди домулло Ш. Ҳусейнзода мебошад, ки соли 1987 бо роҳбарии он кас рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Таҳқиқи қиёсии «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ бо «Анвори Суҳайлӣ»-и Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ» бомуваффақият дифоъ кардааст.

Баъди ҳимояи рисолаи номзадӣ доираи ҷустуҷӯ ва самтҳои фаъолияти илмии Солеҳов М. О. хеле густариш пайдо кард ва доманадор гардид. Ин муҳаққиқи нуктасанҷ дар риштаи адабиёти классикӣ тахассус касб карда буд. Аммо ӯ ҳам адабиёти гузашта ва ҳам рӯзгору осори суханварони муосирро тавъамон омӯхта ва ба комёбиҳои шоистаи илмӣ ноил гардид. Нуктаи ҷолибу муҳим дар таҳқиқоти илмии Солеҳов М. О. он аст, ки (ҳарчанд ихтисосаш адабиёти классикии тоҷик бошад ҳам) аввалин пажӯҳиши ӯ таҳти унвони «Шоири тавоно ва шеъри гуворо» (дар бораи рӯзгор ва осори Бозор Собир) соли 1982 тавассути нашриёти «Ирфон» ба зевари табъ ороста гардид.

Ҷиҳати умда ва хусусияти барҷастаи фаъолияти илмии Солеҳов М. О. дар он зоҳир мегардад, ки ӯ роҷеъ ба муҳимтарин масъала ва муаммоҳои таърихи адабиёт ва паҳлуҳои камомӯхташудаи фарҳангу тамаддуни гузашта ва имрӯза пажӯҳишҳои судманд анҷом дода ва дар ин бобат ба дастовардҳои қобили таваҷҷуҳ муваффақ гаштааст. Таълифоти Солеҳов М. О. оид ба устод Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Асадии Тӯсӣ, Анварии Абевардӣ, Фаррухии Сиистонӣ Унсурулмаолии Кайковус, Хоқонии Шарвонӣ, Амъақи Бухорой, Фаридаддини Аттор, Саноии Ғазнавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ), Шайх Саъдӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абулмаолии Насруллоҳи Муншӣ, Бедили Деҳлавӣ, Қорӣ

Раҳматуллоҳи Возеҳ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Шавкати Бухорой, Қоонӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Содиқи Муншӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Нақибхони Туғрал, устод Айнӣ, Бозор Собир, Сайидалӣ Маъмур, Сафармуҳаммади Айюбӣ ва дигарон исботи равшани ин иддао мебошанд.

Дар маҷмӯъ, номгӯйи осори муҳаққиқ ва донишманди пухтакор Солеҳов М. О. қариб 300 номгӯйро ташкил медиҳад, ки ин, албатта, шаҳодати заҳматдӯстии ӯ дар ҷодаи илму фарҳанг мебошад.

Як ҷиҳати арзишманди пажӯҳиши Солеҳов М. О. он аст, ки ӯ мавзӯи таҳқиқшавандаро бо ҳама паҳлу ва нозукиҳояш мавриди баррасӣ қарор дода, андешаҳои тозаи илмӣ иброз медорад, ки осори ӯ «Арӯз ва омӯзиши он», ««Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ (Бо шарҳи вожаҳо ва таъбироту ифодаҳо)», «Орифи бузург», «Раҳнамои фанни адабиёти тоҷик барои синфи 10», ««Ҳадиқа» – нахустин асари ирфонӣ-таълимӣ», «Оид ба масъалаҳои методологии омӯзиши назми тасаввуфии Саноии Ғазнавӣ», «Шеър аз нигоҳи Ҳаким Саной» ва амсоли инҳо аз ҳамин қабиланд. Дар таълифоти илмии Солеҳов М. О. муҳокимарониҳои амиқ ва истиқлоли андеша мақоми меҳварӣ доранд. Ҳамин гуна бартарият, афзалият ва хусусияти қобили таваҷҷуҳ дар дастуру васоити таълимӣ ва китобҳои дарсии Солеҳов М. О., ки барои мактабҳои олӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тасниф кардааст, равшан ба назар мерасанд.

Баъди 33 соли пажӯҳишҳои пурсамар устод Солеҳов М. О. таҳқиқоти мондагоре таҳти унвони «Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик»-ро ба майдон овард ва онро дар таърихи 24 сентябри соли 2020 ба сифати рисолаи докторӣ дифоъ намуд, ки он ба арзиши калони илмию назариявӣ ва амалӣ соҳиб мебошад ва дастоварди барҷастаи адабиётшиносӣ ба шумор меравад.

Устоди варзида, инсони наҷибу шариф ва олими пурмаҳсул Солеҳов М. О. дар айни камолоти эҷодӣ ва рушду нумӯи таълифоти илмӣ қарор дорад. Мо ба он кас давоми нек, тандурустӣ ва дастовардҳои нави илмиро дар ҷодаи адабиётшиносӣ аз даргоҳи Аллоҳи Таъоло таманно мекунем ва каломи ҳазрати Мавлоноро манзурашон мегардонем, ки барҳақ гуфтааст:

*Хотами мулки Сулаймон аст илм,*
*Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.*

САНОАТИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚЛОЛИ ЭНЕРГЕТИКӢ

**Юсуфбеков Н.Ш.** *(ходими илмӣ)*
**Салиев М.** *(номзади илмҳои техникӣ)*
**Кулулов М.** *(ходими илмӣ)*
**Ахмедов Х.М. (академики АМИТ)**
*Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияхои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ СИСТЕМАИ ҒАЙРИФАЪОЛИ ЭНЕРГИЯИ ОФТОБ БАРОИ САРФАИ БАРҚ ВА СӮЗИШВОРӢ

Энергияи Офтоб сарчашмаи ҳаёт дар сайёраи мо мебошад. Офтоб атмосфера ва қабати болоии Заминро гарм мекунад. Бо шарофати энергияи Офтоб шамол ба вуҷуд меояд, гардиши об дар табиат сурат мегирад, оби баҳрҳо ва уқёнусҳо гарм мешавад, растаниҳо месабзанд, барои ҳайвонот хӯрока пайдо мешавад.

Энергия Офтоб боду ҳавои Заминро «идора» мекунад. Қисми зиёди радиатсияи офтобро бахр ва уқёнусҳо фурӯ мебаранд, оби онҳо гарм мешавад, буғ шуда ба боло мебарояд ва аз онҷо ба намуди борон ба Замин мерезад. Шамол дар натиҷаи гармшавии нобаробарии ҳаво ба вуҷуд меояд ва турбинаҳои шамолиро ба ҳаракат медарорад. Намуди дигари сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда биомасса мебошад, ки тавассути энергияи Офтоб пайдо мешавад. Растаниҳои сабз нури офтобро фурӯ мебаранд, дар натиҷаи фотосинтез дар онҳо моддаҳои органикӣ пайдо мешаванд, ки аз онҳо баъдтар

энергияи гармоӣ ва барқ гирифтан мумкин аст. Ҳамин тариқ энергияи шамол, об ва биомасса маҳсули энергияи офтоб мебошанд [1].

Офтоб миқдори зиёди энергияро–тахминан 1.1x$10^{20}$ кВт/с дар як сония ҷудо мекунад. Агар аз чунин миқдори энергияи азими дар 1 сония хориҷшуда фақат 1 кВт-соаташро истифода барем ин барои кор кардани 1 фурӯзонаки каммасрафи светодиодии 10 ватта дар муддати 100 соат, кифоя аст. Равшании Офтоб роҳи худро аз Офтоб то Замин аз рӯйи хати рост тай мекунад. Ҳангоми ба атмосфераи замин расидан, қабатҳои берунии атмосфера тахминан аз миллион як қисми энергияи аз Офтоб афканиш шударо (ё худ тахминан 1.5 x $10^{18}$ кВт/с дар як сол) боздошт мекунанд. Вале бо сабаби инъикос, паҳншавӣ ва фурӯбарӣ аз тарафи газҳо ва аэрозолҳои атмосферӣ (расми 1) танҳо 47% тамоми энергия ё тахминан 7 x $10^{17}$ кВт/с, то рӯйи Замин омада мерасад. Қисми шуъои Офтоб, ки ба рӯйи Замин омада мерасад, радиатсияи мустақим мебошад. Радиатсияи мустақим нисбатан бошиддат мебошад [2].



Расми 1. Тақсимоти радиатсияи Офтоб байни Замин ва атмосфера.

Афканишоти Офтоб дар атмосфераи Замин ба афканишоти мустақим ва пароканда дар ҳиссачаҳои ҳаво, чанг, об ва ғайра тақсим мешаванд (расми 1) [3]. Ба тариқи дигар афканишоти парокандаро афканишоти диффузӣ меноманд. Ҳамзамон, як қисми радиатсияи офтоб, ки альбедо номида мешавад, метавонад пас аз инъикос аз объектҳои гуногун - биноҳо ё аз сатҳи атроф (об, рег, растаниҳо) ба қабулкунаки дар сатҳи Замин ҷойгиршуда (хона) бирасад. Ҳосили ҷамъи се қисми таркибии афканишотии Офтоб мустақим, диффузӣ (пароканда) ва альбедо афканишоти умумии офтобро ташкил медиҳанд [1].

Тумани ғуборолуди зарарноки шаҳр, дуди ҷангалҳои сӯхтаистода ва хокистари бо шамол дар ҳаво паҳншаванда, ки дар натиҷаи бедоршавии фаъолияти оташфишонии вулқонҳо ба вуҷуд меоянд, имконияти истифодабарии энергияи офтобро паст намуда, парокандашавӣ ва фурӯбарии радиатсияи офтобро зиёд мекунанд. Яъне, ин омилҳо ба афканишоти мустақим нисбат ба афканишоти умумӣ якчанд маротиба зиёдтар таъсир мекунанд. Ҳангоми ифлосии зиёди ҳаво, масалан ҳангоми тумани ғуборолуди зарарнок, афканишоти мустақим ба 40% ва афканишоти умумӣ бошад, ҳамагӣ ба 15-25% коҳиш меёбад. Оташфишонии шадиди вулқон афканишоти мустақими офтобро дар рӯйи замин (ҳатто дар масоҳати бениҳоят калон) ба 20% ва афканишоти умумиро ба 10% дар давоми аз 6 моҳ то 2 сол паст карда метавонад. Ҳангоми кам шудани миқдори хокистари вулқон дар атмосфера самарааш кам мешавад, вале протсесси азнавбарқароршавии пурра якчанд солро дар бар гирифта метавонад.

Абр ҳодисаи асосии атмосферӣ, муайянкунадаи миқдори радиатсияи Офтоб, ки то рӯйи Замин омада мерасад, мебошад. Дар ҳамаи нуқтаҳои Замин радиатсияи Офтоб бо зиёд шудани абрнокӣ камтар мегардад. Пас, мамлакатҳое, ки боду ҳавои абрнок доранд, нисбат ба биёбонҳо ки боду ҳавои онҳо асосан камабр аст, радиатсияи офтобро камтар мегиранд. Ба пайдоиши абрҳо релефи маҳал, мисли кӯҳҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо, кӯлҳои калон таъсири худро мерасонанд. Ба ҳамин сабаб миқдори ҳосилшудаи радиатсияи Офтоб дар маҳалҳои гуногун аз ҳам фарқ дорад. Масалан, кӯҳ афканишоти офтобро нисбат ба доманакӯҳҳо ва ҳамвориҳо камтар мегирад. Боде, ки ба тарафи кӯҳ мевазад, қисми ҳаворо ба боло баромадан маҷбур месозад, ва намии дар ҳаво бударо хунук намуда, пайдошавии абрҳоро ба вуҷуд меорад [2].

Миқдори энергияи Офтоб, ки ба рӯйи Замин омада мерасад дар натиҷаи ҳаракати Офтоб тағйир меёбад. Ин тағйирёбиҳо аз вақт ва фасли сол вобаста аст. Одатан дар нисфи рӯз ба Замин радиатсияи Офтоб нисбат ба субҳ ва шом зиёдтар меафтад, зеро дар ин вақт Офтоб ба қиём расида шуоъҳои Офтоб ба сатҳи Замин таҳти кунҷи рост меафтанд ва масофаи гузаштани шуоъи Офтоб аз қабати атмосфераи Замин кӯтоҳ мегардад. Дар натиҷа миқдори ками радиатсияи офтобӣ пароканда ва фурӯ бурда мешавад, яъне миқдори зиёд ба рӯйи Замин омада мерасад ва сатҳи Замину обро сахт гарм мекунад (расми 2) [3].




Расми 2. Вобастагии миқдори радиатсияи Офтоб аз кунҷи афтиши шуоъҳо.

Агар Офтоб паст воқеъ бошад, сели шуоъи Офтоб дар майдони калон тақсим мешавад ва сатҳи Замин сустар гарм мешавад (расми 2).

Миқдори энергияи Офтоб аз мавқеи георафии қитъа низ вобастааст: чи қадаре ки қитъа ба экватор наздик бошад, ҳамон қадар миқдори энергияи Офтоб зиёд аст. (расми 3) [4]. Масалан, афканишоти умумии миёнаи солонаи ба сатҳи горизонталӣ расанда дар Аврупои Марказӣ, Осиёи Марказӣ ва Канада тахминан 1000 кВт·с/м$^2$; дар баҳри Миёназамин тахминан 1700 кВт·с/м$^2$; дар аксарияти биёбони минтақаи Африка, Шарқи Наздик ва Австралия тахминан 2200 кВт·с/м$^2$-ро ташкил медиҳад.




Расми 3. Мамлакатҳои ба хати экватор наздик.

Миқдори энергияи офтобе, ки дар давоми рӯз ворид мегардад аз ҳодисаҳои атмосферӣ вобастагии хеле калон дорад. Дар нисфирӯзӣ ҳангоми соф будани осмон нурпошии умумии Офтоб, ки ба сатҳи горизонталӣ меафтад метавонад (масалан, дар Осиёи Миёна) ба 1000 Вт/м$^2$ бирасад. Дар шароити мусоиди боду ҳаво ин нишондиҳанда метавонад зиёдтар бошад дар ҳоле, ки ҳангоми абрнок будани ҳаво он хеле паст шуда ҳатто дар нисфирӯзи то ба 100 Вт/м$^2$ расида метавонад.

Тоҷикистон байни 37-41 градуси арзи шимолӣ, дар «тасмаи ҷаҳонии офтобӣ» ҷойгир шудааст. Дар амал барои арзи мо кунҷи моилӣ ба таври идеалӣ байни 39 ва 41 градус интихоб шудааст.

Радиатсияи офтобро бо истифода аз системаҳои фаъол ва ғайри фаъол ба энергияи фоиданок табдил додан мумкин аст. Ба системаи фаъоли Офтоб коллекторҳои офтобӣ ва элементҳои фотоэлектрикӣ ё элементҳои фотоэлектрикии офтобӣ дохил мешаванд. Дар мақолаи мазкур истифодаи

самараноки энергияи Офтоб тавассути системаҳои ғайрифаъоли офтобӣ баррасӣ гардидааст.

Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон миқдори энергияи Офтоб, ки ба бомҳо ва деворҳои биноҳо мерасад аз хароҷоти энергияи солонаи сокинони ин биноҳо зиёдтар мебошад. Истифодабарии рӯшноӣ ва гармии Офтоб ин усули тоза, оддӣ ва табиӣ ба даст овардани намудҳои гуногуни энергияи бароямон зарурӣ мебошад. Бо ёрии коллекторҳои офтобӣ метавон хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои тиҷоратиро гарм ё ин ки онҳоро бо оби гарм таъмин намуд. Равшании Офтобе, ки ба воситаи оинаҳои параболӣ (рефлекторҳои-нурафкан) ҷамъ карда мешавад, барои ҳосил кардани гармӣ (бо ҳарорати якчанд ҳазор $^{0}$C) истифода мебаранд. Онро барои гарм кардани об бо сикли термодинамикӣ ва ба даст овардани энергияи электрикӣ метавон истифода бурд.

Мутаасифона истифода аз системаҳои ғайрифаъол дар баробари системаҳои фаъол (коллектор, панелҳои офтобӣ) барои боз ҳам самараноктар истифода бурдани нурҳои Офтоб рӯ ба фаромӯшӣ овардааст. Якчанд рӯйдодҳои таърихие [2], ки ибораи «Ҳамаи чизҳои нав ин чизҳои кӯҳнаи фаромӯшшуда мебошанд»-ро собит мекунанд меоварем.

Таърих нишон додааст, ки ҳангоми тарҳрезии биноҳо шароити обу ҳаво ва дастрасии масолеҳи бинокорӣ таъсири худро расонидаанд. Оҳиста оҳиста одамон худро аз табиат ҷудо намуда ба роҳи ҳукмронӣ ва назорати он оғоз намудаанд. Чунин роҳ, новобаста аз ҳар як маҳал ба биноҳои сохти якхела оварда расонид. Дар садсолаи мелодӣ таърихдон Плинийи хурдӣ дар Шимоли Италия хонаи тобистонаеро сохт, ки тирезаҳои як хонаи он аз абраҳи (слюда) тунук буданд. Ин ҳуҷра аз ҳуҷраҳои дигар гармтар буда барои гарм кардани он ҳезуми камтар лозим мешуд. Дар ҳамомхонаҳои машҳури римӣ дар асрҳои I-IV мелодӣ махсусан тирезаҳои калоне, ки ба

тарафи ҷануб нигоҳ мекарданд насб карда мешуданд, то ки гармии Офтоб бисёртар ба дохили бино ворид шавад. Дар асри VI хонаҳои офтобӣ дар биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ чунон маъмулӣ шуданд, ки Джастиниан Коуд «ҳуқуқ ба Офтобро» ворид кард, ки барои истифодаи Офтоб иҷозати фардиро кафолат диҳад. Дар асри XIX гармхонаҳои бисёр машҳуре буданд, ки дар онҳо дар таги сояи баргҳои растаниҳои бошукӯҳ сайру гашт кардан мӯд будааст.

Соли 1947 аз сабаби номураттабии қувваи барқ дар ИМА биноҳое, ки бо усули ғайрифаъол энергияи офтобро истифода менамуданд талаботи хеле калон доштанд. Вобаста ба ин Ширкати «Libbey-Owens-FordGlassCompany» китоберо бо номи «Хонаи Офтобии Шумо» аз чоп баровард, ки дар он тарҳрезии 49 бинои беҳтарини офтобӣ нишон дода шудаанд. Миёнаи солҳои 50-ум, меъмор Франк Бриджерс бори аввал дар ҷаҳон бинои офтобии ғайрифаъолро барои бинои офис таҳия кард. Системаи офтобӣ барои таъмини оби гарм, ки дар он насб шудааст, аз ҳамон вақт то ин ҷониб бефосила кор мекунад. Бинои «Бриджерс-Пэкстон» бошад ба феҳристи миллии таърихии кишвар ҳамчун нахустин бинои офисӣ дар ҷаҳон ворид шудааст, ки бо истифода аз энергияи Офтоб гарм карда мешавад.

Арзиши пасти нафт пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи мардумро аз биноҳои Офтобӣ ва масъалаҳои самаранокии истифодаи энергия ғайрифаъол дур кард. Аз миёнаи солҳои 90-ум, шурӯъ намуда бозор муносибаташро ба экология ва истифодаи энергияи барқароршаванда тағйир дод ва дар сохтмон тамоюлҳое пайдо шуданд, ки дар онҳо мувофиқаткунии лоиҳаи биноҳои дар оянда сохташаванда ба табиати атроф дида мешаванд.

Системаҳои ғайрифаъол бо ёрии тарҳрезии биноҳо ва интихоби масолеҳи бинокорӣ, бо мақсади ба таври самаранок

аз энергияи Офтоб истифода бурдан, ба даст меояд. Биноҳои офтобии ғайрифаъол биноҳое мебошанд, ки бо дарназардошти ҳаматарафаи иқлими маҳал таҳия шудаанд, дар он технологияҳо ва масолеҳои мувофиқ барои гармкунӣ, хунуккунӣ, равшанкунии бино аз ҳисоби энергияи Офтоб ба кор бурда мешаванд. Дар биноҳои офтобии ғайрифаъол технологияҳо ва масолеҳои бинокории анъанавӣ ба мисли изолатсия, фаршҳои бузург, тирезаҳое, ки рӯ ба тарафи ҷануб равона гаштаанд истифода мебаранд. (расми 4) [2]. Ин гуна биноҳои истиқоматӣ дар баъзе ҳолатҳо бе масрафи зиёдатӣ сохта шуда метавонанд. Дар ҳолатҳои дигар, дар вақти сохтмон масрафҳои иловагӣ ба воситаи кам кардани масрафи барқ ҷуброн карда мешаванд. Дар системаи ғайрифаъоли офтобӣ худи сохти бино нақши коллектори офтобиро иҷро мекунад (расми 4). Ин таъриф ба аксарияти системаҳои нисбатан оддии биноҳо, ки дар онҳо ба туфайли деворҳо, шифтҳо ва ё фаршҳо гармӣ нигоҳ дошта мешавад, мутобиқат мекунад. Инчунин системаҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо элементҳои махсус ба тарҳи бино (масалан, қуттиҳо бо санг, бакҳо ё шишаҳои бо об пуркардашуда) насб карда мешаванд, ки барои захирасозии гармӣ пешбинӣ шудаанд. Ин гуна системаҳо чун системаи ғайрифаъоли Офтоб гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Биноҳои ғайрифаъоли офтобӣ барои зиндагӣ ҷойи беҳтарин мебошанд. Дар ин биноҳо равшании табиӣ зиёд буда, қувваи барқ бошад кам масраф мешавад.




Расми 4. Ҷойгиршавии бинои ғайрифаъоли офтобӣ.

Дар санъати бинокорӣ (меъморӣ) якчанд усулҳои асосии ба таври ғайрифаъол истифода бурдани энергияи Офтоб мавҷуд аст. Бо истифода аз онҳо, метавон нақшаҳои мухталифро эҷод кард ва бо ин тарҳҳои гуногуни сохтмонро ба даст овард. Чунин афзалиятҳо барои сохтани бино ва самаранок истифода намудани системаи ғайрифаъоли нерӯи Офтоб имконият медиҳанд: имконияти ҷойгиршавии хуби хонаҳо; барои дар фасли зимистон бештар ворид гардидани нури Офтоб имконияти ҷойгир намудани шумораи зиёди тирезаҳо, ки ба самти ҷануб равона шудаанд (дар нимкураи шимолӣ) ва баръакс барои маҳдуд кардани нурҳои номатлуб дар тобистон, ҷойгир намудани шумораи ками тирезаҳо, ки ба самти шарқ ё ғарб равона гаштаанд; ҳисобкунии дурусти сарбории гармӣ дар дохили хона, бо мақсади пешгирӣ аз пасту баландшавии номатлуби ҳарорат ва нигоҳ доштани гармии шабона; мавҷудияти бандубасти (конструксияи) хуби изолатсияшуда мебошанд.

Мавқеи ҷойгиршавӣ, изолатсия, самти тирезаҳо ва сарбории гармӣ дар биноҳо бояд системаи ягонаро ташкил диҳанд. Барои коҳиш додани пасту баландшавии ҳарорати дохилӣ, изолатсияро бояд аз қабати берунии бино ҷойгир

кард. Аммо, дар ҷойҳое ки гармшавии дохилӣ базудӣ анҷом меёбад ва он изолатсияи камро талаб мекунад ё гармиғунҷоиши паст дорад изолатсия бояд дар дохили он ҷойгир карда шавад. Он гоҳ тарроҳии бино дар ҳама гуна микроиқлим оптималӣ хоҳад буд Бояд қайд кард, ки тавозуни дурусти сарбории гармӣ дар бино ва изолатсия на танҳо ба сарфаи энергия, балки ба сарфаи масолеҳи сохтмонӣ низ оварда мерасонад [2].

Самаранокии ҳар як системаи ғайрифаъол аз намуди тирезаҳо вобаста аст. Шиша ё дигар маводҳои шаффоф мавҷҳои кӯтоҳи афканишоти Офтобро мегузаронанд ва мавҷҳои дарозро дар дохили бино боз медоранд. Тиреза сели энергетикиро бо ду усули асосӣ танзим мекунад:

- дар фасли зимистон, аз сабаби роҳ ёфтани энергияи Офтоб ба дохили бино тирезаҳо мавҷҳои инфрасурхро нигоҳ медоранд ки ин боиси гармшавии хона менардад. Ба ҳамин сабаб ҳарорати ҳаво дар дохили бино аз ҳарорати берунӣ зиёдтар аст;
- дар тобистон, тиреза барои хунук кардани бино тавассути кам кардани воридшавии нури Офтоб бо ёрии тирезаи мувофиқ ҷойгиршуда ва сояафкании он ва инчунин ҳамчун истифодаи вентилятсия барои салқин гардонидани хона мусоидат мекунад.

Агар мо гармии офтобро истифода бурдани шавем, пас воридшавии онро ба бино маҳз ҳангоме бояд таъмин кард, ки он муфидтарин бошад (расми 4). Одатан, дар фасли зимистон нурҳои Офтоб бояд ба бино аз соати $9^{00}$ то $15^{00}$ ворид шаванд. Хуб мешуд, агар дар роҳи онҳо ҳеҷ монеае вуҷуд надошта бошад (расми 4). Яке аз чунин монеаҳоро дарахтони дар ҳавлӣ мавҷуд буда метавонанд ба вуҷуд оранд ва ҳуҷраҳои хонаро сояафкан кунанд. Инро бояд ҳангоми сохтани бино ҳатман ба назар гирифт. Метавон хонаеро ба нақша гирифт, ки

тирезаҳои он ба ҳама тараф нигаронида шуда бошанд. Дар ин ҳолат энергияистеъмолкунии бино кам хоҳад гашт.

Миқдори рӯшноие, ки аз тиреза мегузарад, аз кунҷи афтиш вобаста аст. Кунҷи муносиби афтиш $90^0$ мебошад. Агар нури Офтоб ба тиреза мувофиқи кунҷи $30^0$ ва ё камтар афтад, қисми зиёди нури Офтоб инъикос меёбад.

Дарахтон роҳи муҳофизати беҳтарин аз нурҳои офтоб дар моҳҳои тобистон буда дар зимистон бошад онҳо метавонанд ба шамоли сард монеа шаванд. Илова бар ташаккули соя, дарахтон, буттаҳо ва чаманзорҳо метавонанд ҳарорати гирду ҳаворо то 5 $^0$C паст кунанд, зеро ки растаниҳо намиро бухор карда ҳавои атрофро хунук мегардонанд. Дарахтонро ҳамин тавр шинондан лозим аст ки, онҳо тобистон соя афкананд ва дар зимистон роҳи нури офтобро набанданд. Ҳатто дарахтони паҳнбарг, ки баргҳои худро зимистон аз даст медиҳанд, ҳангоми зимистон пеши нурҳои офтобро мегиранд – чандто дарахти урён метавонанд роҳи беш аз 50% нури офтобро банданд.

Радиатсияи офтобие, ки ба деворҳо, тирезаҳо, сақфҳо ва дигар сатҳҳо меафтад, аз тарафи бино фурӯ бурда шуда, ҳамчун миқдори гармӣ нигоҳ дошта мешавад (расми 4). Пас аз он ин гармӣ ба дохили бино паҳн мегардад. Миқдори гармӣ дар системаи ғайрифаъоли гармидиҳии офтобӣ айнан ҳамон вазифаро иҷро мекунад, ки батареяҳо дар системаи фотоэлектрикии офтобӣ захираи энергияи офтобро барои истифодаи минбаъдаи он иҷро мекунанд.

Миқдори гармӣ бо роҳҳои гуногун, аз тахтачаҳои сафолипӯшондашудаи фарш сар карда то зарфҳои аз об пуркардашуда метавонад ба системаи ғайрифаъоли офтобӣ дохил шавад. Ба маводҳое, ки гармиро фурӯ бурда, онро нигоҳ медоранд, тахтасангҳои бетонӣ барои фарш, деворҳои сангӣ ва дигар масолеҳи вазнини сохтмонӣ дохил мешаванд. Онҳо

ҷузвҳои асосии хонаҳое мебошанд, ки энергияи офтобро ғайрифаъол истифода мебаранд. Ҳатто агар аксари тирезаҳои бино ба самти ҷануб нигаронида шуда бошанд ҳам, аммо агар захираи миқдори гармӣ вуҷуд надошта бошад, пас чунин хона аз рӯи сарфаи энергия самарабахш нахоҳад буд. Бояд донист, ки сатҳи сиёҳ гармиро камтар инъикос карда, бештар фурӯ мебарад. Агар фарш бо тахтачаҳои сафолии сиёҳ рӯпӯш шуда бошад, он дар муддати рӯз гармиро фурӯ бурда шабона паҳн мекунад. Бузургии сели гармӣ аз фарқияти ҳарорати манбаи гармӣ ва ашёе, ки ба он равона карда шудааст, вобаста аст.

Гармӣ бо се усул ҳаракат мекунад: гузаронандагӣ (интиқоли гармӣ тавассути маводҳои сахт), конвексия (ҳаракати гармӣ тавассути ҳаракати моеъҳо ё газҳо) ва нурпошӣ. Сатҳи хона низ ба сабаби ин се усул гармиро гум мекунад. Тарҳи хуби бинои ғайрифаъоли офтобӣ барои кам кардани талафи гармӣ ва зиёд кардани тақсимоти босамари он кӯмак мерасонад. Барои таъмини тарроҳии самарабахш, бояд принсипҳои зеринро риоя кард [2]:

- массаи гармшавандаро бояд дар ҷое, ки нурҳои Офтоб меафтанд, ҷойгир кард. Массаи гармшавандае, ки дар ҷойҳои афтиши нурҳои мустақими офтоб ҷойгиранд, назар ба массае, ки дар ҷойи офтобнорас ҷойгир шудааст, самараноктар аст;
- массаи гармшавандаро бояд тақсим кард. Хонаҳое, ки дар он тарҳҳои ғайрифаъоли офтобиро истифода мебаранд, вақте ки массаи гармшаванда нисбатан тунук аст ва дар майдони калон паҳн шудааст самараноктар мебошанд. Масоҳати сатҳи массаи гармшаванда бояд нисбат ба сатҳи умумии тирезаҳои ба самти ҷануб нигаронидашуда аз 3 то 6 маротиба калонтар бошад. Плитаҳои фарш, ки ғафсиашон ба 8-10 см баробар аст, нисбат ба фарше, ки ғафсиаш 40-50 см аст самараноктаранд;

- массаи гармшавандаро рӯйпӯш кардан мумкин нест. Қолинҳо ва роҳравҳо (дорожки) ба интиқоли энергия ба элементҳои ғайрифаъоли офтобӣ ва аз онҳо монеъ мешаванд;
- сатҳҳои дарунии массаи гармшавандаро изолатсия кунед. Якчанд усули изолатсияи плитаҳои фаршӣ ва деворҳои берунии сангӣ мавҷуданд. Чунин чораҳо барои сарфаи энергия зарур мебошанд;
- массаи гармшаванда бояд вазифаи бисёрмақсадаро иҷро кунад. Барои қонеъ гардондани хароҷоти молиявӣ, массаи гармшаванда бояд на танҳо ҳамчун аккумулятори гармӣ, балки барои мақсадҳои дигар низ хизмат кунад. Масалан, фарши аз плита рӯпӯшкардашуда гармиро нигоҳ дошта, ҳамчун элементи сохторӣ ва ороишӣ хидмат мекунад.

Ҳангоми тайёр кардани системаи ғайрифаъоли офтобӣ, дар равиши интихоби масолеҳи бинокорӣ ба қобилияти гарминигоҳдории онҳо диққат додан зарур аст. Ин бузургӣ гармиғунҷоиши ҳаҷмӣ номида шуда ё ба ибораи дигар, ин миқдори гармиест, ки масолеъ метавонад онро фурӯ бурда, захира кунад ва бо (Ҷ/м$^{3\cdot 0}$С) чен карда мешавад.

Чунин маводҳо барои нигоҳ доштани гармӣ мутобиқ мебошанд: об, бетон, хишт, санг (мармар). Маводҳое, ки барои нигодории гармӣ мувофиқ нестанд инҳоянд: гипсокортон, чӯб, шишаи ношшаффоф [2].

Истифодаи ғайрифаъоли нури Офтоб тақрибан 15% эҳтиёҷоти гармидиҳиро дар бинои стандартӣ таъмин мекунад ва манбаи муҳими сарфаи энергия мебошад.

Олимони Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон низ дар соҳаи истифодаи босамар аз нерӯи ғайрифаъоли Офтоб саҳми худро гузошта истодаанд. Аз тарафи олимони Марказ саҳми манбаъҳои ғайрифаъоли гармӣ, яъне радиатсияи Офтоб, ки тавассути тирезаҳо ва селҳои гармӣ,

панҷараҳо барои гарм кардани биноҳо дар фасли зимистон дар ноҳияҳои шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст. Барои гузаронидани таҷриба дар ин соҳа модели «Хонаи офтобӣ» сохта шудааст, ки он бо тамоми таҷҳизотҳои муосири ченкунӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст [5].

Дар расми 5 дар миқёси 1:10 модели кории «Хонаи офтобӣ» нишон дода шудааст. Ба сифати аслии «Хонаи офтобӣ» котеҷи шакли болохонадор бо майдони ошиёнаи якумаш 100 $м^2$ интихоб гардидааст.

Тамоми элементҳои модел дар чорчӯбаи (рама) аз профилҳои алюминий сохташуда ба воситаи винтҳо мустаҳкам карда шудаанд. Деворҳо аз се қабати (алукобонд – полистирол – гипсокартон) иборатанд. Боми он аз фанер сохта шудааст, ки аз боло бо ондулин пӯшонида шуда аз поёни он бо пенопласт ва ватина изолатсия карда шудааст. Тамоми тирезаҳо аз профилҳои пластикӣ ва стеклопокети дуқабата сохта шудаанд. Барои тағйир додани мавқеъи он нисбат ба Офтоб модел дар чархҳои махсус насб карда шудааст (расми 5).

Модели амалкунандаи «Хонаи офтобӣ» дорои системаи барномашавандаи иттилоотии фосилавӣ идорашаванда мебошад, ки дар асоси нозираки фирмаи Ардуино (Италия) кор карда имконияти назорати видеовӣ, посбонӣ, бехатарии сӯхтор, сарфаи энергия, назорати таҷҳизоти барқӣ ва газӣ, равшанӣ, вентилятсия, таъминоти оби хунук ва гарм, системаҳои гармидиҳӣ ва микроиқлими хонаро дорад. Нозираки Arduino имконияти ченкунии пайвастаи ҳарорат, фишор, намӣ, ҷараёну шиддатро дошта маълумотро аз 30 қосидак ба хотираи компютер интиқол медиҳад. Захираи маълумотҳо дар формати Excel нигоҳ дошта шуда бо ёрии барномаи махсуси компютерӣ EXP1 [5] коркард карда мешавад. Селҳои гармӣ, ки тавассути панҷараҳо, девори аз

таъсири нури Офтоб тафсон, хусусан бомҳо ворид мегарданд аз самти сатҳ нисбати Офтоб вобастаанд. Кормандони марказ селҳои гармӣ ва радиатсиониро, ки тавассути бандубастҳои модели хонаи офтобӣ (деворҳо, сақф, фарш, тиреза ва дарҳо) ворид мешаванд ба воситаи усули коркарди худии назорати доимии ҳарорати ҳаво дар дохил ва берун, таҳқиқ кардаанд. Омӯзиши муфассали селҳои гармӣ ва радиатсия барои таъмини дараҷаи баланди самаранокии энергетикии биноҳои тарҳрезишуда зарур аст.

Аз ҷумла ба тариқи таҷрибавӣ таносуби оптималии манбаъҳои гармии ғайрифаъол ва фаъол барои гарм кардани модели «Хонаи офтобӣ» муайян карда шудааст [5]. Нишон дода шудааст, ки «Хонаи офтобӣ» аз ҳисоби радиатсияи Офтоб, ки иқтидори миёнааш тақрибан 2 кВт мебошад ва инчунин аз ҳисоби сели гармӣ тавассути деворҳо, бом, фарш – 1кВт гарм карда мешавад. Талафотҳои гармӣ, сели радиатсияи Офтоб тавассути тирезаҳо ва сели гармӣ тавассути панҷараҳо (деворҳо, бомҳо, фаршҳо, дарҳо ва тирезаҳои шишагӣ) вобаста аз мавсим ҳисоб карда шуданд.

Идоракунии автоматии системаи таъминоти барқи модели «Хонаи офтобӣ» дар асоси нақшаи (схемаи) идоракунии фосилавӣ, имкон медиҳад ки фурӯзон ва хомӯш кардани 4 хати интиқоли барқи чароғакҳои равшаникунанда дар масофаи то 25 метр бо пулти зудҳаракати вақтсанҷ гузаронида шавад.

Бо усули мониторинги ҳарорати дохилӣ ва берунии модели «Хонаи офтобӣ» саҳми манбаи ғайрифаъоли гармии радиатсияи Офтоб, ки тавассути тирезаҳо барои гарм кардани модели «Хонаи офтобӣ» дар фасли зимистон мегузарад, муайян гардидааст. Нишон дода шудааст, ки миқдори радиатсияи умумии моҳона, ки тавассути тирезаҳои модел ворид мегарданд дар моҳи январ 3706.8 Вт ва дар моҳи феврал 4015.1 Вт соатро ташкил медиҳанд. Муайян карда шудааст, ки

ҳиссаи манбаъҳои ғайрифаъоли радиатсияи Офтоб ҳангоми гармикунии модели «Хонаи офтобӣ» дар моҳи январ 5.6%, дар моҳи феврал 8.2%, моҳи март 17.6% ва апрели соли 2015 85.3% -ро ташкил медиҳад.

Бо усули таҷрибавӣ маҷмӯи умумии сели гармӣ, ки дар фасли зимистон тавассути боми модели «Хонаи офтобӣ» ворид мегардад, муайян карда шудааст. Нишон дода шудааст, ки сели гармӣ, вобаста ба самт ва кунҷи нишебии бом, ҳамзамон метавонад самтҳои муқобил дошта бошад. Дар ҳолати қатъ гардидани манбаъҳои гармидиҳии фаъол, воридшавии умумии гармӣ тавассути нишеби ҷанубии бом амалан ба хуруҷи гармӣ тавассути нишеби шимолӣ баробар аст. Дар ин ҳол, ҳарорати миёнаи ҳаво дар дохили модел рӯзона аз 20 $^0$C ки 5-6 соатро ташкил медиҳад зиёдтар аст. Манбаъҳои фаъоли гармидиҳӣ пас аз ғуруби офтоб фаъол шуда, 18-19 соат кор мекунанд. Таносуби манбаъҳои ғайрифаъол ва фаъоли гармидиҳӣ дар рӯзҳои офтобии зимистона 1:4 ташкил медиҳад.

Бо усули таҷрибавӣ маҷмӯи умумии сели гармӣ, ки тавассути бандубасти модели «Хонаи офтобӣ», ҳангоми авҷи инсолятсияи тобистона ворид мешаванд, муайян карда шудаанд. Нишон дода шудааст, ки таносуби сели радиатсионии тавассути тирезаҳо воридшаванда ва сели гармӣ, ки тавассути бандубасти модели хона ворид мегарданд ба 1:2 баробар аст. Бузургии сели ғайрифаъоли гармӣ тавассути бандубасти модели хона дар тобистон назар ба зимистон қариб 100 маротиба зиёдтар аст. Афзоиши муқовимати ҳароратии деворҳо, яъне гарминигоҳдорӣ дар тобистон ба ғун кардани гармии зиёдатӣ оварда мерасонад. Ченкунии сели гармӣ тавассути бандубасти модели хона зарурати хунук кардани биноро ҳангоми баланд будани ҳарорати миёнаи рӯзонаи ҳаво нишон медиҳад. Иқтидори кондитсионерҳои хонагӣ (1.5-4 кВт) ҳангоми авҷи инсолятсияи тобистона барои хунук кардани бино

кифоя нест истифодаи кондитсионерҳои баландиқтидор бошад самаранокии истифодаи энергияи биноро паст мегардонад. Сардшавии ғайрифаъоли бино тавассути ташкили системаи идоракунии ҳаво ва истифодаи гармии зиёдатии ҷамъшуда барои ҳосил кардани энергияи хунукӣ пешниҳод карда шудааст.

Бо мақсади муайян кардани саҳми манбаъҳои ғайрифаъоли гармӣ барои гармидиҳии модел дар фасли зимистон мониторинги ҳарорати беруна ва дохилии модел бо истифода аз маҷмааи автоматикунонидашуда дар асоси контроллери Arduino гузаронида шудааст. Барои муайян кардани самти сели гармӣ тавассути панҷараҳо (тирезаҳо, деворҳо, фарш, бом) қосидакҳои ҳароратӣ дар яке аз қабатҳои дохилӣ аз ду тараф насб карда шуданд. Дар ин ҳолат, таъсири абрнокии тағйирёбанда ва варзиши шамол ба саҳеҳии ченкунии ҳарорат кам аст. Он гоҳ, маҷмӯи умумии сели гармӣ, ки аз қабат мегузарад, ба сели гармии аз девор гузашташуда баробар аст. Воридшавии гармӣ тавассути бом тибқи талаботи СНиПи амалкунанда ҳангоми аз 10$^0$С зиёд будани ҳарорати ҳаво дар фасли тобистон ба ҳисоб гирифта мешавад. Баҳисобгирии аниқи сели гармӣ (талафот ва воруди гармӣ) тавассути сақфҳо, деворҳо ва тирезаҳо дар фасли зимистон таносуби оптималии манбаъҳои ғайрифаъол ва фаъолро таъмин мекунад. Омӯзиши ин селҳои гармӣ барои ба вуҷуд овардани системаҳои гармидиҳии ғайрифаъол, ҷойгиркунии мақсаднок ва истифодабарии манзилҳои дорои таъиноташон гуногун имкон медиҳад. Ба ин васила самаранокии энергетикии биноҳо баланд шуда то 25% сарфа намудани энергия таъмин мегардад.



Расми 5. Тарафи ҷанубӣ ва ғарбии модели «Хонаи офтобӣ».

Дар расми 6 маҷмӯи умумии рӯзонаи энергияи манбаъҳои ғайрифаъол, ки модел дар моҳи январи соли 2015 дарёфт кардааст, нишон дода шудааст. Чи хеле ки аз расм намоён аст, маҷмӯи умумии рӯзонаи энергияи манбаҳои ғайрифаъол дар рӯзҳои алоҳидаи тира то сифр меафтад аммо дар рӯзҳои софи офтобӣ 15 январи соли 2015, 262.9 Вт-с-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба миқдори миёнаи шабонарӯзӣ 2.2 маротиба зиёдтар аст 119.6 Вт-с [5].

Бояд қайд кард, ки маълумоти бадастомада ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои «Хонаи офтобӣ», муайян кардани иқтидори неругоҳҳои офтобӣ, интихоб ва насби таҷҳизоти офтобӣ, инчунин дар тарҳрезӣ ва сохтани биноҳои муосиру энергиясамараноки истиқоматӣ, таълимӣ, маъмурӣ ва истеҳсолӣ истифода шуда метавонанд.




Расми 6. Маҷмӯи умумии энергияи шабонарӯзии манбаъҳои ғайрифаъоли энергияи офтобӣ барои моҳи январи соли 2015.

Барои сарфаи барқ ва сӯзишворӣ на танҳо системаҳои ғайрифаъоли офтобӣ балки системаҳои фаъоли офтобӣ низ васеъ истифода бурда мешаванд, ки ба онҳо панелҳои офтобӣ, обгармкунакҳои офтобӣ (коллекторҳо) ва ғайраҳо дохил мешаванд. Инчунин истифодаи самараноки асбобҳои электрикии маишии хонаҳо, фурӯзонакҳои камасраф (рӯшноидиодҳо), низ барои сарфаи нерӯи барқ мусоидат менамоянд.

Олимони Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳо доир ба истифодаи самараноки энергияи электрикӣ аз ҷумла ҳангоми истифодаи асбобҳои барқии маишӣ низ мақолаҳо ба чоп расонидаанд [6-10]. Дар мақолаҳои мазкур доир ба лампаҳои тафсон, люминисентӣ, галогенӣ ва рӯшноидиодҳо маълумоти муфассал оварда шудааст. Аз ҷумла дар мақолаи [10] доир ба усулҳои сарфаи барқ дар равшансозии манзил, сарфакорӣ дар гармкунии биноҳои истиқоматӣ, роҳҳои истифодаи босамар ва оқилонаи асбобҳои барқии маишӣ, сарфакорӣ тавассути

истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия маълумоти хело муфид ва фоиданок оварда шудааст.

Алҳол дар тамоми ҷаҳон барои сарфаи энергия кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаанд. Вобаста ба ин дар соҳаи нанотехнология ва оптоэлектроника, алалхусус дар бахши рӯшноидиодҳо (лампаҳои камасрафи светодиодӣ) пешравии назаррас ба мушоҳида мерасад.

Рӯшноидиодҳо кристалҳои нимноқилҳои омехта мебошанд, ки нерӯи барқро ба рӯшноӣ табдил медиҳанд. Вобаста аз сохти таркибии нимноқилҳо рӯшноидиодҳо қариб тамоми спектри рӯшноиро медиҳанд [11]. Рӯшноидиоди муқаррарӣ, ки барои индикатсия истифода мебаранд, ҳамагӣ 2-4 волти шиддати доимиро сарфа менамояд.

Ҳангоми мувофиқи меъёр истифода кардани рӯшноидиодҳо аз онҳо метавон то 100000 соат баҳрабардорӣ кард. Ин нишондиҳанда 100 маротиба аз лампаҳои тафсон ва 10 маротиба аз лампаҳои люминисентӣ ва лампаҳои камасрафи симобдор бештар аст.

Яъне рӯшноидиодҳо муҳлати истифодаи зиёд дошта, неруи барқро кам истифода мебаранд. Ба ғайр аз ин афзалияти дигари онҳо аз он иборат аст, ки ба ларзиш, зарба ва таъсири механикӣ устувор буда ба қатъгардониву васлгаронии чандкарата тобоваранд. Ҳамчунин рӯшноидиодҳо аз лиҳози экологӣ бехатаранд.

Сарфаи энергия бояд танҳо бо ивазкунии фурӯзонакҳои тафсон ба фурӯзонакҳои камасраф маҳдуд нашавад. Ирӯзҳо дар аксари хонаҳо телевизор, яхдон, конденсионер, мошинаи ҷомашӯӣ, тобаҳо, обгармкунак, шамолдиҳак, дарзмолу чангкашак ва дигар асбобҳои рӯзгор васеъ истифода мешаванд. Ин асбобҳо тавоноии гуногуни истеъмолии барқро доранд. Аз ин рӯ асбоби заруриро вобаста ба эҳтиёҷоти оила бо назардошти ҳайати оила, масоҳати хона ва талаботи

санитарию гигиенӣ интихоб намуда аз онҳо бояд оқилона, дуруст ва сарфакорона истифода кард. Дар ҳолати ҳар сол аз тарафи аҳолии Тоҷикистон ақалан 20% сарфа шудани барқ, имконият медиҳад дар ҷумҳурӣ 0.6 миллиард кВт-соат барқ сарфа шавад, ки он метавонад дар соаҳои муҳими иқтисодиёт, аз ҷумла дар саноати сабук, саноати вазнин, бофандагӣ, саноати хӯрока ва дигар соҳаҳо барои истеҳсоли маҳсулот истифода шуда, ҷиҳати пурра намудани буҷети давлат ва баланд гардидани маҷмӯи маҳсулоти дохилаи кишвар мусоидат намояд.

Аз рӯи маълумоте, ки дар кори [11] оварда шудааст масалан дар саноати бофандагӣ ва сабук 17 500 кВт-соат барқи сарфашуда имконият медиҳад, ки: 1000 $м^2$ матоъҳои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ; 1 тонна пахта; 1 тонна ватин (матои патноки пӯшоки гарм); 1 тонна нахи пахта; 1 тонна маҳсулоти чиниворӣ; 1000 ғалтак ресмон; 1000 ҷуфт пойафзоли чармӣ; ва 1000 м клеёнка истеҳсол шавад.

Дар истеҳсоли маводи хӯрокворӣ бошад 6000 кВт-соат барқи сарфашуда имконият медиҳад, ки: 1 тонна орд; 1 тонна ярма (крупа); 1 тонна шакари рафинад аз 1 тонна лаблабуи коркардашуда; 1 тонна гушт ва каллапоча; 1 тонна маҳсулоти ҳасибӣ; 1 тонна равғани растанӣ; 1 тонна анвои нону булка; 1 тонна творог; 1 тонна шир; 1 тонна ҷурғот (кефир); 1 тонна қаймоқ; 1 тонна панир; 1 тонна маска; 1 тонна ширқиём (сгущёнка); 1 тонна шири қоқ; 1000 банка консерви гуштӣ; 1000 банка консерви моҳигӣ; 1000 банка консерви меваю сабзавотӣ истеҳсол гардад [11].

Тарғиби сарфаю сариштакорӣ нисбати сарватҳои табиӣ ва истифодаи барқ аз тарафи аҳолӣ аз боғчаи бачагон шурӯъ карда, дар мактаби миёна ва таҳсилоти олӣ муассисаву корхонаҳо, вазорату идораҳо дуруст ва васеъ ба роҳ монда шавад, аз ин ҳамаи аҳолии кишвар бурд хоҳанд кард.

## Адабиёт

1. Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. Солнечная электроэнергетика. –Душанбе.: Дониш, 2007, 179 с.
2. Солнечная энергия. [Электронный ресурс]. Режим доступа: se-solarenergy. nethouse. ru
3. Солнечная радиация. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://geolvg.blogspot.com/2011/05/blog-post_05.html
4. Ахмедов Х.М., Галигалис С., Элназаров А. «Солнечная энергетика. Состояние, возможности использования и перспективы развития», изд. 2-ое, Душанбе.: Дониш. 2007, 114 с.
5. Салиев М.Р., Ахмедов Х.М., Назаров Р.Р. Исследование пассивных тепловых и радиационных потоков путём мониторинга температуры воздуха внутри и снаружи модели «Солнечного дома». - Докл.АН РТ. 2015, т. 58, №7, с.594-601.
6. Петров Г.Н., Ахмедов Х, М., Кабутов К., Каримов Х.С. Возможности использования возобновляемых источников энергии в Таджикистане. – Изв.АН РТ. Отд. физ-мат., хим., геол. и техн. наук. 2009, №4, с. 112-124.
7. Ахмедов Ҳ.М. Аз истифодаи лампаҳои камасраф чӣ бурд мекунем? – Минбари халқ, №17, 30 апрели 2001.
8. Ахмедов Ҳ.М. Оё фурӯзонакҳо зарароваранд? – Минбари халқ, №34, 27 августи 2009.
9. Ахмедов Ҳ.М. Сарфакорӣ – замонати таъмини аҳолӣ бо барқ – Минбари халқ, №31, 2 августа 2012.
10. Ахмедов Ҳ.М. Рӯшноидиодҳо аз камасрафҳо ҳам камасрафтаранд – Минбари халқ, №31, 6 августи 2009.
11. Ушаков В.Я., Харлов Н.Н., Чубик П.С. Потенциал энергосбережения и его реализация на предприятиях ТЭК: учебное пособие; Томский политехнический университет. – Томск: изд-во Томского политехнического университета, 2015, 283 с. Режим доступа: https://studref.com/553036/tehnika/potentsial_energosberezheniya_i_ego_realizatsiya_na_predpriyatiyah_tek

**Абдусаттор Ворис**

# БАЪЗЕ АЗ ПАҲЛУҲОИ РАВАНДИ БАЙНАЛМИЛАЛИШАВИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗДИҲӢ

Низоми бонкӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ феълан дар раванди тайғирёбии босуръат қарор доранд. Беморин ҳамагири COVID-19, ки соли 2020 ба таври ғайричашмдошт буруз кард, кулли мамлакатҳоро дар ҳолати бехудӣ (шок) гузошт, ҳолати мазкурро ба таври ҷиддӣ тезонид. Дар ин радиф, ҳамгироии ҳадафмандона ва тахассусмандонаи бонкҳои тиҷоратӣ ба низоми бонкии ҷаҳонӣ, байналмилалишавии ин навъ муассисаҳо бар пояи барномаи мушаххас, мутобиқшавии сохтор ва сифатҳои функсионалии бонкҳои маҳаллӣ ба авзои номуайян, пурчолиш ва пешгӯинашавандаи ҷаҳонӣ, гарави "ғарқ" нашудани онҳо дар фазои пуррақобат мебошад. Ин навъ барномаи байналмилалишавӣ бояд бар мабнои омӯзиши жарфи таҷрибаи муваффақи ташкилотҳои қарзии кишварҳо ва манотиқи мухталифи дунё таҳия шавад.

Бонкҳо барои рушду нумӯи кишвар аҳамияти фавқулода дошта, дар низоми муосири иқтисодӣ нақши калидӣ мебозанд. Дар умум, ба андешаи аксарияти таҳлилгарони масоили бонкдорӣ, на танҳо устувории низоми молиявии кишвар, балки суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат низ аз сатҳу сифати фаъолияти низоми бонкӣ вобастагӣ дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳидоятҳои хирадмандонаи худ вобаста ба самти мазкур пайваста таъкид менамоянд: "Фаъолияти муътадили низоми бонкӣ дар шароити имрӯза яке аз омилҳои асосии тараққиёти босуботи иқтисодӣ ба шумор меравад".

Ба ҳайси ҷамъкунандаи сармоя, созмонҳои қарздиҳӣ фаъолияти соҳибкорони ватанӣ ва корхонаҳои истеҳсолиро дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт аз лиҳози молиявӣ таъмин менамоянд. Фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ бо такя ба захираҳои молии низоми бонкии кишвар сурат гирифта, бидуни сармояи бонкҳо инкишофи ҷиддии онҳо, тавсеаи амалиёташон ғайримкон аст. Тавре яке аз таърихнигорони иқтисодиёт Ҳю Патрик менигорад, муваффақтарин роҳи иқтисодии дунё дар кишварҳое мушоҳида мешавад, ки он ҷо баҳри ташаккули низоми муккамали молиявӣ ҳукумат аз рӯзҳои аввал тадбирҳои зарурии низомӣ ва сохторӣ ҷорӣ намудааст. (Patrick, H.T., 1966, Financial development and economic growth in underdeveloped countries, Economic Development and Cultural Change)

Бонкҳоро метавон бо организми зинда муқоиса намуд. Онҳо аз омилҳои берунӣ вобастагии азим доранд - муҳити иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳатто фарҳангӣ ба сифатнокии фаъолияташон бетаъсир монда наметавонад – ё ба талаботи "гирду атроф" (дар ин ҳолат, таҳти "гирду атроф" ҳам низоми бонкии ҷаҳонӣ ва авзои байналмилалӣ, ҳам шароити бозори дохилиро дар назар дорем) мутобиқ мешаванд ё аз байн мераванд. Вазъи байналмилалӣ, ки ба низоми бонкии ҷаҳонӣ таъсири бағоят бузург дорад, мунтазам тайғир меёбад, муҳтавои ин авзоъ дар ҳолати ивазшавии доимӣ қарор дошта, дар ин навъ шароит танҳо бонкҳои тиҷоратие, ки ҳадафмандона ва сариваќт сохтори ташкилотии созмонро таҷдид менамоянд, сифатнокии хидматрасониро пайваста афзоиш медиҳанд, дар пайи рақамикунонии амалиёти худ мебошанд, мутобиқати комили фаъолияти созмонро ба қонунҳои миллӣ ва байналмиллалӣ таъмин менамоянд, шонси маҳфуз доштани муштариёни худро доранд.

Аввалан, мафҳуми “бонк”-ро бояд шарҳ дод. Дар луғати иқтисодии Оксфорд, ки зери таҳрири Ҷ.Блэк ва Нигор Ҳошимзода интишор гардидааст, бонк ҳамчун муассисаи молиявӣ, ки фаъолияташ аз қарздиҳӣ ва қарзгирӣ иборат аст, муайян шудааст (A Dictionary of Economics, 3ed, John Black, Nigar Hashimzade, and Gareth Myles). Блэк мушаххас менамояд, ки бонкҳо тариқи қабули пасандозҳо аз аҳолӣ ё дигар муассисаҳои молиявӣ “қарз мегиранд” ва қарзҳои бонкӣ манбаи умдаи маблағгузорӣ барои корхонаҳо, истеъмолкунандагон ва ҳукумат мебошанд.

Мафҳуми “бонк” дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” низ ба таври возеҳ тафсир гаштааст. Мувофиқи моддаи 1-и боби 1-и Қонуни мазкур бонк - ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад”. Бонкҳо ҷузъи таркибии муҳимми низоми муосири молиявии Тоҷикистон мебошанд. Ин навъ ташкилотҳо, усулан, аз миёнаравии молиявӣ иборат мебошанд – онҳо пасандозҳоро қабул намуда, ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ қарз медиҳанд. Ба назари мо, мафҳуми мазкур моҳият ва мундариҷаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистонро низ хуб ифода мекунад ва дар доираи мақолаи мазкур мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар маҷмӯъ, функсияи асосии ҳар як бонки хусусӣ дар низоми иқтисодии кишвар аз таҳвили маблағҳои пасандозсупорандагон ба корхонаҳои тиҷоратию истеҳсолӣ барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёт кишвар мебошад. Ба ибораи дигар, бонкҳо дар иқтисодиёт амалан нақши таҳвилкунандагони сармояро мебозанд ё ин, ки тавре

таҳлилгари *Financial Times* Карл Стенберг мегӯяд, усулан, ба ҳайси як миёнарав миёни сокинон ва соҳибкорон фаъолият мекунанд.

Имрӯз бо назардошти ҳадафҳои стратегии дарозмуддати кишварамон дар заминаи рушди устувори иқтисодиёти мамлакат ва саноатикунонии босуръати он, Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳоде, ки бар пояи Қонун "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" сиёсати давлатро дар бахши бонкдорӣ тарҳрезӣ ва амалӣ менамояд, фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва хусусиро назорат ва танзим мекунад, ҳадафҳои зеринро дар фаъолияти рӯзмарраи худ меҳварӣ меҳисобад. Пеш аз ҳама, "ба талабот мутобиқ кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар арсаи бонкдорӣ, коҳиш додани хавфҳои амалиётӣ ва қарзӣ, поён бурдани қарзҳои ғайрифаъол, афзоиши ҷалби сармоя ба низоми бонкӣ ва таъсиси намояндагии бонкҳои хориҷӣ ҷиҳати пайдо намудани манбаъҳои иловагӣ барои ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, таъмин намудани раванди идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва тадриҷан афзоиш додани сармояи оинномавии бонкҳо, зиёд намудани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва фаъол намудани низоми рейтинги миллӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ, бо роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина пурра ҷорӣ кардани амалиёти ғайринақдӣ, аз ҷумла, аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ аз авлавиятҳои он маҳсуб меёбанд".

Созмонҳои қарздиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияташон дар бозори молиявии дохилӣ аз рӯи критерия ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва устуворӣ аз тарафи Бонки миллӣ, ташкилотҳои марбутаи байналмиллалӣ ва коршиносон муваффақ арзёбӣ мегарданд, бояд

байналмилалишавиро ба зумраи ҳадафҳои стратегии муассиса дохил намуда, онро дар дарозмуддат ҳамчун кафили бақои бонк бинигаранд. Тавре олимон Глейх, Джаннет ва Ҳеннесӣ таъкид менамоянд, агар муассисаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар заминаи қарздиҳӣ фаъолият мекунанд, азми "зинда монданро" дар бозори пуррақобат дошта бошанд, бояд дар пайи байналмилаликунонии амалиёти худ бошанд (Jeannet, Jean-Pierre and H. David Hennessey (2001), Global Marketing Strategies, 5th ed. New York). Аммо на ҳама ташкилотҳо зарфияти фаромиллӣ шуданро доранд.

Байналмилалишавӣ ё ҳамгироии бонкҳо ба низомҳои молиявии дигар кишварҳо зуҳуроти нав нест. Тавре олими нидерландӣ Де Рувер қайд менамояд, ҳанӯз дар қарни понздаҳ Бонки Медичӣ (Bonco di Medici), ки дар давлатшаҳри Флоренсия бунёд гардида буд, дар марказҳои маъруфи молиявӣ ва тиҷоратии Аврупо пойгоҳи худро дошт. Олимон Дженетт ва Ҳеннесӣ таъкид менамоянд, ки барои муассисаҳои тиҷоратӣ байналмилалишавӣ як тасмими мураккаб ва муҳимми стратегӣ аст. Он ба таври тадриҷӣ, қадам ба қадам сурат гирифта, дар аксари ҳолатҳо ба монанди дигар қарорҳои ташкилотӣ, ки ба сохтори он таъсиррасон мебошанд, шитобро намепазирад. Ташкилотҳое, ки пружаи байналмилалишавии худро тадриҷан амалӣ мегардонанд, шиддати мушкилотеро, ки аз муҳити ҷадиди бозори хориҷӣ бармеояд, бамаротиб коҳиш медиҳанд.

Албатта, байналмилалишавӣ барои ягон ташкилот, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, кори саҳл нест - раванди воридшавӣ ба бозори нави хориҷӣ ҳаҷми назарраси захираҳои молӣ, инсонӣ, зеҳнӣ ва технологии ташкилотро талаб мекунад. Ва на ҳама созмонҳои қарздиҳӣ иқтидори кадрӣ ва ҳаҷми кофии сармоя барои фатҳи бозорҳои нави хориҷиро доранд. Сохтори ташкилот ҷиҳати байналмилалишавӣ бояд мутобиқ бошад ва

дар ин росто сифати кадрҳои роҳбарикунанда нақши муайянкунандаро мебозад. Мизони зарфияти байналмилалишавии на ҳама бонкҳо як хел аст. Олимон Отио ва Макдугалл қайд менамоянд, ки қобилияти байналмилалишавии муваффақ маҳсули зарфияти дохилии ташкилот аст. Дар ин радиф, такмили донишҳои мавҷуда ва омӯзиши донишҳои нави соҳавӣ вобаста ба бозорҳои зери назар муҳим арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, ҳангоми пой гузоштан ба бозори нав, харҷҳои молии ташкилоти тиҷоратӣ дар ибтидо дучанд мешаванд, пеш аз ҳама, хароҷоти марбут ба таъсис ва ташаккули намояндагӣ, муҷаҳҳаз гардонидани он бо мутахассисон ва дигар масрафҳое, ки аз воридшавӣ ба як фазои нав ва ноошнои тиҷоратӣ бармеоянд. Маълум аст, ки бонкҳои аз лиҳози молиявӣ заиф наметавонанд пой бар масири байналмилаликунонии амалиёт гузоранд. Коршиносу таҳлилгарони соҳа бар ин ақидаанд, ки дар муқоиса бо ташкилотҳои маҳаллӣ, мизони хароҷот барои бозингари хориҷӣ бештар аст. Дар маҷмӯъ, ташкилоти қарздиҳӣ бояд қобилияти сохтории анҷом додани амалиёти мураккаби байналмилалишавиро дошта бошад.

Симои манфии кишвари аслии ташкилот, фарқиятҳои ниҳодӣ ва фарҳангӣ миёни ин мамлакатҳо низ боиси мушкилиҳо ҳангоми воридшавии муассиса ба бозори хориҷӣ шуда метавонад. Дар ин иртибот, олимони соҳа Баум ва Суи меафзоянд, ки таҳлили жарфи ҳаҷми захираҳо ва имкониятҳои корхона, кифояти онҳо барои амалисозии тарҳи байналмилалишавӣ, омӯзиши ҳамаҷонибаи шароит ва фазои бозори хориҷии таҳти назар бағоят муҳим аст. Абзори байналмилалишавӣ, ки тариқи он бонки тиҷоратӣ дар бозори нав пойгоҳи худро бунёд мекунад, аз имкониятҳои молиаш вобастагии азим дорад. Ташкилоте, ки захираҳои кофӣ дорад ва онро ҳозир аст баҳри байналмилалишавии фаъолияти

тиҷоратии худ равона созад, ба муҳити тайғирёбанда беҳтар мутобиқ мешавад.

Дар мутобиқшавии ташкилот ба бозори нави хориҷӣ сатҳи маҳсулнокии меҳнат ва мизони умумии ихтироъкорию навоварӣ дар созмон низ нақши муҳим дорад. Ба қавли Карнийеро, рушди устувори ташкилот, афзоиши мизони даромаднокии он бидуни рӯҳияи навоварӣ ва ихтироъкорӣ ғайриимкон аст, аллалхусус дар асри 21 – асри рақамикунонии босуръати кулли бахшҳои иқтисодиёт ва ҷомеа. Созмонҳои қарздиҳӣ дар саросари ҷаҳон аз бузургтарин истифодабарандагони маҳсулоти IT ва технологияҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, ин технологияҳо пайвастшавии ташкилотҳоро ба иқтисодиёти чаҳонӣ бамаротиб осон гардониданд. Қобили қайд аст, ки дар шароити муосир, ин технологияҳо ба сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ, натиҷаҳои умумии фаъолияти бонк, қобилияти бонк барои таҳлили чолишҳои соҳавӣ таъсири амиқ мерасонанд. Табиист, ташкилотҳои қарзие, ки технологияҳои рақамӣ ва умуман рӯҳияи инноватсиониро дар маркази стратегияи рушди худ намегузоранд, тавоноии технологии ҳайати кормандони худро мунтазам такмил намедиҳанд ва баҳри рушди рақамии худ ҳадафмандона сармоя ҷудо наменамоянд, рақобатпазирии худро аз даст медиҳанд.

Ҳамин тариқ, байналмилалишавиро бидуни инноватсия (таҳияи маҳсулот ё хизматрасонии нав) тасаввур кардан мушкил аст. Ин ду мафҳум бо якдигар алоқаи зич доранд. Ташкилотҳое, ки азми байналмилалишавӣ доранд, бояд ба масъалаи ҷорӣ намудани инноватсияи сохторӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намоянд. Бархе аз олимон бар ин ақидаанд, ки ташкилотҳои бузурги инноватсионӣ дар қиёс ба созмонҳои хурде, ки ҳамагӣ як ё ду маҳсулот истеҳсол мекунанд, ё хизматрасонии инноватсиониро анҷом медиҳанд, шонсҳои

бештарро барои воридшавии муваффақ ба бозори хориҷӣ доранд. Дар маҷмӯъ, ҷорӣ намудани инноватсияи технологӣ ва ғайритехнологӣ дар ташкилот, мизони рақобатпазирии байналмилалии созмонро низ афзоиш медиҳад ва шароити мусоидро бахри воридшавӣ ба бозорҳои хориҷӣ фароҳам меорад. Танҳо тавассути тавлиди маҳсулоти нав ё такмили ҷиддии маҳсулоти мавҷуда, ё таҳияи хизматрасонии ҷадид метавон дар бозорҳои нав ҷойгоҳи устуворро пайдо кард.

Олимони соҳа бар ин ақидаанд, ташкилот замоне роҳҳои диверсификатсияи фаъолияташро фаъолона ҷустуҷӯ мекунад, ки захираҳои иловагиро барои татбиқи чунин гуногунсозӣ дар ихтиёр дорад ва ин иқдомро аз лиҳози иқтисодӣ асоснок мешуморад. Ташкилоти қарздиҳӣ, агар ба назарияи байналмиллалишавии корхонаҳои тиҷоратӣ такя намоем, то замоне талош ба азхудкунии бозорҳои нав ва васеъкунии географияи амалиётӣ хоҳад кард, ки хароҷоти инкишоф аз мизони фоидаи дар натичаи рушд ба даст омада камтар бошад. Асоси тасмими воридшавӣ ба бозори хориҷӣ низ, интизории дарёфти фоида бо камтарин хароҷоти молӣ ва инсонӣ ё шароити ҷаззоби бозор барои таъмини манфиатҳои молии ташкилот аст.

Ин нукта дар навиштаҷоти Котлер низ таъкид гаштааст. Ӯ мегӯяд, ки дар рафти байналмилалишавӣ муассисаи тиҷоратӣ, аз ҷумла, масъалаи омӯхтани забони давлатии он кишвар, қонунгузориаш, номуайянии сиёсӣ ва ҳуқуқиро ба инобат гирифта, хидматрасониҳои худро ба истеъмолкунандагони он кишвар ва ниёзу интизориҳои онҳо мутобиқ гардонад. Бадеҳист, ки агар бонк ҳангоми воридшавӣ ба бозори хориҷӣ бобати ниёзу майлони муштариёни эҳтимолии маҳаллӣ маълумоти кофии тахасуссӣ надошта бошад, меъёрҳои иҷтимоии он кишварро ба инобат нагирад, маҳсулоти

рақобатпазир ва ҷалбкунанда ба он бозор бароварда наметавонад.

Ҳамин тариқ, бонкҳои тиҷоратӣ, ки азми гуногунсозии манбаи даромадро тавассути байналмилалишавӣ доранд, бояд пеш аз ҳама, ба он бозорҳои минтақавӣ таваҷҷуҳ кунанд, ки барои онҳо аз лиҳози ҷуғрофӣ, фарҳанги тиҷоратӣ, лингвистӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ наздиктаранд. Яъне дар мадди аввал, дар андешаи азхудкунии бозорҳои кишварҳои ҳамсоя ва минтақавӣ бошанд. Вобастагӣ аз ҳам миёни иқтисодиёти минтақа, пайвандҳои тиҷоратӣ байни корхонаҳо ва соҳибкорони кишварҳои минтақавӣ низ, метавонад ба байналмилалишавӣ ё минтақавӣ шудани бонк мусоидат кунад. Дар ин росто, ба гуфтаи олимони аврупоӣ Ян Йоҳансон ва Ян-Эрик Валне, муассисаҳои тиҷоратӣ байналмилалишавиро аз он шурӯъ менамоянд, вақте ба бозорҳое ворид шаванд, ки "қобилияти ба осонӣ дарк кардани онҳоро доранд". Ба қавли ин таҳлилгарон, танҳо дар чунин бозорҳо, муассиса қобилияти дарки имкониятҳоро дорад ва дар чунин фазо номуайянии бозор низ камтар мебошад. Аз ҳамин сабаб, бонкҳои бузурги Испания дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ фаъолияти густурда доранд – забон ва фарҳанги муштарак, робитаҳои таърихӣ нақши муҳим мебозанд.

Таҳқиқоти коршинос Шерилл Шафер нишон додааст, ки сатҳи даромаднокии бархе ташкилот, ширкатҳои минтақавӣ аз муассисаҳои байналмиллалӣ бештар аст. Гузашта аз ин, кишварҳои минтақавӣ, маъмулан, пояҳои қарордодиву-шартномавиро барои ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ бо якдигар ташаккул додаанд, узви созмонҳои минтақавианд ва ин омил низ масъалаи ворид шудани ширкатҳои онҳоро ба бозорҳои минтақа аз лиҳози ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ осонтар мегардонад. Ҳамин тариқ,

ширкатҳои минтақавӣ дар муқоиса ба ширкатҳое, ки берун аз минтақаанд, як афзалияти рақобатпазири дигар низ доранд – нозукиҳо ё ин ки хусусиятҳои фарҳанги тиҷоратии минтақаро ба сурати умумӣ сарфаҳм мераванд.

Аммо мавқеи коршиносон ба ин масъала яксон нест. Таҳқиқотчиён Бенито ва Грипсруд, ки масъалаи байналмилалишавиро омӯхтаанд, назареро мегӯянд, ки тибқи он корхонаҳои тиҷоратӣ ба таври системавӣ, дар ҷойи аввал ба бозорҳои аз лиҳози фарҳангӣ ба онҳо наздик ворид мешаванд. Ин ақида пояи эмпирикӣ надорад. Олимон Эванс ва Лейн, ки раванди воридшавии муассисаҳои тиҷоратии Канадаро ба бозорҳои ИМА таҳқиқ кардаанд, бар онанд, ки фарҳанги муштарак омили муайянкунандаи муваффақияти тиҷоратии онҳо дар бозори амрикоӣ нашуд (O'Grady, S., & Lane, H. (1996). The psychic distance paradox. Journal of International Business Studies, 27(2), 309–333). Натиҷаи таҳқиқоти олим О'Грэди низ ба гуфтаҳои Эванс ва Лейн мувофиқ аст. Бар пояи он, воридшавӣ ба "кишварҳои аз лиҳози равонӣ наздик" кафолати байналмилалишавии муваффақро намедиҳад - замоне, ки масъулини бонк ё дигар ташкилотҳои молиявӣ бидуни омӯзиши ҷиддии ҳамаҷониба эҳсос менамоянд, ки нозукиҳои бозори хориҷиро "дарк менамоянд" (бо муштаракоти фарҳангӣ ё забонӣ) ва минбаъд аз омӯзиши фарқиятҳои системавӣ миёни бозори худӣ ва хориҷӣ даст мекашанд, ин боиси шикасти ташкилот дар масири байналмилалишавӣ хоҳад гашт. Ҳамин тариқ, новобаста аз муштаракоти мавҷуда бо кишвари мавриди назар, таҳлили вазъ ва паҳлуҳои гуногуни бозори хориҷӣ бағоят муҳим аст.

Илова бар ин, мувофиқи дидгоҳи Котлер, иқдоми байналмилалишавӣ муассисаи тиҷоратиро рӯ ба чолишу хатарҳои гуногун, назири талаботҳои мухталифи маъмурӣ ҷиҳати воридшавӣ ба бозори нав, қарздории кишвар,

расмиятпарастӣ ва фасод, ҳукуматҳои ноустувор, мушкилоти қурби асъор, таърифаҳо ва дигар монеаҳои барои тиҷорат, дуздии технологияҳо, арзиши баланди мутобиққунонии маҳсулот ва гаронии мутобиқшавии муассиса аз лиҳози коммуникатсионӣ ва ҳатто тағйири марзҳо мебарад. Адами донишҳои амиқ роҷеъ ба нозукиҳои раванди байналмилаликунонии бонк, надоштани маълумоти дақиқ вобаста ба паҳлуҳои мухталифи фарҳанги тиҷоратӣ дар кишвари таҳти назар низ, ин масъаларо дар амал мураккаб мегардонад. Албатта, Котлер ин чолишҳои вахимро марбут ба байналмилалишавии корхонаҳои тиҷоратӣ рабт медиҳад ва махсусан, вобаста ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ чизе нагуфтааст, аммо агар ба инобат гирем, ки ҳадафи аслии ин гуна муассисаҳо низ ба даст овардани фоида аст ва он низ дар қатори дигар субъектҳои иқтисодӣ манфиатҳои тиҷоратии худро дунбол мекунад, бадеҳист, ки назари Котлер ба масъалаи байнлмилалишавии бонкҳо низ татбиқ мегардад.

Мушкилоти системавии иқтисодӣ, дар ҳоли рукуд қарор доштани бозори дохилӣ, маҳдудиятҳои мухталифи маъмурӣ ё ин ки сатҳи ночизи фоидаи бадастоварда дар дохил, иқдомоти рақибон дар бозори дохилӣ низ метавонад бонкро ба байналмилалишавӣ водор созад, хусусан, замоне, ки бонк имкониятҳои васеъ ва муайян ҷиҳати таъмини манофеи тиҷоратии хешро дар бозорҳои молиявии хориҷӣ мебинад. Бархе аз муассисаҳои тиҷоратӣ ба бозорҳои хориҷӣ замоне назар меандозанд, вақте муътақид мешаванд, ки зарфияти бозори дохилиро пурра истифода бурдаанд, маҳсулоти худро то ҳади имкон ба истеъмолкунандагони ин бозор фурӯхтаанд. Ин нукта дар таҳқиқоти илмии Минервинӣ, Азар, Чиабушӣ, Рут, Джанетта ва Ҳеннесӣ низ дастгирӣ меёбад.

Дар баъзе бонкҳо ин ташаббус натиҷаи тасмими мақсадноки сиёсати муассиса мебошад, чунки онҳо ҳамчун

корхонаи тиҷоратӣ ба таври доимӣ дар ҷустуҷӯи тавсеаи амалиёти худ, имтиёзҳои рақобатӣ ва ҳатто донишу таҷрибаи нав мебошанд. Роҳбарияти ин муассисаҳо ба гуфтаи Кампос ва Фриман, дидгоҳи хос ва таҷрибаи фарққунандаи худро вобаста ба бозори ҷаҳонӣ доранд. Чунин бонкҳо ҳозиранд, ки маҷмӯи донишҳои тахассусиро ба шароити зудтайғирёбандаи бозорҳои хориҷӣ, ки яке аз ҷузъи муҳимми тиҷорати байналмилалӣ аст, таҷдид намоянд, онро бо чунин шароит мутобиқ созанд. Усулу тарзе, ки бонк барои байналмилалишавии худ мавриди истифода қарор медиҳад, аз бузургии муассиса ва омилҳои банайлмилалишавии он вобастагӣ дорад.

Сабабҳои мухталиф метавонанд ба ин тасмими бонки тиҷоратӣ асаргузор бошанд. Вазъи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, тамоюлот дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ низ, метавонанд сабаби тасмими байналмилалишавии бонк гарданд. Яке аз чунин иллатҳо ин аст, ки бонкҳои тиҷоратии миллӣ дар дохили кишвар бо рақобати шадиди филиалҳои бонкҳои хориҷӣ ё бонкҳое, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ фаъолият доранд, дучор мешаванд. Ин филиалҳо, ки аллакай, дар чандин кишварҳои минтақа пойгоҳи худро таъсис додаанд ва таҷрибаи азими байналмилалишавӣ доранд, дар муқоиса ба муассисаҳои маҳаллии чунин таҷрибаро надошта, аз аввалин қадамҳо дар ин масир, имтиёзҳои бештарро доранд. Ин нуктаро олими нидерландӣ А.Слағэр низ тасдиқ намудааст, ки иқдоми байналмилалишавӣ метавонад ҳамчун вокуниши сохтории бонк бо рақибонаш дар бозори молиявии дохилӣ ҷиҳати афзоиши даромади воқеии ташкилот бошад.

Қисме аз бонкҳо ба бозорҳои хориҷӣ ба хотири муштариёни бузурги худ, ки дар он бозорҳо амалиёти назарраси молиявӣ доранд, ворид мешаванд. Дар адабиёт

олимон ин иқдомро созгории "follow the client" меноманд. Бинобар назарияи сармоягузории мустақим, бонкҳо дар пайи байналмилалишавӣ тасмими вуруди худро ба бозори нав ҷиҳати идомаи хизматрасонии молиявӣ ва дигар хизматрасониҳои марбут ба сармоягузории мустақим ба муштарӣ дар муҳити нав мегиранд. Ба қавли коршиносон, бонкҳо чунин қарорро ҷиҳати маҳфуз нигоҳ доштани равобити худ бо ин муштарӣ ҳам дар бозори дохилӣ, ҳам дар хориҷи кишвар қабул мекунанд. Корхонаҳои тиҷоратӣ дар навбати худ, ба қавли Амунго, одатан бо шумораи маҳдуди ташкилотҳои қарздиҳӣ ҳамкорӣ менамоянд, чун намехоҳанд "сири тиҷоратиашон" ошкор гардад.

Таҳлили санадҳои барномавии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки муассисаҳои қарздиҳии миллӣ низ аҳамияти стратегии байналмилалишавиро ҷиҳати рушди минбаъдаи худ дарк мекунанд ва бархе аз онҳо дар ин замина иқдомҳои мушаххасро роҳандозӣ намудаанд. Яке аз ин бонкҳои тиҷоратӣ, ба фарзи мисол, масъалаи ҳамгироии байналмиллалиро ҳамчун абзори гуногунсозии манбаъҳои рушди тиҷорат ва таҳкими заминаи захираҳо ҳисобида, онро дар санади стратегияи инкишофи муассиса ворид намудааст. Аммо бояд иқрор шуд, ки бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва бозорҳои хориҷӣ таҷрибаи азим надоранд, гарчанде баъзеи онҳо солҳои тӯлонӣ дар дохили кишвар фаъолият доранд ва аз эътибори хос бархӯрдоранд.

Марзҳо байни давлатҳо низ дигар наметавонанд барои тавсеаи фаъолияти хориҷии муассисаҳои қарзӣ монеа шаванд. Вобастагии бонкҳо ва бозорҳои бонкии хориҷӣ аз ҳамдигар ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар се даҳсолаи охир бонкҳои хурду миёнаи кишварҳои хурду бузург дорои иқтисодиёти мутараққӣ ва дар ҳолати рушд буда, рӯ ба байналмилалишавӣ меоранд. Ташкилотҳои қарздиҳии миллие, ки ба ибораи

Бартлетт ва Ғошал "компетенсияҳои қавии дар хона касбкарда" доранд, метавонанд онро дар бозорҳои хориҷӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Илова бар ин, коҳиши масофаи ҷуғрофӣ бинобар ихтиро ва ба таври васеъ ҷорӣ шудани фанноварихои нави рақамӣ дар ин бахш, афзоиши талабот ба хизматрасониҳои молиявии байналмилалӣ бинобар ҳамгироии бештари иқтисодӣ ва молиявӣ, пешниҳоди имтиёзот ва сабукиҳо дар бозорҳои молиявӣ аз тарафи ҳукуматҳо (барои мисол ҷазоббияти низоми андозбандӣ) афзоиши бамаротиби мизони савдои хориҷӣ, дастрасии бонк ба маълумот, кифояти сармояи ташкилот низ боиси афзоиши шумораи бонкҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ шуданд. Бонки тиҷоратии миллӣ, аз ҷумла, метавонад аз нуқсонҳои бозори хориҷӣ, назири адами рақобат ба нафъи худ истифода барад.

Баъзе созмонҳои қарздиҳӣ ҳангоми ворид шудан ва ҳатто қабл аз бунёди пойгоҳи худ дар бозори нави хориҷӣ, талош меварзанд бо марказҳои тасмимгирии он кишвар робитаҳои мусбат барпо кунанд. Барои мисол, бар ивази пешниҳоди имтиёзот ва сабукиҳо дар маблағгузории объектҳои таъиноти иҷтимоию зерсохторӣ дар кишвари мизбон фаъолона иштирок менамоянд, ҳайати кормандонро аз ҷумлаи сокинони маҳаллӣ ташаккул медиҳанд. Олимон Барон, Оливер, Ҳолзингер, Шенг ва Ли, ки ин мавзӯъро пайгирӣ намудаанд, менависанд, ки ташкилоти тиҷоратӣ пеш аз ҳама ин иқдомотро ҷиҳати таъмини манфиатҳои тиҷоратии худ анҷом медиҳанд, бахри коҳиши хароҷотҳои амалиётии худ, касб кардани машруият дар бозори хориҷӣ ва таъсиррасонӣ ба сиёсати ҳукумат марбут ба самти фаъолияташон талош мекунанд (Oliver C and Holzinger I - The effectiveness of strategic political management: A dynamic capabilities framework. Academy of Management Review, 33 (2),

496–520). Дар ин маврид, Ифедапо Аделейе ва Лиял Уайт меафзоянд, ки ин як амалияи маъмулӣ аст ва дар саросари ҷаҳон мушоҳида мешавад (2016, Ifedapo Adeleye, Lyal White, Nathaniel Boso Africa-to-Africa Internationalization: Key Issues and Outcomes). Корпоратсияҳои муваффақтарини дунё амалияи мазкурро ба стратегияи воридшавии худ ба бозорҳои хориҷӣ дохил менамоянд. Олимони болозикр бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти худ, мегӯянд, ки 500 ширкати муътабари Standard & Poor, танҳо дар соли 2010 ҳудуди 1 миллиард доллар барои маблағгузории маъракаҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама дар дохили худи Амрико, масраф кардаанд. Дар ИМА ҳатто ташкилотҳои махсусе ҳастанд, ки манфиатҳои тиҷоратии корпоратсия ва ширкатҳоро дар назди мақомоти он кишвар бо роҳҳои қонунӣ ҳимоя мекунанд. Дар Аврупо, бино бар таҳқиқоти Липтон ва Ҳаким, ширкатҳои бузург маблағҳои ҳангуфтро харҷ намуда, собиқ сиёсатмадор ва дипломатҳоро ба кор мегиранд ва бо истифода аз робитаҳои сиёсии онҳо манфиатҳои тиҷоратиашонро дар назди институтҳои Иттиҳоди Аврупо ва сиёсатмадорони аврупоӣ ҳифз менамоянд (Lipton, E., & Hakim, D. (2013). Lobbying Bonanza as Firms Try to Influence European Union. Th New York Times). Ҳамин тариқ, муҳиммияти бунёд ва инкишофи алоқаи мусбатро бо марказҳои тасмимгирӣ кишвари мизбон сарфи назар кардан иштибоҳи стратегӣ хоҳад буд ва бонкҳои тиҷоратие, ки нақшаи воридшавӣ ба бозори хориҷиро доранд, ин омилро низ бояд ба назар гиранд. Роҳбарони созмонҳои қардиҳӣ, ки азми байналмилалишавӣ доранд, бояд қобилияти роҳандозии робитаҳои дӯстонаро бо ҳукумати кишвари мизбон дошта бошанд ва манфиатҳои ташкилотро тахассусмандона дар назди мақомот ҳифз ("лоббӣ") карда тавонанд. Омӯзиши жарфи таҷрибаи созмонҳои қарздиҳии

хориҷӣ дар ин замина дар дохили ИМА ва Иттиҳоди Аврупо муфид ба назар мерасад.

Байналмилалишавии бонк сохтор ва муҳтавои амалиёташро низ мураккабтар ва печидатар мегардонад, мудирият ва роҳбарии самарабахшро тақозо менамояд. Нокомил будани стратегияи воридшавӣ ба бозор, ё интихоби бозори пурчолишу серрақобат, сифати пасти захираҳои кадрии ташкилот, "миллигароии иқтисодӣ" аз тарафи мақомоти дахлдори кишвари мизбон метавонад аз монеаҳои ҷиддӣ дар масири байналмилалишавии бонк гардад. Ба иттилои олими нидерландӣ Алфред Слағэр, аз 25 бонки бузургтарини дунё амалиёти 9 ададаш дар хориҷа густурдатар аз фаъолияташон дар бозори дохилӣ аст. Дар қонунгузории кишвар марбут ба соҳаи бонкдорӣ, айни ҳол ягон банди маҳдудкунанда барои фаъолияти муассисаҳои молӣ ва қарзии мамлакат дар хориҷа мавҷуд нест.

Бонкҳои тиҷоратӣ тавассути яке аз воситаҳои зерин ба бозори қарзӣ-молии дигар кишвар ворид мешаванд - бонкдории корреспондентӣ, созмондиҳии филиали бонкӣ ё таъсиси намояндагии бонкӣ. Таҳқиқоти Буч ҳокист, нисбат ба бонкдории корреспондентӣ, таъсиси филиал ва намояндагӣ гаронтар аст. Ҳамин тариқ, тасмим роҷеъ ба интихоби воситаи муайяни воридшавӣ, асосан, аз ду омил вобастагии бузург дорад: 1) ҳаҷми захираҳои мавҷуда, ки бонк ҳозир аст дар амалиёти байналмилалиаш "қурбонӣ" кунад ва 2) дараҷаи назорате, ки ташкилот мехоҳад дар амалиёти байналмилалиаш дошта бошад. Бар пояи дидгоҳи олими амрикоӣ С.Кобрин, ташкилот замоне масъалаи байналмилалишавии фаъолияташро ба миён мегузорад, ки "фоидаи ҳамгироии фаромиллӣ аз хароҷоташ зиёдтар аст" ва тавре Портер менависад, барои бархе аз ташкилотҳо ҳадафи байналмилалишавӣ ва рақобат дар бозорҳои хориҷӣ ихтиёрӣ

нест, зарурӣ аст (S.Kobrin, 1991, An empirical analysis of the determinants of global integration, ; Porter Michael E, 1986, “Competition in global industries: a conceptual framework”). Илова бар ин, тадқиқоти Ҳеннарт ва Ларимо баёнгари он аст, ки тафовути фарҳангӣ миёни кишвари аслӣ ва кишвари мизбон дар ҷараёни интихоби шакли воридшавӣ ба бозори нави хориҷӣ аҳамияти бузург дорад, бавижа, барои ташкилотҳои нисбатан хурд ё миёна. Бонкҳои бузург ва сердаромад, ба гуфтаи таҳлилгарон Клаудия Буш ва Катерин Коч, монеаҳои ҳуқуқӣ ва фарҳангиро дар муҳити нав осонтар бартараф мекунанд (Claudia M. Buch & Cathérine T. Koch & Michael Koetter, 2013. "Do Banks Benefit from Internationalization? Revisiting the Market Power--Risk Nexus," Review of Finance, European Finance Association, vol. 17(4), pages 1401-1435.)

Дар як мусоҳибаи ихтисосӣ, ки соли 2017 баргузор гардида буд, дар посух ба суоли рӯзноманигор роҷеъ ба сабабҳои байналмилалишавии бонк, собиқ раиси Deutche Bank AG Ҳилмар Коппер гуфта буд, талаботи муштариёнашон, ки ниёз ба фаъолияти бонки мазкур дар хориҷа доранд ва инчунин имкониятҳои тиҷоратӣ боиси чунин тасмим гардиданд. Таҳқиқоти коршиносони соҳавӣ нишон медиҳад, ки аксарияти муассисаҳои молиявӣ ва корхонаҳои тиҷоратие, ки азми байналмилалишавӣ доранд, ин иқдомро дар амал, ба сурати тадриҷӣ, қадам ба қадам, дар шакли эволютсионӣ татбиқ менамоянд. Аммо, бархе ин иқдомро аз оғози бунёдашон, ба зудӣ анҷом медиҳанд – ин навъ муассисаҳоро коршиносон “born globals” меноманд, яъне ширкатҳое, ки аз замони бунёди худ нақшаи байналмилалишавиро тарҳрезӣ мекунанд. Ин навъ ташкилотҳо, одатан, технология махсус ё чунин маҳсулотеро ба аҳолӣ пешниҳод мекунанд, ки онҳоро аз дигар корхонаву муассисаҳо дар ин бахш фарқият мебахшад.

Созмонҳои қарздиҳӣ дар тамоми ҷаҳон аз бузургтарин истифодабарандагони маҳсулоти IT ва дар маҷмӯъ, технологияҳои молиявӣ буда, ба сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ таъсири амиқ мерасонанд. Таҳия ва роҳандозии васеъи технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ, ки тақрибан ҳар рӯз таҷдиду мукаммал мегарданд ва умуман, рақамикунонии босуръати арсаи бонкӣ, инчунин аз омилҳои дигари муассир, назири вируси корона ва буҳрони шадиди иқтисодӣ бархоста, наметавонанд рӯйи сохтор ва сифати функсионалии бонкҳо беасар бошанд. Ба таври умумӣ, ҳар як муассисаи тиҷоратӣ, аз ҷумла, бонкҳои хусусӣ, бояд мунтазам талош варзанд, то ба технологияҳои нав мутобиқат кунанд, қобилияти бархӯрди дурустро бо динамикаи тайғирёбандаи бозор дошта бошанд. Дидгоҳи олимон Ҳоллендер, Запкау ва Швенс ин нуктаро дастгирӣ мекунад. Ба ақидаи профессор Эманнуэл Руссакис, технологияҳои иттилоотӣ, ки боиси коҳиши назарраси арзиши сабт, таҳвил ва коркарди маълумоти молӣ гаштанд ва пешбурди фаъолияти фаромилии молиявиро низ нисбатан арзону осон гардониданд, барои бонкҳо масъалаи байналмилалишавиро ҷиҳати азхудкунии бозорҳои нав актуалӣ намудаанд.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, дастёбӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва гузариши босуръат аз амсилаи иқтисодии нақшавӣ ба иқтисодиёти бозаргонӣ, созмон ва инкишофи низоми миллии бонкӣ, ки ба шароит ва воқеиятҳои нави иқтисодӣ мутобиқ аст, як амри объективӣ гашт. Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, суботи молиявии кишвар дар пайвастагии бевосита аз сатҳу сифати низоми бонкдорӣ қарор дорад ва тавре олимони амрикоӣ Гортон ва Уинтон меафзоянд, калимаҳои "бонкдорӣ" ва "бесуботӣ" алоқаи зич доранд. Аммо бояд зикр намуд, ки низоми бонкдорӣ дар ягон нуктаи ҷаҳон аз бесуботӣ ба таври комил

эмин нест – дар тӯли таърих бухронҳои ҷиддӣ дар арсаи бонкдорӣ танҳо дар низомҳои коммунистӣ мушоҳида нашудаанд.

Ҳамин тариқ, арсаи бонкӣ дар Тоҷикистон низ бидуни камбудиҳои сохторӣ нест ва инро мақомоти танзимкунанда низ борҳо эътироф намуда, пайваста дар пайи ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ин бахш ҳастанд. Ҳукумати ҶТ, Бонки миллӣ ва дигар ниҳодҳои марбута ҳамвора ба "номукаммалии низоми идоракунии дороиву уҳдадориҳо, сатҳи пасти риояи қоидаҳои қарздиҳӣ ва идоракунии корпоративӣ, риоя накардани талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллӣ, пешниҳоди ҳисоботҳои носаҳеҳи молиявӣ, надоштани стратегияи ҷалби захираҳои дарозмуҳлат, сатҳи заифи миёнаравии молиявӣ, ҳамкории суст бо бюроҳои таърихи қарзӣ, пешниҳоди ками маҳсулоти нави бонкӣ, баланд будани фоизи қарзҳо, истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти кормандони бонкҳо" ишора мекунанд.

Аммо новобаста аз мушкилоти зикргардида, тавре дар Паёми Пешвои муаззами миллат ба таври возеҳ изҳор гардид, пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар дар соли 2020–ум 17,2 фоиз афзуда, 11,4 миллиард сомониро ташкил карданд, "ки ин гувоҳи зиёд шудани даромади аҳолӣ ва эътимоди мардум ба ташкилотҳои қарзӣ мебошад". Роҳбари давлат аз ҷумла қайд намуданд, ки танҳо дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар ҳудуди 10 миллиард сомонӣ қарз дода шуд ва ин нисбат ба соли 2019–ум 4,6 фоиз зиёд мебошад. Ҳамзамон бо ин, тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, ин нишондод ҷиҳати дастёбӣ ба "ҳадафҳои рушди кишвар қонеъкунанда нест".

Коршиносон муътақиданд, ки сатҳи пасти даромаднокӣ дар дохили кишвар низ, метавонад бонкҳоро водор созад то ба

аз худ кардани бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ пардозанд. Барои мисол, муассисаҳои қарзию молии Ҷопон солҳои 1960-70 бинобар сатҳи қонеънакунандаи даромаднокӣ дар бозори молиявии дохилӣ, фаъолияти филиалҳои худро дар мамлакатҳои Осиёи Шарқӣ ба роҳ монданд. Баҳри иқтисодиёти кишварҳои хурд, байналмилалигардонии сармоя бисёр муфид арзёбӣ мегардад. Кушодашавии дари иқтисодиёти кишварҳои минтақа ҷиҳати рақобати байналмилалӣ барои ташкилотҳои қарзии кишварамон имкониятҳои нави тиҷоратӣ фароҳам овард.

Омӯзиши таҷрибаи бонкии кишварҳое, ки сатҳи рушди иқтисодиашон ба мо монанд аст, муфид хоҳад буд. Экобонк, ки дар Того таъсис дода шуда буд, айни ҳол дар 36 кишвари дунё филиал дорад. Бонки Данготе, ки дар Нигерия бунёд гардид, феълан дар 15 кишвари дунё, Бонки Африкоии Мали дар 18 мамлакат пойгоҳи худро созмон додааст. Ба қавли коршиносон, ҳукумати ин кишварҳо фазои мусоидро дар дохили кишвар баҳри инкишофи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзиашон дар бозорҳои байналмилалӣ эҷод намуданд.

Бонкҳои муосири тиҷоратӣ, ки дар низоми миллӣ таҳти назорати Бонки миллӣ фаъолият менамоянд, дар ин ё он шакл ба низоми бонкии ҷаҳонӣ пайваст шудаанд. Бонкҳои тиҷоратии миллӣ дар доираи системаи ягонаи байналмилалӣ фаъолият мекунанд. Бидуни ҳамгироии дуруст ба низоми байналмилалии молиявӣ (бигзор ҳамгироии нопурра, қисман ва дар шаклҳои маҳдуд бошад), фаъолияти бонкҳои муосир имконнопазир аст, пеш аз ҳама, аз лиҳози техникӣ. Аммо бояд қайд намуд, ки ба сифатнокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, асосан, низоми бонкии миллӣ, сифатнокии сиёсати фискалӣ ва монетарии давлат, фазои миллии бонкдорӣ таъсиррасон мебошанд.

Таҳлилгарони соҳавӣ зимни пажӯҳиши паҳлуҳои мухталифи раванди ҳамгироии ташкилотҳои қарзӣ бо низоми ҷаҳонии бонкӣ ба принсипи низомият таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд, онро ҳамчун "нуқтаи оғоз" дар таҳлилашон мешуморанд. Тавре иқтисоддони рус Андреева А.В. меафзояд: "рушди ҳамгироии системаҳои бонкии миллӣ дар алоҳидагӣ сурат намегирад, он қисми таркибии раванди ҳамгироии иқтисодӣ, сиёсӣ, демографӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад". Номбурда муътақид аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ вобастагии системавӣ мураккабтар гашта, таъсири бонкҳои бонуфузтарини дунё дар кишварҳое, ки он ҷо бозори молиявӣ ҳоло дар зинаи ташаккулёбӣ қарор дорад, бештар мешавад ва "ин ба амсилаи рушди онҳо, абзорҳои таъмини устувории молӣ ва инчунин рафтори қарзгирон" асаргузор аст. Номбурда инчунин таъкид менамояд, ки зимни таҳияи стратегияи миллии ҳамгироии бонкҳои кишвар ба низоми бонкии ҷаҳонӣ, асоси онро бояд – "коҳиш додани хавфҳо ва афзоиши шонсҳое, ки дохили равандҳои ҳамгироӣ ташаккул ва татбиқ мегарданд" ташкил диҳад.

Тавре иқтисоддони беларус Мирончук А.С, ки ба таҳқиқоти ҳамгироии сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ машғул аст, менависад, ҳузури сармояи хориҷӣ дар сохтори низоми бонкии миллӣ боиси рушди рақобат дар арсаи бонкӣ хоҳад шуд, рақобати солиму пайваста ва итминонбахшро таҳким хоҳад бахшид. Ба қавли олими беларус, сармояи хориҷӣ низоми бонкии миллиро самаранок намуда, онро бо технологияҳои нави соҳавӣ таъмин мекунад, сифатнокии маҳсулот ва хидматрасониҳои молиявиро такмил медиҳад. Аммо ӯ ҳамзамон бо ин, таъкид меварзад, ки "афзалиятҳои стратегии бонкҳои хориҷӣ ва филиалҳои он метавонад бо манофеи миллии кишвари иқомат мувофиқат накунад".

Инчунин, Мирончук ҳушдор медиҳад, ки ҳаҷми бузурги сармояи хориҷӣ дар бахши бонкии кишвар метавонад иқтисоди миллиро ба вобастагии амиқтар аз таҳавуллот дар бозори ҷаҳонии молиявӣ қарор диҳад, махсусан, дар замони буҳрони иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳонӣ.

Бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ дар ҷомеъаи имрӯза нақши бориз дошта, таъсири муқтадиру муассир ба раванди ташаккулёбӣ ва суръати рушди иқтисодиёти миллӣ мегузоранд. Буҳрони ҷаҳонии молиявӣ, ки соли 2008 сар зад ва пайомадҳои номатлуби он барои бозигарони бозори қарзӣ-молиявии Тоҷикистон низ асари манфӣ гузошт, ин нуктаро дубора тасдиқ намуд.

Ҷаҳонишавии босуръат дунё ва равандҳои ҷаҳониро беш аз пеш дар ҳамвобастагӣ ва ҳампайвастагӣ қарор дод. Глобализатсия имконоти гардиши босуръати сармоя, маҳсулот, хизматрасониҳо, шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва идеяҳоро фароҳам овард. Аммо ҷомеаи ҷаҳонии ҳамгироишуда, тавре файласуфи сиёсии немис Бек Улрих мегӯяд, "ҷомеаи ҳавф" (*risk society*) мебошад ва инкишофи низоми бонкӣ, рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити мураккаби номуайянӣ ва пешгӯинашавандаи азим сурат мегирад. Дар чунин шароит, ба қавли профессор Ҳанс-Дитер Эверс, навовариҳо тавлид ва татбиқи донишҳои нав боиси муваффақият ё шикасти субъекти иқтисодӣ хоҳад шуд. (2000, Hans-Dieter Evers, Globalization, Local Knowledge, and the Growth of Ignorance: The Epistemic Construction of Reality).

Ин нуктаро иқтисоддони амрикоӣ Йозеф Шумптер низ тасдиқ менамояд. Ба назари ӯ, роҳандозии сиёсати навпардозӣ ҷиҳати рушди функсионалии ташкилот, субъекти иқтисодиро бо бартариҳо дар муқобили рақибонаш таъмин менамояд (Schumpeter, J.A, 1934,"The theory of economic development", Harvard University Press, Cambridge, MA). Гузашта аз ин, тавре

Коҳен ва Левинтал тазаккур медиҳанд, тавлиди донишҳо ва такмили маълумоти мавҷуда роҷеъ ба вазъи воқеии бозор, талаботи истеъмолкунанда ва технологияҳои нави соҳавӣ имкон фароҳам меоранд, ки субъекти иқтисодӣ тайғиротҳои дарпешистодаро дар муҳит, зарфияти тиҷоратии ин тайғиротҳо ва муносиб будани стратегияи амалии ташкилот таъмин карда тавонад. Ҷалб намудани донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва олимони соҳавӣ ба ин раванд ниҳоят муҳим мебошад (Innovation and Learning: The Two Faces of R & D, W.Cohen and D.Levinthaal).

Рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, масири инкишофи сохторӣ ва функсионалии онҳо ба мисли дигар муассиса ва корхонаҳои тиҷоратӣ, танҳо дар чаҳорчӯбаи бозори дохилӣ ва низоми миллии бонкӣ сурат намегирад. Омилҳои мухталиф, пеш аз ҳама, талоши объективии бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати афзоиши даромад ва коҳиши ҳавфҳои иқтисодӣ ба тасмимгирии бонкҳои тиҷоратӣ, дар робита ба воридшавӣ ба бозорҳои хориҷӣ, ки яке аз шаклҳои маъмулии ҳамгироии ташкилотҳои молиявӣ ба низоми бонкии ҷаҳонӣ мебошад, таъсиррасон аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди ҳамгироии ҳар як бонки тиҷоратӣ ба низоми бонкии ҷаҳонӣ хусусиятҳои хоси хешро дорад. Зимни тасмимгирӣ роҷеъ ба тавсеаи фаъолият дар арсаи байналмилалӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ, бонкҳои хусусӣ дар мадди аввал бояд ҳаҷми хароҷоти ин амалиёт ва мизони даромади эҳтимолии онро амиқан таҳлил намоянд.

Ҳамгироии бонкҳои тиҷоратӣ ё воридшавии ташкилотҳои молиявӣ ба низоми бонкии хориҷӣ, бе таҷдиди сохтор ва мутобиқкунии зербинои онон ба раванди "байналмилалишавӣ" ғайриимкон мебошад. Тавре М.Мартинога ва М.Янковска таъкид менамоянд: "Муваффақият дар дастрасӣ пайдо намудан ба бозори хориҷӣ

аз суръати инкишоф, тайғиротҳо дар муҳит ва қобилияти мутобиқшавӣ ба онҳо вобастагӣ дорад".

Ҷаҳонишавии иқтисодӣ, хусусан, савдои хориҷӣ, бидуни хидматрасонии бонкӣ имконнопазир аст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки байналмилалишавӣ сирф хоси бонкҳои кишварҳои мутарраққии Аврупо ва Амрико нест. Ташкилотҳои қарзӣ-молии кишварҳои дар ҳолати рушд низ, талошҳои системавиро баҳри байналмилаликунонии фаъолияти худ, ки эҳтимолан даромаднокии ташкилотро афзоиш медиҳад, анҷом медиҳанд. Ҳамзамон бо ин, тавре дар боло қайд гардида буд, коҳиши хавфҳои тиҷоратӣ ё стратегияи танаввӯъи хавфҳо низ, яке аз ҳадафҳои маркази байналмилалишавӣ маҳсуб мегардад. Ин нуктаро тадқиқотчиён Ленсинск ва Ҳермес тасдиқ менамоянд. Ба қавли иқтисоддон Ануар, яке аз сабабҳо барои байналмилалишавии бонк – азми бонк ҷиҳати ҳамроҳӣ намудани муштарии маҳаллиаш ба бозорҳои ҷаҳонӣ аст. Пажӯҳиши Ленсинск ва Ҳермес собит месозад, ки ҷазоббияти молӣ ва иқтисодии бозорҳои хориҷӣ, тақлид ба рақибон дар бозори дохилӣ, коҳиши хароҷоти капиталӣ низ бонкҳоро водор месозад, ки фаъолияти хешро дар арсаи байналмилалӣ вусъат бахшанд.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» - http://president.tj/node/25005
2. 2018, Principles of Banking Law, Ross Cranston, Emilios Avgouleas, Kristin van Zwieten, Theodor Van Sante
3. Patrick, H.T., 1966, Financial development and economic growth in underdeveloped countries, Economic Development and Cultural Change, Jan.

4. Jeannet, Jean-Pierre and H. David Hennessey (2001), Global Marketing Strategies, 5th ed. New York
5. Beck Ulrich 1986, Risikogesselschaft. Auf dem Weg in eine andere Moderne. Frankfurt am Main: Suhrkamp.
6. Ebimo Amungo, Examining the Factors Influencing the International Expansion of Nigerian Banks
7. 2000, Hans-Dieter Evers, Globalization, Local Knowledge, and the Growth of Ignorance: The Epistemic Construction of Reality
8. Nathaniel Boso, Ifedapo Adeleye and Layal White, Africa to Africa Internationalization: Emergin Trends and Key Issues
9. 1986, Porter Michael E "Competition in global industries: a conceptual framework"
10. 2016, Ifedapo Adeleye, Lyal White, Nathaniel Boso Africa-to-Africa Internationalization: Key Issues and Outcomes,
11. Sheng, S., Zhou, K. Z., & Li, J. J. (2012). Th e eff ects of business and political ties on fi rm performance: Evidence from China. Journal of Marketing, 75 (1), 1–15.
12. Baron, D. P. (2003). Business and its environment (p. 2). Englewood Cliff s, NJ: Prentice Hall.
13. Lipton, E., & Hakim, D. (2013). Lobbying Bonanza as Firms Try to Infl uence European Union. Th e New York Times , Retrieved October 18, 2013.
14. S.Kobrin, 1991, An empirical analysis of the determinants of global integration
15. Oliver, C., & Holzinger, I. (2008). Th effectiveness of strategic political management: A dynamic capabilities framework. Academy of Management Review, 33 (2), 496–520
16. O'Grady, S., & Lane, H. (1996). The psychic distance paradox. Journal of International Business Studies, 27(2), 309–333.
17. https://www.ft.com/content/a2ea734a-2e7f-11e2-9b98-00144feabdc0

18. Le processus d′internationalisation des PME africaines : cas de la Côte-d'Ivoire Zoubeyda MAHAMADOU, PhD
19. Sebastia Cunha, Dirk Boehe, Why Do Banks Internationalize? The Distinctive strategy of a Brazilian Retail Bank
20. Claudia M. Buch & Cathérine T. Koch & Michael Koetter, 2013. "Do Banks Benefit from Internationalization? Revisiting the Market Power--Risk Nexus," Review of Finance, European Finance Association, vol. 17(4), pages 1401-1435.

**Джаббор БОЙМУРОДОВ**
*стар.научный сотрудник Центр исследования инновационных технологий при НАНТ*

# ФЕНОЛОГИЧЕСКОЕ ИЗУЧЕНИЕ РОСТА И РАВИТИЯ ДВУХ ВИДОВ ДЕВЯСИЛА (*I. MACROPHYLLA И I. RHIZOCEPHALA*), РАЗЛИЧАЮЩИХСЯ ПО ВЕРТИКАЛЬНОЙ ЗОНАЛЬНОСТИ

Эколого –географическое расположение, разнообразие рельефа и ланд-шафтов Таджикистана способствовали биоразнообразию видового состава растений и их численности. При этом, ареал распространения некоторых видов очень широк, а эти растения хорошо адаптированы к изменению климатических факторов места их произрастания. При этом, следует отметить, что исследования фазы роста и развития, биохимические показатели органов лекарственных растений, имеют первостепенное значение при создании лечебных препаратов на их основе. Отсюда целью и задачами данного исследования являлись изучение фенологических особенностей двух видов рода - *Inula* L, которые по ареалу распространения и морфобиологическим показателям имеют существенны различия. Объектом исследованиям служили виды *I. Macrophylla и I. Rhizocephala*.

Продолжительность отдельных фаз вегетационного периода изученных растений, начиная от фазы стеблевания до плодоношения представлена в таблице, в которой показана различия в зависимости от места произрас-тания и вертикальной зональности. В частности, у девясила

корнеглавого все изученные фазы наступают позднее, чем у девясила крупнолистного, Это объясняется тем, что верхняя граница встречаемости *I. Macrophylla* во многом ниже, чем у *I. Rhizocephala* и климатические факторы более благоп-риятные для его роста и развития, а у девясила корнеглавого они более жесткие и неблагоприятные.

**Таблица**

Продолжительность отдельных фаз вегетационного периода растений I.macrophyla, I.rhizocephala в днях

| Название образцов | Стеблевание | Бутонизация | Цветение | Плодоношение |
|---|---|---|---|---|
| I.macrophyla | **60** | **18-22** | **15-25** | **17-24** |
| I.rhizocephala | **65** | **16-25** | **24-33** | **18-25** |
| Разница | **- 5** | **+2- -3** | **-9- -8** | **-1- 1** |

Изучая биологические особенности девясила крупнолистного и корнеглавого на южном склоне Гиссарского хребта, выявлено, что у первого вегетационный период продолжается от 90 до 120 дней в зависимости от места произрастание, а у второго - 80 – 90 дней.

Исследования показали, что в разных районах в зависимости от климатических условий, фазы развития наступают по разному. Так, в Гиссарском и Шахринавском районах девясил крупнолистный начинает произрастать в марте, в то время как в Варзобском и Вахдатском районах произрастание совпадает с апрелем. Тоже самое можно сказать о девясила корнеглавом. Произрастание у растений в

Гиссарском и Варзобском районах совпадает с апрелом майем. Полученные результаты показывают, что фаза цветения у девясила крупнолистного наступает в мае июле, а плодоношение продолжается до середины июля (в Шахринавском и Гиссарском районах ) и до конца июля и начала августа в Варзобском и Вахдатском районах, соответственно

У девясила корнеглавого в Гиссарском и Шахринавском районах Гиссарского хребта. фаза цветения наступает чуть позже – в начале июня и продолжается до конца этого месяца. В июле растения начинают плодонисть. В условиях Варзобского (Анзоб) и Вахдатского районов цветение наблюдается в начале июля, а плодоношение в конце июля и начале августа (Рис 1).




Рис.1. Фенологические наблюдения за девясилом крупнолистным разных районах южного склона Гиссарского хребта Центрального Таджикистана

Результаты исследования показали, что высота стебля у девясила крупнолистного составляет 230 см в Гиссарском и Шахринавском районах и 205 см в Варзобском и Вахдатском районах.




Рис.2. Длина стебля у девясила крупнолистного, произрастающего в разных районах южного склона Гиссарского хребта Центрального Таджикистана

Можно отметить весенне-летний период интенсивного роста стебля девясила крупнолистного с апреля по июнь месяцы в условиях Гиссарского и Шахринавского районов из – за того, что климатические условия более благоприятны для произрастания растений. В горных условиях Варзобского и Вахдатского районов вегетационный период немного затягивается.

Таким образом, в разных районах Центрального Таджикистана в зависимости от климата местностей растение достигает фазу плодоношения в разное время. В Гиссарской и Шахринавской районах растение плодоносит на две недели раньше, чем в Варзабском и Вахдатском районах. Вероятнее всего, это зависит от того, что изученные растения в Варзобском и Вахдатском районах исследовались в климатических условиях высшей точки среднегорья, а в Гиссарском и Шахринавском районах – в условиях предне - горья. То есть, места произрастания растений в вертикальной зональности не были равнозначимы.

## ТАРҶУМА ВА ТАДВИН

**Кеничи ОҲНО**
*(донишманди ҷопонӣ)*

# РЕЖИМИ РУШД ВА ТАВСЕАИ СИЁСӢ ДАР ОСИЁИ ШАРҚӢ

Бисёре аз кишварҳои рӯ ба рушди бо даромади кам дар банд гирифтор шудаанд. Дар ин навъ кишварҳо бахши хусусӣ кӯчак ва заиф буда, бо норасоии кадр, фановарӣ, сармоя, эътимод ва мудирияти дуруст рӯ ба рӯ аст. Истеҳсолкунандагони маҳаллӣ наметавонанд бо гигантҳои ҷаҳонӣ дар бозори озод рақобат кунанд. Дар ҳамин шароит интизор меравад, ки ҳукумат кишварро аз қашшоқӣ раҳо кунад, аммо ҳукумат худ низ бо мушкилоти гуногуне монанди бесамарӣ, фасод, адами истеъдод ва иттилоот, расмиятгароӣ ва фишори сиёсӣ гирифтор аст. Сиёсати нодуруст, иқтисоди бидуни пешрафт ва бесуботии иҷтимоӣ вазъи якдигарро бадтар мекунанд. Кишварҳо, пеш аз он ки ҷаҳиши иқтисодӣ дошта бошанд, бояд аз ин даври ботил (vicious circle) худро берун кунанд. Пурсиш инҷост, ки чӣ тавр метавон барномаҳои дурустро таҳия ва амалӣ сохт ва дар ин замина таҷрибаи Осиёи Шарқӣ дар чанд даҳсолаи охир метавонад бархе ишораҳоеро барои кишварҳои деромада, ки то ҳол дар пайраҳаи рушди босуръат қарор нагирифтаанд, ироа кунад.

Улгуи муваффақияти Осиёи Шарқӣ аз ақидаҳои роиҷи имрӯз дар ҷамоати донорҳои КРР(ODA-Кумакҳои расмӣ барои рушд) фарқи зиёд дорад. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ раванди рушди босуръатро бо таҳияи лоиҳаҳои стратегияи

коҳиши камбизоатӣ ё бозбинии ҳокимият, шаффофият ва иштироки ҳамагонӣ оғоз накарданд. Мушкили аввалиндараҷаи онҳо истодагарӣ дар баробари хатароти зиндагӣ ё марге буд, ки аз ҳуҷуми лашкари беруна ва чандпорагии иҷтимоӣ дар дохил бархоста буд. Барои ҳифзи ваҳдати умумимиллӣ ва омодагии баланди ҳарбӣ рушди иқтисодӣ ҳамчун амри зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Як режими сиёсие, дар чунин шароит имкони мудирияти дурустро дошт, дар чанде аз кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба вуҷуд омад, ки мо онро ***рушдгароии авторитарӣ*** увон гузоштем. Ин режим ба ҳар қимате рушди иқтисодиро дунболагирӣ мекард ва саранҷом банди камбизоатиро гусехт. Дар пайи рушди босуръат мушкилоти нав ба миён омаданд, ба монанди халои даромад ва доройӣ, шаҳрнишинӣ, муҳоҷирати дохилӣ, харобии муҳити зист ва зичии барзиёди аҳолӣ дар шаҳрҳо, ки сари вақт ҳамчун мушкил эътироф ва расидагӣ шуда, роҳҳои ҳаллашон ҷуста мешуд.

Бо вуҷуди ин, бояд иқрор шуд, ки чунин режимҳо ва сиёсатҳое, ки бо воқеияти даврони ҷанги сард мувофиқ буданд, барои кишварҳои рӯ ба рушди имрӯз каме мушкилсоз ҳастанд. Дасрҳои таърих бояд бо дарки пурраи фарқиятҳо дар шарту шароит омӯхта шаванд. Ин ҷо пешниҳод мешавад, ки таҷрибаи Осиёи Шарқӣ, ба ҷойи пурра ва бе шарт қабул ё рад шудан, интихобан ва бо навсозиҳо омӯхта шуда, дар амал татбиқ гардад.

## 1. Иҷроиши хуб, вале ноҳамвор

Рушди иқтисодии Осиёи Шарқӣ хеле барҷаста буд, вале иҷроиши баланд дар ҳама кишварҳо ё дар ҳама замон яксон набуд. Ҳамчунин наметавон гуфт, ки сабаби ин муваффақият шароити хуби сиёсиву иқтисодӣ дар ҳамон оғоз буд. Дар ибтидо лозим аст ин устура ва мифҳоро рад карда, нақши сиёсат дар дастёбӣ ба муваффақияти иқтисодӣ таъкид шавад.

Рушди Осиёи Шарқӣ, чуноне ки дар зер оварда мешавад, умдатан аз тариқи дуруст амалӣ кардани сиёсатҳои муносиб ба даст омад, на зуҳури кадом як вижагиҳои зотӣ дар минтақа ба монанди сахткушӣ ё Кофутсионизм. Кишварҳое, ки ин сиёсатҳои лозимаро амалӣ накарданд ё онҳое, ки ин сиёсатҳоро нодуруст амалӣ карданд, натавонистанд дар ин пӯёии иқтисодии минтақа ширкат дошта бошанд. Расми 2-1 доманаи васеи дастовардҳо дар мудирият ва рушди иқтисодиро дар Осиёи Шарқӣ, бо ҳамбастагии мусбии қавӣ миёни ду тағйирёбанда, нишон медиҳад.

**Расми 2-1. Осиёи Шарқӣ: мудирият ва даромад**




*Сарсашма: Аз рӯйи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ - Нишондиҳандаҳои мудирияти умумиҷаҳонӣ ва Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонӣ (2006) тартиб дода шудааст. Маълумотҳои*

*ғайрирасмӣ барои кишварҳое, ки дар додаҳои Бонки Ҷаҳонӣ вуҷуд надоранд, истифода шудаанд.*

*Тавзеҳ: Нишондиҳандаҳои мудирияти умумиҷаҳонӣ аз рӯйи 6 нишондиҳанда муайян мешаванд(ҳуқуқи райъ ва масъулиятшиносӣ, суботи сиёсӣ, самаранокии мудирият, сифати назорат, ҳукмронии қонун ва назорат аз болои фасодкорӣ), ки ҳар кадом аз сифр то 100 хол дошта метавонад. Дар хатти амудии ин намоя ҳамин холҳо барои ҳар кишвар ва ё минтақа гузошта шудаанд.*

Дар ҳоле ки ҷуғрофияи дақиқи Осиёи Шарқӣ метавонад баҳснок бошад, аммо ба роҳатӣ метавон гуфт, ки танҳо зермаҷмӯъае аз иқтисоди ин минтақа ба муъҷизоти иқтисодии пойдор даст ёфтаанд ва ё дар ҳоли дастёбӣ ҳастанд. Ҷопон, Сингапур ва Ҳонг Конг аллакай ба даромади баланд ва тарзи зиндагии муқоисашаванда бо кишварҳои сарватмандтарини Ғарб даст ёфтаанд. Тайван ва Кореяи Ҷанубӣ ба ин сатҳ хеле наздик ҳастанд. Малайзия, Тайланд, Чин ва Ветнам, ҳарчанд дар сатҳҳои гуногуни рушд қарор доранд, бо суръати баланд пеш мераванд. Ин нуҳ иқтисод иштирокчиёни пурраи шабакаи истеҳсолии Осиёи Шарқӣ мебошад. Аз сӯи дигар, Индонезия ва Филиппин ба ин пӯёии минтақа ворид карда шуданд, аммо иҷроиш ва дурнамои онҳо норавшан аст. Илова бар ин, чанде аз иқтисодҳои дигар аз ин Корхонаи Осиёи Шарқӣ, бо сабабҳои гуногун, берун мондаанд. Камбоҷиа, Лаос, Манголия, Папуа-Гвинеяи Нав ва Тимори Шарқӣ барои дастёбӣ ба суботи сиёсӣ ё ҷаҳиши иқтисодӣ ва ё ҳарду, талош варзида истодаанд. Дар ин марҳила, Мянмар ва Кореяи Шимолӣ ихроҷиҳои сиёсӣ ҳастанд, ки ҳеҷ стратегияи рушди маънидоре барои онҳо қобили баҳс нест. Саранҷом, Бруней як кишвари кӯчаки нафтхезе аст, ки ба ин феҳрист намепайвандад.

Пайраҳаи тайнамудаи иқтисодҳои Осиёи Шарқӣ ҳамвор набуд. Вақте Гунар Мирдол Драмаи Осиёиро дар соли 1968 навишт, Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ минтақаи дармонда ва дар фақри шадид буд. Ӯ иддао мекард, ки роҳи ягонаи берун шудан аз вартаи мушкилоти фарогир танзими ҷамъият, тақсимоти одилонаи замин ва сармогузорӣ дар маорифу тандурустӣ аст (рушд тариқи Сармоягузории мустақими хориҷӣ ёдоварӣ нашуда буд). Тибқи омори таърихие, ки тавассути Меддисон ҷамъоварӣ (2001) ва дар намояи 2-2 оварда шудааст, Африқо даромади миёнаи болотаре аз Осиёро дар солҳои 1950-ум дошт. Чин, ки имрӯз як корхонаи қудратманди ҷаҳонӣ аст, дар ҳоли сардаргумии сиёсиву иқтисодӣ тайи даҳаҳои 50-ум, 60-ум ва 70-уми асри гузашта қарор дошт. Ҷанги Сард дар нимҷазираи Корея ва Ҳиндучин ба даргириҳои воқеӣ мубаддал гашт ва таниш дар саросари Тангнои Тайван идома дошт, ки ин ҳама ба иқтисоди сиёсии кулли минтақа таъсири сахт расонд. Дар авохири солҳои 1950-ум, Кореяи Ҷанубӣ таҳти мудирияти як раҳбари нолоиқ ва дорои фасоди густарда, як кишвари нотавон ва бе оянда маҳсуб мешуд.

Дар гузаштаи начандон дур, чанд ҳодисаи дигаре ба пешравӣ монеъ мешуд, ба монанди буҳрони нафт дар солҳои 1970-ум, рукуди иқтисодии ASEAN(Анҷумани миллатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ) дар солҳои 1980-ум, даҳаи аздастрафтаи Ҷопон дар солҳои 1990-ум ва буҳрони молии Осиё дар солҳои 1997-1998. Аз ин рӯ, мушкил аст гуфтан, ки Осиёи Шарқӣ рушди босуръатро дар заминаи доштани сулҳу субот ё бо сабаби ба мерос гирифтани шароити беҳтари иқтисодӣ дар нисбати кишварҳои ҷануби Африқо ба даст овардааст. Дар ин ҷо тафовути асосиро сиёсат ба вуҷуд овард, на шароити хориҷӣ.

## 2. Сиёсати рушд ва сиёсати иҷтимоӣ

Сари ҳар чанд сол стратегияи рушди ҷомеаи КРР тағйир меёбад. Стратегияи ҳозира ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола тамаркуз мекунад, ки аз ҷониби СММ дар соли 2000-ум пешиҳод шуда буд ва коҳиши камбизоатӣ ва расидан ба ҳафт ҳадафи иҷтимоии дигарро дар миёни солҳои 1990-2015 дар назар дошт. Илова бар ин, ҳукуматдории дуруст низ ба унвони сутуни аслии рушд мавриди ҳадаф қарор гирифта буд. Бо вуҷуди ин, дар ҳоли ҳозир ба таври густарда эътироф мешавад, ки кошиҳи камбизоатиро наметавон танҳо бо аз нав ҷобаҷо кардани захираҳои мавҷуда ва ё тақвияти маорифу тандурустӣ ба даст овард. Ба ин маъно, рушди иқтисодӣ, барои дастёбӣ ба коҳиши устувори камбизоатӣ ва гурез аз вобастагии доимӣ ба кӯмакҳои хориҷӣ, комилан зарур аст. Аммо ба назар мерасад, ҷомеаи ҷаҳонии КРР дар муайян кардани ин ки кадом иқдомоти мушаххас барои эҷоди рушди дарозмуддат зарур аст, ба мушкил гирифтор шудаанд, махсусан дар кишварҳои ҷануби Африқо.

**Расми 2-2. ММД-и сарона**

(*бо арзиши доллари ИМА дар соли 1990 арзёбӣ шудааст*)



Ин мушкилот барои тафаккури рушдгароёна дар Осиёи Шарқӣ бегона буданд. Дар ин ҷо рушду пешрафт ҳамеша ҳадафи аслӣ буд ва ҳама сиёсатҳо ва манбаъҳо барои расидан ба ҳамин ҳадаф сафарбар мешуданд. Барои кишварҳои Осиёи Шарқӣ коҳиши камбизоатӣ яке аз натиҷаҳои табиии мудирияти иқтисодии дуруст буд, на ҳадафи аз ҳама муҳиме, ки ҳама талошҳои пешрафт ба самти он равона шуда бошанд. Дар воқеъ, коҳиши камбизоатӣ барои онҳо ҳадафи хеле кӯчак буд. Кишварҳои Осиёи Шарқӣ ба таври мудавом ҳадафҳои баланпарвозеро ба монанди беҳбудсозии чашмгири технологӣ, рақобатпазирӣ ва стандартҳои баланди зиндагиро дунбол мекарданд, то ки ба сафи кишварҳои пешрафта дохил шаванд ва як мақоми қобили эҳтиромро дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба даст оваранд. Новобаста аз фарқиятҳои гуногун миёни кишварҳо, ҳамаи иқтисодҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ як ҷиҳатгирии сиёсии куллиро дунболагирӣ мекарданд. Ин ҷиҳатгирии сиёсӣ ду компоненти аслӣ дошт: сиёсати рушд ва сиёсати иҷтимоӣ. Ин сиёсатҳо иқдомоти стандартиеро дар бар мегирифанд, ки пӯёии бахши хусусиро таҳким ва пойдор мекарданд, ба монанди таҳияи дурнамо, нақша ва чашмандозҳои мушаххас, тавсеаи манбаъҳои инсонӣ, фановарӣ, зерсохтор, тарвиҷи корхонаҳои хурду миёна, ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, молия ва субсидияҳо. Сиёсати иҷтимоӣ маҷмӯи иқдомоте аст, ки дар баробари мушкилоти марбут ба рушди босуръат, монанди нобаробарӣ, олудагии муҳит, шаҳрнишинӣ, издиҳом, муҳоҷирати корӣ, ҳубобҳои доройӣ, фасод, моводи мухаддир, модигароӣ ва таназзули арзишҳову одобу русуми суннатӣ рӯйи даст гирифта мешавад. Сиёсати рушд аҳамияти аввалиндараҷа ва сиёсати иҷтимоӣ дуюмдараҷаро дошт, ба ин маъно, ки дуюмӣ бо мушкилоте сару кор дорад, ки дар натиҷаи муваффақона амалӣ кардани аввалӣ ба миён меояд.

Ясусуке Муракамӣ (солҳои 1992-1994) зарурати татбиқи ҳамзамони сиёсати рушд ва сиёсати иҷтимоӣ (ки “сиёсати такмилдиҳанда” меномад)-ро ҷиҳати ҷилавгирӣ аз ҷанбаҳои манфии рушдгароӣ таъкид менамояд. Ба қавли ӯ:

*“Вақте соҳаи саноати калидии мавриди ҳадаф рушди босуръатро шурӯъ мекунад, афроди дар ин соҳа ва соҳаҳои вобаста ба он фаъолият- кунанда тағйиротеро дар сабки зиндагӣ ва ҳатто нигариш да зиндагӣ таҷриба мекунанд. Хусусан, дар кишварҳои деромада сохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла равоншиносии миллӣ, таҳти таъсири башиддати нирӯи “модернизатсия” қарор мегирад, ки тухми танишҳои иҷтимоиро мекоранд. Чунин танишҳо одатан аз васеъшавии халло дар даромад ва сабки зиндагӣ миёни аҳолии шаҳрӣ ва деҳот бармехезанд. Шаклгирии шаҳрҳои бузург ва маҳаллаҳои шаҳрнишини атрофи онҳо, ки аглаб дар Амрикои Лотинӣ ва Осиё дида мешаванд, ба ҳамин андоза қобили таваҷҷуҳ ҳастанд. Нотавонӣ дар коҳиши танишҳои иҷтимоӣ дар чунин шароит метавонад мунҷар ба даргириҳои сиёсӣ шавад, ки саранҷом худи рушдгароиро бозмедорад.”*

Бо шурӯъ шудани рушди босуръат, таҳаввулоти иҷтимоӣ ногузир мегарданд. Он ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоӣ, аз ҷумла равоншиносӣ, муносибат, кор, фароғат, оила, шаҳрнишинӣ, ҷамоати деҳот, ҳаракоти инсон, нақлиёт, муҳити зист, фарҳанг ва миллатгароиро дар бар мегирад. Рушд устувор буда наметавонад, агарки ин ҳарду -- сиёсати рушд ва сиёсати иҷтимоӣ, дар мувозинати дуруст амалӣ карда нашаванд. Ҷузъиёти мавриди ниёзи ин ду сиёсат аз як кишвар ба кишвари дигар фарқ мекунанд ва онҳо бояд мувофиқи талаботҳо ва ниёзҳои маҳаллӣ тарроҳӣ ва иҷро шаванд. Дар Осиёи Шарқӣ танҳо кишварҳое, ки тавонистанд ин гуна барномаҳоро каму беш босалоҳият пиёда намоянд, ба муъҷизаҳои иқтисодӣ даст ёфтанд.

Мушоҳидаи вазъияти ногувори Америкои Ҷанубӣ дар солҳои 60-ум ва 70-уми асри гузашта, ки дар он диктаторҳои бераҳм ва популизми бесалоҳият аз байн мерафтанд, Ҳантингтон ва Нелсонро (1976) ба хулосае овард, ки новобаста аз он ки як кишвар раванди рушдро чӣ тавр оғоз мекунад, натиҷа ҳарҷумарҷ хоҳад буд (расми 2-3). Аз рӯи модели технократии онҳо, як кишвари авторитарӣ бо сиёсатҳои саркӯбгар рушдро оғоз мекунад, ки он нобаробариро ба вуҷуд оварда, танишҳои иҷтимоиро афзоиш медиҳад. Барои канор омадан бо ин вазъият режим сиёсати боз ҳам саркӯбгартареро пеша мекунад. Пас аз чанд даври зиёдтар шудани ин истибдодҳо норизоятӣ то сатҳи бухронӣ афзоиш меёбад, мардум ба хиёбонҳо мерезад ва ҷомеа метаркад. Аз сӯи дигар, дар модели популистии онҳо, дар ибтидо як давлати демократие, ки дар идораи он оммаи васеъи мардум иштирок мекунад, арзи вуҷуд мекунад. Давлат захираҳои мавҷударо миёни ҷонибдоронаш тақсим мекунад, аммо дар дуруст мутамарказ кардани захираҳо барои афзоиши ММД ноком мешавад. Рукуди иқтисодӣ мунҷар ба норизоятӣ мегардад ва режим дар натиҷаи кудатои ҳарбӣ сарнагун мешавад. Натиҷагирӣ ин буд, ки ҳеҷ роҳи осони дастрасӣ ба рушди иқтисодӣ вуҷуд надорад, ки дар он суботи иҷтимоӣ нигаҳ дошта шавад.

Бо истифода аз ин чорчӯб, метавон он чиро, ки иқтисодҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ анҷом додаанд, ҳамчун модели технократии бозбинишуда, ки дар он нобаробарӣ ва дигар мушкилоти бархоста аз рушди босуръат, тариқи сиёсатҳои иҷтимоӣ камтар карда шудаанд, ба тасвир кашид (расми 2-4). Бо истифода аз ин бастаи сиёсатҳо, бухрон ҷилавригӣ шуда, даври фазилати рушди иқтисодӣ ва суботи сиёсӣ, барои чанд даҳа, нигаҳ дошта мешавад, то вақте ки ҷомеа аз дарун тағйир ёбад. Ин таркиби сиёсат посухи Осиёи Шарқӣ ба муаммои

Амрикои Лотинӣ буд, ки аз ҷониби Ҳантингтон ва Нелсон пешниҳод шуда буд. Намунаи сиёсат мушаххас аст, суоли матраҳ инҷост, ки як кишвар чӣ тавр метавонад онро моҳирона дар амал татбиқ кунад?

**Расми 2-3: Интихоби осон вуҷуд надорад?**




Сарчашма: Huntington and Nelson (1976).

Расми 2-4: Омехтаи сиёсати Осиёи Шарқӣ



### 3. Рушди иборат аз ҳамгироии минтақавӣ

Барои кишварҳои деррасида рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии байналмилалӣ ягона ва ҷудонопазир мебошанд. Раванди пешравӣ дар ҷаҳони муосир ба воридшавии доимии маҳсулот, идеяҳо, технология ва системаҳо аз хориҷ ба дихили кишвар вобаста аст. Онҳо тариқи каналҳои хусусӣ, ба монади рафтуомади инсонҳо, тиҷорат ва сармоягузорӣ, тариқи ибтикороти сиёсӣ ё таҳти фишори донорҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ворид карда мешаванд. Барои афзоиши тавонои дохилӣ ва эҷоди пешравӣ, омилҳои хориҷӣ бояд интихобан ва бо новсозиҳои муносиб ба ниёзҳои маҳаллӣ пазируфта шаванд. Сиёсати ҳамгирой ва сиёсати рушд бояд наздик бо ҳам татбиқ шуда, аз ҷониби ҳокимияти марказӣ идора шаванд ва набояд ин корро ба бахши хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ гузошт (Маегава 1994, Оҳно 1996, 2000, 2003).

Ин пайванди рушд бо ҳамгирой дар Осиёи Шарқӣ шакли бисёр вижае пайдо кард. Рушди Осиёи Шарқӣ дар заминаи вуҷуд доштани Минтақаи Осиёи Шарқӣ ҳамчун арсаи ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни кишварҳои аъзои он ба даст омадааст. Кишварҳо як-як дар зинаҳои рушди гуногун, бо пайвастан ба шабакаи пӯёи истеҳсолие, ки аз ҷониби ширкатҳои хусусӣ густариш ёфта буд, ҷаҳиши иқтисодиро оғоз карданд. Пайванд бо тиҷорату сармоягузорӣ як тақсимоти меҳнати байналмилалии муназзам ва сохтори мушаххас дар минтақа падид омад. Саноатикунонӣ аз тариқи васеъшавии ҷуғрофӣ, аз як сӯ, ва аз сӯи дигар, тариқи беҳбудиҳои сохторӣ дар дохили ҳар кишвар ба роҳ монда шуд. Истилоҳи “турнақатор” (ишора ба ҳаракати турнамонанди кишварҳо дар низоми иқтисодӣ) ба ҳамин таҳаввулоти систематикии тарафи таклифот(supply-side)

ишора мекунад. Барои дарки ин механизм, на танҳо арзёбии сиёсатҳои кишварҳои ҷудогона кофӣ нест, балки таҳлили Осиёи Шарқӣ, дар маҷмӯъ, бо сохтори истеҳсолии он, тиҷорати дохилии минтақавӣ ва ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар он зарурат дорад.

Барои кишварҳои Осиёи Шарқӣ рушд кардан баробар буд ва ҳаст бо ворид шудан ба ин шабакаи истеҳсолии минтақавӣ ва табдил ёфтан ба як ҳалқаи муҳими пайвандгар дар он. Ҳар кишвар таҳти фишори рақобати доимии кишварҳои дигаре қарор дошт, ки пешопеш ва ё аз ақиби он ҳаракат мекарданд. Ин фишор онро маҷбур мекард, ки дар нардбони рушду пешравӣ пайваста боло ҳаракат кунад. Он чӣ ин кишварҳоро барангехт, майли расидан ба рифоҳи модӣ ва дунболагирӣ аз ғурури миллӣ дар батни ин рақобати минтақавӣ буд, на матритсаҳои сиёсие, ки тавассути созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод мешаванд.

Расми 2-5 нишон медиҳад, ки чӣ тавр турнаҳои Осиёи Шарқӣ парвоз мекарданд, ки он аз рӯи нисбати молҳои саноатии содиршуда ба содироти умумӣ арзёбӣ карда шудааст. Иқтисодҳои пешрафтае ба монанди Ҷопон, Тайван ва Корея муддатҳост молҳои саноатиро содир мекунанд. Раддаи дувуми иқтисодҳо ба монанди Сингапур, Малайзия, Тайланд ва махсусан, Чин дар ҳоли пешрафти баландсуръат ҳастанд. Гурӯҳи сеюм, Индонезия, Филиппин ва Ветнам аз дунболи онҳо ҳаракат карда истодаанд. Аз ҷониби дигар, Мянма ва ҳамчунин кишварҳои дигари Осиёи Ҷанубӣ, ки ин ҷо зикр нагардидаанд, ба монанди Камбоҷиа, Лаос ва Кореяи Шимолӣ, ба ин мусобиқа ҳатто ворид нашудаанд.

**Расми 2-5. Нисбати содироти молҳои саноатӣ ба содироти умумӣ**




*Сарчашма: Бонки Осиёии Рушд, Нишондиҳандаҳои калидии рушди кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (1993-2006); Вазорати корҳои дохилӣ ва коммуникатсияи Ҷопон, Солномаи омории Ҷопон-2007.*

Саноат ба таври давомнок аз раддаи болоии иқтисодҳо ба раддаҳои баъдӣ интиқол ёфта, ҳамин тавр, ба раддаҳои поёнӣ мерасид. Чун ин интиқоли саноат асосан тариқи сармоягузории мустақими хориҷӣ сурат мегирифт, кишварҳое, ки орзуи мустаҳкам кардани мавқеи худро доштанд, бо шӯру шавқ Сармояи мустақими хориҷиро дунболагирӣ мекарданд. Ширкатҳои Ҷопонӣ, дар қатори ширкатҳои байналмилалӣ аз ИМА ва ИА, муддати тулонӣ меъмори асосии шабакаи истеҳсолии Осиёи Шарқӣ буданд. Шабакаҳои густардаи тиҷоратии Тайван, Ҳонг Конг ва чиниҳои муҳоҷир ва ҳамчунин ҳаракатҳои тиҷоратии ҷасуронаи “чаебол”-ҳои (chaebols) Корея боиси тақвияти ин минтақа шуданд. Шурӯъ аз солҳои навадуми асри гузашта, ба саҳна ворид шудани Чин, ҳамчун истеҳсолгар ва сармоягузор, ба як омили нави муҳим табдил ёфт. Ҳеҷ як минтақаи рӯ ба рушди дигаре ба монанди Осиёи Шарқӣ вобастагии мутақобилаи созмонёфта ва пӯёеро ташкил карда натавонистааст. Дар ҳоли таваҷҷуҳ кардан ба такрори

таҷрибаи Осиёи Шарқӣ дар дигар минтақаҳо, ин воқеият бояд ба назар гирифта шавад.

**4. Рушдгароии авторитарӣ**

Барои раҳо шудан аз банди фақр, аксар кишварҳои Осиёи Шарқӣ рушдгароии авторитарӣ ё як кишвари авторитарӣ бо тавоноии иқтисодиро таъсис доданд. Унсурҳои калидии чунин режим ба таври зер аст:

- Лидери қудратманд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ босавод;
- Рушди иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи аслии миллӣ, идеология ва шӯру шавқ;
- Як гурӯҳи нухбаи технократ барои дастгирии раҳбар дар тарроҳӣ ва иҷрои сиёсатҳо саҳми асосӣ мегузоранд;
- Машрӯъияти сиёсии бархоста аз рушди муваффақона.

Дар миён ин унсурҳо аввалӣ (раҳбарӣ) ҳалкунанда аст, чунки шароити боқимондаро маҳз ҳамин омода месозад, агар онҳо аллакай вуҷуд надошта бошанд. Дар таъкиди аҳамияти як раҳбари олии миллии қотеъ ва равшанандеш, ба монанди президент ё нахуствазир, наметавон зиёдаравӣ кард. Ин раҳбар бояд дорои ҳисси тезбине бошад ва тавонад мушаххас кунад, ки барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ чӣ чиз коршоям аст ва чӣ чиз ба дард намехӯрад. Дараҷаи илмии доктурӣ (PhD) дар иқтисод ё дараҷаи магистрӣ доштани раҳбар шарт нест, аммо як ғариза, барои интихоби сиёсатҳои дуруст ва таъйини афроди муносиб, бисёр лозим аст. Раҳбарони қавӣ бисёр ҳастанд, вале шумори раҳбарони қавиву хирадманд андак аст. Мафҳуми рушдгароии авторитарӣ танҳо барои режимҳое ихтисос дода шудааст, ки чунин раҳбарони қавиву хирадманд доранд.

Сутунҳои сиёҳшуда дар расми 2-6 рушдгароии авторитарии Осиёи Шарқиро нишон медиҳанд. Самаранокии ин "диктаторҳо" дар таъмини рушди босуръати иқтисодӣ тафовути ҷиддӣ дошт. Тибқи табақабандии Суеҳиро, ки ин

намоя дар асоси он мураттаб гардидааст, режими Маркос дар Филипин рушдгароии авторитарӣ маҳсуб мешуд, вале мо тарҷеҳ медиҳем онро аз ин рӯйхат бардорем, ба ин далел, ки дар расидан ба натиҷаҳои хуби иқтисодӣ ба сахтӣ шикаст хӯрд.

Дар расми 2-6 се чиз ба равшанӣ дида мешавад. Якум, на ҳамаи кишварҳои Осиёи Шарқӣ рушдгароии авторитариро таҷриба кардаанд. Дуюм, ҳамаи иқтисодҳои муваффақ, ба истисноi Ҳонг Конг, рушдгароии авторитариро дар гузашта ба роҳ монда будаанд. Сеюм, режимҳои рушдгароии авторитарӣ маъмулан аз ду то се даҳсола давом мекарданд. Дар ин росто, Сингапур ягона кишваре буд, ки ин низомро ҳатто баъди расидан ба сатҳи даромади хеле баланд ҳам раҳо накард.

**Расми 2-6. Рушдгароии авторитарӣ дар Осиёи Шарқӣ**




*Сарчашма: Суериро (2000), саҳ. 115.*

*Тавзеҳ: Қисматҳои сиёҳшудаи расм давраи мавҷудияти рушдгароии авторитариро нишон медиҳанд. Қисмати камранг*

*давраи пеш аз истиқлоли кишвар аст. Барои Чин давраи раҳбарони аз ҳама таъсиргузортар ишора карда шудааст.*

Рушдгароии авторитарии Осиёи Шарқӣ дар бештар маврид зери таҳдидҳои амниятии шадид зуҳур мекард. Ба Кореяи Ҷанубӣ Кореяи Шимолӣ таҳдид мекард ва дар ҳузури Чини материкӣ мавҷудияти Тайван зери суол мерафт. Ҳарҷумарҷ дар сиёсати дохилӣ ва бархӯрдҳои қавмӣ эҳтимоли бурузи чунин режимро афзоиш медоданд. Дар баъзе мавридҳо, кудатои ҳарбӣ ба амал омада, ҷойгузини ҳукумати нолоиқе мешуд, ки натавонистааст ҳолати бухрониро маҳор кунад. Зери ин намуди режим, унсурҳои зиёди демократия, ба монанди озодии баён ва матбуот, интихоботи озод ва рақобатнок ва қудрати парлумон маҳдуд мешуданд ва ё комилан саркӯб мегардиданд. Бо ҳамин далел, ин режимҳо доиман аз ҷониби Ғарб, ҳамчун кишварҳои "ғайридемократӣ", накуҳиш мешуданд. Ба ҳар ҳол, мумкин аст мардум аз диктатори худ на ба хотири тариқи интихобот ба қудрат расиданаш, балки ба хотири таъмини амнияти миллӣ, даромади баланд ва имконияти кор аз ҷониби вай, ҳимоят кунанд.

Чаро барои амалӣ кардани рушди иқтисодӣ мо ба як кишвари "ғайридемократӣ" ниёз дорем? Далели бунёдӣ ин аст, ки ҷаҳиши иқтисодӣ аз як ҷойгоҳи паст мутамарказсозии густарда ва тезсуръати манбаъҳоро талаб мекунад. Адриан Лефтвич (2005) ишора мекунад, ки демократия ва рушди иқтисодӣ шароити ниҳодии гуногунро талаб мекунанд, ки наметавон ба осонӣ онҳоро ба ҳам овард:

*"Хусусятҳои ниҳодӣ ва лавозимот барои рушд (ҷамъоварӣ ва тағйир) ва демократия (тавофуқ ва созиш) ба тарафҳои ба ҳам муқобил ҳаракат мекунанд... демократияҳо дар бардоштани гомҳои сареъ ва густарда, барои кошиҳи нобаробарии сохторӣ дар дороӣ, мушкилоти бузург доранд".*

Давлат бояд гурӯҳҳои гуногуни қавмиву иҷтимоиро дар атрофи як ҷамоаи тахайюлӣ муттаҳид намояд, таъмини нирӯ ва системаи нақлиётро ба роҳ монад, сармояро ҷалб намояд, маҳоратнокӣ ва технологияҳоро беҳбуд бахшад, мактабу бемористон созад, ҷинояткорӣ ва дигар мушкилоти иҷтимоиро коҳиш диҳад, ҷобаҷогузории дурусти сокинонро ба роҳ монад, шаҳрнишинӣ ва муҳоҷирати дохилиро идора намояд, сиёсатҳои макроиқтисодӣ ва тиҷоратиро татбиқ кунад, бо шокҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ канор ояд ва ин рӯйхат метавонад идомаи тӯлонӣ дошта бошад. Иҷозати мушорикати сиёсӣ додан ба ҳама гурӯҳҳои марбута ва баррасии амиқи ҳар як қонуну сиёсат дар парлумон демократитар хоҳад буд, лекин вақту фурсати аз ҳад зиёдеро мегирад. Агар бастаи ҳалкунандаи сиёсатҳо ҳамзамон ва босуръат татбиқ нашаванд, кишвар наметавонад рушдро оғоз бахшад ва ё онро устувор нигаҳ дорад. Ин дақиқан ҳамон модели популистии шикастхӯрдаест, ки дар бахши 2 оварда шудааст.

Як чизи муҳим дар бораи рушдгароии авторитарӣ ин табиати гузаришии он мебошад. Баръакси демократия, ин режиме нест, ки ҳама кишварҳо аз он илҳом гиранду дар пайи ҳифзи он дарозмуддат ҳаракат кунанд. Аниқтараш, ин режими қаноаткунанда барои кӯтоҳмуддат аст, ки арзишмандияш танҳо барои муддати чанд даҳсола аст. Ин инструменти расидан ба рушди иқтисодии босуръат дар лаҳзаи тақдирсози таърихӣ барои як кишвари муайян мебошад. Вақте сатҳи рушди лозима ба даст меояд, онро бояд парт кард, айнан монанди он ки қисми поёнии киштии кайҳонӣ баъди расидан ба баландии муайян аз он парт мегардад. Агар он ҷудо карда нашавад, ба як мушкили ҷиддӣ барои идомаи парвоз табдил меёбад. Арзёбии ин режим бояд дар ҳамин заминаи динамикӣ анҷом дода шавад, на аз рӯи муқоисаи статикии сатҳи демократияи бадастомада.

Дигар масъалаи муҳиму вобаста бар ин, мушкили хориҷ шудан аст. Ватанабе (1998) иддао мекунад, ки *"агар рушди иқтисодӣ дар режими авторитарӣ муваффақона ба даст ояд, он худ донаҳои азҳампошии худашро мекорад"*. Ин дар натиҷаи тавассути таъмини сатҳи зиндагии болотар ва ба вуҷуд овардани қишрҳои иҷтимоии гуногунранг ба миён меояд. Синфи миёнаи нав, иборат аз коргарони гиребонсапед, мутахассисон, моликони бизнеси хурд ва донишҷӯён ба рад кардани авторитаризм шурӯъ карда, хоҳони демократияи бештар мешаванд. Бо вуҷуди ин, рушдгароии авторитарӣ метавонад ба таври автоматикӣ тағйир наёбад, агар садду монеаҳое барои ин гузариш вуҷуд дошта бошанд, ба монанди раҳбари сарсахт, муқовимати бюрократӣ ва гурӯҳҳои манфиатхоҳ. Бахусус, як раҳбари қавӣ одатан истеъфо доданро рад мекунад, бо сабаби он ки дар дурнамо мумкин аст ба ҳабс гирифта шавад, зиндонӣ шавад ва ҳатто баъди ин гузариш кушта шавад ва бештар ё ҳатто тамоми сиёсатҳояш куллан дигар карда шаванд. Дар муқоиса бо як демократияи дуруст амалкунанда, ин намуд режим механизми дохилие барои гузариши оромонаи қудратро надорад. Аз ин рӯ, суботи сиёсӣ дар давраи гузариш бештар ба хирад ва худдории раҳбар вобаста аст. Дар Осиёи Шарқӣ хуруҷи баъзе аз раҳбарони авторитар сулҳомез буд ва хуруҷи баъзеи дигар хушунатомез.

Мушкилоти гузаришии ба ҳамин монанд, ҳамчунин дар ҳолати идораи якҳизбӣ низ пайдо мешаванд, хоҳ он Ҳизби коммунистӣ (Чин, Ветнам) бошад ё Ҳизби халқӣ-демократӣ(Ҷопон). Ҳизби ҳокиме, ки барои чанд даҳсола дар сари қудрат мемонад, шабакаи манфиатгирон ва ҷонибдоронро ба миён меорад, ки онҳо дар баробари ислоҳот муқовимат мекунанд. Сиёсатҳои ҳизб, ки дар оғоз коршоям буданд, куҳна мегарданд ва ба азнавсозӣ зарурат пайдо мешавад. Бархӯрд миёни суннатгароён ва ислоҳотхоҳон дар

дохили ҳизб одатан ба миён меояд. Фишори хориҷӣ барои тағйирот ҳамчунин зиёд мегардад. Гузариши оромона мумкин аст, вале кафолат дода намешавад.

Воқеиятеро, ки теъдоди зиёди режимҳои рушдгарои авторитарӣ маҳз дар Осиёи Шарқӣ ба вуҷуд омадаанд, на дар ҷойи дигар метавон ҳамчун сироятёбии минтақавӣ тавзеҳ дод. Кишварҳои ҳамсоя, дониста ё надониста, доимо барои ибтикороти сиёсиву иҷроиши баланд дар рақобат бо ҳамдигар қарор доранд. Эътирофи ин ки сиёсатмадорон сиёсатҳои кишварҳои ҳамсояи худро омӯхта копӣ мекунанд, кам дида мешавад, аммо дар воқеъ, онҳо ин корро мекунанд. Онҳо дар баробари тағйироти сиёсат дар кишварҳои ҳамсояи худ нигаронӣ мекунанд, махсусан, он сиёсатҳое, ки баъзеҳоро қувваи нав мебахшад ва ин дигаронро водор мекунад, ки худро ақибмондатар бинанд. Ин аст, ки сиёсат дар миқёси ин минтақа таъсири сироятёбии зиёд дорад. Мавҷи демократишавӣ дар Амрикои Ҷанубӣ  дар солҳои 1980-ум ва дасткашии ҳамзамон аз сотсиализм дар Аврупои Шарқӣ дар даври соли 1990-ум намунаи ҳамин ҳастанд. Фаровонии рушдгароии авторитарӣ дар Осиёи Шарқӣ, ҳамчунин бояд аз назари ин таъсири доминоии сиёсат дарк карда шавад.

Аз назари таърихӣ, маҳбубияти рушдгароии авторитариро дар солҳои 1970-ум қисман метавон ба таъсири ҷанги сард рабт дод(Ивасакӣ, 2001). Дар он замон, на ИМА ва на ИҶШС, ба таъмини озодии шаҳрвандии дигар кишварҳои шарикашон таваҷҷуҳ надоштанд, ба шарте ки ин кишварҳо вафодорона дар урдугоҳи онҳо боқӣ монда бошанд. Ин татбиқи сиёсатҳои ғайридемократиро, бидуни муҷозот,  барои кишварҳои рӯ ба рушд, осон мегардонд. Бо вуҷуди ин, гуфта наметавон, ки даврони рушдгароии авторитарӣ бо аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ тамом шудааст ва ин зиёдаравӣ хоҳад буд агар чунин режимро корношоям номем. Он воқеият, ки барои

дастёбӣ ба як ҷаҳиши иқтисодӣ дар кишварҳои деромада, мутамарказсозии қотеъонаи манбаъҳо зарур аст, тағйир наёфтааст.

## 5. Намунаҳои пажӯҳиш

Биёед, вазъи Кореяи Ҷанубиро аз назар гузаронем: кишваре, ки аллакай давраи рушдгароии авторитариро пушти сар кардааст. Ҳамчунин, Чину Ветнамро баррасӣ кунем: ду кишваре, ки дар ҳоли саноатисозӣ ва таҳаввули иҷтимоии босуръат ҳастанд.

**Кореяи Ҷанубӣ**

Кореяи Ҷанубӣ аллакай давраи рушдгароии авторитариро паси сар карда, ба сӯи таҳаввулоти иқтисодиву сиёсии амиқтар ҳаракат карда истодааст. Имрӯз, Кореяи Ҷанубӣ метавонад маҳсулоти рақобатпазири баландсифатро, ба монанди автомобил ва маҳсулоти электрикӣ, истеҳсол намояд. Аммо ним аср пеш мардум фикр намекард, ки ин кишвар ояндае дорад. Он дар солҳои 1910-1945 колонияи Ҷопон буд. Ҷанги Корея (1950-1953) кишварро хароб ва пора кард. Дар муқоиса бо Кореяи Шимолӣ, ки саноати вазнин ва захираҳои табиии зиёд дошт, пешравии ояндаи Кореяи Ҷанубии асосан кишварзӣ норавшан ба назар мерасид. Кореяи Ҷанубӣ зери ҳукумати Рҳӣ Сингман як кишвари фасодзада маҳсуб мешуд. Мавҷудияти он асосан ба кумакҳои ИМА вобастагӣ дошт.

Ба ҳар ҳол, шароит дар соли 1961 куллан дигар шуд, вақте Парк Чунг Ҳӣ, як генерали ҳарбӣ, табадуллот карда, қудратро ба даст гирифт. Режими вай як кишвари рушдгароии авторитарӣ, бо иродаи бисёр қавӣ буд, ки ҳадафаш тарвиҷи низоми сармоядорӣ таҳти ҳидояти давлат буд. Шӯрои банақшагирии иқтисодӣ, ҳамчун агентии иҷроия, ташкил шуда, барномаҳои панҷсола оғоз шуданд. Стратегияи рушд ба рақобатпазирӣ дар содирот, қарзҳои хориҷӣ ва технологияҳои воридшуда мутамарказ шуда буд. Субсидия барои содирот,

ҳимоятгарой дар воридот, яксонсозии қурби арз ва девалватсияи пул, қарзҳо бо фоизи кам ва ҳавасмандгардонии андозӣ ба роҳ монда шуд. Соҳаҳои саноатии мавриди ҳадаф аз либосдӯзиву пояфзолбарорӣ (даҳаи 1960-ум) ва пӯлоду нафтохимияву киштисозӣ (даҳҳаи 1970-ум) ба автомобилсозӣ ва электроника (даҳаи 1980-ум) гузаштанд. Саноатисозии Корея таҳти таъсири хатароти ҷиддӣ аз ҷониби Кореяи Шимолӣ ва саркӯбсозии демократия роҳандозӣ шуд. Он аз рӯи ваҳдати сегонаи ҳукумат, бонкҳо ва Чаеболҳо (гурӯҳҳои бузурги бизнес ба монанди Даеву, Самсунг, Ҳундай ва LG) мушаххас карда мешавад. Бо амалӣ кардани сиёсатҳои мудохилаҷӯёнаи зиёд, Кореяи Ҷанубӣ ба яке аз кишварҳои деромадаи муваффақтарин табдил ёфт. Парк Чунг Ҳӣ дар соли 1979 кушта шуд, аммо як генерали ҳарбии дигар, Чун Ду Ҳван, то соли 1987 сиёсати вайро идома дод.

Бо дарназардошти фарзияе, ки демократияро танҳо баъди расидан ба сатҳи рушди муайян метавон татбиқ кард(остонаи тавсеа барои демократия), Нгуен Тӣ Тан Ҳюйен (2004) раванди рушди иқтисодӣ ва демократияро дар Кореяи Ҷанубӣ  таҳлил мекунад. Ӯ иддао кард, ки рушди иқтисодӣ ба "мобилизатсияи иҷтимоӣ" (тағйироти иҷтимоӣ ба монади шаҳрнишинӣ, саноатишавӣ ва модернизатсия) мерасонад, ки ин ду қувваи таҳрикдиҳандаи муҳимро барои демократишавӣ ба вуҷуд меоварад, дақиқтараш фарҳанги сиёсӣ ва сохтори иҷтимоиро( таваҷҷуҳ шавад ба расми 2-7).

**Расми 2-7. Кореяи Ҷанубӣ: Рушди иқтисодӣ заминаи демократияро месозад**




*Сарчашма: Нгуен Тӣ Тан Ҳуен (2004.)*

Фарҳанги сиёсӣ ба муносиботи умуме, ки аз демократия ҳимоя мекунад (ба монанди созиш, мушорикат, баробарӣ ва эътидол) иртибот дорад. Сохтори иҷтимоӣ ба маънои гузариши миқдории қудрат аз синфи куҳна (кишоварзон, ҳарбиҳо, заминдорон) ба синфи нав (кормандони гиребонсапед, мутахассисон, соҳибкорон) мебошад. Фарҳанги сиёсӣ ва сохтори иҷтимоӣ ба ҳам омада, шароитеро месозанд, ки дар он метавон демократияро ба вуҷуд овард ва нигаҳ дошт. Дар соли 1961 80 дарсади аҳолии Кореяи Ҷанубӣ аз кишоварзони камбағал иборат буд. Дар соли 1985 қишри коргар (50 дарсад) ва синфи миёна (40 дарсад) дар сохтори иҷтимоӣ саҳми бештаринро доштанд. Гузариш ба демократия дар Кореяи Ҷанубӣ дар соли 1987 сурат гирифт, вақте Ро Тае Ву тариқи интихоботи мардумӣ ба маснади президентӣ нишаст. Он наметавонист демократияро дар даҳсолаҳои 1960-70 ба роҳ монад, вале тағйиротҳои иқтисодӣ-иҷтимоии бархоста аз рушди босуръати иқтисодӣ заминаро барои чунин таҳаввули сиёсӣ дар охири даҳсолаи 1980-ум ба вуҷуд овард.

**Чин ва Ветнам**

Чин ва Ветнам кишварҳои аз ҳама босуръат рушдкунандаи Осиёи Шарқӣ ҳастанд. Онҳо ҳамчунин кишварҳои

сотсиалистии дар ҳоли таҳавуллоти систематикӣ, таҳти раҳбарииии як ҳизб, мебошанд. Онҳо дар миёни саноатисозии босуръат ва таҳаввулоти иҷтимоӣ қарор доранд, ки интизор меравад ҳадди ақал чанд даҳсола идом ёбад. Новобаста аз фарқиятҳо дар андозаи ҳудуд, таърих, тарзи ҳокимият ва умқи банақшагирии иқтисодӣ дар гузашта, ин ду кишвар мушкилоти умумӣ доранд. Чолиши асосӣ ин босамар канор омадан бо мушкилоти бархоста аз рушди босуръат мебошад. Ин дар ҳолест, ки рушди босуръат худ асосан аз ҷониби пӯёии идоранашавандаи ширкатҳои хусусӣ ба даст омадааст, на дар натиҷаи татбиқи сиёсатҳои олӣ. Масъалаи муҳими дигар ин ба роҳ мондани гузариши сиёсии сулҳомез, баъди боло рафтани даромади мардум, мебошад.

Ба фарқ аз Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ дар гузашта ва ҳамчунин Сингапур, Тайван, Малайзия ва Тайланд ба дараҷаи камтар, ки давлат нақши асосиро дар гузоштани ҳадафҳои саноатии мушаххас, болобардорииии технологияҳо ва идораи дурусти сармояҳо мебозид, рушди муосири Чин ва Ветнам қариб пурра ба пӯёии қавии бахши хусусӣ рабт дорад. Дар ин кишварҳо ҳукумат дар рушди иқтисодӣ нисбатан нақши андак дорад. Давлат танҳо бахши хусусиро дар бардоштани гомҳои амалӣ озод гузоштааст ва (ҳарчанд бо таъхир) зерсохторҳо, нирӯ ва ашёи хоми лозимӣ барои рушдро омода мекунанд. Ҳачунин барои канор омадан бо чолишҳои нав дар ниҳодҳо сари вақт ислоҳот ворид мекунад. Ин аллакай метавонад ба худии худ як дастоварди бузург бошад, лекин ин бамаротиб камтар аз он аст, ки дигар ҳукуматҳои Осиёи Шарқӣ дар давраи рушди босуръати худ анҷом дода буданд. Ду кишвари коммунистӣ, дар ҳамвор кардани пайраҳаи рушди кишварҳои худ, бештар хусусияти вокунишгароёна доштанд, то дурбинона. Воридшавии Сармояи мустақими хориҷӣ ва сармояи хусусии дохилӣ дар тағйиротҳои сохторӣ нақши

меҳварӣ доштанд. Аз ҷониби давлат мудохилаи самаранок дар бахши истеҳсолӣ кам ба назар мерасид. Дар ҷойе, ки давлат ақибнишинӣ мекард, бахши хусусӣ тавсеа мееёфт. Дар масъалаи тавозуни рушд бо мушкилоти иҷтимоӣ Ден Ксиаопини Чин (1978-1997) ошкоро авлавияти сиёсатҳои рушдро бар сиёсатҳои иҷтимоӣ мегузошт ва ба таври дурахшон муваффақиятро дар ростои рушди босуръат дар солҳои навадум ба даст овард. Валекин натиҷаҳои ногузири рушди босуръат дар шакли нобаробарӣ, олудашавии муҳити зист, фасод, муҳоҷирати дохилӣ ва ҳубобҳои молумулкӣ пайдо шуда, ҳукуматро ба чолиш кашид. Метавон гуфт, ки машруъияти сиёсии ҳукумати Чин ҳоло ба ҳалли ҳамин мушкилот вобаста аст, на дар суръати бештар бахшидан ба рушди иқтисодӣ. Дар воқеъ, суръати рушд аллакай ба таври кофӣ баланд аст ва идораи суръат ва муҳтавобахшии рушд аз доираи имконоти ҳукумати Чин берун аст.

Ба фарқ аз Чин, ки гузариши аён аз сиёсати рушдро дар авлавият гузоштан ба сиёсати нисбатан бо тавозунро дошт, Ветнам муддати дароз рушди иқтисодӣ ва ҳадафҳои иҷтимоиро бо тавозун ва баробарӣ дунбол мекард. Ин аст, ки дар ин росто ҳеҷ гузариши назаррасеро ба роҳ намондааст. Паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дастгирии ақаллиятҳои қавмӣ ва тавозуни минтақавӣ дар сармоягузории иҷтимоӣ доимо дар мадди аввал буд. Лекин дар оянда машруъияти сиёсӣ дар Ветнам ҳам ба тавоноии ҳукумат дар ростои мушкилоти монанд бо Чин вобастагии зиёд хоҳад дошт, илова бар ин, бояд суръати рушди иқтисоди устувор нигаҳ дошта шавад. Мушкилоти рӯзафзун дар Ветнам ин халои дороӣ дар натиҷаи камарзишшавии замин, муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо, ифлосшавии муҳити зист, садамаҳои нақлиётӣ ва сегонаи бадбахтиҳои иҷтимоӣ(маводи мухадир, фоҳишагарӣ ва бемории норасоии маснуияти бадан) мебошанд.

Ба таври хулоса, иқтисодҳои Чин ва Ветнам дар ҳоли таҳрик ва таҳаввул, аз ҷониби қувваҳои қавии бахши хусусӣ ҳастанд. Ин дар ҳолест, ки тавоноии ҳукуматҳои расмӣ дар мудирияти ин тағйиротҳои ҷиддӣ ҳанӯз ба намоиш гузошта нашудааст. Таҳаввулоти иҷтимоӣ дар ростои фарҳанги сиёсӣ ва сохтори иҷтимоӣ, чуноне ки дар Корея дар солҳои 1970-80-ум дида мешуд, дар ҳарду кишвар ҷараён доранд. Суботи сиёсӣ татбиқи дурусти сиёсатҳои иҷтимоиро талаб менамояд. Дар дарозмуддат, вақте даромади аҳолӣ бештар мегардад, режими сиёсӣ ҳам баислоҳшавӣ ниёз пайдо мекунад. Як интихоб ин аст, ки тавоноии ҳизб ба таври назаррас, ба монанди Ҳизби иқдоми мардумии Сингапур, зиёд карда шуда, дастовардҳо дар ростои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳти раҳбарии як ҳизб идома меёбанд. Гузинаи дигар ин аст, ки рақобатҳои сиёсӣ бо аҳзоби дигар, бояд ба сурати тадриҷӣ ва қобили контрол ба роҳ монда шавад. Агар ҳарду гузина канор гузошта шавад, тағйироти сиёсӣ ба таври ғайриқобили контрол ба амал хоҳанд омад.

**6. Рушдгароии демократӣ**

Вақте аз рушдгароии авторитарӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ ном бурда мешавад, одатан ду навъи вокуниш ба вуҷуд меояд. Якум, ин режим, ҳамчун воситаи самаранок барои рушди кишварҳои деромада қабул ва ҳатто тавсиф ҳам мешавад. Дуюм, рад ва безорӣ аз он изҳор дошта мешавад, бо ин иддао, ки демократия як чизи муқаддас аст ва набояд ба хотири рушди иқтисодӣ онро қурбон кард. Дар умум, сиёсатмадорону пажӯшиҳгарони Осиёи Шарқӣ, ки коршоямии рушдгароии авторитариро дар амал дидаанд, назар ба ҳамтоҳои худ аз Ғарб, ба ин режимҳо бештар назари мусбӣ доранд.

Назари Ватанабе (1995), ки *"муваффақияти иқтисодии Осиёи Шарқӣ умдатан ношӣ аз пазириши рушдгароӣ, яъне идеологияе, ки*

*ба рушди иқтисодӣ бартарияти аввалиндараҷа медиҳад, мебошад"*, ба фаҳмиши маъмулии собиқ масъулони иқтисодии кишварҳое, ки ин стратегия татбиқ шудааст, на чизе зам мекунад ва чизеро аз он кам мекунад. Бо вуҷуди ин, афроде вуҷуд доранд, ки аз рӯи принсип ба ин режимҳо мухолифат мекунанд. Баъзеҳо бовар доранд, ки демократия ва рушди иқтисодӣ ду чизи аз ҳам ҷудо ҳастанд ва метавон онҳоро новобаста аз якдигар дунбол кард. Масалан, Данӣ Родрик мегӯяд:

*"Бовар надорам, ки ин ҷо (миёни рушди иқтисодӣ ва демократия) ҳатман якеро бояд интихоб кард. Фикр намекунам, ки сабаби асосӣ ва ё муҳимтарини арҷгузорӣ ба демократия рушди иқтисодӣ аст. Боз ҳам фикр намекунам, ки як кишваре дар ҷаҳон бо сабаби камбағалӣ натавонад демократия дошта бошад ва ё ҳуқуқи инсонро беҳтар ҳифз кунад. Ман муътақидам ва далелҳои воқеӣ нишон додаанд, ки як кишвар барои гузариш ба низоми демократӣ шарт нест зиён бинад ё товони иқтисодӣ диҳад. Ман ҷонибдори ин ақида нестам, ки шумо бояд демократикунониро ба таъхир гузоред, то рушди иқтисодӣ дошта бошед ё шумо метавонед танҳо дар ҳоли имконияти молӣ доштан демократия дошта бошед... Ҳамчунин ман бовар надорам, ки демократия ин пешзаминаи рушди иқтисодӣ аст. Фикр мекунам, демократия барои чизҳои хеле зиёд хуб аст. Ҳар чӣ зудтар онро дошта бошед, ҳамон андоза хубтар аст. Дар фаҳмиши маҳдудтари рушди иқтисодӣ, масъалаи демократия аз рушд фарқи зиёд дорад."*

Дигарон, идеяи рушдгароии авторитариро мурда меҳисобанд. Ба таври мисол, Робинсон ва Вайт (1998) мегӯянд:

*"Ин назар (ки барои дастёбӣ ба рушди иқтисодӣ дар кишварҳои фақир давлати авторитарӣ лозим аст), дар пешорӯи шуморе аз равандҳо дар авохири солҳои 1980-ум ва аввали 1990-ум, эътибори худро аз даст дод. Якум, муваффақияти рушди иқтисодии як гурӯҳи хурди кишварҳои демократӣ (Ботсвана, Малайзия,*

*Моришус) демократия (албатта, ба маънои аслии он) ва рушди иқтисодӣ ҳеҷ мухолифати бунёдӣ надоранд. Дуюм, нокомии пешравӣ дар аксарияти қобили назари режимҳои авторитарӣ дар Амрикои Лотинӣ ва Африқо нишон дод, ки танҳо навъи хоссе аз ин режимҳо-давлатҳои рушдгаро-тавонистанд, таҳти шароити сиёсӣ ва ниҳодии махсус, рушди иқтисодии устувор дошта бошанд..."*

Ин назар, ки режими собиқ дар Осиёи Ҷанубӣ дар минтақаҳои дигар коршоям нест, ҷустуҷӯи як кишвари демократии рушдгароро барангехт. Кишваре, ки дар он рушди иқтисодӣ дар шароити сиёсие ба даст омадааст, ки мушорикати васеъ иҷозат дода шудааст ва ба сиёсати афзалият ба фақирон авлавият дода мешавад. Валекин, чунин ба назар мерасад, ки ин ҷустор ҳанӯз муқаддамотӣ ва назариявӣ аст ва ба пояҳои амалии қавӣ ниёз дорад, пеш аз оне ки ин идея дар шароити кишварҳои бо даромади кам ва воқеияти сиёсии онҳо коршоям ва амалишаванда бошад. Ба таври мисол, пешниҳод аст, ки як эътилофи устувор ва қавии иқтисодӣ, дар асоси дастгирии аҳолии деҳот (кишоварзони камбағал) сохта шавад. Пешниҳоди дигар ин аст, ки дар кишварҳои фақир низоми сотсиал-демократӣ ба роҳ монда шавад, ки он кӯшиш мекунад рушди иқтисодиро бо адолати иҷтимоӣ пайванд созад, ба ҷойи либерал-демократия, ки тамоил ба истисмор ва нобаробарӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, якчанд далели асосиро аз Осиёи Шарқӣ, ки дар он рушди назарраси иқтисодӣ, ки дар асл, таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ба даст омадааст, набояд сарфи назар шавад. Кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ ҷаҳиши иқтисодиро бо мушорикати васеъ оғоз набахшиданд, бо ин сабаб, ки амалҳои саривақтӣ ва қотеъона барои берун шудан аз банди фақр лозим буд. Заминаи қудрати онҳо маҳдуд буд ва танҳо сармоядоронро дар бар мегирифт. Таҷрибаи ин иқтисодҳо нишон медиҳад, ки ҳам демократия ва ҳам бозор оҳиста ва

қадам ба қадам пеш мераванд ва одатан, рушди иқтисодӣ дар кишварҳои деромада боиси рушди сиёсӣ мегардад. Қишри коргар танҳо баъди дастёбӣ ба сатҳи муайяни саноатисозӣ ва омодашавии лозимаи фарҳанги сиёсиву сохтори иҷтимоӣ, ба як қувваи сиёсии нирӯманд табдил меёбад (Кореяи Ҷанубӣ). Фарз кардан душвор аст, ки коргарони камбағал ва деҳқонони безамин дар кишварҳои бо даромади паст, метавонанд ба монанди раъйдиҳандагон дар кишварҳои демократии пешрафта, рафтори самаранок дошта бошанд. Десентрализатсияи пешазмуҳлат бо худ хатароти такрори нокомиҳои модели популистиро дорад ё ин ки боиси кундшавии функсияҳои асосии давлат мегардад.

Пешниҳоди мо ин аст, ки ба ҷойи кӯшиши сохтани давлати рушдгарое, ки дар таърих ҳеҷ гоҳ вуҷуд надошт, метавон ба татбиқи модели Осиёи Шарқӣ (бо тағйиротҳои муайян барои "демократитар" кардани он) пардохт. Барои ин, лозим аст демократияро ба қисмҳои гуногун тақсим кард ва танҳо он қисмҳоеро боқӣ гузошт, ки бо талаботи фаврии рушд мухолифат надоранд. Аз ин лиҳоз, бо Робинсон ва Вайт ҳамақида ҳастем, ки ба ҷойи кӯшиш кардан барои сохтани як низоми демократии комил, "бахшҳо" ва "пораҳо"-и алоҳидаи демократия бояд интихобан, барои сохтани як давлати рушдгарои демократӣ, якҷо карда шаванд.

Дар маънои маҳдудтар, демократия вуҷуддошта маҳсуб меёбад, агар намояндагони сиёсӣ дар интихоботи озод интихоб карда шаванд. Бо вуҷуди ин, барои ҳадафи мо, доираи демократия бояд васеъ карда шавад, то ки ҷузъҳои зеринро, ки дар якҷоягӣ ин режими сиёсиро муайян мекунанд, дар бар гирад:

*Ҳадафҳо* – озодӣ, ҳуқуқҳои бунёдии инсон, баробарӣ, амният, баҳрамандии иҷтимоиву иқтисодӣ барои ҳама, ҳамзистӣ дар заминаи эҳтироми мутақобила ва ғайра.

*Равишҳо* – машруъият (интихобот ҳамчун заминаи гузариши қудрат), ҳукмронии қонун, мушорикат, низоми бисёрҳизбӣ, тавозуни қудрат миёни ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, худмухтории маҳаллӣ ва ғайра.

*Унсурҳои ёридиҳанда* – созиш, таҳаммулпазирӣ, сабр, шаффофият, масъулият ва дигар.

Бо ин ҷузъиёти бисёр, мавҷудияти демократия интихоб миёни ҳама ё ҳеҷ нест, балки ин ҷо гап сари дараҷа аст. Илова бар ин, навъҳои гуногуни демократияҳои шукуфоро метавон бо интихоби ҷузъиёти гуногуни он, ки бо воқеияти маҳаллӣ созгор ҳастанд, сохт. Таърихан, давлатҳои рушдгарои авторитарӣ ба хотири татбиқи сиёсати рушдгароёнаи худ, баъзе аз ин ҷуъиётро маҳдуд мекарданд. Вале барои итминон бахшидан ба мутамарказсозии манбаъҳо, шарт нест, ки ҳама ҷузъиёти демократия саркӯб карда шаванд. Ин ҷо саволи мантиқие ба миён меояд, ки оё сатҳ ва дараҷаи маҳдудсозии ҷузъиёти алоҳидаи демократия, баҳри тақвият бахшидан ба суръати рушд дар як кишвари мавриди назар, муносиб ҳастанд?

Масалан, озодӣ дар танқиди ҳукумат аз ҷониби ҳукуматҳои рушдгарои авторитарӣ маҳдуд мешавад, аммо ба боздоштҳои алоҳида ва шиканҷаву қатли душманони сиёсӣ мувофиқи ҳавову ҳаваси як диктатор ҳеҷ вақт набояд иҷозат дода шавад. Ҷузъиёти равишии зиёди дар боло овардашуда, аз қабили интихоботи озод, мушорикат ва тавозуни қудрат, ҳамчунин дар ин режимҳо маҳдуд карда мешаванд, лекин ҳамон принсипҳо дар арзёбии ин маҳдудиятҳо низ бояд ба кор бурда шавад. Дар кишварҳои бо даромади кам, баъзе каҷравиҳо аз меъёрҳои ғарбӣ таҳаммул карда мешавад, ба монанди машруият пайдо кардан дар заминаи таъмини суботу пешравӣ бе ба роҳ мондани интихоботи шаффоф, тасаллути қувваи иҷроия ва адами десентрализатсияву худмухтории

маҳаллӣ. Ба шарте ки онҳо муътадил буда, ба самти татбиқи сиёсати иқтисодӣ равона шуда бошанд ва бо ҳадафи ошкор ба манфиати ҳама қишрҳои иҷтимоӣ амалӣ шаванд.

Кадом маҳдудиятҳо муътадил ҳастанд ва кадомаш зиёдаравӣ мебошад мавриди баҳс аст ва ба сатҳи рушди ҳар кишвар вобаста мебошад. Яқинан, миёни онҳое, ки ба рушди босуръат авлавият медиҳанд ва онҳое, ки ба демократия арзиши бештар медиҳанд, танишҳо ба миён меоянд. Лекин, агар мо иддаоеро, ки демократия як низоми сокит набуда, як раванди пӯёест, ки боқӣ мондан ва пешравии он кӯшишҳои доимиро талаб мекунад, қабул дошта бошем, пас бояд қабул кунем, ки талаботи ягонаи демократия барои ҳамаи кишварҳои рӯ ба рушд вуҷуд надорад.

Шояд рушдгароии демократӣ режимест, ки бар хилофи рушдгароии авторитарии Осиёи Шарқӣ дар гузашта, ба ҷузъиёти демократия вазни хеле зиёдро дар қадамҳои аввалини рушд медиҳад. Зери рушдгароии демократӣ ҳукумат дар маҳдудсозии ҷузъиёти демократие, ки барои татбиқи сиёсати иқтисодӣ зарур ҳастанд, бояд хеле ботамкин бошад ва ин раванд бояд ба таври доимӣ аз ҷониби нозирони дохиливу хориҷӣ назорат карда шавад. Агар чунин аст, пас фарқият миёни рушдгароии демократӣ ва рушдгароии авторитарӣ фарқияти дараҷавист. Ба унвони далел, давлатҳои рушдгарои авторитарии Осиёи Шарқӣ, аз режими зиёд саркӯбгари Парк дар Кореяи Ҷанубӣ то ба ҳукумати хеле “демократии” доктор Маҳатир дар Малайзия, доманаи васеъеро ба намоиш гузаштаанд. Кишварҳои рӯ ба рушди бо даромади паст бояд имкон дошта бошанд, ки ба ҷойи интихоб миёни демократияи комил ё ғайридемократӣ будан, аз доираи васеи режимҳои сиёсӣ якеро интихоб кунанд. Масъалаи аз ҳама муҳим ин аст, ки оё режими интихобшуда барои кишвари онҳо мувофиқ аст ва оё раҳбарони онҳо барои дастрасӣ ба сатҳи болотарини

демократия ва ҳамчунин рушди иқтисодии бо суръати муносиб талошҳои ҷиддӣ мекунанд.

## Сарчашмаҳо


1. Adem, S. (2006). *Japan, a Model and a Partner: Views and Issues in African Development.* Leiden: Brill.

2. Huntington, S. P. & Nelson, J. M. (1976). *No Easy Choice: Political Participation in Developing Countries.* Cambridge, Mass: Harvard University Press. Iwasaki, I. (2001).

3. *Ajia Seiji wo Miru Me: Kaihatsu Dokusai kara Shimin Shakai e*

[The Perspective on Asian Politics: From Developmental State to Civil Society].Tokyo: Chuko Shinsho.

4. Leftwich, A. (2005). "Democracy and Development: Is There Institutional Incompatibility?", *Democratization*, 12(5): 686-703.

5. Maddison, A. (2001). *The World Economy: A Millennium Perspective.* Paris: OECD Development Centre.

6. Maegawa, K. (1994). "The Continuity of Cultures and Civilization: An Introduction to the Concept of Translative Adaptation," *Hikaku Bunmei* [Comparative Civilization], 10(Nov): 100-113. (in Japanese). (English translation in Ohno K. & Ohno I. (Eds.) (1998)).

7. Murakami, Y. (1994) "Theory of Developmentalism". In *Hankoten no Seijikeizaigaku Youkou: Raiseiki no tameno Oboegaki* [Outline of Anti-Classical Political Economy: A Memorandum for the Next Century] (Ch.6). Tokyo: Chuo Koronsha. (English translation in Ohno K. & Ohno I. (Eds.) (1998)).

8. Nguyen, Thi Thanh Huyen (2004). "Is There a Developmental Threshold for Democracy?

Endogenous Factors in the Democratization of South Korea". In Asian

Development Bank & Vietnam Development Forum, *Which Institutions Are Critical to Sustain Long-term Growth in Vietnam?* Manila: Development Bank. (In English and Vietnamese).

9. Ohno, K. (1996). *Shijo Iko Senryaku* [Strategy for Market Transition]. Tokyo: Yuhikaku. (In Japanese).

10. Ohno, K. (2000). *Tojokoku no Globalization: Jiritsuteki Hatten wa Kanoka* [Globalization of Developing Countries: Is Autonomous Development Possible?] Tokyo: Toyo Keizai Shimposha (In Japanese).

11. Ohno, K. (2003). *East Asian Growth and Japanese Aid Strategy.* Tokyo: GRIPS Development Forum.

*12.* Ohno, K. (2004). "The Role of Government in Promoting Industrialization under Globalization: The East Asian Experience". In Asian Development Bank & Vietnam Development Forum, *Which Institutions Are Critical to Sustain Longterm Growth in Vietnam?*. Manila: Asian Development Bank. (In English andVietnamese).

13. Ohno, K. (2006). *The Economic Development of Japan: The Path Traveled by Japan as a Developing Country.* Tokyo: GRIPS Development Forum. (Also available in Japanese (Yuhikaku, 2005), Chinese (China CITIC Press, 2006), Vietnamese (NEU Press, 2007)).

14. Ohno, K. & Ohno, I. (Eds.) (1998). *Japanese Views on Economic Development: Diverse Paths to the Market.* London: Routledge. Robinson, M. & White, G. (Eds.) (1998). *The Democratic Developmental State: Politics and Institutional Design.* New York: Oxford University Press.

15. Rodrik, D. (2006). "Home-grown Growth: Problems and Solutions to Economic Growth". An interview with *Harvard International Review,* Winter version: 74-77.

16. Sen, A. K. (1999). *Development as Freedom.* New York: Anchor Books. Suehiro, A. (2000). *Catch-up gata Kogyoka ron* [Catch-up Type Industrialization]. Nagoya: Nagoya University Press. (In Japanese).

17. Wade, R. (2006). "The Case for Open-economy Industrial Policy". Paper for PREM conference on the Institutional Foundation of Growth. Washington, DC: World Bank (in April 2006), and Tokyo: GRIPS seminar (in May 2006).

18. Watanabe, T. (1995). Shinseiki Asia no Koso [Designing Asia for the Next Century]. Tokyo: Chikuma Shinsho (In Japanese). (English translation in Ohno K. & Ohno I. (Eds.), (1998)).

**Тарҷума ва таҳияи**
**Меҳр Собириён**

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95, 915-99-99-91
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 11.02.2021*
*Барои нашр имзо шуд 12.02.2021*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №28.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*